– дар қонунгузории гражданӣ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ фасли мустақил ҷудо нашудааст, ки тавонад тамоми хусусиятҳои ин падидаро фаро гирад. Ин дар ҳолест, ки он яке аз зерсоҳаи муҳими ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад. Тавсифи алоҳидаи ин ҳуқуқҳо дақиқиро ба миён оварда, боиси фаъолгардии соҳибҳуқуқ шуда метавонад. Дар ин масъала тавозун байни зерсоҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ вайрон гардидаанд. Аз ин нуқтаи назар беҳтар аст агар ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як фасли алоҳида танзим гарданд;

– дар муомилоти гражданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад;

– дар танзими уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд, як қатор мухолифат ва норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Хусусан чунин вазъ дар

[1] Раҳимзода М.З. Ҳамон ҷо.
[2] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали с. 2018, № 1005 тасдиқ шудааст.
[3] Ҳамон ҷо.

мавриди ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор ҷой доранд;

– қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози муқаррар намудани қоидаҳои умумӣ таҳия шудааст, вале мутаассифона таҷрибаи зиёда аз даҳсолаи татбиқи он нишон дод, ки дар қисми моликияти зеҳнӣ он чандон самаранок намебошад.

Таҳлилу омузиши муносибатҳои нави мадании бавуҷудомада ва вазифаҳое, ки дар муқарраротҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 оид ба ин масъала пешбинӣ гардиданд, танзими сифатан нави ҳуқуқиро талаб мекарданд ва тақозо намуданд, ки Кодекси маданӣ дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Бо назардошти ин 24 декабри соли 2022, № 1918 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) қабул карда шуд. Мо дар бораи ҷараёни коркарди лоиҳаи ин Кодекс ва номгузории он гуфта намегузарем, аммо диққати хонандагонро ба омузиши ин масъалаҳо, ки аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи корӣ ва дигар олимон ва мутахассисон баён гардида буд, ҷалб менамоем[1].

Қабули КМ ҶТ на танҳо дар танзими муносибатҳо ва қонунгузории маданӣ, балки дар низоми ҳуқуқии ҶТ як таҳаввулоти бузургеро роҳандозӣ менамояд. Чунки сатҳи инкишофи ҷомеа, ба вуҷуд омадани муносибатҳои нав ба нави молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, тақсими одилонаи неъматҳои моддӣ, паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар байни қиршҳои гуногуни ҷомеа маҳз аз сифат ва самаранокии танзим ва татбиқи муқарраротҳои КМ ҶТ алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Мо аз таърихи давлатдорӣ ва рушди ҳуқуқ хуб медонем, ки дар ҳама давру замон маҳз мавқеи молумулк ва ҳуқуқи моликияти маҳаки муайянкунандаи сатҳи ҷомеа ба ҳисоб меравад[2]. Вобаста ба ин ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектони муносибатҳои маданӣ муайян ва танзим карда мешаванд. Аз ин лиҳоз КМ ҶТ, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро дар сатҳи сифатан нав пешбинӣ намуда, ба танзим медарорад, зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Ба андешаи мо КМ ҶТ чӣ аз ҷиҳати сохтор, чӣ аз ҷиҳати миқдору сифат ва мазмуну моҳияти мукарррароттҳо аз Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1999 қисмҳои 1 ва 2 ва 2005 қисми 3 (минбаъд - КГ ҶТ) бо навовариҳои худ тафовути ҷиддӣ дорад. КМ ҶТ аз 1351 модда, 76 боб, 9 фасл, 14 зерфасл ва 3 қисм иборат мебошад, ки он аз КГ ҶТ 117 модда ва муқарраротҳои зиёде фарқ мекунад. Дар КМ ҶТ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дар сатҳи сифатан нав танзим гардида, фасли алоҳида (Фасли 2) бо се боби мустақил (Бобҳои 14, 15, ва 16) ба муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ бахшида шуда, институтҳои нави

[1] Муфассалтар ниг.: Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. - *Душанбе, 2022. – С. 33-50;* Рахимзода М.З. Гражданское законодательство Республики Таджикистан: проблемы и тенденции развития // Гражданское право в современном мире: влияние на развитие национального права: Материалы юбилейной междунар. науч.-практ. конф. посвященной 20-летию цивилистических чтений (г. Алматы, 17-18 мая 2018г). - Алматы, 2019. - С. 64-73; Раҳимзода М.З., Бобоҷонзода И.Ҳ., Меликов У.А., Бадалов Ш.К. Дар бобати маънои истилоҳи «гражданӣ» дар қонунгузории муосир ва зарурати иваз намудани он ба истилоҳи «маданӣ» // Қонунгузорӣ, - 2014, - № 3. - С. 37.

[2] Муфассалтар ниг.: Усмонов О.У. Гражданское право дореволюционного Таджикистана. - Душанбе, 1972; Усмонов О.У. Становление советского гражданского права в Таджикистане. - Душанбе, 1973; Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане. - Душанбе, 1987; Тахиров Ф.Т. Развитие права в Таджикистане. - Душанбе, 1994; Ойгензихт В.А. Избранные труды. - Душанбе: Типография ТНУ, 2019. - 740 с.; Махмудов М.А., Менгилиев Ш.М. Римское частное право. (конспект лекций). - Душанбе: Сино, 2000. – 119 с.; Новитский И.Б. Римское право: учебник для вузов. - М.: Юридическое издательство Министерства юстиции СССР, 1948. - 584 с.; Рахимзода М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. - Душанбе, «Бухоро», 2014. - 638 с.; Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 508 с.

дигар ба монанди: институти соҳибӣ ва ҳифзи соҳибӣ, институти сервитути ашёи ғайриманқул, институти рента ва таъминоти якумра бо саробонӣ, институти факторинг, институти эксроу, институти шартномаи агентӣ, институти фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ), институти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ, ва ғайраҳо мебошанд, ки онҳо ё пурра ва ё қисман ҳамчун ниҳодҳои нав танзим ёфтаанд. Дар доираи як мақола таҳлил намудани ҳама навовариҳо ва дастовардҳои КМ ҶТ ғайриимкон мебошад ва мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар бораи баъзе аз онҳо фикру ақидаҳои худро баён намоем[1].

Пеш аз ҳама навоварӣ ва дастоварди бузурги КМ ҶТ ин танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар як сатҳ бо муносибатҳои молумулкӣ мебошад (мод. 2), яъне васеъ гардидани мавзӯи танзим. Агар мо ба КГ ҶТ назар афканем пас мебинем, ки қонунҳои гражданӣ муносибатҳои молу мулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайри молу мулкии марбут ба онҳоро, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст, танзим менамоянд (м. 1). Дар КМ ҶТ бошад омадааст, ки қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд. Акнун сухан дар бораи институти пурраи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва неъматҳои ғайримоддӣ меравад, ки ин муносибатҳо дар КГ ҶТ танҳо ҳамон вақт танзим мешуданд, ки агар ба муносибатҳои молу мулкӣ марбут дошта бошанд.

Тибқи м. 136 КМ ҶТ объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бошанд. Ба неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ қонунгузории маданӣ ҳаёт, саломатӣ, эътибори шахс, шаъну шараф, номи нек, эътибори корӣ, дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқи дахлнопазирии асар ва дигар неъмату ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ, ки қонун танзим менамояд, пешбинӣ мекунад.

Дар м. 166 КМ ҶТ, ки «Неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» ном дорад, мафҳум, мазмун ва моҳияти ин неъмату ҳуқуқҳо кушода дода шудаанд. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки неъматҳои ғайримолумулкӣ объекти ҳуқуқҳои маданӣ буда, мазмуни иқтисодӣ надоранд ва аз шахсият ҷудонопазир мебошанд. Ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, эътибори корӣ, ном ва дигар неъматҳое, ки муносибатҳои вобаста ба онҳоро қонунгузории маданӣ танзим мекунад, мансубанд. Мазмуни ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро имконияти шахси воқеӣ дар хусуси озодона ва бо салоҳдиди худ тибқи қонунгузорӣ муайян намудани рафтор дар муносибатҳои маданӣ ташкил медиҳад (м. 225).

Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо шахсияти инсон робитаи ногусастанӣ дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавӣ дорад. Шахси воқеӣ наметавонад аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ даст кашад, инчунин аз ин ҳуқуқҳо маҳрум гардад. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд то вафот тааллуқ доранд. Номгӯйи неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳдуд набуда, дар КМ ҶТ ва қонунҳои дигар намудҳои дигари онҳо пешбинӣ шуда метавонанд.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар КМ ҶТ дар фасли алоҳида, фасли 2, ки «Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» ном дорад, танзим мешаванд. Ин фасл аз 3 бобҳои зерин иборат мебошад: «Боби 14. «Муқаррароти умумӣ», Боби 15. «Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд» ва

[1] Дар бораи навовариҳо ва дастовардҳои КМ ҶТ ва тафовути он аз КГ ҶТ мо ният дорем, ки дар оянда як васоити таълимиро ба табъ расонем.

Боби 16. «Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд».», ки моддаҳои 225-254-ро дарбар мегиранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба дар сатҳи қонун расман лаҳзаи бавуҷуд омадани ҳаёти инсон ва ҳифзи он дақиқ муайян карда шуд. Яъне, «Ҳаёти инсон аз лаҳзаи обистан шудан дар батни модар то марги ӯ ҳифз карда мешавад» (қ.1 м. 232 КМ ҶТ). Дар як вақт муқаррар карда шудааст, ки тартиби безуриётсозӣ ва қатъи сунъии ҳамлро қонун муайян мекунад (қ.3 м. 233 КМ ҶТ). Агар мо ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ орем, пас маълум мегардад, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин (м.м. 5, 18). Яъне, аз ин муқарраротҳои Конститутсия бармеоянд, ки КМ ҶТ онҳоро мушаххас намуда, ҳадду ҳудуди онҳоро муайян ва танзим менамояд.

Тибқи муқаррароти КМ ҶТ акнун тартиби исқоти ҳамл на бо санадҳои зерқонунӣ балки бо қонун муайян карда мешавад. Мутобиқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2008 № 202 «Дар бораи гузаштан ба меъёрҳои таваллуди зинда ва мурдатаваллуди аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсияшаванда» исқоти ҳамл ҳама гуна қатъ кардани ҳомиладорӣ фаҳмида мешавад. Бо мақсади равшан кардани муносибати байни ҳуқуқ ба ҳаёт ва ёрии тиббӣ маҳз қатъи сунъии ҳомиладорӣ аҳамият дорад, яъне бо хохиши зан амалӣ карда мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз мавҷуд набудани усули ягонаи имрӯзаи танзими ҳуқуқии исқоти ҳамл шаҳодат медиҳад. Ҳамин тавр, масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка (минбаъд-ИМА), ки бо принсипҳои демократии худ машҳур аст, масъалаҳои танзими қатъи сунъии ҳомиладорӣ бо хусусиятҳои муайян тавсиф карда мешаванд. Масъалаи ҳуқуқи зан ба исқоти ҳамл, дар шакли тиббӣ, дар ин ҷо ранги муайяни иҷтимоию сиёсӣ пайдо кардааст. Суди Олии ИМА ҳангоми баррасии парванда дар бораи қонунӣ будани исқоти ҳамл ба хулосае омад, ки “ҳуқуқи мустақилияти шахс хеле васеъ буда, ҳуқуқи занро барои қабули қарор дар бораи қатъ кардани исқоти номатлуби (бо як сабаб ё дигар) ҳомиладорӣ фаро мегирад. Аммо дар шароити исқоти ҳамл ҳуқуқ ба мустақилияти шахсӣ мутлақ нест: зан наметавонад ҳомиладории худро дар ҳар марҳила, ки мехоҳад, бо ҳар роҳе, ки мехоҳад ва бо ҳар сабабе, ки мехоҳад, танҳо қатъ кунад». Суд муқаррар кардааст, ки зан дар давоми се моҳи ҳомиладорӣ ҳуқуқ дорад озодона дар бораи исқоти ҳамл қарор қабул кунад ва аз лаҳзаи пайдо шудани қобилияти ҳомила қатъи сунъии ҳомиладорӣ, ба истиснои таҳдид ба саломатӣ ё хаёти зан, маън аст.

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 92 муқаррар менамояд, ки қатъи сунъии ҳомиладорӣ, аз ҷумла бо сабабҳои иҷтимоӣ ва тиббӣ бо хоҳиши зан дар мӯҳлати ҳомиладорӣ, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар кардааст, сурат мегирад. Шартҳо ва рӯйхати нишондодҳои тиббӣ барои ба таври сунъӣ қатъ намудани ҳомиладорӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва номгӯи нишондодҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Масалан, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 1998, № 432 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи нишондодҳои иҷтимоӣ барои қатъи сунъии ҳомиладорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қатъи сунъии ҳомиладорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҳиши зани ҳомила дар ҳолати мавҷуд будани аломатҳои зерини иҷтимоӣ иҷозат дода мешавад:

1) фавти шавҳар ҳангоми ҳомиладории занаш;

2) будубоши зан ё шавҳари ӯ дар ҷойҳои махрум сохтан аз озодӣ;
3) зан ё шавҳар бо тартиби муқарраргардида бекор эътироф шуда бошад;
4) ҳалномаи суд дар бораи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ;
5) агар зан никоҳ надошта бошад;
6) талоқ ҳангоми ҳомиладорӣ;
7) ҳомиладорӣ дар натиҷаи таҷовуз ба номус;
8) маъюбии гурӯҳҳои 1-2-и шавҳар;
9) дар оила мавҷуд будани кӯдаки маъюб;
10) набудани манзил, дар хобгоҳ, дар квартираи шахси дигар зиндагӣ кардан;
11) зане, ки мақоми гуреза ё муҳоҷири маҷбуриро дорад;
12) даромади ба як аъзои оила камтар аз ҳаҷми зиндагӣ;
13) серфарзанд будан (шумораи кӯдакон 5 ва бештар аз он).

Агар мо ба ин номгӯи нишондодҳои иҷтимоӣ барои қатъи сунъии ҳомиладорӣ назар афканем, пас хулоса баровардан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам овардан дида, ба мо нест кардани ҳаёти бавуҷудомада осонтар ва камхароҷоттар мебошад. Ҳол он ки ҳамон ҳаётро дуюмбора ё такроран бавуҷудовардан ғайриимкон аст. Агар ин номгӯи нишондодҳои иҷтимоии қатъи сунъии ҳомиладориро бо муқарраротҳои Конститутсия муқоиса ва баҳодиҳӣ намоем, пас маълум мегардад, ки онҳо на ҳама вақт ба меъёрҳои Конститутсия мутобиқат мекунанд.

Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (м. 1). Яъне, Конститутсия дар як вақт хусусияти давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистонро муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи қонун танзим намудани қатъи сунъии ҳомиладорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бо қабули КМ ҶТ ба андешаи мо нофаҳмиҳо ва баҳсҳо вобаста ба мустақилияти мавзӯи қонунгузории оилавӣ, соҳибкорӣ ва баъзе аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бояд аз байн раванд. Новобаста аз он ки баъзе соҳаҳои ҳуқуқ ба монанди, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи нақлиётӣ, ҳуқуқи экологӣ ва ғ. дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд дошта, рушд меёбанд, ин маънои онро надорад, ки онҳо аз қонунгузории маданӣ ҷудо мебошанд. Баръакс, агар мо дар умум тасаввур намоем, мебинем, ки қонунгузории маданӣ ва дар як вақт ҳуқуқи маданӣ дарахти бузургеро мемонад, ки реша ва танаи бузергеро доро мебошад, ки шохаҳои он (ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуки байналмилалии хусусӣ, ҳуқуки замин, ҳуқуқи нақлиётӣ, ҳуқуки экологӣ ва ғ.) ба ҳар тараф шох (навда) давонда, аз як сарчашма ғизо мегиранд ва бузургии ин дарахтро нишон дода, онро муаррифӣ менамоянд ва рушд медиҳанд. Аз ин лиҳоз, хулоса баровардан мумкин аст, ки ин соҳаҳои ҳуқуқ дар алоҳидагӣ бе қонунгузории маданӣ ва ҳуқуқи маданӣ арзи вуҷуд дошта наметавонанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо муносибатҳое, ки дар моддаҳои 2, 3, 5, 11, 24, 26, зерфасли 3, фасли 2 ва ғ. КМ ҶТ танзим гардидаанд ва Фармони Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия № 118 аз 24 феврали соли 2021 «Дар бораи тасдиқи Номенклатураи ихтисосҳои илмӣ, ки дар онҳо унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва ворид намудани тағйирот ба Низомнома дар бораи шӯрои дифоъи рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзади илм, барои гирифтани унвони доктори илм, ки бо фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия аз 10 ноябри соли 2017 N 1093 (бо тағйириру иловаҳо аз 11 майи 2022) тасдиқ шудааст, шуда метавонанд[1].

[1] Умуман, оид ба ин масъала (мавзӯи танзими КМ ҶТ) мо дар мақолаи алоҳида ба таври муфассал истода мегузарем.

Тибқи ин фармон номенклатураи ихтисосҳои илмӣ чунин тасдиқ шудаанд[1]: 5.1. Ҳуқуқ: 5.1.1. Илмҳои назариявӣ ва таърихи ҳуқуқ; 5.1.2. Илмҳои ҳуқуқи оммавӣ (ҳуқуқи давлатӣ); 5.1.3. Илмҳои ҳуқуқшиносии хусусӣ (маданӣ); 5.1.4. Илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; 5.1.5. Илмҳои ҳуқуқи байналмилалӣ.

Аз ин номенклатураи ихтисосҳои илмии Федератсияи Россия дида мешавад, ки ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи нақлиётӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва ғайраҳо ба номенклатураи ихтисосҳои илмӣ 5.1.3. Илмҳои ҳуқуқшиносии хусусӣ (маданӣ) марбут дониста шудаанд, ки ба андешаи мо ҳам, ин як навъ радабандиҳо дар соҳаҳои ҳуқуқ мазмуни хеле чуқур дошта, асли мансубияти онҳоро бо хусусият ва аломатҳои ягона доштан нишон медиҳад.

КМ ҶТ бе ин ҳам як маҳзане бузургеро мемонад, ки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеаро дарбар мегирад ва ҳамаи муносибатҳои бавуҷудомадаро дахл мекунад ва хато намекунем, иқрор шавем, ки КМ ҶТ бо моҳияту мазмуни томаш конститутсияи хурди давлат мебошад.

Агар мо ба институтҳои ҳуқуқи Римӣ назар афканем, пас маълум мегардад, ки дар ҳамон давраи таърихӣ низ танҳо як намуди ҳуқуқ-ҳуқуқи хусусӣ арзи вуҷуд дошту халос, дигар институтҳо бошанд, зери сояи он пинҳон боқӣ монда буданд, ки ин дар арсаи оилаи ҳуқуқии роман-олмонӣ то ҳол аҳамияти илмии худро гум накардааст[2].

Чи тавре ки дар аввал қайд намудем, ба ғайр аз институти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар КМ ҶТ, инчунин якчанд институтҳои нав низ ҷой дода шудаанд, ки онҳо низ мазмуни кодексро бой гардонида, дар танзими муносибатҳои нав ё қисман вуҷуддошта баромад мекунанд. Аз ҷумла, институти соҳибӣ ва ҳифзи соҳибӣ мебошад. Агар мо ба КГ ҶТ назар афканем, пас мебинем, ки аломатҳои алоҳидаи ин институт то ин вақт низ ҷой доштанд. Масалан, м. 245. Соҳибӣ кардани моле, ки ҷамъоварии он дастраси умум мебошад, м. 246. Сохтмони худсарона, м. 249. Ашёи бесоҳиб, м. 250. Ашёи манқуле, ки молик аз онҳо даст кашидааст, м. 252. Пайдо кардани ҳуқуқи моликӣ ба ашёи ёфташуда, м. 255. Ба даст овардани ҳуқуқи моликӣ ба ҳайвоноти беназорат, м. 258. Давомнокии мӯҳлати ба даст овардан, м. 322. Талаб карда гирифтани молу мулк аз ба дастоварандаи ғайриқонунӣ, м. 323. Талаб карда гирифтани молу мулк аз бадастоварандаи бовиҷдон, м. 325. Ҳифзи ҳуқуқи молик аз вайронкуниҳое, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд, м. 326. Ҳифзи ҳуқуқи соҳибе, ки молик намебошад. Аммо дар КМ ҶТ институти соҳибӣ ҳамчун як институти том дар ду боб, Боби 17. Мафҳум ва намудҳои соҳибӣ ва Боби 18. Ҳимояи соҳибӣ дар моддаҳои 255- 266 ҷой дода шудаанд.

Мо бояд дар ин ҷо ду мафҳумро фарқ кунем, ин мафҳуми «соҳибӣ» ва мафҳуми «ҳуқуқи соҳибӣ», ки дар мафҳуми «ҳуқуқи моликиятӣ» як аломати онро ташкил медиҳад. Дар мавриди аввал қонунгузор «воқеат»-ро ё ба ибораи дигар гӯем «факт»-ро дар назар дорад, дар мавриди дуюм бошад, сухан дар бораи «ҳуқуқ» меравад. Аз ин лиҳоз, соҳибӣ ҳукмфармоии воқеии шахс нисбат ба объекти соҳибишаванда мебошад, ки то мавҷуд будани дастрасии озоди соҳиб ба ин объект нигоҳ дошта мешавад. Вайрон гардидани соҳибӣ боиси аздастрафта дониста шудани он намегардад, агар шахс бо тартиби муқарраршуда аз ҳимояи соҳибӣ истифода намуда бошад. Агар нисбат ба объекти соҳибӣ якчанд ҳуқуқ ҷой дошта бошад, ки ваколати соҳибиро дар

[1] Имомов А. Кафедре конституционного права Таджикского национального университета – шестьдесят лет: Становление и развитие // Правовая жизнь. Апрель-июнь 2022, - № 2 (38). – С. 34-62.
[2] Махмудов М.А., Менгилиев Ш.М. Римское частное право (конспект лекций). - Душанбе: Сино, 2000. – 119 с.; Новитский И.Б. Римское частное право: учебник для вузов. - М.: Юридическое издательство Министерства юстиции СССР, 1948. - 584 с.

бар гирад, соҳиб шахсе дониста мешавад, ки ҳукмфармоии воқеиро нисбати объекти соҳибӣ амалӣ менамояд. Соҳибии ашё ба қайди давлатӣ гирифта намешавад.

Соҳибӣ ба ҳар шахс дастрас аст. Аз ҷониби якчанд шахс ҳамзамон соҳибӣ намудани як объект иҷозат дода намешавад, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти муносибати байни ин шахсон тартиби дигар барнаояд. Иштирокдорони моликияти умумӣ метавонанд ҳамзамон объекти ба онҳо мансубро соҳибӣ намоянд. Шахсоне, ки бинобар муносибатҳои хешӣ ё меҳнатӣ бо соҳиб ба объекти соҳибӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла кормандони шахси ҳуқуқии соҳиби ин объект, соҳиб намебошанд.

Объектҳои соҳибӣ ашё, аз ҷумла пули нақд ва коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, шуда метавонанд. Ашёе, ки дар ҷараёни бунёд қарор доранд, мумкин аст объекти соҳибӣ дониста шаванд. Ашёи муомилоти маданиашон маҳдуд, ки танҳо ба иштирокдорони муайяни муомилот мансуб мебошанд, метавонанд дар соҳибии шахсони дигар қарор дошта бошанд. Соҳибӣ ба қисми ашёи ғайриманқул иҷозат дода мешавад, агар муайян намудани қисми он имконпазир бошад.

Соҳибӣ бо муқаррар кардани ҳукмфармоии воқеӣ нисбат ба ашё, аз ҷумла дар натиҷаи супоридани он ба бадасторанда ё бо тарзи дигар ба соҳибӣ ворид шудани ашё, ба даст оварда мешавад. Ба даст овардани соҳибӣ мумкин аст бо тартиб додани санади супоридан ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи бадастории соҳибӣ тасдиқ карда шавад. Шахси дар чунин санад ё ҳуҷҷат номбаршуда то замоне, ки аз ҷониби суд ҳолати дигар муқаррар нагардад, соҳиб дониста мешавад. Ҳолати ба даст овардан ё аз даст додани соҳибӣ бо тартиби судӣ муайян карда мешавад.

Соҳибӣ қонунӣ дониста мешавад, агар он дар асосҳои зерин амалӣ карда шавад:

– ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашё, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад;

– созишнома бо молик ё дорандаи дигар ҳуқуқҳои ашё, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад.

То замоне, ки ҳолати дигар аз ҷониби суд муқаррар нагардида бошад, соҳибӣ қонунӣ дониста мешавад.

Соҳибие, ки ҳангоми ҷой надоштани асосҳои пешбининамудаи қ. 1 м. 259 КМ ҶТ амалӣ карда мешавад, бовиҷдонона дониста мешавад, агар соҳиб намедонист ва наметавонист донад, ки соҳибиро ғайриқонунӣ ба даст оварда истодааст ва ё асоси қонунии соҳибӣ аз байн рафтааст. То замоне, ки ҳолати дигар аз ҷониби суд муқаррар нагардида бошад, соҳибӣ бовиҷдонона дониста мешавад.

Ҳимояи соҳибӣ бо тартиби судӣ аз ҷониби шахсоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, аз ҷумла шахсоне, ки аз ҷониби суд дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф шудааст, муроҷиат карда метавонанд. Соҳиб ҳуқуқ дорад беэътибор донистани санади ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракуниро, ки соҳибии онро вайрон мекунад, талаб намояд.

Агар муқаррар гардад, ки ашё аз соҳибии он бар хилофи иродааш дар натиҷаи тасарруф, худсарӣ ё роҳи дигар баромадаанд, талаби соҳиб оид ба ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби суд қонеъ карда мешавад, Талаби ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби шахсе, ки соҳибиро охирин гум кардааст ё ашё воқеан дар ихтиёраш қарор доранд, пешниҳод карда мешавад.

Соҳибе, ки соҳибии ашёро нигоҳ доштааст, ҳуқуқ дорад аз шахсоне, ки ҳаракатҳояшон барои маҳрум кардани соҳибии ашё ё монеа ба соҳибӣ равона шудаанд, қатъ намудани чунин ҳаракатҳоро талаб намояд. Шахсе, ки талабот оид ба ҳимояи соҳибиро пешниҳод кардааст, бояд исбот кунад, ки ӯ ашёи мазкурро на кам аз як сол то вайронкуние, ки асос барои пешниҳоди чунин талабот шудааст, соҳибӣ мекард. Соҳиби қонунӣ (м. 259 КМ ҶТ) ва соҳиби бовиҷдон (м. 261 КМ ҶТ) ҳуқуқ доранд ҳимояи соҳибии худро, сарфи назар аз вақти соҳибии ашё, талаб намоянд.

Ҳимояи соҳибӣ мумкин аст рад карда шавад, агар шахсе, ки ба ӯ талаби дахлдор пешниҳод шудааст, исбот намояд, ки соҳибии ашё бо иродаи соҳиб гум шуда буд.

Муҳлати даъво аз рӯйи талаботи ҳимояи соҳибӣ як сол мебошад. Ҷараёни муҳлати даъво аз рӯйи талаби мазкур аз рӯзи гум кардани соҳибӣ ва ё аз рӯзи анҷом додани ҳаракатҳое, ки барои маҳрум кардан аз соҳибӣ ё монеаи соҳибӣ равона шудаанд, оғоз мегардад.

Сервитути ашёи ғайриманқул низ яке аз институтҳои нав двр КМ ҶТ мебошад, гарчанде дар КГ ҶТ баъзе аз нишонаҳои он ба монанди, бартараф намудани монеагӣ оид ба истифодабарии ашё (ё эҳтимолияти истифодабарии моликият) ҷой доштанд (моддаҳои 325, 326, 327 КГ ҶТ).

Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқул ин ҳуқуқи шахс ва (ё) шахсон ба истифодаи қисми ашёи ғайриманқули дар моликият ва ё истифодаи шахси дигар қарордошта мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Намудҳои алоҳидаи сервитут тибқи КМ ҶТ ва қонун муқаррар карда мешаванд. Сервитутҳо асосан ихтиёрӣ ва маҷбурӣ мешаванд. Сервитути ихтиёрӣ бо розигии тарафҳо муқаррар карда мешавад. Сервитути маҷбурӣ дар асоси қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ё аз ҷониби суд аз рӯйи даъвои шахс тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини бегона тибқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад. Мутобиқи м. 10[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаҳои замини дигар заминистифодабарандагон пешбинӣ гардидааст. Тибқи он ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаи замин (минбаъд – сервитут) метавонад бо розигии тарафҳо (минбаъд – сервитути хусусӣ ба розигӣ асосёфта) ё дар мавриди зарурат дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо (минбаъд – сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) муқаррар карда шаванд.

Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) ҳамчунин аз ҷониби суд аз рӯи даъвои шахс дар мавриди ба даст овардани созиш дар бораи мақаррар намудани сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) метавонад муқаррар карда шавад. Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) дар мавридҳое, ки он барои таъмини манфиятҳои давлат ва аҳолии маҳаллӣ зарур бошад, бе гирифтани қитъаҳои замин муқаррар карда мешавад. Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) метавонад дар мавридҳои зайл муқаррар карда шавад:

– барои гузаштан, аз ҷумла бо нақлиёт тариқи қитъаи замин ба объектҳои истифодаи умумӣ, қабристон, мазорҳо ва дигар объектҳои хусусияти мазҳабидошта;

– барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсадҳои таъмир ва хизматрасонии шабакаҳои коммуналӣ, муҳандисию техникӣ, барқӣ, инчунин объектҳои ифрасохтори нақлиётӣ;

– барои дар қитъаи замин ҷойгир намудани нишонаҳои марзию геодезӣ ва гузаргоҳ ба онҳо;

– барои обгирӣ ва обдиҳи чорво ва қитъаи замин, аз тариқи қитъаи замин аз як ҷой ба дигар ҷой рондани ҳайвонот;

– барои истифодабарии қитъаи замин ба мақсадҳои шикор, моҳигирӣ аз ҳавзҳои воқеи қитъаи замин, ҷамъоварии растаниҳои худрӯй дар муҳлатҳои мақарраргардида ва бо тартиби муқаррагардида;

– барои истифодабарии муваққатии қисми қитъаи замин бо мақсадҳои иҷрои корҳои ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ва дигар корҳо; - барои дастрасии озод ба заминҳои назди соҳил;

– дар ҳолатҳои дигари ба манфиятҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандбуда.

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996, № 23, мод. 351; с. 1997, № 23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, № 5, мод. 59; с. 2001, № 4, мод. 176; с. 2004, № 2, мод. 55, № 3, мод. 190; с. 2006, № 7, мод. 347; с. 2008, № 1, қ. 2, мод. 22, № 6, мод. 463; с. 2011, № 3, мод. 171; с. 2012, № 4, мод. 269, № 8, мод. 828; с. 2016, № 11, мод. 879.

Сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ба қитъаи замин бо розигии тарафҳо, дар мавриди пайдо гардидани баҳс миёни заминистифодабарандагон бошанд, дар асоси қарори суд муқаррар карда мешавад. Шакли шартнома оид ба сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Истифодабарандаи қитъаи замине, ки ба он сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) ё оммавӣ (маҷбурӣ) муқаррар карда шудааст, ҳуқуқ дорад аз шахсоне, ки сервитут ба манфиаташон муқаррар гардидааст, пардохти мувофиқро талаб намояд.

Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) истифодабарии қитъаи заминро номумкин гардонад, заминистифодабаранда ҳуқуқ дорад аз ӯ гирифтани қитъаи замин, аз ҷумла бо роҳи харида гирифтани ҳуқуқи истифодабарии ин қитъа заминро бо ҷуброни зарар аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути оммавӣ (маҷбури)-ро муқаррар намудаанд ё додани қитъаи дигари баробарарзиши заминро бо ҷуброни тавони зарар талаб намояд. Агар муқаррар намудани сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) истифодабарии қитъаи заминро мушкил гардонад, заминистифодабаранда ҳуқуқ дорад аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки сервитути оммавӣ (маҷбурӣ)-ро муқаррар намудаанд, пардохти музди баробарарзишро талаб намояд. Дар мавриди бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини бо сервитут маҳдуд кардашуда ё ба дигар кас ба иҷора ё ба гарав додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин сервитут эътибори худро нигоҳ медорад.

Сервитуте, ки тибқи шартномаи ба вуҷуд омадааст, метавонад ба мӯҳлати номуайян ё муайян муқаррар карда шавад. Сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) метавонад бинобар аз байн рафтани асосҳое, ки тибқи онҳо сервитут муқаррар шуда буд, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо ё суд қатъ карда шавад.

Сервитут ҳангоми ба шахси дигар додан ё гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот, ки сервитут ба он дахл дорад, нигоҳ дошта мешавад. Сервитут мавзуи мустақили хариду фурӯш ва ё гарав буда наметавонад, ё бо ягон роҳи дигар ба шахсе, ки молики бино ва ё иншоот намебошад, дода намешавад.

Сервитут метавонад ҳангоми аз байн рафтани асосе, ки тибқи он сервитут аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё суд муқаррар гардида буд, қатъ шавад. Асосҳои дигари қатъ шудани сервитутро қонун муайян менамояд.

Институти нави дигаре, ки дар КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст ин Рента ва таъминоти якумра бо саробонӣ мебошад, ки дар Боби 38 ва моддаҳои 643-670 ҷой дода шудаанд. Мувофиқи шартномаи рента як тараф (гирандаи рента) молу мулкро ба тарафи дигар (пардохткунандаи рента) ба моликият месупорад, пардохткунандаи рента бошад, уҳдадор мешавад бар ивази молу мулки гирифтааш давра ба давра ба гирандаи рента маблағи муайяни пулиро пардохт кунад, ё ин ки воситаҳои дигари таъминотро пешниҳод намояд. Тибқи шартномаи рента муқаррар кардани уҳдадории бемуҳлати пардохти рента (рентаи доимӣ) ё ба муҳлати ҳаёти гирандаи рента (рентаи якумра) имконпазир аст. Рентаи якумра бо шартҳои таъминоти якумрии шаҳрванд бо саробонӣ мумкин аст муқаррар карда шавад.

Молу мулке, ки барои рента бегона карда мешавад, мумкин аст аз ҷониби гирандаи рента ба моликияти пардохткунандаи рента музднок ё ройгон дода шавад. Дар ҳолате, агар шартномаи рента молу мулкро музднок муқаррар намояд, дар муносибати байни тарафҳо оид ба додан ва пардохт қоидаҳои хариду фурӯш (боби 35 КМ ҶТ) татбиқ мешаванд, ҳангоми додани чунин молу мулк ба таври ройгон қоидаҳои шартномаи ҳадия (боби 37 КМ ҶТ) татбиқ мешаванд, агар ҳолати дигар дар қоидаҳои боби мазкур муқаррар нашуда бошад ва ба моҳияти шартномаи рента мухолифат надошта бошад. Ҳангоми супоридани корхона ё молу мулки ғайриманқули дигар барои пардохти рента гирандаи рента баҳри таъмини уҳдадории пардохткунандаи рента ҳуқуқи гарав ба ин молу мулкро пайдо мекунад.

Барои гузарондани мухлати пардохти рента пардохткунандаи рента ба гирандаи рента фоизҳоеро пардохт мекунад, ки дар моддаи 456 КМ ҶТ муқаррар шудаанд, агар андозаи дигари фоиз дар шартномаи рента муайян нашуда бошад.

Дар КМ ҶТ ду намуди рента: Рентаи доимӣ ва рентаи якумра пешбинӣ гардидааст. Гирандагони рентаи доимӣ шахсони воқеӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда метавонанд, агар ин хилофи қонун набуда ва ба мақсади фаъолияти онҳо мувофиқат кунад. Ҳуқуқҳои гирандагони рента мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ ба шахсони зикргардида ба тариқи гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ ва гузариш бо тартиби меросгирӣ, ё ин ки тибқи ворисии ҳуқуқии умумӣ ҳангоми азнавташкилёбии шахси ҳуқуқӣ мегузаранд, агар ҳолати дигар дар қонун ё шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

Рентаи доимӣ тибқи андозаи муайяннамудаи шартнома бо пул пардохт карда мешавад. Мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ пардохти рента ба тариқи пешниҳоди ашё, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ, ки ба арзиши пулии рента мутобиқ аст, метавонад муқаррар карда шавад. Андозаи рентаи доимии пардохтшаванда, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда мешавад, барои як моҳ бояд на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад. Агар дар шартномаи рентаи доимӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, рентаи доимӣ баъд аз хотимаёбии семоҳаи тақвимӣ пардохт карда мешавад.

Пардохткунандаи рентаи доимӣ ҳуқуқ дорад ба тариқи харидани рента пардохти минбаъдаи онро рад намояд. Чунин радкунӣ ба шарте воқеӣ мебошад, ки аз ҷониби пардохткунандаи рента дар шакли хаттӣ на дертар аз се моҳ то қатъшавии пардохти рента ё мухлати аз он бештар, ки шартномаи рентаи доимӣ пешбинӣ намудааст, изҳор шуда бошад. Ҳамзамон ухдадорӣ оид ба пардохти рента то гирифтани маблағи пурраи хариди рента қатъ намегардад, агар дар шартнома тартиби дигари харид пешбинӣ нашуда бошад. Тибқи шартномаи рентаи доимӣ имконпазир аст муқаррар карда шавад, ки ҳуқуқи харидани рентаи доимӣ ҳангоми дар ҳаёт будани гирандаи рента ё дар давоми мухлати дигар, ки аз сӣ сол аз лаҳзаи бастани шартнома зиёд буда наметавонад, амалӣ карда намешавад.

Хариди рентаи доимӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 652 ва 653 КМ ҶТ бо нархе анҷом дода мешавад, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми ҷой надоштани шарт дар бораи нархи харид дар шартномаи рентаи доимӣ, ки мувофиқи он молу мулк музднок барои пардохти рентаи доимӣ дода шуда буд, харид бо нархи баробар ба маблағи яксолаи пардохти рента анҷом дода мешавад.

Рентаи якумра ба давраи ҳаёти шаҳрванд, ки молу мулкашро барои пардохти рента додааст, ё ба давраи ҳаёти шаҳрванди дигари муайяннамудаи ӯ муқаррар шуда метавонад. Рентаи якумра мумкин аст ба манфиати якчанд шаҳрванд муқаррар шавад, ки ҳиссаи онҳо дар ҳуқуқи гирифтани рента баробар мебошад, агар ҳолати дигар дар шартномаи рентаи якумра пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми вафоти яке аз гирандагони рента ҳиссаи ӯ дар ҳуқуқи гирифтани рента ба гирандаи рента, ки зинда аст, мегузарад, агар дар шартномаи рентаи якумра тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, дар ҳолати вафоти охирин гирандаи рента бошад, уҳдадории пардохти рента қатъ мегардад.

Рентаи якумра дар шартнома ҳамчун маблағи пулӣ муайян карда мешавад, ки ба гирандаи рента давра ба давра дар давоми ҳаёти ӯ пардохт карда мешавад. Андозаи рентаи якумраи муқаррарнамудаи шартнома, ки додани молу мулкро ба таври ройгон пешбинӣ кардааст, барои як моҳ бояд на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, рентаи якумра баъд аз хотимаёбии ҳар як моҳи тақвимӣ пардохт карда мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента ба таври назаррас вайрон намудани шартнома гирандаи рента ҳуқуқ дорад аз пардохткунандаи он хариди рентаро муво-

фиқи шартҳои муайяннамудаи моддаи 654 КМ ҶТ, ё бекор намудани шартнома ва ҷуброни зиёни расондаро талаб намояд. Агар барои пардохти рентаи якумра манзили истиқоматӣ ё молу мулки дигар ройгон супорида шуда бошад, гирандаи рента ҳуқуқ дорад ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента ба таври назаррас вайрон намудани шартнома, баргардондани молу мулкро бо ба ҳисоб гирифтани арзиши он дар ҳисоби нархи хариди рента талаб намояд.

Тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рента супоридашуда пардохткунандаи рентаро аз уҳдадорӣ оид ба пардохти он мувофиқи шартҳои муқаррарнамудаи шартнома озод намекунад.

Мо дар бораи институти «Таъминоти якумра бо саробонӣ» истода намегузарем, чунки ин институт дар қонунгузории гражданӣ қаблан низ ҷой дошта, оид ба ин масъала таҷрибаи судӣ низ мавҷуд мебошад ва ҳамагон дар назария ва амалия аз мазмуну мӯҳтавои он огаҳ мебошанд.

Дар хулоса бояд қайд намоем, дар доираи як мақола ҳама навовариҳои КМ ҶТ-ро таҳлил карда ғайриимконмебошад, зеро КМ ҶТ навгониҳои хеле зиёде пешбинӣ гардидаанд ва чи тавре ки дар боло ишора намудем оид ба ин масъала таҳқиқоти алоҳида анҷом дода мешавад. Танҳо ҳаминро қайд карданием, ки дар оянда дар амалия ва назария татбиқ намудани муқарраротҳои КМ ҶТ нишон медиҳанд, ки онҳо то кадом андоза асоснок ва самаранок мебошанд.

**Буризода Эмомалӣ Бозор**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
E-mail: buriev-68@mail.ru

## МАСОИЛИ МУБРАМИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ: РАВИШИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ПРЕДМЕТИ ОМУЗИШ

Ҷаҳони имрӯза ҷаҳони технология ва рушди бесобиқаи илм буда, дар тамоми самтҳои ҳаёти инсон рушду такомули техникиву фарҳангӣ, маънавиву моддӣ ба чашм мерасад. Рушди технологияҳо то ҳадди баландтарини худ расида, инсоният аз натиҷаҳои он ба таври мукаммал истифода мебарад.

Имрӯз дар самтҳои гуногуни ҳаёт, махсусан дар самти технологияҳои ҳарбӣ, тиббӣ, кайҳонӣ, ҳавоӣ, истеҳсоли барқ, технологияҳои иттилоотӣ пешрафтҳои куллӣ ба назар мерасад, ки эҳтиёҷоти одамонро қонеъ намуда, ба ҳаёти ҳаррӯзаи инсоният таъсири бузурге дорад. Дар ин росто, рушди инсониятро танҳо натиҷаи рушди илм ва минбаъд амалияи он таъмин менамояд.

Илми муосир кулли масоили таърихиву муосир ва дурнамои рушди предмети мушаххаси худро дар бар гирифта, ҳамарӯза дар ҳолати таҳавулот, ташаккулу рушд мебошад. Албатта, феҳристи илмҳои муосир аз илмҳои 20 ё 30 сол пештар тафовут дошта, агар 50 ва ё сад сол пештарро муқоиса кунем, ин тафовут бештар ба назар мерасад.

Ин тафовутҳо маънои онро доранд, ки илм ҳамчун соҳаи фаъолияти инсон доимо дар ташаккулу рушд буда, дар раванди рушд падидаи дифференсиатсияи илмҳо мунтазам самту соҳаҳо ва предметҳои нави мустақилро ба вуҷуд меоварад.

Рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ бошад, бо қонуниятҳои рушди ҷомеа, давлат, муносибатҳои ҷамъиятиву хусусӣ, муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву

фарҳангӣ-идеологӣ сахт алоқаманд буда, метавонад инъикоскунанда, танзимкунанда, маҳдуд ва ё манъкунандаи онҳо гардад. Аз ин сабаб, дар таҳаввулоти илми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ на танҳо муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ таъсиргузор ҳастанд, балки қонунгузорӣ низ дар ҷараёни амали худ ба онҳо таъсири муайян мерасонад. Аз ин сабаб, бояд эътироф намуд, ки таъсири мутақобила байни муносибатҳои танзимшаванда ва меъёрҳои танзиимкунанда вуҷуд дорад.

Албатта, фалсафаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таносуби байни ин муносибатҳо, илми ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда ҷанбаҳои гуногун доранд ва масоили гуногунҷабҳа мебошанд, ки барои ошкор намудани онҳо таҳқиқоти зиёдеро анҷом додан зарур меояд. Дар мақолаи мазкур мо танҳо як ҷанбаи мушаххаси онро мехоҳем мавриди омузиш қарор диҳем. Сухан дар бораи предмети омузиши илмҳои гуногун меравад.

Маълум аст, ки илми мустақил бояд объект, мавзуи баҳс, категорияҳои асосӣ ва методологияи худро доро бошад. Дар байни ин нишонаҳои асосӣ метавонанд объект ва категорияҳои илмӣ бо дигар илмҳо мутобиқат дошта бошанд. Вале новобаста аз он, ки усулҳои илмии якчанд фанни як соҳа бо ҳам мумкин мувофиқ меоянд, вале дар амал ҳангоми омузиш ва таҳқиқи предмети омузиш усули асосӣ аз усулҳои асосии дигар илм тафовут дорад.

Масалан илми назарияи ҳуқуқ ва давлат худ илми методологӣ буда, усулҳоеро истифода мебарад, ки онро илми таърихи давлат ва ҳуқуқ низ истифода мекунад. Дар навбати худ, илми таърихи давлат ва ҳуқуқ, қонуниятҳои илми назарияи ҳуқуқ ва давлатро ҳамчун методологияи илмӣ истифода мекунад.

Дар илмҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ бештар усули таърихӣ-ҳуқуқӣ ва принсипи таърихият истифода мегардад. Дар илми назарияи ҳуқуқ ва давлат асосан усули маҷмӯии омузиш ва усули шаклӣ- ҳуқуқӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ мавриди истифода буда, дар қатори онҳо усули таърихӣ –ҳуқуқӣ низ истифода мешавад, вале он барои назария усули асосӣ намебошад.

Аз гуфтаҳои мазкур хулоса кардан лозим аст, ки ҳарчанд дар номгӯи усулҳои истифодашаванда усулҳои монанд номбар мешаванд, вале онҳо мавқеи ягонаро дар илмҳои онҳоро истифодабаранда надоранд.

Аз ҷониби дигар, объекти омузиши илмҳои гуногун метавонад як бошанд, вале предмети омузиш ҳатман аз ҳамдигар тафовут доранд.

Масъалаи предмети омузиш махсусан солҳои 90-уми асри XX хеле мубрам гардида, аз ҷониби як қатор олимони сиёсатшинос даъват ба амал оварда шуд, ки предмети омузиши илми «Назарияи ҳуқуқ ва давлат» ба ду фанни мустақил табдил дода шавад, чунки танҳо «Назарияи ҳуқуқ» «моли» ҳуқуқшиносон буда, «Назарияи давлат» «моли» сиёсатшиносон мебошад. Аз ин сабаб, тадриси онҳо низ аз ҳамдигар ҷудо ва аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои мазкур амалӣ гардад. Ин ҷараён ҳатто ба фаъолияти Донишгоҳи Давлатии Москва ба номи М.И. Ломоносов таъсир гузошта, номи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи донишгоҳ ба «Кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ» табдили ном гардид.

Минбаъд низ баҳсҳои илмӣ ва фароилмӣ оид ба предмет ва мавзуҳои илмӣ давом ёфта, имрӯз дар Тоҷикистон ин ҷараён ва масъалаи тайин намудани самтҳои омузиш – предмети таҳқиқот давом дорад.

Махсусан ҳангоми муайян намудани мавзуи рисолаҳо баҳсҳо бештар ба назар мерасад ва он дар утоқҳои таълимӣ то ба Шӯроҳои ҳимоя мушоҳида мегардад. Мусаллам аст, ки ба ин масъала аз диди илмӣ бояд баҳо дода шавад ва ё мавзуи омузиши фанҳои алоҳида мушаххас карда шаванд. Ин кори саҳл нест, чунки рушди муосири ҷомеа ва илми муосир масоилеро назди илми мушаххас ва низоми илмҳо мегузорад, ки то имрӯз аз ҷониби илми дигар ва ҳатто самтҳои дигари илм омухта мешуд. Новобаста аз ин, як қатор ченакҳои умумие вуҷуд доранд, ки дар сурати ба назар гирифтани онҳо мо дар муайян кардани самти илмии таҳқиқот хато нахоҳем кард. Су-

хан оид ба тафриқаи омузиш дар илмҳои гуногун ва самтҳои гуногуни илми алоҳида меравад.

Масалан илми «Фалсафаи ҳуқуқ» яке аз илмҳои байнифанниву байниилмие аст, ки ба андешаи мо метавонад предмети омузиши файласуфон бошад, аз ҷониби дигар метавонад, мавзуи омузиши ҳукуқшиносон гардад. Аз ин сабаб, матн ва мазмуни илми «Фалсафаи ҳуқуқ» барои ҳуқуқшинос ва файласуф аз ҳамдигар метавонад тафовути ҷиддӣ дошта бошад. Ҳамин суханро оид ба сотсиологияи ҳуқуқ, психологияи ҳуқуқӣ ва дигар предметҳои байнифаннӣ қайд намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама, мақсад, матн, мазмун ва натиҷаҳо, забони китоби дарсӣ барои файласуф аз ҳуқуқшинос ва ё баръакс бояд фарқ дошта бошад, чунки мақсади ҳуқукшинос ҳангоми таҳия ва омузиши фалсафаи ҳуқуқ дигар аст, аз файласуф дигар.

Барои ҳуқуқшинос ҳангоми омузиши илми мазкур бо дарки фалсафии масъала ва ё падида исбот намудани қонуниятҳои ҳуқуқӣ бошад, пас, барои файласуф, фанни мазкур дар мисоли категорияҳои ҳуқуқӣ исбот намудани масоил ва қонуниятҳои фалсафа мебошад. Ин фарқият заминаи он аст, ки илми мазкур метавонад дар қатори илмҳои фалсафӣ ва ё ҳуқуқӣ ҷой дода шавад. Аз ин сабаб, ҳангоме, ки файласуф илми мазкурро барои ҳуқуқшинос таълим медиҳад, пеш аз ҳама, бояд дониши ҳуқуқӣ низ дошта бошад, қонуниятҳои ҳуқуқиро донад, то мақсади илми мазкурро ба хонанда расонида тавонад.

Дигар масъалае, ки мо мехоҳем онро таҳлил намоем, масъалаи ҳадди интихоб ва мушаххаснамоии мавзуи омузиши самтҳои гуногуни илми ҳукуқшиносӣ аст. Баҳсҳо ба таври мунтазам ба вуҷуд омада, то имрӯз идома доранд. Албатта, баъзан ин баҳсҳо дар ҷои холӣ ба вуҷуд омада, аз дониши шахс, шинос будани мубоҳис ба масоили мавзуи баҳс робита дорад. Вале дар аксар маврид, бо пайдо шудани мавзуҳои нави илмӣ, рушди муносибатҳои наве, ки таҳқиқотро талаб мекунад, таҳлили масоили комплексӣ ва ғайра, зарурати мазкур ба вуҷуд меояд, чунки масоил ва ҷанбаҳои гуногуни илмӣ сабабгори нофаҳмиҳо шуда метавонад. Ба андешаи мо, ин масъала таҳлили хеле амиқро талаб мекунад. Вале равиши мо ҳангоми муайян кардани предмети фанҳои гуногуни ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки чунин ченак бояд ба ҳисоб гирифта шавад: Якум, ҳар як фанни ҳуқуқӣ - таърих, назария ва амалияи худро дорад. Илмҳои мустақили ҳуқуқӣ ғайр аз ин қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҷориро низ доро мебошанд. Масалан, илми ҳуқуқи маданӣ таърих, назария, қонунгузории ҷорӣ ва амалияи он (фаъолияти субъектҳои ҳуқуқ)-ро дорад. Пас, ҳангоми омузиши масоили назариявӣ таносуби мавзуи илми назарияи ҳуқуқ ва давлат вобаста ба илми ҳуқуқи маданӣ дар чӣ ифода меёбад?

Пеш аз ҳама, ба андешаи мо, назарияи илми ҳуқуқи маданӣ он падидаҳоеро ҳамчун назарияи илми ҳуқуқи маданӣ меомузад, ки танҳо ва танҳо ба ин илм хос мебошанд. Предмети омузиши илми ҳуқуқи маданӣ асосан аз ин гурӯҳи падидаҳо иборат мебошад. Албатта, омузиши падидаҳои дигар, ки на танҳо ба илми ҳуқуқи маданӣ хос аст, мавзуи баҳси илми ҳуқуқи маданӣ шуда метавонад. Вале дар навбати худ ин гурӯҳи падидаҳоро илмҳои дигар низ меомузанд.

Масалан, шартнома метавонад мавзуи баҳси якчанд илме бошад, ки ин падидаро меомузанд ва истифода мекунанд. Дар навбати худ, шартнома метавонад мавзуи баҳси илми назарияи давлат ва ҳуқуқ бошад, чаро? Барои он кӣ ба андешаи мо, он падидае, ки мавзуи баҳси ду ва зиёда илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд, қонуниятҳои асосии он, яъне ҷанбаҳои назариявии он - мавзуи омузиши илми назарияи ҳуқуқ ва давлат мегардад.

Аз ҷониби дигар, агар таносуби илмҳои мустақили ҳуқуқ ва таърихи давлат ва ҳуқукро таҳлил намоем, пас, на танҳо қонуниятҳои рушд, балки ҳар як падидаи ҳатто хоси илмҳои мустақил метавонад мавзуи баҳси илми таърихи давлат ва ҳуқуқ бошад, чунки моҳиятан, ҳар як падида таърихи пайдоиш ва рушд дорад ва онро бояд аз нуктаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ омухт.

Ғайр аз ин, дар Ғарб равише вуҷуд дорад, ки таърих гуфта тамоми гузаштаи худро меноманд, то ҳудуди як аср пеш. Асри охир ва ё марҳилаи рушди охирини соҳа таърихи илми мустақили ҳуқуқро ташкил мекунад. Аз ин сабаб, илми таърихи давлат ва ҳуқуқ ҳарчанд мавзуи баҳси худро то давраи қонунгузории амалкунанда ва дурнамои он ба дарозо мекашад, вале аксаран масоилеро таҳлил менамоянд, ки то оғози марҳилаи навин ба вуҷуд омадаанд. Аз ин сабаб, омузиши таърихи масалан ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби мутахассиси соҳа бояд бо марҳилаи навини рушд маҳдуд бошад.

Албатта, гузоштани ҳадди сангин байни мавзуи таҳқиқотии таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи соҳавӣ лозим нест, чунки ҳадди мазкурро талаботи масоили таҳқиқотӣ муайян мекунад. Масалан барои исботи махсусияти падидаҳои «сарвари давлат», «ниҳодҳои соҳавии идоракунӣ», «шартнома», «васоят», «парасторӣ», «фарзандхонӣ» муҳаққиқ метавонад пайдоиш ва ташаккули онро аз марҳилаҳои қадим то имрӯз таҳлил намояд. Дар навбати худ ин таҳлил мақсади мушаххас дошта, ошкор намудани қонуниятҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, яъне мавзуи баҳси илми таърихи давлат ва ҳуқуқ ба он дохил намешавад. Албатта, баҳси мазкур бояд давом дода шавад, то дар ҷамъият як созиш оид ба ҳадди байнипредметии баҳси илмҳои гуногуни ҳуқуқӣ муайян карда шаванд. Натиҷаи ин таҳлилҳо метавонад кори муҳаққиқони ҷавонро осон ва истифодаи усулу воситаҳои илмиро амиқ гардонида, барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ мусоидат намояд.

**Бучакова Марина Александровна**
Доктор юридических наук, доцент, начальник кафедры конституционного и международного права Омской академии МВД России
E-mail: mb290163@mail.ru

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ ПОЛИЦИИ И ОРГАНОВ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В СФЕРЕ ОХРАНЫ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА

Охрана общественного порядка, являясь функцией органов публичной власти, направлена на решение задач, связанных с обеспечением жизни и здоровья людей, созданием спокойствия в общественных местах и снижением показателей преступности на территориях населенных пунктов. Достижение поставленных целей происходит при взаимодействии полиции с органами публичной власти, прежде всего местного самоуправления, а также общественностью.

До недавнего времени охрана общественного порядка выступала прерогативой органов местного самоуправления, что закреплялось на конституционном уровне. Органы местного самоуправления выступали основным субъектом охраны общественного порядка (ст.132 Конституции в прежней редакции). Однако данное конституционное положение в течение всего периода его действия имело формальный характер. Практически организатором данной деятельности выступали органы внутренних дел.

Однако несоответствие между законодательным установлением и фактической составляющей по организации охраны общественного порядка негативно отражалось на осуществлении самой деятельности. В 2020 году посредством внесения конституционных поправок положение об организации охраны общественного порядка органами местного самоуправления была упразднено.

Вместе с тем, действующая конституционная формулировка о том, что «органы местного самоуправления решают иные вопросы местного значения», не дает ответа о ка-

ких вопросах местного значения идет речь. По сути, широкое толкование «иных вопросов местного значения» позволяет отнести к ним любые направления деятельности в системе местного самоуправления. Нами ранее отмечалось, что: «…не включение в новой редакции Конституции организации охраны общественного порядка органами местного самоуправления косвенно подтверждает, что основным органом публичной власти по охране общественного порядка является полиция»[1].

Сама идея об охране общественного порядка силами муниципальной милиции, представляющей собой особый вооруженный отряд, имеющий полномочия по охране общественного порядка на территории муниципального образования, находящийся в ведении органов местного самоуправления и финансируемой из местного бюджета, успехом не завершилась. Профессор А.И. Казанник писал, что «несмотря на достаточно широкую компетенцию органов местного самоуправления муниципальных районов и городских округов по осуществлению координационной функции в сфере охраны общественного порядка на подведомственной территории, они тем не менее не реализуют свои полномочия по самостоятельному обеспечению охраны общественного порядка, предоставленные им Конституцией РФ и Федеральным законом №131-ФЗ»[2].

Без всяких сомнений органы местного самоуправления ответственны за организацию деятельности муниципального образования: состояние дорог, культурной деятельности, здравоохранения и др. направлений на соответствующей муниципальной территории. Они же ответственны за состояние общественного порядка, безопасность и благополучие населения. В этих целях в структуре муниципальных округов и районов созданы отделы, департаменты, участвующие во взаимодействии с полицией в организации работы по противодействию правонарушениям, совершаемым в общественных местах.

Правоприменительный опыт ряда ведущих западных стран, таких как США, Франция и др., где действует муниципальная полиция показал результативность деятельности таких органов, что обусловлено рядом факторов. Во - первых, это выполняемая функция по охране правопорядка, то есть полномочия такой полиции имеют свою специфику, она решает ряд задач, вытекающих из характера деятельности, свойственных органу, действующему на муниципальной территории, во-вторых, исходя из содержательного аспекта, она близка к населению, характеризуется умением создать доверительные отношения при выполнении социально-значимых функций.

Принцип доверия является важным принципом организации деятельности полиции в целом. Общественное мнение граждан является приоритетным при оценке деятельности полиции. В его основе лежит «степень удовлетворенности граждан полицией». Данная степень устанавливается на основе результатов опросов граждан о работе полиции, а также количества жалоб на действия и решения сотрудников полиции. В США в 1990 г. была создана так называемая «коммунальная полиция» – многофункциональная социальная служба, направленная на сотрудничество с государственными органами и обществом. В глазах граждан «коммунальная полиция» олицетворяется с партнером, содействующим противодействию преступности.

В России в отношениях на местном уровне принцип доверия наиболее значим, он способствует отношениям обратной связи, граждане вовлекаются в процесс охраны общественного порядка.

Ретроспективный анализ деятельности по охране общественного порядка показывает, что в России она всегда являлась полномочием органов внутренних дел. Так, незадол-

---

[1] Бучакова М.А., Дизер О.А. Перспективы реализации органами местного самоуправления функции по охране общественного порядка // Вестник Белгородского юридического института МВД России имени И.Д. Путилина. - 2021. - № 4. - С. 52-56.

[2] Казанник А.И. Муниципальная полиция в системе органов местного самоуправления России // Государственная власть и местное самоуправление. - 2013. - № 6. - С. 21-25.

го до распада СССР был принят Закон РФ от 18.04.1991 № 1026-1 «О милиции», регламентирующий деятельность милиции, в соответствие с которым к «ее задачам было отнесено: обеспечение безопасности личности; предупреждение и пресечение преступлений и административных правонарушений; выявление и раскрытие преступлений; охрана общественного порядка и обеспечение общественной безопасности; защита частной, государственной, муниципальной и иных форм собственности; оказание помощи физическим и юридическим лицам в защите их прав и законных интересов в пределах, установленных Законом»[1].

Эти задачи подчеркнуты и в Федеральном законе от 7 февраля 2011 г. № 3-ФЗ «О полиции»[2] согласно которому, «полиция …предназначена для защиты жизни, здоровья, прав и свобод граждан России, иностранных граждан, лиц без гражданства, для противодействия преступности, охраны общественного порядка, собственности и обеспечения общественной безопасности» (ст. 1).

Общественный порядок обладает качеством многоплановости, различием подходов к его рассмотрению и пониманию в качестве социально-политической и правовой категории. В юридической литературе существует множество подходов категории «общественный порядок». В правовом аспекте «общественный порядок считается социально-правовой категорией, устанавливающей и определяющей систему социальных норм (законов, морали, общепринятых норм общежития и др.), которые неприкосновенны и гарантируются государством и поддерживаются обществом». Охрана общественного порядка считается важнейшей внутренней функций государства, реализация, которой происходит через укрепление правопорядка[3]. Д.В. Пожарский считает, что охрана общественного порядка относится к элементам правоохранительной функции государства[4].

По мнению И.Д. Хомякова «под охраной общественного порядка понимается деятельность специально уполномоченных органов в установленных законом формах, направленная: на предупреждение и пресечение противоправных проявлений; соблюдение интересов государства и общества в целом; поддержание общественного спокойствия; нормальное функционирование организаций, предприятий и учреждений, транспорта и коммуникаций; устранение причин и субъектов их дестабилизирующих»[5].

Объекты, подлежащие охране общественного порядка, неоднородны, это и обеспечение санитарно-эпидемиологических правил гражданами, безопасности в местах массового скопления людей, пресечения распития спиртных напитков в общественных местах и др., что предполагает участие разных уполномоченных субъектов, осуществляющих охрану общественного порядка. В этой связи деятельность по охране общественного порядка связана с привлечением граждан, общественных формирований правоохранительной направленности во взаимодействии с органами внутренних дел и местного самоуправления. Федеральные законы от 2 апреля 2014 г. № 44-ФЗ «Об участии граждан в охране общественного порядка»[6], от 23 июня 2016 г. № 182-ФЗ «Об основах системы профилактики правонарушений в Российской Федерации»[7] сформировали действенную правовую основу

---

[1] Ведомости СНД и ВС РСФСР. 1991. № 16. ст. 503.
[2] СЗ РФ. 2011. № 7. Ст. 900.
[3] Соколов В.А., Овсепян Г.М. Совершенствование нормативного правового регулирования охраны общественного порядка в период подготовки и проведения выборов Президента Российской Федерации // Административное право и процесс. - 2021. - № 3. - С. 65-68.
[4] Пожарский Д.В. О соотношении экономической и охранительной функции Российского государства // Юридическая наука и правоохранительная практика. - 2009. - № 4 (10). - С. 31.
[5] Хомяков И.Д. Проблемы понятия охраны общественного порядка как формы реализации правоохранительной функции государства // Вестник Вятского государственного гуманитарного университета. - 2012. - № 4-5. - С.146-153.
[6] СЗ РФ. 2014. № 14. Ст. 1536
[7] СЗ РФ. 2016. № 26 (ч. I). Ст. 3851.

взаимодействии органов внутренних дел с органами местного самоуправления с привлечением граждан для охраны общественного порядка.

В этом взаимодействии органы местного самоуправления выступают координатором эффективности функционирования отдельно взятого муниципального образования, одновременно органы внутренних дел ответственны за обеспечение должного правопорядка на данной территории. Выполнение данной задачи во многом определяется скоординированностью действий органов публичной власти. При этом состояние обеспечения правопорядка связан с активностью привлечения граждан, общественных формирований правоохранительной направленности во взаимодействии с органами внутренних дел.

Институт добровольного участия граждан в охране общественного порядка возрождается, становясь необходимой частью гражданского общества. Опыт взаимодействия органов местного самоуправления, полиции и граждан, общественных формирований свидетельствует, что эти гражданские объединения могут оказывать неоценимый вклад в обеспечение порядка и стабильности общества[1]. Наиболее востребовано участие общественности в охране мест проведения публичных мероприятий, концертов, шествий, массовых гуляний. Активно привлекаются граждане к розыску пропавших без вести, т.е. там, где необходима массовость участия населения, например, розыск пропавших людей в лесной местности, исчезновение детей в населенных пунктах.

При взаимодействии полиции с органами местного самоуправления, гражданами ответственность за охрану общественного порядка возлагается на полицию, а состояние защищенности прав и свобод граждан, находящихся в общественных местах служит важным показателем результативности их взаимодействия.

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия
E-mail: zoirov2009@mail.ru

## ЧОРАБИНИҲОИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮИЕ, КИ ҲУҚУҚҲОИ КОНСТИТУСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНДРО МАҲДУД МЕНАМОЯНД

Категорияи якуми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, категорияи махсусе мебошанд, ки ҳуқуқҳои конститусионии инсон ва шахрвандро маҳдуд намуда, ҳангоми гузаронидани онҳо розигии прокурор ва иҷозати суд ҳатмӣ мебошад. Барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии (минбаъд – ЧОҶ) категорияи якум корманди оперативӣ қарори асоснок бароварда, онро роҳбари воҳиди оперативӣ тасдиқ менамояд, баъдан онро бо розигӣ ва дархости прокурори ваколатдор барои гирифтани иҷозат (санксия) ба мақомоти судӣ баррасӣ менамояд. Ба ин категорияҳои махсуси ЧОҶ инҳо дохил мешаванд:

1) *Муоинаи оперативии мазил, биноҳо, ҳуҷраҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт* – ворид шудан ва азназаргузаронии объектҳои номбаршуда бо мақсади дарёфт намудани изҳои ҷиноят, олотҳои содиркунии ҷиноят, дигар ашё,

[1] Волков В., Дмитриева А., Титаев К., Ходжаева Е., Четверикова И., Шкярук М. Организационные возможности, ограничения и пути создания муниципальной милиции в РФ. Исследовательский отчет. СПб.: Институт проблем правоприменения, 2015. - С. 130.

моддаҳо ё ҳуҷҷатҳое, ки эҳтимол ба содир шудани ҷиноят муносибат доранд, ҳамчунин барои ҳалли дигар вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона карда шудаанд[1].

Хусусияти хосси чорабинии мазкур дар он аст, ки ин намуди фаъолият қариб, ки дар ҳамаи чорабиниҳои дигари оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда мешавад. Пеш аз ҳама, хусусияти хоси ин чорабини дар он аст, ки муоинаи оперативии объектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба тариқи ошкоро ва ғайриошкоро ба амал бароварда мешавад. Дар ин ҷо қонунгузор ба корманди мақомоти оперативӣ ҳуқуқи салоҳияти мурофиавӣ ва маъмурӣ дода, он бо дигар қонуну фармоишҳои идоравӣ ба танзим даровварда мешавад.

Мисол, корманди макомоти милитсия ҳуқуқ дорад, ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар шуда ва дар вазъиятҳои фавқулоддаи ба амнияти ҷамъиятӣ таҳдидкунанда ба хонаи истиқоматӣ, ҳудуд ва бинои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаҳои замини шахсони алоҳида (ба истиснои намояндагии дипломатӣ, муассисаи консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда) дохил шавад ва чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ гузаронад. Дар ин бора, дар муддати 24 соат, дар бораи ворид шудан ба манзил, биноҳои корхона, муассиса, ташкилот, қитъаи замини шахсони алоҳида бидуни иҷозати соҳибони онҳо ба прокурор хабар диҳад[2].

Хусусияти дигари ин фаъолият - ҳамчун усули чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар он аст, ки маҷмӯъи маълумотҳои оперативиро ҷамъ намуда ҳамчун сарчашмаи далел дар мурофиаи маъмурӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ истифода мебаранд.

Натиҷаи ин усули чорабинӣ ба тариқи оперативӣ хизматӣ ва таҳқиқу тафтишот ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда, барои омӯзиш ва қарори дахлдор қабул намудан ба роҳбарони масъули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод карда мешавад.

Яке аз таҷрибаҳои пешқадами оперативӣ-ҷустуҷӯӣ - муоинаи макон, бино, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт мебошад, ки дар Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», ва дар адабиётҳои махсус ҳамчун амалиёти дастаҷамъона барои ворид шудан ба объектҳои маводдор ва аз назар гузаронидани онҳо бо мақсади ошкорсозии изи ҷиноят, силоҳи амаликунандаи ҷиноят, ашёҳо ё ҳуҷҷатҳои ба содиршавии ҷиноят алоқаманд қабул шудааст. Усули амаликунонии он аз рӯи сабаби асосҳои баргузории чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ниҳоят серҷабҳа мебошад.

Дар ҳолатҳои ҷудогонаи реҷаи махфии чорабиниҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ворид шудан ба бино чун ба сифати кормандони гази шаҳр, кормандони хадамоти санитарӣ-эпидемиологӣ, барқи шаҳр, сӯхторнишонӣ ва ҳоказо аз рӯйи ҳуҷҷатҳои сохтаи ин ташкилотҳо ҷараён мегирад.

Дар ҳама ҳолатҳо муоинаи ҳуҷраҳо, сохтмони манзили зисти хусусӣ, биноҳо ё дигар объектҳоро ба таври махфӣ аз сокинону иҷоракорони он гузаронидан ба мақсад мувофиқ мебошанд. Масалан, вакти иҷроиши коркарди парвандаи оперативӣ, ки аз рӯи далели ёфт шудани чанд ҷасади номаълуми занҳо ва мардҳо, ки дар маҷмааи рӯзномабарории ҷумҳурӣ ёфта шуда буданд, гурӯҳи оперативӣ ба ҳуҷрае, ки гумонбаршудаи тахминӣ онҷо кор мекард (дар ғоибии ӯ) ба мақсади дарёфти иззи ҷиноят, ворид гардиданд. Илова бар ин, тибқи нишондоди сардори бахши кофтукови ҷиноятии ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ (собиқ ноҳияи Марказӣ) хона

[1] Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

[2] Ниг.: банди 18 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 21 майи с. 2004, № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 352; соли 2006, №3, мод.148; ҚҶТ аз соли 2018, №1, мод.13; соли 2019. №6 мод.316; соли 2020, №12, мод. 910.

ва ҳуҷраҳои алоҳидаи он ҳамчунин, гараж, бӯстонсарояш, аз тарафи гурӯҳҳои махсуси оперативӣ бо роҳнамоии шахсони воқиф, духтурони судӣ, коршиносон (криминалистҳо) ва дигар мутахассисон ба таври махфӣ таҳқиқу тафтиш намуданд. Ҳангоми тафтиши маҳалли зист дар кӯчаи Н. Қарабоев (аз рӯи ақидаҳо қотил қисми ғализҳоро субҳидам ё шабона дар чоҳи қубури ахлот партофтааст) коршинос (эксперт)-и калони Вазорати корҳои дохилӣ, ки хонаро тафтиш карда буд, тавассути истифодаи махсус дар шакли ломинал дар ашёҳо иззи хун ёфт гашт ва тахминан хост ба даҳлез нигарад. Дар даҳлез зери латаву чӯб ҷасади ду духтарро дид, ки пӯст карда шудаанд, паҳлӯи онҳо пустҳои одамӣ меистоданд. Боқимонда ҷасадҳои дигар зиёда аз (13) сенздаҳ нафар дар чоҳи қубури об бо нишондоди худи ҷинояткор дарёфт карда шуданд[1].

Натиҷаи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муоинаи оперативӣ минбаъд бо роҳи тафтиш аниқ гардидаанд ва қотил фош гашта, аз тарафи суд ба ҳукми қатл маҳкум шуд.

Муоинаи оперативии манзил, ҳуҷраҳо, биноҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт тариқи ошкоро ва ғайриошкоро гузаронида мешавад.

Муоинаи оперативӣ- усули ғайриошкоро чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ буда корманди оперативӣ мақсади асосии азназаргузаронии муоинаи оперативиро ё пинҳон медорад, ё ин ки худро ба сифати корманди дигар (хоҷагии манзил, об, коммуналӣ ё ташкилоти ҷамъиятӣ ё ёрирасон) муаррифӣ намуда чорабиниро ба анҷом мерасонад.

Мақсади асосии муоинаи оперативии тариқи пинҳонӣ аз он иборат аст, ки дар ҳолате ки корманди оперативӣ маълумоти оперативиро аз дигар сарчашма оид ба пинҳон шудани гумонбар, ҷинояткор, шахси дар ҷустуҷӯ буда, молу мулк ва дигар предметҳои дуздидашуда ба даст меорад, бояд ба таврӣ оперативӣ (ошкоро ва ғайриошкоро) ҷои пинҳоншавии номбурдаро аз назар гузаронад. Дар ин ҳолат истифодаи таҷҳизотҳои ба наворгирии сабти видео ва овоз ҳатмист.

Натиҷаи гузаронидани чорабинии муоинаи оперативии тарзи ғайриошкоро аз тарафи корманди оперативӣ гузориш ё маълумотнома тартиб дода мешавад.

Муоинаи оперативии усули ошкоро чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ буда, бо розигии шахси соҳибмулк, бо иштироки одамони холис ва мутахассис гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат корманди оперативӣ аз соҳибмулк талаб мекунад, ки нақшаи иморат ва дигар ашё, ҳуҷҷатҳои лозимаро ба ӯ пешниҳод намояд. Ҳуҷҷат ё маводҳои гирифта шуда аз тарафи корманди оперативӣ дар қуттии махсус ҷойгир карда шуда бо муҳр ва штамп маҳкам карда шуда барои омӯзиш ва таҳқиқ ба коршинос пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолати тасдиқ шудан аз тарафи коршинос-мутахассис, ки мавод мазкур ба ҷинояти дар тафтишот буда алоқаманд мебошанд, он гоҳ ин мавод ҳамчун далели шайъӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Муоинаи оперативии усули ғайриошкоро - чорабинии махсусе мебошад, ки чи хеле мо дар боло қайд намудем, ин бо маҳдуд намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд алоқаманд аст, ки бевосита ба дахлнопазирӣ ба манзил таалуқ дорад ва ин чорабинӣ танҳо дар асоси иҷозати (санксияи) прокурор ё қарори (иҷозати) суд ба иҷро расонида мешавад.

Натиҷаи иҷроиши чорабинии мазкур бевосита дар муҳлати муайян ба прокурор ё суд ахборот пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади таъмини амнияти хусусии мақомотҳое, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мегузаронанд, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳолати вуҷуд доштани асосҳои тафтиши манзил, ҳуҷраҳо, иншоот, ҷойи кор, воситаҳои нақлиёт, қитъаҳои маҳал, ки ба муҳтавои б. 9. қ. 1. м. 6 мувофиқ мебошад

[1] Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» / Ҷ.З. Маҷидзода. - Душанбе: «Эр-граф», 2015. - С. 151.

дар доираи қонуни мазкур ва дигар қонунҳои ҷорӣ ва меъёрҳои идоравӣ амалӣ гардонида мешавад.

Чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муоинаи оперативии биноҳо, ҳуҷраҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт, дар ҳолате, ки маводҳои ҷамъовардашуда ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешаванд, пеш аз ҳама мувофиқи таъиноти муқарраркаршудаи м.м.182-185 ва 187 Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) протоколи азназаргузарони тартиб дода шуда, мувофиқи м. 323 КМҶ ҶТ ба суд баррасӣ карда мешавад.

2) *Назоратбарии оперативии муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар* - омӯзишии мукотиботи хаттӣ ва дигар мукотиботе, ки дар ҳомилҳои моддӣ сабт шудаанд ва бо мақсади дарёфт намудани маълумот дар бораи фаъолияти ҷиноятиии шахси таҳти коркарди оперативӣ қарор дошта, ошкор намудани алоқаҳои ӯ ва дастрас намудани дигар маълумоте, ки барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунанд[1].

Ин усули чорабиниро фақат (мақомоти амнияти миллӣ, корҳои дохилӣ, назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вазорати адлия), ки бевосита назорати оперативии муросилоти почта, телеграф иттилооти дигар ва сензураи мукотибаи маҳбусонро ба уҳда доранд, ба амал мебароранд.

Баъзе аз ҳуқуқшиносон пайдоиши ин усули чорабиниро бо номи яке аз шахсиятҳои бузурги таърихӣ, фармондеҳи ҷангӣ Искандари Мақдунӣ, ки бо номи Искандари Зулқайнар машҳур аст, алоқаманд медонанд. «Мегӯянд, ки вақте Искандари бузург қувваҳои ҷангии худро ба Осиё сафарбар менамояд, дар вақти муҳориба баъди забт карда гирифтани давлати Осиё ба ӯ хабар мерасад, ки дар байни афсарони зархарид ва иттифоқчиёнаш норозигӣ ва туҳмату буҳтонҳои зиёде пайдо гаштааст. Дар ин ҳолат Искандари Зулқайнар чораи оддиеро фикр карда мебарояд, ки дар фикри хаёли ягон кас ҳам набуд.

Он кас дар байни афсаронаш эълон мекунад, ки ӯ ба хонааш ва аҳли байти дарбораш мактуб менависад, ки сиҳату саломат ҷангида истодааст ва боз қудрати забт намудани чанд давлати дигарро низ дорад ва ба ҳама эълон мекунад, ки ба аҳлу оилаашон мактуб нависанд. Вақте ки хаткашон мактубҳоро ҷамъ намуда ба сафар мебарояд Искандар супориш медиҳад, ки аз роҳ баргардад ва он мактубҳоеро, ки афсарон навишта буданд ҳамаашро гашта мехонад, ва аз мақсаду мароми афсаронаш розигӣ ва норозигии онҳо нисбат ба фармондеҳ огоҳи меёбад»[2].

Аз ҳамон давра хусусияти чораҷӯии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мазмуни «перлюстратсия» яъне, маънии варақ зада хонда баромаданро дар назар дорад, дар таҷрибаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда мешавад.

Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо ин усул дар он ҳолате сар мезананд, ки маълумоти дақиқ оид ба ин ё он объекти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар бораи ҷинояткорӣ, хиёнат ба Ватан, давлат ва ҷомеа содир карда мешавад.

Қонунгузор дар мафҳуми «дигар маълумотҳо», маънои он маълумотҳоеро дар назар дорад, ки он ба воситаи ноқилҳои почтаҳои алоқаи электронӣ (сайтҳои алоҳида шахсӣ) фаъолият менамоянд.

Дар навбати худ «мафҳумҳои асосӣ» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» аз 01 августи соли 2003 № 39 ба танзим даровarда шудааст. Мувофиқи м.2 қонуни номбурда мафҳуми алоқаи электронӣ ба таҳрири зайл оварда

---

[1] Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

[2] Қосимов Ф.М. Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: монография / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Зоир Ҷ.М. –Душанбе: 2023. - С. 69.

шудааст: «Алоқаи почта - намуди алоқае, ки аз комплекси ягонаи истеҳсолию технологии воситаҳои техникӣ ва нақлиётӣ иборат буда қабул, коркард, кашонидан, бурда расонидан (супоридани) муросилоти почта, инчунин таҳвили маблағҳои пулиро ба воситаи почта таъмин менамояд»[1].

Махфияти мукотиба, тартиби кушодани муросилоти почта, инчунин, аз он берун баровардани андӯхтаҳои барои таҳвил манъбуда ва муросилоте, почтае, ки муштарии худро наёфтаанд аз тарафи мақомоти дар соҳаи алоқаи почтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Азбаски чорабинии мазкур оид ба дахолат ба ҳуқуқи конститусионии шаҳрванд ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот ва дигар ахборотҳо мебошад. (қ. 1 м. 23 Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон), бинобар ин чорабини мувофиқи м.174 КМҶ ҶТ, дар асоси қарори асосноки мақомоти оперативӣ бо иҷозати (санксияи) прокурор ё суд гузаронида мешавад.

Муҳлати гузаронидани чорабинии муросилоти объектҳои номбурда 6 (шаш) моҳ дар қарор бо иҷозати прокурор ё суд муайян карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ ин муҳлат аз тарафи мақомоти иҷозат дода шуда дароз карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҳолатҳои алоҳидае оварда шудааст, ки ба чорабинии мазкур таалуқ доранд:

Якум, қонунгузор барои чорабинии оперативии муросилоти почта, телеграф иттилооти дигар ва сензураи мукотибаи маҳбусон асосҳои иловагӣ ворид намудааст (қ. қ. 2, 3, 8 м. 8. Қонун).

Дуюм, нисбати шахсоне, ки бо онҳо корҳои профилактикӣ (тарбиявӣ) гузаронида мешавад ва шахсоне, ки мувофиқи қ. 7 м. 8-и Қонун ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд гузаронидани чунин чорабинӣ манъ аст.

Сеюм, субъекти чорабинии мазкур дар асоси қ. 4 м. 6 моддаи 13-и Қонун, мақомоти амният, корҳои дохила, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, Агентии назорати маводи нашъовар ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Чорум, дар м. 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», тартиби тайёрӣ гузаронидан ва иҷозати муросилот муайян карда шудааст.

Барои беасос вайрон кардани маҳрамияти муросилоти почта, маҳрамияти мукотиба, шахси вайронкунанда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад[2].

Сензураи маҳбусон ин назорати васеи назорати муросилоти ба тариқи почта ворид гардидани мукотибот, бандеролҳо, тӯҳфа ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ки ҳамчун чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯии махсус ба ҳисоб намеравад.

Назорати муросилоти маҳбусон дар асоси қ. 2 м. 95 Кодекси Иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 08 декбри соли 2003 қабул шудааст, ба танзим даровaрда мешавад. Оид ба натиҷаи тамоми намуди чорабини муросилот, санад (акт) ё гузориш тартиб дода шуда, маводҳои гирифта шуда аз тарафи мутахассис-коршинос санҷида хулоса пешниҳод карда мешавад.

3) *Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо* - тавассути воситаҳои техники гирифтан ва сабт намудани иттилооти акустики ба воситаи хатти алоқаи телефонӣ ё иттилооти яктарафа интиқолшаванда бо мақсади дарёфти маълумот дар бораи фаъолияти ҷиноятии шахси таҳти коркард қарордошта, ошкор намудани алоқаҳои ӯ ва дастрас намудани дигар маълумоте, ки барои ҳалли вазифаҳои

[1] Ниг.: моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» аз 01 августи с. 2003, № 39 // Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.462; соли 2004, №5, мод. 341; соли 2007, №7, мод. 684; соли 2014,№7 қ.2,мод.412;мод.413; соли 2016,№11,мод.886.

[2] Ниг.: моддаи 146 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, м.68, м.69, №22, м.306; с. 2019., №1, м.1, м.2, № 6, м.311; с. 2020, №1, м.8, м.9 аз 19.07.2022 № 1895, аз 19.07.2022 № 1896.

фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат менамоянд[1].

Асос барои гузаронидани чунин чорабинӣ ҷамъоварии маълумоти мухтасар дар бораи шахсони алоҳидае, ки дар содир намудани ҷиноят, тайёрӣ ба ҷиноят гумонбар дониста мешаванд.

Хусусияти асосии қонунгузории мазкур ин усули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯие мебошад, ки салоҳияти хосса дорад, чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯие мебошад, ки ҳамчун далел дар парвандаҳои тафтишотӣ истифода бурда мешавад ва ҳамчун далели шайъӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Ин чорабинӣ дар қонунгузории ИҶШС ҳамчун усули оперативӣ-ҷусту- ҷӯӣ (ба тариқи махфӣ) қайд карда шуда буд[2]. Дар навбати худ, ба таври ошкоро ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ дар соли 1990 дохил карда шуд[3].

Гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ чун ҳаракати муштарак барои санҷиши махфии сабти овоз тавсир мегардад, ки бо мадади васоити техникӣ аз тариқи алоқаи телефонӣ ё ахбори яктарафа муайян намудани ҷои пинҳоншудаи шахси дар ҷустуҷӯбуда, тайёрӣ ба ҷиноят, ҷой, аломатҳо ва намуди ҷиноятро муайян намудан мумкин аст.

Чорабинии мазкур тариқи ғайриошкоро ба ғайр аз тартиби муайян намудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» инчунин мувофиқи м.174 КМҶ ҶТ ба танзим дароварда мешавад[4]. Дар ҳолати вайрон кардани ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд дар маҳрамияти мукотиба, беасос гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ корманди оперативӣ мувофиқи м. 246 Кодекси ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад[5].

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия, назорат ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ мувофиқи қарори суд дар асоси пешниҳоди муфаттиш нисбати гумонбар, айбдоршаванда ва дигар шахсон гузаронида мешавад[6].

Чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо дар асоси қарори мақомоти оперативӣ бо розиги прокурор ва иҷозати суд, бо воситаи таҷҳизоти махсуси оперативӣ аз тарафи сохтори салоҳиятноки оперативию техникии идораи мақомоти оперативӣ дар асоси меъёри ҳуқуқии идоравӣ ё тариқи шартномавии байниидоравӣ гузаронида мешавад.

Муҳлати амали чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба гӯш кардани гуфтугуҳои телефонӣ набояд аз шаш моҳ зиёд бошад. Дар ҳолати зарурӣ суд бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои асоснок муҳлати чорабиниро дароз менамояд.

Дар ҳолати истисноии ба вуҷуд омадани таҳдиди хатар ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шахсони алоҳида, дар асоси ариза ва розигии хаттии онҳо, қонунгузор гӯш карданро бе иҷозати суд ба мақомоти дахлдори оперативӣ, дар асоси парвандаи

---

[1] Ниг.: банди 16 қисми 1 моддаи 6 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

[2] Ниг.: банди 3 моддаи 14 Қонуни ИҶШС «Дар бораи мақомоти амнияти давлатии дар ИҶШС» аз 16 майи с. 1991, № 2959-1 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://ru.wikisource.org/wiki (санаи муроҷиат: 02.04.2023).

[3] Қонуни ИҶШС «Дар бораи тағйироту иловаҳо дохил намудан ба асосҳои ҷиноятии истеҳсолоти судии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ» аз 12 июни с. 1990.

[4] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри с. 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; аз 04.07.2020 № 1696, аз 04.07.2020 № 1702, аз 29.01.2021 № 1755, аз 20.04.2021 № 1777

[5] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, м.68, м.69, №22, м.306; с. 2019., №1, м.1, м.2, № 6, м.311; с. 2020, №1, м.8, м.9 аз 19.07.2022 № 1895, аз 19.07.2022 № 1896.

[6] Ниг.: моддаи 186 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия аз 18.12.2001, № 174-ФЗ // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481/ (санаи муроҷиат: 02.04.2023),

оперативӣ ва қарори асоснок иҷозат додааст. Дар ин ҳолат мақомоти оперативӣ вазифадор аст дар муҳлати 48 соат ба прокурор ё суд аз қарори қабул намудааш ба таври хаттӣ хабар диҳад.

Чорабинии мазкурро ба чунин ҳолатҳо ҷудо намудан мумкин аст:

– дар ҳолате ки имконияти гуфтушуниди телефонӣ ё дигар гуфтушунидҳо байни иштирокчиён ва аъзоёни гурӯҳи ҷинояткор пайдо мешавад;

– дар ҳолате ки гумонбаршуда то содир намудани ҷиноят ё баъди он ба ҷабрдида занг мезанад;

– дар ҳолате ки шахси ҷинояткорӣ дар кофтуков буда бо аҳли оила, шиносон ва иштирокчиёни ҷиноят алоқаи гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтушунидҳо дорад;

– дар ҳолате, ки яке аз оилаҳои шахси ҷинояткор дар ташкилотҳои экстремистию террористӣ шомил аст.

Натиҷаи чорабинии мазкур аз тарафи воҳиди сохтори оперативӣ-техникӣ ва мутахассиси соҳа маълумотнома бо замимаи хаттии гуфтушунидҳо пешниҳод карда мешавад. Дар баъзе ҳолатҳои даргумон натиҷаи гуфтушунидҳо ба коршинос-криминалист барои хулосаи дақиқ гирифтан пешниҳод карда мешавад.

Дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи гӯшкунии телефонӣ ҳамчун далели шайъӣ, дар давраи тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ истифода бурда ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гуш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо инчунин аз тарафи меъёрҳои байналхалқӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар Конвенсияи Иттиҳоди Аврупо «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни давлатҳои-аъзои Иттиҳоди Аврупо» аз 29 майи соли 2000-ум, ки соли 2002 ба қувваи қонуни даромада, яке аз ҳуҷҷат-шартномаҳои муҳими муштарак дар олам ба ҳисоб меравад, ки тартиби гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳоро дар боби 111 - махсуси конвенсия «Гӯш кардани теле-коммуникатсияҳо», ба танзим медарорад.

4) *Гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа* - тавассути воситаҳои техники гирифтан, тасҳеҳ ва сабт кардани намудҳои гуногуни сигналҳо, ки ба ҳар гуна каналҳои техникии алоқа пахш мегарданд, барои ҳалли вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона карда шудааст[1].

Асоси чорабинии мазкур ин пеш аз ҳама, ҳаракатҳое мебошанд, ки ба ҳолати дахолат намудан ба ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд равона карда шудааст аст, ки: «Маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мурсилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст»[2].

Аз м.23-и Конститутсия бармеояд, ки дар вақти амалӣ намудани чорабинии мазкур ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дахолат карда мешаванд. Ин дахолатнамоиро танҳо дар асоси розигии прокурор ва «иҷозати» қарори суд ва иҷозати ба амал баровардан лозим мешавад.

Дар ҳолатҳое, истисноие ки чунин чорабиниро барои тайёрӣ ва пешгирии ҷиноят ниҳоят тезтар ва ногузир ба амал баровардан зарур мешавад, корманди оперативие, ки ин чорабиниро ба анҷом мерасонад бояд дар давоми 48 соат ба прокурор ва суд ба таври хаттӣ хабар расонад.

Дар мавриди ба амал баровардани чорабинии мазкур бо розигии худи шаҳрванд низ баъди ба анҷом расонидани амалиёт корманди оперативӣ дар давоми 48 соат ба прокурор ба таври хаттӣ бояд хабар расонад.

---

[1] Ниг.: банди 12 қисми 1 моддаи 6 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

[2] Ниг.: қисми 1 моддаи 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 10.

Аз банди 2 м. 23 Конститутсия бармеояд, ки бе розигии шаҳрванд ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст. Барои ҳамин, табиист, ки ба ин монанд меъёрҳои ҳуқуқии дахолати шаҳрванд дар м.7 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар қисми 2 омадааст, ки маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон барои сирри мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар навъи гуфтугӯҳо, ахбори почтавӣ ва ҳоказо, ҳамчунин ҳабс кардани фиристодаҳо ва мактубҳои почта, телеграф, бандерол ва ситонидани онҳо аз тарафи қонун ҳимоя карда мешавад ва дахолати он танҳо дар асоси қарори суд ва иҷозати прокурор ба амал бароварда мешавад.

Гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа яке аз чорабиниҳое мебошад, ки ба тариқи ғайриошкоро ба роҳ монда шуда, барои дарёфти маълумоти муҳими оперативӣ сабти он аз тариқи васоити махсуси техникӣ, электромагнитӣ ва дигар майдонҳои физикӣ, ки дар ҳолати пахши ахбори шабакаи электронии алоқа пайдо мешаванд, дар шабакаҳои «Интернет» ва дигар сайтҳои компютерӣ, нишондодҳои ҷиноятпеша дар сохторҳои коммуникатсионӣ ва дигар соҳаҳои илму техника гирифта шуда, дар пешгирӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳо истифода бурда мешавад.

Чунин чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар солҳои охири соҳибистиқлол бо тараққиёти илму техника пайдо шуд ва ҳоло яке аз чорабиниҳои навтарини ҷаҳони имрӯза дар мубориза бар зидди ҳама гуна ҷинояткорӣ ба шумор меравад.

Чорабинии гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа, бо чунин воситаҳо ба амал бароварда мешавад: ба тариқи пинҳонӣ гирифтани ахборот, ки ба воситаи ноқилҳои электронии алоқа, ноқилҳои компютерӣ, бо воситаи назорат аз болои кори воситаҳои махсуси техникӣ, аз он ҷумла аз рӯи таъсири шуъоӣ электромагнитӣ ва ғайра танҳо дар асоси ахбороти санҷидашудаи дақиқ амалӣ гардонида мешавад.

Мафҳум (термин) ва маънои «гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа», аввалин маротиба дар қонуни тафсиршаванда пайдо шуда мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқии идоравӣ ва қонунгузории мурофиавӣ ва ҷиноятӣ ба танзим даровварда мешаванд.

Азбаски чорабинии мазкур ба меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд дахолат ва алоқамандӣ дорад, бинобар ин бояд, ки ин чорабинӣ дар асоси амру фармонҳоиякҷояи идоравӣ, бо риояи меъёрҳои конститутсия ва иҷозати ҳатмии прокурор ё суд, дар амал ҷорӣ карда шавад.

Натиҷаи чорабинии мазкур, агар аз тарафи худи корманди оперативӣ ба анҷом расонида шуда бошад дар ин ҳолат гузориш тартиб дода мешавад, агар чорабинӣ аз тарафи мутахассис гузаронида шуда бошад он гоҳ санад (акт) тартиб дода (диск, лента, дискет) ва дигар маводҳои гирифташуда замима карда шуда, дар оянда ҳамчун далели шайъӣ барои ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда мешавад, дар он ҳолате, ки маълумоти гирифташуда дорои сирри давлатӣ набошад.

5) *Гирифтани иттилооти компютерӣ* - «ба даст овардани маълумоти барои ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ зарурӣ, тавассути сабти майдонҳои электронӣ ва физикӣ ҳангоми коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот, новобаста ба воситаҳои интиқол»[1].

Ин зарурияти ҷалби таваҷҷуҳи хоси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси ҷумҳуриро бо мақсади муборизаи дастаҷамъона бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ ва зарурати гузаронидани чорабиниҳои доимии оперативӣ-ҷустуҷӯиро бо роҳи гирифтани иттилоотӣ компютерӣ тақозо дорад.

Дар ин бора қисми 6 моддаи 6 Қонуни мазкур иттилоъ медиҳад, ки гирифтани иттилоотӣ компютерӣ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо роҳи гирифтани иттилооот аз компютер бо воситаи воҳидҳои оперативӣ-техникӣ ва субъектҳои

[1] Ниг.: банди 12 қисми 1 моддаи 6 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти с. 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 155; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1447.

вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ амалӣ карда мешавад; чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо назорати муросилоти почта, телеграф, дигар хабарҳо, шунидани гуфтугӯҳои телефонӣ бо роҳи пайваст намудани телефон ба дастгоҳҳои шабакавии корхона муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, хизматрасонии гирифтани иттилоотро аз шабакаҳои техникиии алоқа, гирифтани иттилоот аз компютер ба воситаи қувваҳои оперативӣ техникии мақомоти амният, корҳои дохилӣ, назорати маводи нашъаовар, назорати молиявӣ ва мубориза бо корррупссия ба роҳ мемонанд, ки бо қонун, санадҳои соҳавӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқ, шартномаҳои байни мақомотҳои амаликунандаи ФОҶ муайян карда мешаванд. (ҚҶТ 26.07.14, №1090 (ҚҶТ аз 18.07.17 № 1447).

Барои муайян кардани маълумотҳои мушаххас барои гирифтани иттилоот аз компютер дар доираи чорабиниҳои оператив-ҷустуҷӯӣ сарчашмаи маълумотҳои зарурии компютер муайян карда мешаванд. Ин сарчашмаҳоро ба чор намуд ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳар яки он хусусиятҳои хосӣ худро доранд:

1) Сарчашмаҳои техникии дорои маълумоти зарурии оперативӣ; Ба объектҳои техникии чунин намуд, дохил мешаванд:

а) маълумотҳои зарури дар бораи шахси коркардшавандае, ки ба мошинаҳои ҳисоббарор, алоқаҳои мобилӣ ва дастрасӣ ба захираҳои шабакавӣ доранд;

б) ҳомилони иттилоотии компютерие, ки дар он иттилооти дорои аҳамияти оперативидошта мавҷуд аст;

в) сохторҳое, ки маълумотҳои компютерро аз дачикҳо (маводҳои диапазонии радиоӣ, GPS трекерҳо дачикҳои зерниқоб, ки нишондодҳои физиологӣ ва ҷойгиршавӣ медиҳад) сохторҳои статсионарӣ ва мобилии ченкунанда, системаи мавқеи ҷуғрофӣ, мушоҳидаи видеоӣ, қайди видеоӣ; г) таҷҳизоти шабакавӣ, ки ба воситаи он санадҳои муоширати коркардшавандагон амалӣ карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки доираи сарчашмаҳои маълумоти оперативии зарурӣ дар солҳои наздик аз тарафи васеъшавии «ашёи ақлдор», ки дорои микропротсессор мебошанд (системаи навигатсияи нақлиёт, системаи «хонаи боақл», ашёи рӯзгор, дачикҳои иттилоотӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва м.и);

Табоддули консепсияи «ашёи интернет», «интернет ҳама» имкон медиҳад, ки тамоми объектҳои инфрасохторӣ, ҳамчунин шаҳрвандони алоҳида ба он дохил карда шаванд. Ҳамаи ин иттилооти ҷамъшуда дар системаҳо дар андозаи худ барои амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зери таваҷҷуҳ қарор мегирад.

2) Тадқиқи объектҳои иттилоотии шабакаи Интернет, ки дар байни онҳо ҷудо карда мешавад:

а) захираҳои иттилоотӣ, ки маълумоти дар бораи содир намудани ҷиноят (дар сомонаҳои сохторҳои криминалӣҷой дошта, ки шаҳрвандонро барои тарзи ҳаёти нодуруст тарғиб менамоянд, ки иттилооти хатарнок ҷой дорад, тарафдорони худро ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ ҷалб менамояд ва м.и.);

б) ҷойи шабакаи муоширатӣ (форум ва чатҳои пардапӯш, иттиҳодияҳои криминалӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ) шахсони майли криминалистидошта ва салоҳиятҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Иттилооти муҳими оперативӣ дар объектҳо дар намуди фаъолияти зиддиҳуқуқӣ мутамарказ гашта иқтибос ба маводҳо барои паҳнкунӣ оид ба хабари шахсон дар бораи тайёриисодиршавии ҷиноятҳо манъ карда мешавад.

3) Дарёфт ва назорати шабакаҳои муоширатӣ, ки дар истифодаи ҷинояткорон қарор дорад, бо истифодаи почтаи электронӣ, воситаи мубодилаи хабарҳо, иловаҳо VolP (интернет-телефон), мессенҷерҳо ва м.и. Шумораи сервисҳои шабакавӣ, ки тавасути матн, овоз, садо байни компютерҳо ба воситаи интернет, пайвасти афзоиш медиҳад. (ICQ.Skype. WhatsApp.Viber. Telegram ва м.и.), ки аксари онҳо хизматрасонии рамзикунонии маълумотҳоро пешниҳод менамоянд.

4) Интихобӣ, ки дар натиҷаи коркарди маълумотҳои базавии гуногун ба даст меоянд, ки дар системаи иттилоотии мақомоти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ, бонкҳо ва операторони алоқа ташаккул меёбанд.

Мустаҳкамнамоии гирифтани иттилооти компютерӣ ба сифати чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии мустақил ва васеъшавии шакли компютерии иттилоот, ки зери таваҷҷуҳи оперативӣ қарор доранд, хусусияти хос дошта, тарзҳои гирифтани онро тақозо менамояд. Дар ин робита таҳлили шакли нави чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба азхудкунии моҳияти мафҳуми «итттилооти компютерӣ» вобастааст.

Ҳамин тавр, мавзуро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки институти конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ «гирифтани иттилооти компютерӣ» ва амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», яке аз унсурҳои муҳимми системаи ҳуқуқии давлати муосири демократӣ ба ҳисоб рафта, мавқеи инсонро дар ҷомеа ва ҷомеаро бо инсон муайян месозад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ буда, риоя ва ҳифзи онҳо уҳдадории давлатӣ маҳсуб меёбад, маҳз ҳамин мазмун ва мундариҷаи татбиқи қонун, фаъолияти ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроияро муқаррар месозад ва ин дар ҷомеаи мутамаддини ҷаҳони имрӯза муҳимтарин шинохти давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Васеъ гаштани кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон на танҳо мавқеи амалӣ ва ҳуқуқии инсонро дар ҷомеа, балки моҳияти тарзи демократии ҳаётро, ки бо имконияти иҷтимоӣ гузошта шудааст, таъмин менамояд.

**Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4 Академияи ВКД ҶумҳурииТоҷикистон, корманди фахрии Прокуратураи ҶумҳурииТоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1, полковники милитсия
E-mail: izatullomuhammadiev@gmail.com

**Муҳаммадӣ Гулрӯ Изатулло**
Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, судяи ноҳияи Б. Ғафуров
E-mail: muhammadievagulruh@gmail.co

## ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ОИЛА ВА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила дар сатҳи қонунгузории миллӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ амалӣ карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” мафҳуми зӯроварӣ дар оиларо чун кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти

* *Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.*

ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ дошта муайян намудааст[1]. Ин кирдор дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» тасдиқ карда шудааст, ки таъмини иҷрои он яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат ва мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони масъул мебошад.

Иҷрокунандаи ин чорабиниҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корҳои дохилӣ, маориф, шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, фарҳанг, кор бо занон ва оила, ҷавонон, телевизиону радио ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 21 декабри соли 2021 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки ”Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад”[2].

Мутаассифона, дар қонунгузории ҷории амалкунанда баъзе номукамалиҳо вуҷуд дорад, ки метавонад баъзе нофаҳмиҳоро дар мавриди татбиқ намудани қонун ба миён орад. Дар қонунгузории амалкунанда доираи муносибатҳои оилавӣ, аъзои оила ва хешовандони наздик ба таври гунонун маънидод шудааст.

Чунончи, дар моддаи 14 Кодекси оила хешовандони наздик падар, модар фарзанд, бобо, бибӣ, набера, бародарону хоҳарон, тағо, ҷиян, амак, хола, бародарзода, хоҳарзода, амма, шахсони аз як зан ширхурда ва ғайра маънидод шудааст[3]. Моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доираи хешовандони наздик - падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва ҳоҳарон, бобо, бибӣ,модаркалон, набера, инчунин ҳамсарро муайян кардааст[4]. Дар моддаи 27 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони алоқаи хешутаборӣ дошта падару модар, зану шавҳар, бародарон, хоҳарон писарон, духтарон, бародарону хоҳарон падару модар, фарзандони зану шавҳар дохил карда шудаанд[5]. Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” зери мафҳуми хешовандони наздик зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, инчунин падару модар, бародар, хоҳар ва фарзандони зан ё шавҳар, амак, тағо, хола, амма, қудо, келин, домод, бародарзода, хоҳарзода, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, ....ки якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд, нишон додааст[6].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2013. № 3. мод. 197.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12. с.2021, шаҳри Душанбе // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/27417 (санаи мурожиат: 03.04.2023).

[3] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри с. 1998, № 683 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, № 3, мод. 201; с. 2010, № 7, мод. 546; с. 2011, № 3, мод. 177; № 12, мод. 855; с. 2013, № 3, мод. 195; с. 2015, № 11, мод. 960. с. 2016, № 3, мод.143; № 11, мод. 881; с. 2017, № 1-2, мод.18.

[4] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 12, мод. 815, мод. 816 (ҚҶТ аз 2.01.2019 с., № 1556).

[5] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 07 августи соли 2020, № 1714 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2020, № 7-9, мод. 620.

Мафҳумҳои “оила”, “узви оила” ва “муносибатҳои оилавӣ” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯровари дар оила” фаровон истифода шаванд ҳам, вале доираи хешовандони наздик, ки нисбати онҳо ин қонун амал мекунад маънидод карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мебуд, ки дар ин қонун доираи муносибатҳои оилавӣ, аъзои оила ва хешовандони наздик мушаххас муайян карда шавад.

Масъалаи ташвишоваре, ки айни замон дар ҷомеа ҷой дорад зиёдшавии ҳолатҳои зӯроварии иқтисодӣ дар оила мебошад, ки аз вайроншавии оилаҳои ҷавон сарчашма мегирад. Ин намуди зуроварӣ дар оила маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, аз ҷониби падару модарон аз ҷиҳати моддӣ таъмин накардани фарзандон ва аз ҷониби фарзандон таъмин накардони волидони пиронсол зоҳир мегардад.

Яке аз ҷиноятҳои паҳнгаштаи зуроварии иқтисодӣ дар оила саркашӣ аз пардохти алимент буда (м. 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) сол аз сол афзуда истодааст. Чунончи, соли 2020 барои саркашӣ намудан аз пардохти алимент 250 парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) оғоз карда шудааст. Соли 2021 бошад ба 24 адад зиёд гашта, 274 адад чунин парвандаҳо оғоз гардиданд[1].

Сабаби асосии зиёдшавии ин намуд парвандаҳо афзудани миқдори бекоршавии ақди никоҳ ва оилаҳои нопурра ва баланд гардидани савияи ҳуқуқии занҳо ва огоҳ гардидани онҳо аз масъулият ва уҳдадориҳои волидайн мебошад.

Дар ҳаёт баҳсҳои зиёд дар атрофи маскун кардани занҳо бо кӯдаконашон ба манзили истиқоматии ҳамсарон ё собиқ ҳамсарон ба миён омада, мӯҳлатҳои тӯлонӣ ҳали худро наёфта, боиси вайрон шудани ҳуқуқҳои молу мулки ва манзилии онҳо мегардад. Ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ вобаста ба маскун намудан дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” амалҳои иҷро гузаронида мешаванд, вале бо вуҷуди он қисме аз санадҳои судӣ беиҷро монда, даъвогарон сари вақт ба манзил маскун карда намешаванд[2].

Дар ҳолати тариқи маҷбурӣ (бо роҳи шикастан ё вайрон кардани дари манзили истиқоматӣ) таъмин намудани ин қабил ҳуҷҷати иҷро, боиси пайдо гардидани баҳсҳои дигар, ба мисоли вайрон гардидани ҳуқуқҳои молу мулкии ҷавобгарон ва соҳибмулкон мегардад.

Аз тарафи дигар, маскун намудани даъвогарон дар манзилҳои истиқоматӣ, ки аллакай байни тарафҳо (миёни зану шавҳар) хусумат ва бадбинӣ ҷой доранд, сабаби ба вуқуъ омадани мунокишаҳои оилавӣ ва сар задани ҷиноятҳо мегардад.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] институти “аҳдномаи никоҳ” пешбинӣ карда шудааст, ки ин як роҳи пойдории мустаҳками оила ва ақди никоҳи басташуда мебошад, вале мутаасифона чунин тарзи бастани никоҳ хеле кам истифода карда мешавад.

Ба фикри мо яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот маҳз бастани “аҳдномаи никоҳ” мебошад, то ки мутобиқи он шавҳар вазифадор карда шавад, ки дар сурати қатъ гардидани никоҳ, ҳамсарашро бо манзили истиқоматӣ таъмин кунад, бинобар он зарурати ба таври ҳатмӣ баста шудани “аҳдномаи никоҳ” ва ворид намудани тағйирот ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998) ба миён омадааст.

Сабаби дигари пош хурдани оилаҳо ва зӯроварии иқтисодӣ дар оила – ин паст будани вазъи моддии оила мебошад. Бисёр занҳо дар деҳот ва ҳатто шаҳрҳо хонашин

---

[1] Исполнительная служба при Правительстве Республики Таджикистан: Барно Саидвализода // Спутник Таджикистана. 06.02.21 г. // [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: Sputniknews.ru

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” аз 8 июни с. 2022, № 1873 // Садои мардум. № 65-66, 67 аз 2 июни с. 2022.

[3] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри с. 1998, № 683 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 1998. № 22. Мод. 303.

буда, дар ғанӣ гардонидани буҷети оила саҳм надоранд. Аз ин рӯ, бояд ба касбомӯзии занҳо ва бо кору таҳсил фаро гирифтани онҳо, бо харҷи кам гузаронидани ҷашну маросимҳо ва таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] эътибори зарурӣ дода шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар ва суханронӣ ба муносибати Рӯзи Модар зикр намуданд, ки яке аз сабабҳои пош хӯрдани оилаҳо дар он аст, ки бисёре аз падару модарон фарзандро бе муоинаи тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд[2].

Солҳои охир ҳодисаҳои бо касалиҳои зухравӣ ва Вируси Норасоии Масунияти Одам (СПИД) сироят кардани ҳамсар аз ҷониби ҳамсар, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист кам нестанд. Шахси мубталои ин бошад, дидаю дониста, шахси дигарро таҳти хавфи сироят мегузорад ё бо ин вирус сироят мекунад. Айни замон 80%-и гирифторони ВНМО-ро ҷавононе ташкил медиханд, ки синну соли онхо аз 20 то 39 - сола аст[3].

Барои дидаю дониста сироят кардан бо ВНМО аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ соли 2019 – 39 парванда ҷиноятӣ нисбати 32 нафар бо м. 125 КҶ ҶТ оғоз ва тафтиш карда шудааст[4]. Объекти ин ҷиноят саломатии инсон буда, яке аз ҷиноятҳои хавфнок аст, зеро табобати ин беморӣ то ҳол ёфт нашудааст.

Мутаассифона, шахси сироятёфта бемории худро пинхон намуда, аъзои дигари оилаи худро ба ин беморй гирифтор намуда, хуқуқ ба саломатии ӯро поймол мекунад ва бо ин ҳаракатҳои худ ба шахси сироятёфта ҳам, зарари рӯхй ва хам зарари ҷисмонй расонида, ҳатто сабаби аз ҳаёт маҳрум шудани ӯ гашта метавонад.

Ин гуна ҷиноятҳо бинобар дар дараҷаи нокифоя қарор доштани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ дарк накардани арзишҳои оиладорӣ содир мешаванд.

Сабаби мурочиат накардани занон нисбати шахсони онхоро бо ин вирус сирояткарда, пеш аз ҳама, ҷой доштани қолабхои кӯҳнашуда, мушкилоти иктисодй дар оила, паст будани маърифати хуқуқии занон ва афсурдагии рӯхй мебошад, ки махсусан дар натичаи сироятёбӣ бо бемории мазкур зуҳур меёбад.

Мутаассифона, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо касалии зӯҳравӣ ва Вируси Норасоии Масунияти Одам (СПИД) сироят кардани ҳамсар аз ҷониби шавҳар, чун ҳолати зуроварии шаҳвонӣ муайян накардааст. Аз ин лиҳоз, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба банди 5 моддаи 1 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” зарур буда, ҳолатҳои дар доираи оила сироят намудан бо ВНМО ё касалии зухравӣ бояд ба зуроварии шаҳвонӣ дар оила мансуб дониста шавад.

Бахри таҳкими заминаҳои оилаҳои солим, таъмини пойдории оилаҳо, пешгирии бекоршавии акди никоҳ иҷрои ҳатмии талаботи қонунгузории оила оид ба муоинаи

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 июни с. 2007, № 272 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2007. № 6. Мод. 428.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 январи с. 2015 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 03.04.2023).

[3] Ғафорова Ш.А. Сироят кардан ба бемории вируси норасоии масунияти одам, ҳамчун шакли зуҳури зӯроварӣ дар оила / Ш.А. Ғафорова // Юридические науки. - 2021. - №1/6 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: cyderleninka.ru (санаи муроҷиат: 01.04.2023).

[4] Права человека в отношении людей, живущих с ВИЧ в Таджикистане / Article by Larisa Alexandrova, September 30, 2021 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: Sputniknews.ru.

тиббии издивоҷкунандагон, пеш аз бастани ақди никоҳ, ки дар моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст зарур аст, зеро ки ҳадафи он пеш аз ҳама, пешгирии панҳншавии бемориҳои сироятӣ ва таваллуди фарзандони солим мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқу омӯзиш нишон дод, ки яке аз омилҳои ба содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар оила мусоидаткунанда паст будани фарҳанги оиладорӣ, нокифоя будани тарбияи ҳуқуқӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ, дар сатҳи зарурӣ дарк накардани арзишҳои оиладорӣ ва аз ҷониби субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ сари вақт гузаронида нашудани чорабиниҳои профилактикӣ мебошад.

Бартараф намудани камбудиҳои зикргардида ва баъзе номукаммалиҳои қонунгузории амалкунанда ба беҳтар шудани вазъият ва пешгирии ҷиноятҳои марбути зӯроварӣ дар оила ва ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат хоҳад кард. Тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, ки дар боло баён карда шуданд, ниёз ба таҳқиқ ва таваҷҷӯҳи кормандони илмию амалӣ дошта, ба масъалаҳои ҳимояи оила, пешгирӣ намудани бекоршавии ақди никоҳ ва зӯроварӣ дар оила равона гардидаанд.

**Раҳимзода Маҳмад Забир**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон

## ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

Ба даст овардани соҳҳибистиқлолӣ, ки дар натиҷаи гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар бавуҷуд омад боиси пайдоши низоми ҳуқуқии мустақили Тоҷикистон гардид. Дар баробари қариб 200 давлати узви Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳар кадоми онҳо дорои низоми ҳуқуқии худ мебошанд, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд. Вай ифодакунандаи меъёри таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳои хоси халқи мо буда, ҳамчун низоми ҳуқуқии мустақили ба шакл ва мазмуну моҳият аз дигар низомҳои ҳуқуқии миллӣ фарқ намуда, ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои таърихӣ ва маънавияти миллати мо, инчунин шароити бавуҷудоӣ, таърихи ташаккулёбӣ ва барқароршавии давлат ва ҳуқуқӣ мо асос меёбад.

Низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз қисмҳои таркибии доимо инкишофёбандаи ҷамъият буда, ҳамчун ҳуқуқи мустақил дар ҳудуди давлати мо амал менамояд. Дараҷаи инкишофи он аз ҳолат ва рушди низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва вазъи сиёсӣ вобаста буда, ба воситаи шуурнокии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии аҳолӣ зоҳир мегардад. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо низоми аз ҷиҳати моҳият ва мазмун нави ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, аз як тараф баъзе меъёрҳои ҳуқуқии дар замони Шӯравӣ қабулкардашуда дар сурати ба Конститутсия мутобиқат намудан бо такмили минбаъда нигоҳ дошта шуда[1], аз тарафи дигар қисми зиёди онҳо аз нав қабул карда шуданд.

Арзиши низоми ҳуқуқӣ ҳамагуна давлат, аз он ҷумла Тоҷикистон ҳамчун махзани марказонидашудаи зуҳуроти (падидаи) ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки вай барои таҳлили комплексии соҳаи ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа имконияти иловагӣ медиҳад[2].

[1] Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. - 1991. - № 24.
[2] Карбонье Ж. Юридическая социология. – М.: Прогресс, 1986. - С.177.

Бояд қайд намоем, ки ташаккулёбии низоми ҳуқуқии кишвари мо пеш аз ҳама ба ташаккулёбии давлат ва халқи тоҷик алоқамандии бевосита дорад. Зеро, бе дар алоқамандӣ таҳлил намудани давлат ва ҳуқуқи як мамлакат дар бораи низоми ҳуқуқи он ибрози ақида кардан душвор аст. Оид ба марҳилаҳои ташаккулёбии давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар байни муҳаққиқони ватанӣ фикру ақидаи ягона мавҷуд намебошад. Ба ақидаи А.Ғ. Холиқов бо дарназардошти низоми ҳуқуқӣ ва ё тамаддуни ҳуқуқӣ марҳилаҳои ташаккулёбии онро ба панҷ давра ҷудо намудан мумкин аст:

1. Давраи амали тамаддуни ҳуқуқии зардуштӣ ва одатӣ;
2. Давлат ва ҳуқуқи тоҷик дар аҳди амали ҳуқуқи исломӣ;
3. Амали ҳуқуқӣ имперӣ дар сарзамини тоҷикон;
4. Амали ҳуқуқи Шӯравӣ дар Тоҷикистон;
5. Низоми ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол[1].

Э.Б. Буризода рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро вобаста ба равиши тамаддун ба марҳилаҳои зерин ҷудо менамояд:

1) Пайдоиши давлатдорӣ ва хуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ (ҳазорсолаҳои 5-3 пеш аз милод).

2) Давлат ва ҳуқуқи давраи ориёӣ зардуштии тоҷикон (ҳазорсолаи 3 пеш аз милодӣ то ибтидои асри VIII).

3) Давлат ва ҳуқуқи давраи исломии тоҷикон (асри VIII то солҳои 1886 / ибтидои асри XX).

4) Таърихи давлатдории имперӣ ва ҳуқуқи омехта (солҳои 1868-1917 /1920-1929).

5) Давлатдорӣ ва ҳуқуқӣ Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон 1917\1920-1929-1991).

6) Давлатдории миллӣ ва ҳуқуқӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол (аз 1991 то имрӯз)[2].

Чи тавре, ки аз гузориши овардашуда маълум мешавад, ташаккулёбии давлат ва ҳуқуқ дар ҳудудӣ таърихӣ ва ҳозираи тоҷикон таърихи дурудароз дорад. Ба мо маълум аст, ки дар давраи то исломӣ халқҳои минтақаи мо меъёрҳои китоби муққаддасӣ зардушти “Авесто”-ро ба роҳбари мегирифтанд. Аз ин ҷо зери таъсири қонунҳои шоҳ Хаммурапӣ, Ахменидҳо ва ғояҳои сиёсӣ ҳуқуқии Платон, Аристотел, меъёрҳои ҳуқуқии полисҳои эллинистикӣ (полисҳои-давлатҳо), Юнонию Бохтарӣ ва шоҳони Парфия, давлатҳои Кушон қарор доштанд. Аз лаҳзаи ғасби арабҳо (асри VIII) дар ҳудуди Осиёи Марказӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ на танҳо дар асоси одатҳои ҳуқуқии маҳалӣ, балки бо тадриҷ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба танзим даровардa мешуданд. Ба ҳайси сарчашмаҳо ҳуқуқи мусулмонӣ-Қуръон, сунна (ҳадис), иҷмо ва қиёс баромад менамуданд.

Бояд қайд кард, ки он чи ки то ба барпошавии аввалин давлати тоҷикон – Давлати Сомониён дахл дорад, ба то барқароршавии давлатдорӣ ва ҳуқуқи тоҷикон дар асри IX ва асри X тааллуқ дорад[3]. Ба ақидаи мо дар он давра танҳо дар бораи ташаккулёбии онҳо сухан рондан мумкин аст, на дар бораи созмони давлат ва низоми ҳуқуқии тоҷикон. То барпошавии Давлати Сомониён меъёрҳои ҳуқуқӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ давлатдории Пешдодиёну Каёниён, Ҳахоманишинҳо, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳудуде, ки халқи тоҷик зиндагӣ

---

[1] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқӣ Тоҷикистон. Қисми 1: китоби дарсӣ / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе, 2002. – С. 9.

[2] Буризода Э. Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - С.17.

[3] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе, 2020.-С. 372-382; Зоиров Д.М. Таджики: От государства Саманидов до суверенной государственности. (Историко-правовой анализ). – СПб., 2014. - С.74-99.

мекарданд ба танзим медаровард. Барои ҳамин ҳам ба ақидаи мо барқароршавии ҳуқуқи тоҷикро аз барқароршавии аввалин давлатдории тоҷикон – Давлати Сомониён оғоз намудан лозим аст. Ҳамзамон, новобаста аз он, ки аввалин давлати тоҷикон ташкил ёфта бошад ҳам, оҳиста-оҳиста ҳуқуқи мусулмонӣ, дар худ меъёрҳои ҳуқуқи одатии тоҷиконро низ фаро гирифта, ҳамчун низоми ҳуқуқии амалкунандаи тоҷикон муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳудудӣ таърихӣ ва имрӯзаи Тоҷикистон ба танзим медаровард. Ҳуқуқи мусуломонӣ (шариат) на танҳо ба сифати низоми динию ҳуқуқӣ, балки ҳамчун маҷмӯи институтҳои дарбаргирандаи ҳаёти иҷтимою маънавӣ ва анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва ҳуқуқӣ ба мафкураи ахлоқии мардуми таҳҷоӣ таъсир расонд. Дар ҳудуди Давлати Сомониён масъалаҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, замин, оилавӣ, меросӣ, ҷиноятӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ, инчунин мурофиаи судӣ аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба танзим дароварда мешуданд. Албатта, бо дарназардошти дар худ ифода намудани бисёр меъёрҳои ҳуқуқҳои муқаррарии (одатҳои ҳуқуқӣ) маҳаллӣ.

Баъди барҳам хурдани Давлати Сомониён низ то давраи муайян дар тамоми сарзамини тоҷикон ҳуқуқи мусулмонӣ ҳукумрон буд. Пас аз ғасби Осиёи Марказӣ аз тарафи Россияи подшоҳӣ аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, дар қаламрави мазкур генерал-губернатории Туркистон таъсис дода шуд. Ҳуқуқи колониалӣ дар кишвари Туркистон аз қонунҳои империяи Россия ва санадҳои ҳуқуқии дорои амали минтақавидошта иборат буд. Ҳамзамон, меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва одатҳои ҳуқуқие, ки ба он тобеъ буданд дар ин ҳудуд амал мекарданд. Шоҳигарии Рус бо тадриҷ меъёрҳои ҳуқуқи маҳаллиро маҳдуд ва умуман дар баъзе ҷойҳо онро аз байн бурд [1]. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистони тоинқилобӣ чи тавре, ки академик Тоҳиров Ф.Т. қайд менамояд таносубан як хел набошад ҳам, се ҳуқуқ амал мекард. Дар Тоҷикистони Шимолӣ (ҳамчун ҷузъӣ ҷудонашавандаи Россияи подшоҳӣ) ҳуқуқи империя (ҳамчун системаи ҳуқуқи хукмрон ва ҳуқуқҳои ба вай тобеи мусулмонӣ ва муқаррарӣ амал мекарданд). Дар Тоҷикистони Ҷанубӣ бошад (ҳамчун ҷузъӣ ҷудонашавандаи аморати Бухоро) ҳуқуқҳои мусулмонӣ (ҳамчун ҳукмрон) ва урфӣ ва ба андозаю миқёсӣ муайян ҳуқуқи империя амал мекарданд[2].

Баъди барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон бо таври сунъӣ иваз намудани низоми ҳуқуқи мусулмонӣ ба Шӯравӣ оғоз гардид. Дар ҳудуди Тоҷикистон қонунгузории ҶШФСР ва минбаъд ҶШС Узбекистон амал менамуданд. Дар баъзе соҳаҳо, бахусус оилавӣ меъёрҳои шариат ва одатӣ дар ин ё он дараҷа то соли 1928 [3] (ғайрирасмӣ бошад ҳатто то соли 1930) нигоҳ дошта шуданд. Дар давраи солҳои то 1928 дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, инчунин фаъолияти судҳои қозигӣ (шариатӣ), ҳуқуқи маданӣ ва функсиҳои қонундонҳои исломӣ, ки ба талаботи ҳокимияти Шӯравӣ мувофиқат мекард, иҷозат дода шуда буд.

Баъди ташкили ҶМШС Тоҷикистон (1926) ва ҶШС Тоҷикистон (1929) 4 маротиба дар Тоҷикистон (солҳои 1929, 1931, 1937 ва 1978) конститутсия қабул карда шуд. То аввали солҳои 60-уми асри XX дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон кодексҳои ҶШС Узбекистон, ки солҳои бистуми асри XX дар асоси қабули кодексҳо ва қонунҳои ҶШСФР анҷом дода шуда буд, қабул ва мавриди амал қарор дода шуда буданд. Ин кодексу қонунҳо то аввалин кодефикатсияи ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистон то солҳои 1960-1970 амал намуданд. Дар рафти аввалин кодефикатсияи соҳаҳои ҳуқуқ дар ҶШС Тоҷикистон, 10 кодекс, аз ҷумла граждани (1963), кодекси оила ва никоҳ (1970), мурофиавӣ гражданӣ (1970), меҳнатӣ (1971),

[1] Усманов О.У. Гражданское право дореволционного Таджикистана. Выпуск 1. Вопросы гражданского права и прцесса. – Душанбе, 1972. - С. 27.
[2] Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1994.- С. 46.
[3] Махмудов М.А. Семейно-правовые средства обеспечения стабильности брака: монография / М.А. Махмудов. – Душанбе, 1990. - С. 17-18.

ҷиноятӣ (1961), мурофиавӣ ҷиноятӣ (1961), ислоҳоти меҳнатӣ (1970), об (1972), маъмурӣ (1985) ва ғ. қабул карда шуданд. Ҳамин тавр, дар давраи хело дурудароз низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии Шӯравӣ, ки асоси онро низоми ҳуқуқии Россия ташкил медод пайваста буд. Аз ин ҷо дар таркиби низоми ҳуқуқи Шӯравӣ, ки ба он ҶШС Тоҷикистон низ дохил мешуд унсурҳои на танҳо оилаи романию олмонӣ, балки унсурҳои ба худ хоси низоми ҳуқуқии Шӯравӣ, ки қисми таркибии оилаи ҳуқуқҳои олмонӣ-румонӣ ба ҳисоб мерафт низ мавҷуд буданд. Гувоҳи он бартари доштани ғояи адолатнокӣ нисбат ба ғояи қонуният дар шуурнокии ҷамъиятии одамон ва талаботи баланд нисбат ба кафолатҳои иҷтимоии меҳнаткашон ва ғ. буд.

Ҳамин тавр, ҳуқуқӣ тоҷикон дар доираи тамаддуни зардуштӣ ташаккул ёфта, дар доираи тамаддуни исломӣ бо барқароршавии Давлати Сомониён ба низоми ҳуқуқии мустақил табдил ёфт. Минбаъд дар тамаддуни русию Шӯравӣ ташаккул ёфта, баъди 9 сентябри соли 1991 соҳибистиқлолиро ба даст овардани Тоҷикистон ва давлати мустақили демакратию ҳуқуқбунёд эълон карда шудани он, ба низоми ҳуқуқи миллии мустақил табдил ёфт.

Бо қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 дурнамои сиёсати ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, минбаъд кодефикатсияи қонунгузории амалкунанда босуръат идома ёфт. Дар натиҷа дар солҳои соҳибистиқлолӣ 19 Кодекс ва зиёда аз 350 қонунҳои нав қабул карда шуд. Санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии қонунгузории он эътироф карда шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мафҳуми низоми ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ баъди солҳои 70-уми асри XX пайдо шуда, нисбат ба он дар байни олимони ҳуқуқшиноси Шӯравӣ андешаи ягона вуҷуд надошт. Бисёриҳо онро ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне дар маънои худи калимаи ҳуқуқ мефаҳмиданд[1]. Баъзеҳо низоми ҳуқуқиро ҳамчун меъёри ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар алоқамандӣ[2], ҳамчун қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он[3] ва ҳамчун тарзи таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ маънедод менамуданд[4].

Дар адабиёти ҳуқуқи муосир қайд карда мешавад, ки зарурият ба фарқ кардани "низоми ҳуқуқӣ" аз "низоми ҳуқуқ" намебошад ва низоми ҳуқуқиро ҳамчун категория нисбатан васеъ нисбат ба низоми ҳуқуқ баррасӣ кардан лозим нест. Чунин фаҳмиши "низоми ҳуқуқӣ" ба ҳайси мафҳуми нави ҳуқуқӣ моҳиятан иваз намудани мафҳуми умумии ҳуқуқро ба як навъ ибораи нисбатан шартии "низоми ҳуқуқӣ" мефаҳмонад[5]. Бар зидди аз ҳам ҷудо намудани намудани "низоми ҳуқуқӣ" аз "низоми ҳуқуқ" олимони дигар ҳам ибрози ақида намудаанд[6]. Вале ба андешаи онҳо "низоми ҳуқуқӣ"-ро дар маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмидан лозим аст. Ба ақидаи С. Г. Дробязко ва В.С. Козлов "низоми ҳуқуқӣ" дар маънои васеъ алоқамандии мунтазами устувори ягонаи шуурнокии ҳуқуқӣ, ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, шакли ифодаёбӣ ва амалишавии онҳо (сарчашмаҳо), инчунин расмиётҳои ҳуқуқэъҷодкунӣ, ҳуқуқмуқарраркунӣ ва ҳуқуқамалинамоӣ мебошад, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятиро бо роҳи инкишофи прогресивии онҳо таъмин менамояд[7].

---

[1] Явич Л.С. Общая теория права. – Л., 1976. – С. 121-125; Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М., 1972. - С. 178.
[2] Назаров Б.Л. Право в системе социальных связей. – М., 1976. - С. 175.
[3] Судебная практика в советской правовой системе. – М.: Юридическая литература, 1975. - С. 175.
[4] Тихомиров Ю.А. Правовая система развитого социалистического общества // Советское государство и право, 1979. - №7. - С. 33.
[5] Нерсесиянц В.С. Общая теория государства и права: учебник для юрид. вузов и факультетов. – М., 2000. - С. 449-450.
[6] Дробязко С.Г., Козлов В.С. Общая теория права: учебное пособие. – Минск, 2005. - С. 247-253.
[7] Дробязко С.Г., Козлов В.С. Асари ишорашуда. – С. 8, 253.

Ба ақидаи М. И. Байтин низоми ҳуқуқӣ маҷмӯи дохилан ташаккулёфта ва баҳамалоқаманд, иҷтимоиян якхела ва мақсадноки дар ниҳояти кор ба вазифаи умумии зуҳуротҳои ҳуқуқии ҷамъияти мазкур равонакардашуда мебошад, ки ҳар яке аз онҳо нақши махсуси таъсиррасонии худро дар танзими ҳуқуқӣ ё берун аз доираи он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ иҷро менамояд[1].

Аксарияти олимон мафҳуми низоми ҳуқуқро ба сохти дохилии ҳуқуқ ё маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла соҳа, зерсоҳа ва институтҳои ҳуқуқӣ иборат медонанд[2]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки низоми ҳуқуқӣ дар маъноӣ маҳдуд, ин низоми ҳуқуқ ва дар маънои васеъ низоми ҳуқуқӣ мебошад.

Дар бораи таркиби низоми ҳуқуқӣ сухан ронда бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба муайян намудани он се нуқтаи назар вуҷуд дорад.

1. Нуқтаи назари маҳдуд. Тибқи он низоми ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқ як чиз буда, яъне аз меъёрҳои ҳуқуқ иборат мебошанд[3].

2. Нуқтаи назари васеъ. Тибқи он ба шумораи унсурҳои низоми ҳуқуқӣ амалан ҳамаи зуҳуротҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла низоми ҳуқуқ, шуурнокии ҳуқуқӣ, фъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ ва ғ. дохил карда мешавад[4].

3. Нуқтаи назари бемаҳдуд. Моҳияташ дар он ифода меёбад, ки ба низоми ҳуқуқӣ на танҳои зуҳуротҳои ҳуқуқӣ, балки хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, миллӣ ва ғ. дохил карда мешавад[5].

Чи тавре ки маълум мешавад, низоми ҳуқуқӣ мафҳуми бисёрҷабҳа ва мазмунан бой мебошад. Вай дар фарқият аз низоми ҳуқуқ (ҳуқуқи объективӣ) аз рӯи ҳаҷм васеъ буда, баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии зуҳуротҳои ҳуқуқии гуногунро дар бар мегирад. Агар чанде, ки “низоми ҳуқуқ”, асоси меъёрии низоми ҳуқуқӣ, яъне меъёрҳои ҳуқуқ, институтҳо, зерсоҳа ва соҳаҳои ҳуқукро ташкил диҳад ҳам, вале маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқ дар ҳаҷми пурра ҳануз бо таври кифоя низоми ҳуқуқиро муаррифӣ карда наметавонад. Низоми ҳуқуқ танҳо сохти дохилии низоми ҳуқуқиро, ки ба ҳайси қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ баромад менамояд ифода менамояд. Ҳамзамон, низоми ҳуқуқии Тоҷикистон на танҳо низоми ҳуқуқ, балки дигар зуҳуротҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳаёти ҳуқуқӣ, идеологияи ҳуқуқӣ, шуурнокии ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ, амалияи ҳуқуқӣ ва тафсири ҳуқуқиро ки ба низоми иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият алоқаманд мебошад дар бар мегирад. Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқӣ дар худ баҳамалоқамандии зуҳурот ва воситаҳои ҳуқуқиро дар намуди ибтидо ва таҷҷасуми онҳоро дар амал ифода менамояд. Вай зуҳуротҳои ҳуқуқӣ ва воқеиятӣ ҳуқуқии мамлакатро ҳамчун қисми таркибии ҳастии ҷамъият ифода менамояд.

Баъзе олимони ҳуқуқшинос ба таркиби низоми ҳуқуқӣ, инчунин муасисаҳои ҳуқуқӣ (судҳо, прократура, адвокатура)-ро дохил менамоянд[6]. Ба ақиди аксарияти олимон ба таркиби низоми ҳуқуқӣ бояд танҳо зуҳуротҳои ҳуқуқӣ дохил карда шаванд. Ба он дохил намудани муассисаҳои ҳуқуқӣ (суд, прократура, адвокатура),

[1] Байтин М.И. Сущность права (современное нормативное правопонимание на грани двух веков). Изд.2-е. – М., 2005. - С. 183.

[2] Сырых В.М. Теория государства и права: учебник для вузов. 3-е изд. – М., 2007. - С.240; Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. - С. 454.

[3] Явич Л.С. Общая теория права. – Л., 1979. - С. 126-130.

[4] Раҳимов М.З. Низомҳои ҳуқуқӣ: тасниф ва баҳамназдикшавии онҳо. / Маводҳои Конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Ҷои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии ҷаҳони муосир». – Душанбе, 27 майи соли 2015. - С. 6-18; Сулейменов М.К. Гражданское право Республики Казахстан: опыт теоретического исследования. Том. 2. Часть вторая. Теоретическая. Раздел 1. Общие проблемы гражданского права. – Алматы, 2016. - С. 128.

[5] Синюков В.Н. Российская правовая система. – Саратов, 1994.-С.164-165.

[6] Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М., 1997-С.159.; Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М., 2001.-С195.

зарурат надорад, зеро он қисми ҳуқуқӣ набуда, ба низоми сиёсии ҷамъият дохил мешавад. Ба низоми ҳуқуқӣ фаъолияти ин муассисаҳо бояд дохил карда шаванд[1] . Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқӣ ин маҷмӯи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ муайяни таърихӣ (низоми ҳуқуқ), механизми таъсиррасонии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ, шуурнокии ҳуқуқӣ, инчунин идеологияи ҳуқуқии ҳукмроне мебошад, ки дар фазои ҳуқуқии давлат ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷо низоми ҳуқуқӣ - зуҳуротҳои ҳуқуқии муайяне мебошад, ки дар доираи фазои ҳуқуқиии ин ё он давлат дар марҳилаи муайяни таърихии инкишофи он ташаккул ва амал менамояд.

Бояд қайд намоем, ки ҳангоми таҳлилӣ низоми ҳуқуқӣ мо дар адабиёти ҳуқуқӣ ба масъалаи "ҳуқуқи миллӣ" ва "низоми ҳуқуқи миллӣ" дучор мешавем. Ҳуқуқи миллӣ баъзе вақт ҳамчун ҳаммаъно бо низоми ҳуқуқи миллӣ фаҳмида шуда[2], дар дигар вақт онҳоро аз ҳамдигар фарқ менамоянд[3]. Ба ақидаи мо аввало, онҳо дар алоқаманди вуҷуд доранд. Сонияи, ҳуқуқи миллӣ бевосита ба як мамлакат тааллуқ дошта, ҳамаи хусусиятҳои маҳз ҳамин давлат, квинтэссенсия ҳамаи меъёрҳо ва қонунҳои дар он амалкунанда, зуҳуротҳои дигари дар боло зикршударо, дар худ ифода менамояд. Солисан, дар олами муосир ба ҳуқуқӣ сифр миллӣ амалан дучор шудан душвор аст. Чунин ҳуқуқ ба истиснои мавридҳои давлат аз аҳолии як миллат иборат будан, танҳо ба як миллат дахл надорад . Аз ин ҷо истифодаи ибораи ҳуқуқи миллӣ хислати нисбӣ дорад[4]. Дар давлатҳое, ки низоми ҳуқуқиашон мураккаб буда, аз якчанд низомҳои ҳуқуқи иборат мебошанд, ба монанди Англия, Канада ва ғ. "ҳуқуқи миллӣ" ва "низоми ҳуқуқи миллӣ" аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Зеро, ҳуқуқи миллии онҳо аз якчанд низомҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Бо дарназардошти гузриши боло ибораи "ҳуқуқи миллӣ" ва "низоми ҳуқуқи миллӣ" дар давлати мо ҳаммаъно мебошанд.

Низоми ҳуқуқи Тоҷикистон баъди барҳам хурдани Давлати Шӯравӣ мустақилияти нисби ба даст оварда, дар қатори низоми хуқуқии дигар давлатҳои пасошӯравӣ арзи ҳасти намуд. Ҳамчун низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистон қатъиян ба дунявиат асос ёфта, аз низоми ҳуқуқии Шӯравӣ манша гирифта, ба анъанаҳои низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон эътирофнамуда такя менамояд. Умуман сарчашмаҳо,таркиб, низом ва техникаи юридикии Тоҷикистон ҳанӯз дар замони Шӯравӣ ба вуҷуд омада ва аз бисёр ҷиҳатҳо хусусиятҳои барои фазои ҳуқуқии Иттиҳодӣ Давлатҳои Мустақил (ИДМ) умумиро нигоҳ медорад. Баҳамназдикшавии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолиро ба даст овардан бо низомҳои ҳуқуқии давлатҳои ИДМ дар асоси ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, инчунин бо роҳи таҳияи санадҳои қонунҳои намунавӣ (моделӣ) амали карда мешавад.

Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дар зери таъсири фарҳанги ҳуқуқӣ, матнҳои ҳуқуқӣ, расмиёт ва конструксияҳои ҳуқуқии дигар низомҳои ҳуқуқи миллӣ қарор дорад. Чунин баҳамтаъсирнамоӣ ба воситаи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, унсурҳои техникаи ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ, ҳуқуқтадбиқнамоӣ, инчунин аз худ кардани принсипҳои ҳуқуқӣ ва идеяҳои ҳуқуқӣ ҳамдигар ба вуқуъ мепайванданд. Ҷараёни баҳамназдикшавии ва баҳамтаъсирасоии низомҳои ҳуқуқӣ характери қонунӣ дошта ба инкишофи талаботи объективии инсоният дар марҳилаи ҳозира асос меёбад. Ба ҷараёни афзояндаи баҳамтаъсиррасонии низомҳои ҳуқуқии алоҳидаи давлатҳои гуногун дар охири асри 20 ва аввали асри 21 инкишофи ҳозираи алоқаҳои байнидавлатӣ то дараҷае таъсир мерасонанд. Заминаи меъёрии ҳуқуқии баҳамназдикшавии меъёрҳои ҳуқуқии низомҳои ҳуқуқӣ гуногунанд. Дар як ҳолат

[1] Байтин М. И. Асари ишорашуда. - С. 185-187.
[2] Раймон Леже Великие правовые системы современности. – М., 2010. - С. 1.
[3] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе, 2013. - С. 554-555.
[4] Раймон Леже. Асари ишоракардашуда. - С. 1.

агар санадҳои қонунгузории намунавӣ (моделӣ) бошад, дар дигар ҳолат якшавии меъёрҳои умумӣ ва дар ҳолати сеюм стандартҳои ҳуқуқӣ, консепсияҳои илмӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Албатта эътибори ҳуқуқии онҳо якхела намебошанд, зеро онҳо метавонанд хислати барномавӣ, тавсиявӣ ва ҳатмӣ дошта бошанд. Дар шароити ҳозира ба-ҳамназдикшавӣ ва баҳамтаъсиррасонии низомҳои ҳуқуқӣ зуҳуроти ҷаҳонӣ буда, барои инкишофи ҳуқуқ дар асри 21 характернок ва хусусияти қонунӣ дорад. Чунин ҳолат дар сатҳи минтақаҳо ҳангоми мутаҳидшавии давлатҳо дар ҷараёнҳои иқтисодӣ, геополитикӣ ва фарҳангӣ чашмрас мебошад. Ҳамзамон, баҳамназдикшавӣ ва баҳамтаъсирасонии низомҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар байни як оилаи низомҳои ҳуқуқӣ, балки дар байни оилаҳои ҳуқуқии гуногун низ ба вуҷуд оянд.

Ҳамзамон, низомҳои ҳуқуқии миллӣ, вобаста ба моҳият ва якхела набудани шакли кодефикатсия, бо хусусияти техникӣ ва сохтори қонунҳо, суръати гуногуни навовариашон дар қонунгузорӣ, инчунин хусусиятҳои миллӣ ва сатҳи инкишофашон, ва дигар хусусиятҳояшон аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Масалан, вобаста ба кодификатсиякунонӣ дар Украина кодекси маданӣ ва хоҷагӣ ё дар Қазоқистон кодекси маданӣ ва соҳибкорӣ, дар дар Эрон кодекси маданӣ ва тиҷоратӣ, дар Франсия бошад кодексҳо меъёрҳои ғайриқонунгузориро низ дарбар мегиранд.

Ҳамзамон, дар давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла ИДМ ҳатто таркиби як кодекс, масалан маданӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Агар Кодексҳои мадании Федератсияи Россия, Белорусия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба ҳамдигар монанд бошанд ва асоси онҳоро меъёрҳои Кодексҳои моделӣ ташкил диҳанд, он гоҳ Кодексҳои мадании Арманистон, Грузия, Туркманистон, Молдавия ва Украина аз онҳо фарқ менамоянд. Вобаста ба суръати навовариашон дар Тоҷикистон ва Қазоқистон кодекси расмиёти маъмурӣ, дар Украина кодекси мурофиавии суди маъмурӣ амал менамоянд. Ҳамзамон, қисми зиёди фикронии олимони ҳуқуқшиносӣ тоҷик ва олимони кишварҳои зикршуда нисбат ба ин ё он проблемаҳои ҳуқуқӣ на танҳо нигоҳ дошта мешавад, балки аз онҳо манша (асос) мегирад.

Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ақидаи аксарияти олимони ватанӣ ба низоми оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ (ҳуқуқи континенталӣ) дохил мешавад[1]. Низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ таърихи дуру дароз дошта, дар натиҷаи ворисии ҳуқуқӣ Рим ба вуҷуд омадааст. Онро баъзе вақт низоми қонунгузорӣ низ меноманд. Барои он қонунгузорӣ номгузорӣ меноманд, ки маҳз қонун сарчашмаи асосии ҳуқуқ буда ва дар он принсипҳои асосии ҳуқуқ, ки амалинамоии ин низомҳои ҳуқуқиро муайян менамояд, ифода ёфтааст[2]. Низомҳои ҳуқуқии мазкур дорои дараҷаи баланди маданияти ҳуқуқӣ буда, ва дар асоси консепсияи давлати ҳуқуқӣ инкишоф меёбад. Сарчашмаи асосии ҳуқуқи романию олмониро қонун ташкил дода, дар байни онҳо кодекс мавқеӣ махсусро ишғол менамояд. Ҳамаи низоми қонунгузориро конститутсия сарпарастӣ менамояд. Амалияи судӣ агар сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда шавад ҳам, танҳо дар доираи маҳдуд ва нисбат ба ҳамон муносибатҳое ҷамъиятие, ки танзим нашудаанд ё ин ки пурра танзим наёфтаанд, татбиқ мегардад.

---

[1] Бободжонов И.Ҳ., Исрофил А. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости / Правовая жизнь. – Душанбе, 2019, №3 (27). - С. 21-39.

[2] Явич Л.С. Общая теория права: учебник / Л.С. Явич. – Л., 1976; Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М., 1972. - С. 10-18.

* *Статья подготовлена в рамках выполнения научно-исследовательской темы «Теоретические и практические проблемы модернизации правозащитной и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан» (2021-2025 гг.)», финансируемой из государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1292.*

**Рахмаджонзода Рифат Рахмаджон**
Доктор юридических наук, доцент, заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, подполковник милиции
E-mail: reefat@yandex.ru

# ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ЮРИДИЧЕСКАЯ НАУКА В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ НАУЧНЫХ ШКОЛ*

Анализируя современное состояние и перспективы развития юридической науки Республики Таджикистан, автору пришла мысль поделиться своим видением относительно некоторых аспектов формирования и развития научных школ.

Актуальным и главным составляющим в данном исследовании являются изучение вопросов преемственности научных школ и направлений в нашей республике. Современный период развития юридической науки также свидетельствует о существовании определенных искусственно-созданных барьеров в контексте формирования, признания, развития и совершенствования научных школ, которые нуждаются в комплексном разрешении.

Начнем с того, что в послевоенные годы в ряды недавно образованного Юридического факультета Таджикского Государственного университета имени В. И. Ленина[1] (в настоящее время – Таджикский национальный университет) направлялись молодые и очень опытные ученые и практики. Следует отметить, что исходя, из биографических данных за плечами многих из них были руководящий опыт в различных государственных и партийных органах. Одним словом, всегда направлялись высококвалифицированные кадры, знатоки своего дела, которые по результатам своей плодотворной деятельности оправдывали надежды, возлагающие на них советским государством.

Активная научная и учебно-педагогическая деятельность, а также их результаты, опубликованные в качестве учебных и иных научных трудов до настоящего времени, должны признаваться богатым наследием, так как именно с их помощью воспитывалась целая плеяда выдающихся юристов Таджикистана. Для современного поколения Таджикистана использование этих трудов является уважением, продолжением деятельности учителей. В таком контексте сформировывались отдельные научные школы, коллективы единомышленников и их последователей. Дальнейшее становление и развитие научных школ и их соответствующих направлений проходило под непосредственным влиянием и сравнением с достижениями других советских научных школ. В анализируемых направлениях преемственность научных традиций сыграла свою ключевую роль в становлении и развитии отечественной юридической науки. Свою лепту в этом нелегком труде также внесли опытные руководители Юридического факультета и Таджикского национального университета. Об истории и деятельности многих ученых-специалистов издано немалое количество трудов[2], свидетельствующие о личном или коллективном вкладе в процветании республики[1].

---

[1] Несколько раз ВУЗ переименовывался. С момента образования 21 марта 1947 года по 18 июня 1992 года - Таджикский Государственный университет имени В. И. Ленина, с 19 июня 1992 года по 15 февраля 1997 года - Таджикский Государственный университет, с 16 февраля 1997 года по 28 октября 2008 года - Таджикский Государственный национальный университет, а с 29 октября 2008 года по настоящее время - Таджикский национальный университет.

[2] 50-лет юридическому факультету ТГНУ : от истоков к совершенству. – Душанбе : Диловар-ДДМТ, 1999. – 216 с.; Юридическая наука за годы независимости Республики Таджикистан (итоги научной деятельности коллектива юридического факультета за 1991-2001 гг.). – Душанбе : Матбуот, 2002. – 104 с.; Юридический факультет ТНУ : 60 лет становления истока юридической науки и практики. – Душанбе : «ЭР-граф», 2009. – 208 с.; Тахиров Ф. Т. Краткий очерк истории развития юридического образования и юридической науки в

Проанализировав кратко историю, считаем целесообразным поделиться своими взглядами, позициями, которые также могут быть крайне спорными, а где-то и неактуальными, но об этом судить только читателю, за что заранее выражаем искреннюю признательность, если будет обратная связь в этом направлении.

Начнём с того, что в нашей юридической науке, как нам кажется, не уделяется должного внимания исследованию самого феномена «научной школы». До настоящего времени мы не встречали даже научную статью, посвященную рассмотрению этого словосочетания, не говоря уже о крупных исследованиях. Хотя это словосочетание активно используется в выступлениях выдающихся ученых-юристов. Но, увы, детального анализа мы не нашли.

В российской правовой науке, научная школа является актуальной проблематикой, вокруг которой до сих не пор не заканчиваются научные дискуссии[2]. Объем публикаций свидетельствует о стремлении ученых постичь те самые направления совершенствования института научной школы.

В настоящее время, учеными Таджикистана тематика образования, науки и подготовки кадров подвергаются пристальному изучению и обобщению, по результатам которых издаются соответствующие труды[3]. Изданные труды в большинстве своем носят социальный анализ состояния науки и образования в Таджикистане.

Отдельные проблемы современной науки в Таджикистане были обсуждены Основателем мира и Национального единства, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном на встрече с учеными страны 18 марта 2020 года, по результатам которой были внесены соответствующие коррективы в научно-исследовательскую деятельность образовательных и научных учреждений. Также были даны соответствующие поручения руководителям и ответственным лицам[4].

Предпринимаемые меры со стороны руководства государства свидетельствуют о внимательном и строгом отношении к проблеме подготовки кадров, в том числе и подго-

---

Таджикистане // Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе : Дониш, 2009. – С. 132-138; Библиография (1991-2016) (на тадж. яз.). – Душанбе : КВД КТН «ЭР-граф», 2016. – 264 с.; Книги Республики Таджикистан. Библиографический указатель (1991-2016 гг.) (на тадж. яз.). – Душанбе : Дом книги, 2011. – 680 с.; Исток развития юридических наук (на тадж. яз.). – Душанбе : ЭР-граф, 2019. – 332 с.; Рахмаджонзода Р. Р. (Юлдошев Р. Р.). Библиография по уголовно-правовому профилю подготовки кадров : научное издание. – Душанбе : «ЭР-граф», 2019. – 304 с.; Библиография Академии МВД Республики Таджикистан (1991-2021). Изд. 2-е с испр. и доп. (на тадж. яз.). – Душанбе : «ЭР-граф», 2021. – 492 с.

[1] Рахмаджонзода Р. Р. (Юлдошев Р. Р.). Библиография по уголовно-правовому профилю подготовки кадров : научное издание. – Душанбе : «ЭР-граф», 2019. – С. 6-9.

[2] Баранов В. М., Иудин А. А., Шпилев Д. А. Феномен «научная школа» в представлении профессорского корпуса России (опыт социологического анализа) // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 3 (43). – С. 10-27; Субанова Н. В., Жубрин Р. В. Научные школы Университета прокуратуры Российской Федерации. – 2018. – № 2 (64). – С. 114-120; Наумов А. В., Цепелев К. В. Истоки уголовно-правовых научных школ Научно-исследовательского института Университета прокуратуры Российской Федерации. – 2023. – № 1 (93). – С. 105-115 и др.

[3] Курбанов А. Ш. Образование в условиях трансформации таджикского общества. – Душанбе : «Дониш», 2009. – 336 с.; Мирбобоев Р., Зиёев Х., Косими С., Бадалов Б. Развитие образования и науки в период Государственной независимости (на тадж. яз.). – Душанбе : Маориф, 2016. – 192 с.; Курбанов А. Ш. Интеллектуальная безопасность и государственная независимость (социально-политический анализ) (на тадж. яз.). – Душанбе : «Ирфон», 2016. – 108 с.; Курбанов А. Ш. Эволюция системы образования в Таджикистане (социально-философский анализ) (на тадж. яз.). – Душанбе : «Ирфон», 2019. – 220 с.; Курбанов А. Ш. Наука и образование : обусловленность, трудности, перспективы (на тадж. яз.). – Душанбе : «Ирфон», 2019. – 220 с.; Ятимов С. С. Наука и безопасность (на тадж. яз.). – Душанбе : Издательство Гандж, 2019. – 192 с.

[4] Речь Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на встрече с учёными страны (18.03.2020 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа : http://www.president.tj/ru/node/23556 (дата обращения: 28.08.2018 г.).

товки кадров высшей квалификации. Последние принятые Постановления Правительства Республики Таджикистан[1] подтверждают наши мысли.

Следовательно, как и принято, считаем наиболее верным актуализировать основные направления для дальнейших исследований, которые раскроют феномен «научная школа» в полном ее объеме применительно к реалиям отечественной юридической науки.

К таким направлениям, относятся:

– - необходимо разработать комплексное определение «научная школа» и согласовать со всеми заинтересованными субъектами;

– - необходимо разработанное определение «научное школы» закрепить в нормативном правовом акте различного по уровню юридической силы;

– необходимо в контексте формирования, признания, развития и совершенствования деятельности отечественных «научных школ» разработать их соответствующие критерии;

– в учебных или научных учреждениях каждая «научная школа» должна именоваться, т.е. иметь свое конкретное наименование в соответствие со своими научными направлениями и достижениями;

– в каждой «научной школе» вопросы преемственности и продолжения научных традиций должны играть основную роль при проведении научно-исследовательских работ;

– в контексте формирования, становления и дальнейшего развития «научных школ» со стороны ответственных лиц и учреждений должны быть подытожены количество ученых-юристов и их направления;

– при подведении рейтингов со стороны ответственных лиц и учреждений отечественных вузов основным показателем должно быть функционирование «научной школы» и ее достижения;

– необходимо организовать и проведение фундаментальных научных исследований по различным научным направлениям, которые сближают научные коллективы вузов и научных учреждений;

– осуществление ежегодного мониторинга изданной учебной и научной литературы со стороны научных коллективов по различным научным направлениям юридической науки и практики;

– необходимо разработать и издать комплексный библиографический справочник по различным научным специальностям юридических наук образца «советских уникальных трудов».

В указанных направлениях ощущается недоработанность и слабая проработка многих ключевых позиций, требующих комплексного реагирования и консолидации усилий. В теоретико-правовом контексте выявленные и предлагаемые нами направления смогут внести свою лепту при разрешении ряда ключевых проблем в подготовке научных кадров, при проведении фундаментальных научных исследований и в последующем сближении,

---

[1] Приоритетные направления научных и научно-технических исследований в Республике Таджикистан на 2021-2025 гг. от 26 сентября 2020 г. № 503; Стратегия изучения и развития математических, точных и естественных дисциплин в сфере образования и науки на период до 2030 г. от 30 апреля 2021 г. № 165; Национальная стратегия развития интеллектуальной собственности Республики Таджикистан на период до 2030 г. от 10 июня 2021 г. № 210; Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 г. от 30 июня 2021 г. № 263; Государственная программа подготовки научных кадров высшей квалификации на 2021-2030 гг. от 30 июня 2021 г. № 264; Государственная программа противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 гг. от 30 июня 2021 г. № 265; Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 г. от 30 сентября 2022 г. № 483; Государственный стандарт высшего профессионального образования в Республике Таджикистан от 29 ноября 2022 г. № 562 // Доступ из ЦБПИ Республики Таджикистан «Адлия. Версия 7.0».

формировании и сплочении научных коллективов с различных вузов и научных учреждений республики, которые смогут комплексно решать поставленные перед ними задачи. Другие сопутствующие вопросы организационного характера также должны быть решены в соответствующем порядке.

Мы убеждены, что рано или поздно, мы должны вернутся к решению этих и других отраслевых вопросов, которые требуют системного подхода. Мы в свою очередь готовы для всестороннего обсуждения с коллегами предлагаемых нами направлений.

Надеемся, что ежегодная международная конференция «Юридическая наука и практика», посвященная Дню таджикской науки, проводимая Академией МВД Республики Таджикистан станет той самой платформой для обсуждения и решения глобальных вопросов юридической науки нашей республики.

**Шарофзода Рустам Шароф**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: www-rustam-tj@mail.ru

## ҚОНУНИЯТҲО ВА САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ МАФҲУМИ «ҲУҚУҚ»: ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ ВА МИЛЛӢ*

Ҳуқуқ падидаи мураккаби ҳаёти ҳуқуқӣ, ҷузъи ҳаёти одамон ва ҷомеа, воситаи муҳимми танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, демографӣ ва дигар), шакли ифодаи расмии муқаррароти меъёрӣ, воситаи самараноки таъсиррасонии меъёрӣ, арзишӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва равонӣ ба шууру рафтори одамон буда, дар тӯли садсолаҳо ҳамчун объекти омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ дар маркази таваҷҷуҳи якчанд насли мутафаккирон, файласуфон, олимон, муҳаққиқон қарор дошт. Таҳқиқоти илмии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ айни ҳол бо истифодаи усулҳои гуногуни дарки илмӣ ва дар доираи назарияҳои мухталиф идома дорад.

Таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, дар фарҳанг ва тамаддунҳои мухталиф сурат гирифтааст. Дар натиҷа оид ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ назарияҳои гуногун (фитрӣ-ҳуқуқӣ, позитивӣ, материалистӣ, идеалистӣ, антропологӣ, равонӣ, сотсиологӣ, либералӣ, либертарӣ, интегративӣ, фалсафӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ ва дигар) дар давраҳои гуногун пешниҳод мешаванд.

Мутафаккирону олимон кӯшиш намуданд, ки мафҳуми ягона ва умумии ҳуқуқро пешниҳод намоянд. Аммо кӯшишҳои зиёд натиҷа надоданд, чунки дар ҳолати гуногунии назарияҳо, нуқтаҳои назар, ақидаҳо, усулҳои дарки илмӣ пешниҳод намудани мафҳуми ягона ва умумии ҳуқуқ имконнопазир аст.

Афори ҳуқуқии башарият таърихи тӯлони дошта, дар муддати ҳазорҳо сол инкишоф ёфтааст. Кӯшиши пешниҳоди мафҳуми умумӣ ё ҳамагонии (универсалии) ҳуқуқ, ки аз тарафи ҳама пазируфта мешавад ё барои ҳамаи марҳилаҳои инкишофи

** Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаггузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292.*

таърихӣ, минтақаҳо, тамаддунҳои гуногун мутобиқ аст, дар таърих борҳо ба харҷ дода мешавад. Аммо ин кӯшишҳо ягон натиҷа намедиҳанд.

Мутафаккирону муҳаққиқон дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ борҳо таъкид намуда буданд, ки пешниҳоди мафҳуми умумии ҳуқуқ имконнопазир аст. Ин хулосаи илмӣ, ки борҳо дар таърих исбот шудааст, дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ (М.Н. Марченко, В.С. Нерсесянс ва дигарон) якдилона пазируфта мешавад[1]. Тавре Е.А. Лукашева қайд мекунад: «Ҳуқуқ падидаи мураккаб ва серпаҳлу буда, посухи ягонаи барҳақ ба саволи «ҳуқуқ чист?» ҷой надорад ва ҷой дошта наметавонад. Кушишҳои зиёд барои муайян намудани мафҳуми ҳуқуқ ба харҷ дода шуда, ҳар яке аз онҳо хусусият ва аломатҳои аз нуқтаи назари ҷонибдоронаш муҳимми ҳуқуқро аниқ мекунад, вале мафҳуми ягона вуҷуд надорад ва набояд вуҷуд дошта бошад»[2].

Роҷеъ ба ҳуқуқ нуқтаҳои назари мухталиф пешкашу истифода мешаванд, ки боиси гуногунии мафҳуми ҳуқуқ мешавад. Ҳанӯз ҳуқуқшиносони римӣ эҳсос намуда буданд, ки пешкаши мафҳуми умумии ҳуқуқ кори басо душвор аст. Онҳо имкони инкори як таърифи ҳукукро дар заминаи таърифи дигар пешбинӣ намуда буданд. Чунончи, Яволен навишта буд: «Дар ҳуқуқи сивилӣ ҳар гуна таъриф хатар дорад, зеро имкони рад гаштанаш аз эҳтимол дур нест»[3].·

Тавре И. Кант таъкид намуда буд, «саволи «Ҳуқуқ чист?», ки дар назди ҳуқуқшинос гузошта мешавад, бо саволи фалсафии «Ҳақиқат чист?» шабоҳат дорад»[4].

Ин андешаро муҳаққиқони муосир низ ҷонибдоранд. «Таълимоти муосир роҷеъ ба моҳияти ҳуқуқ, - менависад Т.Н. Рахманина, - на дар шакли як назарияи умумиву ягона, балки ҳамчун маҷмӯи назарияҳову равияҳо арзи вуҷуд дорад»[5].

Тавре В.С. Нерсесянс менависад: «Ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҳуқуқ низ сухан оид ба ҳақиқат - ҳақиқати воқеии ҳуқуқӣ меравад. Ва маҳз барои ҳамин саволи «ҳуқуқ чист?», сарфи назар аз посуххои зиёди (қаблӣ ва муосири) ба ҳақиқат наздик, доимо мубрамияташро нигоҳ медорад ва кушод боқӣ мемонад»[6].

Ба ақидаи Г.В. Малтсев, афкори ҳуқуқӣ «соҳаи ҷустуҷӯйи беинтиҳои мафҳуми ҳуқуқ аст, ки бо зарурияти таъмини тартиботи ҳуқуқӣ тавассути донишҳои мукаммал, амиқ ва пурра муайян карда мешавад»[7].

Ба андешаи М.Н. Марченко, пешниҳоди мафҳуми умумии ҳуқуқ душвор аст, чунки «ҳуқуқ дар замон (марҳилаҳои мухталиф) ва макон (мамлакатҳо ва фарҳанги ҳуқуқии гуногун)» падидаи мураккаб, серпаҳлу, инкишофёбанда мебошад»[8].

Ба ақидаи А.Б. Венгеров, ҳуқуқ падидаи инкишофёбанда буда, дар шароити мушаххаси таърихӣ тарзҳои мухталифи ифода дорад, барои ҳамин, «мафҳумҳои ҳуқуқ дар асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ниҳоят бисёранд»[9].

Гуногунии назарияҳои ҳуқуқ боиси гуногунии мафҳумҳои ҳуқуқ гардида, пешниҳоди мафҳуми ягона ва умумии ҳуқуқро душвор мегардонад. Шароити таърихӣ, хусусиятҳои тамаддуну фарҳанг, усулҳои мухталифи дарки падидаи ҳуқуқ (материалистӣ, синфӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайра), мавқеи субъективии муаллифи ин ё он назарияи ҳуқуқ ё муаллифи ин ё он мафҳуми ҳуқуқ, таъсири идеология ва сиё-

---

[1] Марченко М.Н. Теория государства и права. – М. 2006. – С. 76; Нерсесянц В.С. Философия права. – М., 2005. – С. 48.
[2] Лукашева Е.А. Основные концепции права и государства в современной России // Материалы круглого стола в Центре истории и теории права и государства Института государства и права РАН (8 октября 2002 г.). – С. 9 // [Манбаи электронӣ]: https://www.google.com/search (санаи мурочиат 30.03.2023).
[3] Иқтибос аз китоби Нерсесянц В.С.: Философия права. - М., 1998. - С. 32-33.
[4] Кант И. Метафизика нравов в двух частях // Соч. в шести томах. Т. 4 (2). -М., 1965. - С. 139.
[5] Общая теория права / Под общ. ред. А.С. Пиголкина. - М., 1997. - С. 90.
[6] Нерсесянц В.С. Философия права. - М., 1998. - С. 32.
[7] Мальцев Г.В. Понимание права. Подходы и проблемы. - М., 1999. - С. 3.
[8] Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – М. 2005. - С. 319-320.
[9] Венгеров А.Б. Теория государства и права. - С. 323.

сат, сатҳ ва унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки боиси гуногунии назарияҳо ва мафумҳои ҳуқуқ мешаванд. Омилҳои мазкур дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, дар минтақаҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар шаклҳои мухталиф зоҳир шуда, ба ташаккулу инкишофи мафҳуми ҳуқуқ таъсир расонидаанд.

Айни замон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ доираи муайяни омилҳои объективию субъективӣ (фарҳангӣ, тамаддунӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, динӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва ғайра) ба ташаккулу инкишофи мафҳуми ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Дар натиҷа дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ мафҳумҳои ба ин марҳилаҳо муносиби ҳуқуқ пешниҳод мешаванд. Чунончи, мафҳумҳои ҳуқуқ, ки дар Рими қадим, асрҳои миёна, замони нав ва навтарин истифода шуда буданд, аз ҳамдигар фарқ доранд.

Мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқ ҳатто дар ҳудуди як ё якчанд кишварҳои наздик дар натиҷаи ивазшавии босуръати давраҳои таърихӣ пешниҳод мешаванд. Чунончи, дар давлати шӯравӣ мафҳумҳои сотсиологӣ ва либералии ҳуқуқ (солҳои 1920-ум) бо мафҳуми маҳдуди меъёрӣ (пас аз солҳои 1930-юм), сипас, дар натиҷаи таҳқиқоти фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ бо мафҳуми васеи ҳуқуқ (солҳои 1970-ум) ва дар робита бо пешниҳоди назарияи «давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ» дар давраи азнавсозии сотсиалистӣ (нимаи дуюми солҳои 1980-ум) бо мафҳуми зиддимеъёрии ҳуқуқ иваз мешаванд.

Дар давраи пасошӯравӣ, ки зиёда аз 30 сол идома дошта, аз лиҳози таърихӣ давраи начандон тӯлонии таърихӣ мебошад, якчанд назарияҳо (материалистӣ, либералӣ, либертарӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ, неопозитивӣ, сотсиологӣ, равонӣ, интегративӣ ва дигар) истифода шуда, мафҳумҳои зиёд ва мухталифи ҳуқуқ пешниҳод шуданд.

Яке аз сабабҳои дигари гуногунии мафҳуми ҳуқуқ дар он аст, ки ҳуқуқ падидаи мураккаби ҳаёти ҷомеа буда, барои ифодаи маҷмӯи падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ (ҳуқуқҳои инсон, муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ ва ғайра) истифода мешавад.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи «*ҳуқуқ*» (арабии حقوق; шакли ҷамъи ҳақ) ҳамчун маҷмӯи меъёр, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи интихоботӣ, соҳибҳуқуқ будан, ҳақ доштан, аз ҳуқуқ маҳрум шудан шарҳ дода мешавад[1].

Дар назарияи давлат ва ҳуқук калимаи «ҳуқуқ» ҳангоми ифодаи мафҳумҳои зерин истифода мешавад: а) ҳуқуқи объективӣ – маҷмӯи муқаррароти меъёрӣ; б) ҳуқуқи субъективӣ – ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд (ба меҳнат, ҳифзи саломатӣ ва ғайра; в) соҳаҳои ҳуқуқ – ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар; г) вазъи ҳуқуқии шахс – ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амали ҳуқуқӣ ва ғайра; д) амали ҳуқуқӣ ва зиддиҳуқукӣ (ҳуқуқвайронкунӣ); е) амалисозии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ; ж) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои тафсири ҳуқуқӣ; з) ҳуқуқи дохилидавлатӣ ё миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ; и) низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, оилаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра.

Калимаи «ҳуқуқ» барои ифодаи падидаҳои давлатӣ, аз ҷумла «давлати ҳуқуқбунёд», «давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ», «шаклҳои ҳуқуқии амалисозии функсияҳои давлат» ва ғайра низ истифода мешавад. Ҳуқуқ истилоҳи маъмулии қонунгузорӣ буда, дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла барои ифодаи мафҳумҳои «ҳуқуқэҷодкунӣ», «техникаи ҳуқуқӣ», «мониторинги ҳуқуқӣ», «ҳуқуқи

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфидин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе; Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – С. 515.

интихоб намудан», «ҳуқуқи интихоб шудан», «сиёсати ҳуқуқӣ» ва ғайра истифода мешавад.

Таҷрибаи истифодаи васеи истилоҳ ва мафҳуми «ҳуқуқ» барои ифодаи падидаҳои ҳуқуқӣ ва давлатӣ ба таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқ таъсир мерасонад. Чунончи, мафҳумҳои «ҳуқуқи объективӣ» (қонунгузорӣ) ва «ҳуқуқи субъективӣ» (ҳуқуқҳои шахс), ки аз ҳамдигар фарқ доранд, дар назарияхои мухталиф ҳархел шарҳ дода мешаванд. Аз ҷумла, мафҳуми «ҳуқуқи субъективӣ» дар назарияҳои позитивӣ дар робита бо мафҳумҳои «ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ» (ҳуқуқҳои субъективӣ дар таносуб бо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ), «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «қобилияти амали ҳуқуқӣ» шарҳ дода мешавад. Мафҳуми «ҳуқуқҳои субъективӣ» дар назарияҳои позитивӣ васеъ истифода шуда, дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ бо мафҳуми «ҳуқуқҳои фитрӣ» иваз карда мешавад.  Солҳои 1990-ум дар натиҷаи бо суръати баланд паҳн шудани назарияҳои ғарбии фитрӣ-ҳуқуқӣ ва либералӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ як қатор муҳаққиқон пешниҳод намуданд, ки категорияи «ҳуқуқи субъективӣ» аз илми ҳуқуқшиносӣ бардошта шавад. Ба ин нигоҳ накарда, мафҳуми «ҳуқуқи субъективӣ» дар робита бо эҳёи анъанаҳои ҳуқуқшиносии таҳлилӣ (аналитикӣ) истифода мешавад. Ҳуқуқшиносии таҳлилӣ замони шӯравӣ дар самти таҳлили мазмун, унсурҳои таркбӣ ва шаклҳои ифодаи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ (сохти мантиқии меъёри ҳуқуқ, мазмуни дохилӣ ва шаклҳои ифодаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар) бо истифодаи тарзу воситаҳои таснифӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, мураттабсозӣ, муттаҳидсозӣ ва дигар нақши муҳим мебозад

Дарк ва пешниҳоди мафҳуми ҳуқуқ фаъолияти ақлонаи инсон буда, дар сатҳи оддӣ, касбӣ ва илмӣ сурат мегирад, ҷузъи шуури ҳуқуқии оддӣ, касбии ҳуқуқӣ ва илмӣ-ҳуқуқӣ мебошад, дар иртибот бо ҷаҳонбинии фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, илмии инсон ташаккул меёбад. Сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, сифати донишомӯзии ҳуқуқӣ, таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, омодагии касбии ҳуқуқшиносон, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сифат ва самаранокии татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқӣ, таҳқиқоти илмии ҳуқуқшиносӣ сатҳи дарки ба онҳо мувофиқи моҳияти ҳуқукро муайян мекунанд[1].

Барои ҳамин, ин ё он низоми таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ дар ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Хитой, Россия, Тоҷикистон ва давлатҳои дигар ба гуногунии мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо истифодаи ин ё он назарияҳои ҳуқуқ дар ҷараёни таълим мусоидат мекунад. Чунончи, дар донишгоҳҳои аврупоӣ анъанаҳои ҳуқуқшиносии позитивӣ (дар соҳаи таҳия, қабул, мураттабсозӣ, татбиқ, тафсири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра) васеъ истифода шуда, хусусиятҳои ҳуқуқи романиву олмониро муайян мекунанд. Дар Британияи Кабир анъанаҳои ҳуқуқи судӣ (дар соҳаи дарку истифодаи амсоли судӣ, одатҳои судӣ, ҳуқуқи статутӣ ва ғайра), ки хусусиятҳои ҳуқуқи англосаксониро муайян мекунанд, истифода мешаванд. Мафҳумҳои илмие, ки дар донишгоҳҳои ҳуқуқии Аврупо, ИМА, Канада, Британияи Кабир ва давлатҳои дигар истифода мешаванд, аз ҳамдигар фарқ доранд. Тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос дар давлатҳои гуногун бо дарназардошти хусусиятхои фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, амалисозии ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ ва дигар) ба роҳ монда мешавад.

Таҷрибаи ҳуқуқӣ, ки дар як қатор давлатҳо дар тӯли садсолаҳо ташаккул ёфта, то имрӯз истифода мешавад, ба сатҳу сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ ва дарки падидаҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Чунончи, дар давлатҳои пасошӯравӣ (Россия, Тоҷикистон ва дигар) санадҳои татбиқи ҳуқуқ (санадҳои судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ ва ғайра), ки санадҳои мушаххас ё фардӣ мебошанд, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарқ карда

[1] Сативалдыев Р.Ш. Правосознание как фактор эффективности правовой политики в Республике Таджикистан // Типы правопонимания и вызовы меняющегося мира. Сборник научных статей. – СПб.. 2016. – С. 448-458.

мешаванд ва ҳолати мазкур ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ҳуқуқ ба инобат гирифта мешавад. Мафҳуми ҳуқуқ чун анъана дар робита бо маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ ё муқаррароти меъёрӣ, ки мазмуни шаклҳои (сарчашмаҳои) ҳуқукро ташкил медиҳанд, муайян карда мешавад. Аммо дар Англия қарорҳои мушаххаси судӣ (санадҳои мақомоти судҳои болоӣ), ки оид ба баҳси мушаххаси ҳуқуқӣ қабул мешавад, санчашмаи ҳуқуқи англисӣ мебошад. Барои ҳамин, мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо амсоли судӣ муайян карда мешавад.

Дар донишгоҳҳои ИМА мафҳумҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, бештар бо назарияҳои сотсиологии ҳуқуқ робита доранд. Мактабҳои ҳуқуқшиносии сотсиологӣ (мактаби гарвард, назарияи Эрлих, назарияи Паунд ва дигар) таърихан дар ИМА ташаккул ёфтаанд. Мафҳумҳои ҳуқуқ, ки дар ин назарияҳо пешниҳод мешавад, аз мафҳумҳои дигари ҳуқуқ (позитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ, синтетикӣ ва дигар) фарқ доранд. Дар илми ҳуқуқшиносии ИМА бо назардошти инкишофи таърихии назарияҳои сотсиологӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳуқуқи амалкунанда, ҳуқуқи дар ҳаёт амалишаванда дода мешавад. Намояндагони мактабҳои гуногуни ҳуқуқшиносии сотсиологӣ ҳуқуқеро, ки дар матни қонунҳо (қонунгузорӣ) инъикос ёфтааст, аз ҳуқуқи амалишаванда (воқеӣ) ҷудо мекунанд. Афзалият ба ҳуқуқи воқеӣ дода мешавад. Барои ҳамин, дар судҳои амрикоӣ амсоли судӣ сарчашмаи бонуфуз маҳсуб мешавад. Қонуне, ки дар фаъолияти судӣ тафсиру татбиқ нашудааст, барои ҳуқуқшиноси амрикоӣ нуфузи баланд надорад. Баръакс, ҳуқуқи амсолӣ нуфузи баланд дорад.

Пешниҳоди мафҳуми умумии ҳуқуқ дар иртибот бо хусусиятҳои низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногун, аз он ҷумла, тарзи ифодаи лингвистии ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, маънои мухталифи ҳамон як истилоҳи ҳуқуқ душвор аст. Чунончи, дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, дар робита бо анъанаҳои умумии ҳуқуқӣ мафҳумҳои «ҳуқуқи объективӣ» (ҳуқуқи дар қонунгузорӣ инъикосшуда) ва «ҳуқуқи субъективӣ» (ҳуқуқҳои шахс, ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ) фарқ карда мешаванд. Дар забони русӣ ва тоҷикӣ калимаи «ҳуқуқ» барои ифодаи мафҳумҳои гуногуни «ҳуқуқ» ва «ҳуқуқҳои инсон» истифода мешавад. Мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «қонун» аз ҳамдигар ҷудо карда шуда, ҳуқуқ ба маънои ҳуқуқи объективӣ, қонун бошад, ба маънои санади меъёрии ҳуқуқии мақоми қонунгузор фаҳмида мешавад.

Аммо дар илм ва амалияи ҳуқуқии Англия калимаи «Law» барои ифодаи мафҳуми ҳуқуқи объективӣ (қонунгузорӣ, ҳуқуқи умумӣ дар таносуб бо ҳуқуқи хусусӣ, соҳаҳои қонунгузорӣ) истифода мешавад. Мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ бо калимаи «Right» ифода карда мешавад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии парламенти Англия бо калимаи «statute» ифода карда мешаванд. Истилоҳи «natural law» маънои «қонуни фитрӣ»-ро дорад. Калимаи «statute», ки дар Англия санадҳои меъёрии парламентро ифода мекунад, дар Фаронса ва Олмон, баръакс, барои ифодаи сарчашмаҳо ё санадҳои корпоративӣ истифода шуда, ба ҳайси субъектони ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ дар баробари ташкилотҳои тиҷоратӣ инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Дар Фаронса мафҳуми ҳуқуқи субъективӣ бо калимаи «droit de vot» (ҳуқуқи овоздиҳӣ) ифода карда мешавад. Санадҳои парламент бо истилоҳи «loi» (қонун) ва «code» (кодекс) ифода карда мешаванд. Ҳуқуқи фитрӣ «loi de la nature» қонунҳои фитриро дар назар дорад. Ба ақидаи маъмулии ҳуқуқшиносони Фаронса, низоми ҳуқуқи объективӣ «loi» дар заминаи ҳуқуқи позитивӣ, ки ба қонунгузорӣ (legislation) такя дорад, ва ҳуқуқи фитрӣ, ки заминаи онро қонуни фитрӣ (loi de la nature) ташкил медиҳад, ташаккул меёбад. Дар Олмон бо калимаи «Gezetz» на танҳо қонун,

балки санадҳои қонунгузории федералӣ ва субъектони давлати федералии Олмон ифода карда мешаванд[1].

Дарки ҳуқуқ сатҳи дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дорад. Густариши равобити байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таъсири байниҳамдигарии низомҳои ҳуқуқии ҷаҳони мутамаддин, вусъати раванди ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, таъсири санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ, қабули санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ дар иттиҳодҳои минтақавӣ (Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, БРИКС ва дигар) ба инкишофи дарки падидаҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мусоидат мекунад, аз ҷумла ҳамчун унсури таркибии таҳсилоти ҳуқуқӣ истифода мешавад, мазмун ва шаклҳои нави фаъолияти ҳуқуқиро (судӣ, прокурорӣ, нотариалӣ, тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, адвокатӣ ва ғайра) такмил медиҳад. Дар санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ (конвенсия, изҳорот, эъломия ва ғайра), ки аз тарафи мақомоти роҳбарикунанда ва идоракунии ИДМ, Созмони ҳамкории Шанхай қабул мешаванд, мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ («ҷанги иттилоотӣ, «ҷиноятҳои киберӣ», «терроризми киберӣ» ва ғайра) истифода мешаванд, ки ба дарки падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд.

Ба гуногунии мафҳуми ҳуқуқ, пеш аз ҳама, назарияҳои зиёд ва мухталифи ҳуқуқ мусоидат мекунанд.

Чунончи, ақидаҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ оид ба тафовути ҳуқуқи давлат ва ҳуқуқи илоҳӣ, ҳуқуқи иродавӣ ё инсонӣ ва ҳуқуқи шартӣ (ғайриинсонӣ, табиӣ), таносуби ҳуқуқ ва адолат, ҳуқуқи халқҳо, ҳуқуқи сивилӣ ва ҳуқуқи табиат ҳанӯз дар Юнон ва Рими қадим, дар асарҳои Суқрот, Афлотун, Арасту, Демокрит, Гай, Модестин ва дигарон пешкаш мешаванд. Дар асрҳои миёна ақидаҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар асарҳои намояндагони фалсафа ва дини масеҳӣ Аврелий Августин (354 – 430) ва Фомаи Аквинӣ (1226 – 1274), ки минбаъд ба назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқии протестантӣ ва католикӣ (неотомистӣ) замина мегузоранд, инкишоф меёбанд. Дар давраи инқилобҳои буржуазӣ (асрҳои XVII–XVIII) назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар асарҳои Г. Гротсий, Ҷ. Локк, Ж.-Ж. Руссо, Ш.Л. Монтескйе ва дигарон инкишоф дода шуда, мазмуни нав пайдо мекунанд. Дар асри XIX нуфузи назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар натиҷаи паҳн шудани назарияҳои позитивӣ то андоза паст мешавад. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон нуфузи назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар натиҷаи эълон гардидаи ҳуқуқҳои фитрӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (Эъломияи умумии ҳуқуқҳои инсон ва дигар) аз нав баланд мешавад. Назарияҳои эҳёгаштаи фитрӣ-ҳуқуқӣ дар асарҳои Штаммлер, неотомистҳо (Ж. Маритен, Ж. Дабен ва диг.), неопротестантҳо (К. Барт, Э. Волф ва диг.), намояндагони назарияҳои дунявии фитрӣ (Г. Райнер ва диг.) инкишоф меёбанд. Назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ дар шакли назарияҳои фалсафии ҳуқуқ, аз ҷумла дар мактабҳои гегелчиёни ҷадид, кантчиёни ҷадид рушд мекунанд. Аз ҷониби Й. Месснер, А. Ауэр ва дигарон назарияи антропологии фитрӣ-ҳуқуқӣ пешкаш мешавад. Дар нимаи дуввуми асри XX – аввали асри XXI дар инкишофи назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ тамоилҳои нави инкишоф мушоҳида мешаванд.

Назарияҳои позитивии ҳуқуқ бо «позитивизм» (аз калимаи франсавии *«positivisme»*, лотинии *«positivus»* - мусбӣ), ки таълимоти фалсафӣ ва самти методологияи илм маҳсуб мешавад, робита доранд. Истилоҳи «позитивизм»-ро бори аввал А. Сен-Симон ба ҳайси усули илмӣ истифода мебарад. Позитивизм дар солҳои 1830-юм вусъат меёбад. Поягузори позитивизм файласуфи франсавӣ Огюст Конт мебошад. Аз ақидаҳои О. Конт файласуфони англис Милл ва Спенсер истифода мебаранд. Бо заҳмати онҳо позитивизми классикӣ ташаккул меёбад. Дар асарҳои файласуфони немис позитивизми дуввум ё эмпириокритисизм инкишоф меёбад. Бо позитивизми ол-

---

[1] Ромашов Р.А. Понимание права в России и на Западе: интеграция или конфронтация // Типы правопониания и вызовы меняющегося мира. Сборник научных статей. – СПб.. 2016. - С. 38-51.

монӣ самти дигар – позитивизми мантиқӣ ё неопозитивизм алоқаманд аст. Неопозитивизми англисиро фалсафаи аналитикӣ меноманд. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар мамлакатҳои шомили фалсафаи англисӣ пасопозитивизм ташаккул меёбад.

Усули позитивӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла назарияи ҳуқуқ истифода мешавад. Дар натиҷа позитивизми ҳуқуқӣ инкишоф меёбад. Дар фалсафаи позитивизм калимаи «позитивӣ» маънои мусбиро дорад. Ҳуқуқи позитивӣ ба маънои «ҳуқуқи мусбӣ» дарк карда мешавад. Айни замон мафҳуми «қонуни позитивӣ ё мусбӣ» истифода мешавад, чунки дар назарияи позитивӣ қонун шакли асосии ҳуқуқи позитивӣ маҳсуб мешавад. Калимаи «мусбӣ» ба маънои «ҳақиқӣ» (аслӣ, воқеӣ) истифода мешавад. Ҳуқуқ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат буда, падидаи мусбӣ, яъне аслӣ, воқеӣ аст. Қонун низ шакли ифодаи ҳуқуқи позитивӣ буда, падидаи мусбӣ мебошад. Қонуни давлат падидаи мусбӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад ва аз ин хотир, аз тарафи аҳолӣ бояд ҳатман риоя ва иҷро гардад.

Илова бар ин, ҳуқуқи позитивиро ҳуқуқи давлатӣ меноманд. Ҳуқуқи позитивӣ дар асл ҳуқуқи давлатӣ ё ҳуқуқи давлат мебошад, чунки субъекти ягонаи он давлат (мақомоти босалоҳияти давлатӣ) маҳсуб мешавад. Истилоҳи «ҳуқуқи позитивӣ» ба маънои ҳуқуқе истифода мешавад, ки манбаи онро иродаи давлат ташкил медиҳад. Мафҳуми позитивии ҳуқуқ дар асри XIX дар дар асарҳои Ҷ. Остин, Ш. Амос ва дигарон дар Англия, Б. Виндшайд, К. Гербер, К. Бергбом, П. Лабанд ва дигарон дар Олмон, Кабанту ва дигарон дар Фаронса истифода мешавад. Дар натиҷа ҳуқуқшиносии позитивӣ ташаккулу инкишоф меёбад.

Дар назарияҳои позитивӣ мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо давлат муайян карда мешавад. Айни замон мафҳуми ҳуқуқ дар назарияҳои позитивии асри XIX на дар иртибот бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун қоидаҳо, фармон, фармоиши давлат муайян карда мешавад. Чунончи, ҳуқуқ ҳамчун «қоидаҳои муқаррарнамудаи роҳбари сиёсӣ», «фармоиш, фармон» (Ҷ. Остин), ҳамчун «фармони ҳокимияти олии сиёсӣ бо мақсади назорати фаъолияти одамон» (Ш. Асмос), ҳамчун «натиҷа ё махсули давлат» шарҳ дода мешавад[1]. Ба андешаи Т. Гоббс, «эътибори ҳуқуқии қонун дар он зоҳир мешавад, ки қонун фармони ҳокими соҳибихтиёр аст»[2].

Аз назарияи позитивӣ Жан Боден зимни пешбарии назарияи «мутлақияти шоҳ», Н. Макиавелли дар илми сиёсат, Т. Гоббс дар ҷараёни пешбарии назарияи шартномавӣ, Гегел ҳангоми тавсифи назарияи позитивизми давлатӣ, Р. Иеринг бо мақсади ҳимояи нуфузи давлат ҳамчун манбаи ягонаи ҳуқуқ истифода намудаанд.

Позитивистон бо таҳлили матни қонунҳо маҳдуд шуда, ҳама гуна андешаҳои ғайрипозитивиро (аз қабили арзиши ҳуқуқ, ҳуқуқи фитрӣ ва ғайра) рад намуданд. Чунончи, позитивисти Англия И. Бентам, ки назарияи фоидаро («утилитаризм») пешкаш намуда буд, ҳуқуқҳои инсонро ҳамчун андешаи фарзӣ, хаёлӣ, ғайривоқеӣ инкор мекунад. Ҳуқуқшиноси Австрия ва ИМА Г. Келзен таъкид мекунад, ки илми ҳуқуқшиносӣ аз ҳама гуна ибораву мафҳумҳои арзишӣ бояд озод карда шавад. Ҳуқуқшиноси тоинқилобии рус В.Д. Катков таклиф мекунад, ки калимаи «ҳуқуқ» бо калимаи «қонун» иваз карда шавад[3]..

Дар ҳамаи назарияҳои позитивӣ (легистӣ, сотсиологӣ, антропологӣ) ҳуқуқ дар робита бо меъёрҳои муқаррарнамудаи давлат, қонун, амсоли судӣ, одати ҳуқуқӣ, меъёрҳои амалишуда омӯхта мешавад[4]. Дар назарияи муосир тафовути мафҳуми позитивии ҳуқуқ аз мафҳумҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ  ва фалсафӣ ба инобат гирифта мешавад, чунки дар фалсафаи ҳуқуқ мафҳуми ҳуқуқи позитивӣ аз нигоҳи на ҳуқуқи фитрӣ,

---

[1] Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М.. 20012. - С. 142-144.

[2] Гоббс Т. Левиафан, или материя, форма и валсть государства церковного и гражданского. – Т. 2. - М., 1991. – С. 212.

[3] Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца - С. 146-147.

[4] Зорькин В.Д. Позитивистская теория права в России. - М., 1978; Мальцев Г.В. Понимание права. Подходы и проблемы. - М., 1999.

балки «ҳуқуқи идеалӣ» (намунавӣ) дарк карда мешавад, дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ бошад, ҳаққонияти ҳуқуқи позитивӣ (қонунгузории давлат) бо ҳуқуқи фитрӣ муайян карда мешавад[1].

Дар нимаи дуюми асри XIX назарияи материалистӣ ё марксистии ҳуқуқ аз ҷониби поягузорони марксизм К. Маркс ва Ф. Энгелс пешниҳод мешавад. Ин назария ба мисли назарияҳои позитивӣ танҳо ҳуқуқи позитивиро эътироф намуда, онро маҳсули давлат эълон мекунад. Ҳамзамон бо ин, назарияи марксистӣ хусусиятҳои худро дорад, аз ҷумла нақши ҳалкунандаи омилҳои иқтисодӣ ва синфӣ (нобаробарии иқтисодӣ, моликияти хусусӣ, муборизаи синфӣ) дар пайдоиши ҳуқуқ эътироф мегардад, мафҳуми синфӣ ва иродавии ҳуқуқ ҳамчун шакли ифодаи иродаи синфи ҳукмрон пешниҳод мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқшиноси Австрия ва ИМА, асосгузори аввалин Суди конститутсионии аврупоӣ дар Австрия Ганс Келзен (1881 – 1973), баръакс, робитаи ҳуқуқ бо омилҳои иқтисодӣ, синфӣ, идеологӣ ва дигар рад карда мешавад, таҳлили ҳуқуқ бидуни робита бо падидаҳои моддӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, сиёсӣ, психологӣ, ахлоқӣ сурат гирад. Дар заминаи ақидаи меъёрҳо, ки унсури марказии назарияи ҳуқуқи Г. Келзен мебошад, мафҳуми зерини ҳуқуқ пешниҳод мешавад: «ҳуқуқ тартиботи меъёрии фаъолияти инсон, яъне маҷмӯи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти инсон мебошад»[2]. Айни замон назарияи Г. Келзен аз назарияҳои позитивии асри XIX фарқ дорад, чунки меъёрҳои фардии судӣ ва маъмурӣ (бо назардошти назарияи сотсиологии ҳуқуқ) ба низоми меъёрҳо дохил карда мешаванд. Чунончи, ба андешаи Г. Келзен меъёре, ки «татбиқ намегардад ва риоя карда намешавад, … меъёри ҳуқуқии воқеӣ нест»[3]. Назарияи позитивии Г. Келзен аз назарияи шӯравии меъёрӣ фарқ дорад, чунки имконияти ҳуқуқэҷодкунии маъмурӣ ва судиро пешбинӣ мекунад.

Дар асри XX дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ назарияи меъёрии материалистӣ пешкаш ва истифода мешавад. Ин назария бо як қатор хусусиятҳояш аз назарияҳои дигари позитивӣ фарқ мекунад, аз ҷумла бо идеологияи марксистӣ-ленинӣ, омилҳои моддӣ, синфӣ, сиёсӣ алоқаи зич дорад, мафҳуми маҳдуди меъёрии ҳуқуқи сотсиалистиро пешкаш мекунад. Дар ин назария ҳуқуқ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлат таъриф дода мешавад. Усули таҳлили меъёрии шаклӣ ҳамчун усули асосии таҳлили ҳуқуқ истифода шуда, таҳқиқи сохти меъёри ҳуқуқ, амалисозӣ, татбиқ, тафсири ҳуқуқ, техникаи ҳуқуқӣ вусъат меёбад. Айни замон ақидаи муваққатӣ будани ҳуқуқ (бо назардошти аз байн рафтани ҳуқуқ дар ҷомеаи коммунистӣ) ҳимоя карда мешавад. Чунин ақида дар назарияҳои позитивии аврупоӣ истифода немешавад.

Дар асри XX дар кишварҳои Ғарб назарияҳои позитивӣ, аз ҷумла назарияи ҳуқуқшиноси Англия Герберт Харт, назарияи онтологии ҳуқуқшиноси Австрия Р. Марчич ба шароити нави ҳаёт мутобиқ карда мешаванд.

Илова бар ин, назарияҳои позитивии этатистӣ, сотсиологӣ, меъёрӣ ва дигар ҳадафҳои гуногун доранд. Дар назарияҳои этатистӣ (аз калимаи франсавии «état» - давлат) нақши давлат дар ҳаёти ҷомеа ва ташаккули ҳуқуқ мутлақ гардонида мешавад. Айни замон мафҳумҳои гуногуни этатизм инкишоф меёбанд, ба мисли мафҳуми англисии «statism» аз калимаи «state» (давлат), мафҳуми немисии «staatismus» аз калимаи «staat» (давлат).

Позитивизми этатистиро ҳамчун позитивизми легистӣ (аз калимаи lex – қонун) арзёбӣ мекунанд Дар позитивизми легистӣ ҳуқуқ ва қонун бо ҳамдигар омехта карда

[1] Лапаева В.В. Российская юриспруденция в поисках нового типа правопонимания // Наш путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. - М., 2006. - С. 35-61.
[2] Ганс Кельзен. Чистое учение о праве. – 2-е изд. / перевод с немецкого М.В. Антонова и С.В. Лезова. – СПб.: «Алеф-Пресс», 2015. - С. 14.
[3] Ганс Кельзен. – Ас. иш. – С. 21.

шуда, иродаи давлат сарчашмаи ягонаи ҳуқуқ ва қонун эълон мешавад. Дар натиҷа мафҳумҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ омехта карда мешаванд, чунки ҳуқуқ ба маънои низоми меъёрҳои қонунгузорӣ дарк карда мешавад. Тибқи ин назарияҳо, меъёрҳои ҳуқуқро танҳо давлат дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар мекунад.

Дар позитивизми сотсиологӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун манбаи ҳуқуқ пазируфта мешаванд, ақидаи «гуногунии ҳуқуқ» тарғиб карда шуда, имконияти эҷоди ҳуқуқ аз тарафи на танҳо давлат, балки ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ (корпоратсияҳо, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) ҳимоя карда мешавад.

Дар назарияи меъёрӣ «меъёри ҳуқуқ» ба ҳайси мафҳуми заминавӣ, бунёдӣ истифода мешавад. Назарияи меъёрӣ дар шакли назарияҳои неолегистӣ инкишоф меёбад. Дар он андешаи вобастагии мутлақи давлат ва ҳуқуқ баррасӣ нагардида, айни замон робитаи байни давлат ва ҳуқуқ бо истифода аз мафҳумҳои дигар, аз ҷумла мафҳуми «меъёри асосӣ», мафҳуми «ҳуқуқи ғайримафкуравӣ» (аз идеологияи давлат вобаста набудани ҳуқуқ) ва ғайра шарҳ дода мешавад.

Дар позитивизми антропологӣ, ки бо позитивизми сотсиологӣ робита дорад, шуури ҳуқуқӣ ба ҳайси шакли асосии ҳуқуқ дарк карда мешавад. Ҳуқуқ ҳамчун падидаи равонӣ, дар робита бо ҳолати равонии инсон таҳқиқ карда мешавад. Бо ин мақсад ҳиссиёт, эҳсосот, иродаи инсон омӯхта мешавад. Назарияи машҳури антропологӣ-позитивӣ аз тарафи Л. Петражитский (асосгузори назарияи равонии ҳуқуқ) пешниҳод шудааст. Назарияи мазкур ба намояндагони дигари позитивизми сотсиологӣ, аз ҷумла Ж. Гурвич, П. Сорокин, Н. Тимашев таъсир расонидааст.

Ҳамаи назарияҳои позитивӣ танҳо ҳуқуқи позитивӣ, яъне ҳуқуқи расмии муқаррарнамудаи давлатро эътироф намуда, онро ба ҳайси маҳсули давлат таҳқиқ мекунанд. Назарияҳои позитивӣ дар шаклҳои гуногун, дар ҳамаи кишварҳо ва минтақаҳо инкишоф ёфтаанд.

Чунончи, дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, пеш аз ҳама, дар робита бо анъанаҳои ҳуқуқии англосаксонӣ шакли алоҳидаи назарияи сотсиологӣ-позитивӣ инкишоф меёбад. Назарияи мазкур ба як қатор ақидаву мафҳумҳо такя дорад. Яке аз онҳо ақидаи «ubi jus, ibi remedium» (ҳуқуқ дар ҳамон ҷойе, ки ҳимоя пешбинӣ мешавад, ҷой дорад) маҳсуб мешавад. Ақидаи мазкур таърихан дар ҷараёни ташаккулу инкишофи ҳуқуқи судии англисӣ пайдо шуда, ҳимояи иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла шахсони хусусиро дар назар дорад. Ақидаи дигар, ки дар робита бо анъанаҳои ҳуқуқи англосаксонӣ ташаккул ёфтааст, «волоияти ҳуқуқ» мебошад. Ақидаи мазкур дар Англия маънои дигар дорад, чунки дар робита бо анъанаҳои ҳуқуқи англосаксонӣ, аз ҷумла ҳуқуқи одатии судӣ тавсиф мегардад. Дар Англия қонун ҳамон санадест, ки ҳуқуқҳо ва озодиҳои қадимаи (анъанавии) халқи англисро тасдиқ ва ҳимоя мекунад. Дар ҳамаи давраҳои таърихии инкишофи Англия қонун ба маънои меъёри шартномавӣ (шартномаи байни подшоҳи Англия ва халқ) дарк карда мешавад. Қонун дар ҷараёни фаъолияти судӣ ташаккул меёбад. Таърихан дар судҳо ва парламенти Англия ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони хусусӣ эътибори аввалиндараҷа медиҳанд. Дар натиҷа дар судҳо ва парламенти Англия принсипҳои ҳуқуки маданӣ (гражданӣ) инкишоф ёфта, аз доираи ҳуқуқҳои шахсони хусусӣ берун мебароянд, чунки вазъи ҳуқуқии ҳокимияти шоҳи Англияро танзим мекунанд.

Назарияҳои ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ (Россия, Қазоқистон, Тоҷикистон ва дигар) бо истифодаи анъанаҳои ҳуқуқшиносии таҳлилӣ (аналитикӣ), аз ҷумла дар соҳаи таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, таснифоти соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, ташкили сохтори таркибии низоми қонунгузорӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ (баҳисобгирӣ ва қайди давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, кодификатсияи қонунгузорӣ, инкорпоратсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) ва ғайра инкишоф меёбанд.

Айни замон назарияҳои пасошӯравӣ дар муқоиса бо назарияҳои имрӯзаи аврупоӣ ва қаблии шӯравӣ хусусиятҳои худро доранд. Назарияҳои пасошӯравӣ мазмуни идеологӣ, аз ҷумла марксистӣ-лениниро гум карда, дар заминаи гуногунии мафкуравӣ, ки дар конститутсияҳои пасошӯравӣ эълон мешавад, инкишоф меёбанд. Аз ин хотир, нуқтаҳои назари неопозитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ, интегративӣ ва дигар бо мақсади муайян намудани мафҳуми ҳуқуқ истифода мешаванд. Мафҳуми ҳуқуқ дар иртибот бо арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ (ҳуқуқҳои фитрии инсон, адолат, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва дигар), ҳамчун меъёри адолат ва озодӣ муайян карда мешавад. Мафҳуми маҳдуди меъёрии ҳуқуқ дар натиҷаи эътирофи тафовути ҳуқуқ ва қонун аҳамияташро гум мекунад. Зимни пешбарии мафҳуми ҳуқуқ аз як тараф мафҳуми васеи «меъёри ҳуқуқ» ҳамчун шакли инъикоси муқарароти меъёрӣ (қоидаҳои амал, принсипҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои илмии ҳуқуқӣ ва ғайра) истифода мешавад. Аз тарафи дигар зимни пешбарии мафҳумҳои нави ҳуқуқ ғояҳои адолат, озодӣ, баробарӣ, ҳуқуқуҳои инсон, қадри инсон, дахлнопазирии шахсияти инсон ва дигар ба инобат гирифта мешаванд. Нуфузи ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун маҳаки сифати қонунҳо ва фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ (аз ҷумла, тибқи м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) эътироф мешавад. Кӯшиши пешниҳоди мафҳуми омехтаи (позитивӣ ва фитрии) ҳуқуқ ба харҷ дода мешавад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон, арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ дар конститутсия ва қонунҳои давлатҳои пасошӯравӣ расман пазируфта мешаванд, ки боиси тағйири мафҳуми ҳуқуқи пасосотсиалистӣ мегардад.

Ҳуқуқшиносии сотсиологӣ дар заминаи рушди илми сотсиология (ҷомеашиносӣ) ташаккулу инкишоф ёфта, аз назарияҳои «ҳуқуқи озод», «назарияи иҷтимоии ҳуқуқ», назарияи «муҳандисӣ» ва дигар иборат аст. Дар ин назарияҳо ақидаҳои «ҳуқуқи зинда» ё воқеӣ, «гуногунии ҳуқуқ», «озодии раъйи судӣ», «назорати иҷтимоии ҳуқуқӣ» ва дигар пешкаш мешаванд. Намояндагони ин назарияҳо ба омӯзиши на матни қонунҳо, балки татбиқи ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳуқуқ ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои иттиҳодҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии одамон дарк карда мешавад. Тибқи ин назарияҳо, ҳар як иттиҳоди ҷамъиятӣ, ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ қоидаҳои худро муқаррар мекунад.

Дар назарияи психологии ҳуқуқ (Л.И. Петражитский, А. Росс, И. Рейснер ва дигарон), ки имрӯз дар бахши омӯзиши омилҳои психологии фаъолияти судӣ, таносуби матни қонун ва қарорҳои судӣ истифода мешавад, ҳуқуқи позитивии давлат ва ҳуқуқи мухтори шахс ҷудо карда мешаванд. Ҳуқуқи фардӣ, ки шакли ифодаи ҳиссиёти ҳуқуқии шахс мебошад, ҳуқуқи аслӣ эътироф мешавад. Ҳуқуқи расмӣ ё қонунгузорӣ, ҳуқуқи китобӣ, ҳуқуқи аҳкоми динӣ, ҳуқуқи амсолӣ, ҳуқуқи халқҳо ва намудҳои дигари ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд.

Дар назарияи либертарии ҳуқуқ, ки аз ҷониби В.С. Нерсесянс (1938 – 2005) пешкаш шуда буд, мафҳуми «ҳуқуқи либертарӣ» пешниҳод гардида, тафовути ҳуқуқи либертарӣ аз ҳуқуқи позитивӣ ва ҳуқуқи фитрӣ муайян карда мешавад. Тибқи мафҳуми либертарӣ, ҳуқуқ шакли муносибатҳои баробарӣ, озодӣ ва адолат мебошад, ки дар заминаи баробарии шаклӣ муайян карда мешавад. Қонуне, ки хилофи баробарӣ, озодӣ, адолат аст, эътибори ҳуқуқӣ надорад.

Дар назарияҳои омехтаи ҳуқуқ (А.С. Яшенко, П.Г. Виноградов, Ҷером Холл, В.Г. Графский ва дигарон) мафҳуми омехтаи ҳуқуқ пешниҳод мешавад. Моҳияти асосии ин назарияҳо дар он аст, ки зарурати таҳлили ҳуқуқ дар заминаи истифодаи якҷояи назарияҳои позитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ ва сотсиологӣ исбот карда мешавад. Барои ҳамин, онро назарияи омехтаи ҳуқуқ меноманд. Дар ҳаёти имрӯза назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ва неопозитивӣ бо ҳамдигар наздик мешаванд, таҳлилҳои сотсиологии ҳуқуқ вусъат меёбанд, анъанаҳои назарияи омехтаи ҳуқуқ эҳё мешаванд, аҳаммияти таҳлили якҷояи фитрӣ-ҳуқуқӣ, неопозитивӣ ва сотсиологӣ, истифодаи якҷояи усулҳои фалсафӣ, шаклии меъёрӣ ва сотсиологӣ зимни омӯзиши ҳуқуқи муосир дарку

эҳсос мегардад. Дар ин замина муҳаққиқони имрӯза кӯшиш мекунанд, ки мафҳуми умумии ҳуқуқро бо назардошти моҳияти фитрӣ ва позитивӣ пешкаш намоянд. Аз ҷумла, дар мафҳумҳои имрӯзаи ҳуқуқ нишонаҳои умумии ҳуқуқи позитивӣ ва ҳуқуқи фитрӣ ба инобат гирифта мешаванд.

С.С. Алексеев кӯшиши пешкаши мафҳуми ҳуқуқро бо назардошти паҳлуҳои фитрӣ ва позитивӣ ба харҷ медиҳад. Айни замон муҳаққиқони дигар (А.В. Поляков, Г.В. Малтсев ва дигарон) муқобили чунин кӯшишҳоянд. Илова бар ин, дар робита бо ҷаҳонишавӣ, ташаккули бозори ҷаҳонии меҳнат ва ғайра як қатор муҳаққиқон (И.В. Упоров, Б.А. Схатум) мафҳуми глобалии ҳуқуқро пешниҳод кардaнӣ мешаванд. Ба ақидаи М.Н. Марченко, ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ҳуқуқ дар баробари паҳлуҳои фитрӣ ва позитивии ҳуқуқ инчунин манфиатҳои миллӣ ва минтақавиро мебояд ба инобат гирифт[1].

С.С. Алексеев бо истифода аз усули комплексӣ се сатҳи таҳлили ҳуқуқро ҷудо мекунад: 1) ҳамчун «меъёрҳои умумиҳатмӣ, қонунҳо, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар», 2) ҳамчун «падидаи махсуси иҷтимоӣ» («ҷузъи ҷомеа, санъат, ахлоқ»), 3) ҳамчун «ҷаҳонбинӣ» («мабдаъ ва ифодаи ҳаёти ақлонаи одамон»). Дар натиҷа ҳуқуқ ҳамчун объекти омӯзиши илмҳои соҳавӣ, назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи ҳуқуқ арзёбӣ мегардад. Ин се шакли ифода ва вуҷуди ҳуқуқ ҳамчун се сатҳи дарки назариявӣ бaромад намуда, дар доираи онҳо аввал донишҳои оддитарини ҳуқуқ, сипас, мантиқи ҳуқуқ бо назардошти категорияҳои умуминазариявӣ ва ниҳоят, моҳияти васеи ҳуқуқ ҳосил мешаванд[2].

С.С. Алексеев ба хулоса меояд, ки назарияи имрӯзаи умумии ҳуқуқ, гарчанде позитивӣ бошад ҳам, аз ҳуқуқшиносии таҳлилии анъанавӣ фарқи куллӣ дорад, чунки сатҳи фалсафӣ дорад. Дар назарияи имрӯзаи позитивии ҳуқуқ на танҳо падидаҳои ҳуқуқӣ (меъёри ҳуқуқ, факти ҳуқуқӣ ва ғайра), балки масъалаҳои бештар умумигашта (танзими ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ ва ғайра) омӯхта мешаванд. Дар ин замина нодурустии ақидаҳо дар хусуси кӯҳна шудани назарияи позитивии ҳуқуқ дар замони инкишофи фалсафаи ҳуқуқ ва сотсиологияи ҳуқуқ исбот карда мешавад. С.С. Алексеев ҳуқуқи позитивиро дар заминаи на назарияи анъанавии (қаблии) позитивӣ, балки дар робита бо фалсафаи ҳуқуқи позитивӣ, бо усули таҳлили тамаддунию фарҳангӣ меомӯзад. Ҳуқуқи позитивӣ на ба маънои анъанавӣ (масалан, ҳамчун ифодаи иродаи синфӣ, воситаи зӯроварӣ ва ғайра), балки ҳамчун ҷузъи тамаддуни инсонӣ, падидаи маънавӣ ва фарҳангӣ, дастоварди фарҳанги инсонӣ омӯхта мешавад.

В.К. Бабаев дар заминаи нуқтаи назари фалсафӣ ва сотсиологӣ мафҳуми васеи ҳуқуқро ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад[3].

Айни замон кӯшиши пешниҳоди мафҳуми васеи ҳуқуқ дар асарҳои як қатор олимони ҳуқуқшинос дар миёнаҳои солҳои 1990-ум зери танқид гирифта шуда буд[4]. Ба ақидаи М.Н. Марченко, мафҳумҳои васеи ҳуқуқ «ҷиддӣ нестанд ва моҳиятан аз доираи тасаввуроти расмии маҳдуди меъёрӣ намебароянд»[5].

Дар илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқ истифода мешаванд. Нуқтаи назари ягона ва мафҳуми умумӣ истифода намешавад. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, сабаби ҳал нашудани проблемаи дарки ягонаи ҳуқуқ дар илми

---

[1] Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. - М., 2005. - С. 319-332.
[2] Алексеев С.С. Право: азбука – теория – философия: Опыт комплексного исследования. - М., 1999. - С. 3-4.
[3] Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. – Н.-Н., 1993. – С. 43-51.
[4] Керимов Д.А., Недбайло П.Е., Самощенко И.С., Явич Л.С. К вопросу об определении понятия социалистического права // Правоведение. - 1996. - № 2.
[5] Марченко М.Н. Теория государства и права. - М., 2004. - С. 69-70.

пасошӯравӣ дар он аст, ки ҳоло «падидаҳои бuҳронӣ» дар илми назариявӣ бинобар рад намудани «мактаби марксистӣ» мушоҳида мешаванд[1].

Айни замон М.Н. Марченко таъкид мекунад, ки «падидаҳои буҳронӣ» дар ҳалли проблемаҳои дарки ҳуқуқ «якчанд аср пеш пайдо шуданд ва то имрӯз боқӣ мондаанд», проблемаҳои дарки ҳуқуқ на танҳо дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ ва пасошӯравӣ, балки дар «кишварҳои дигари ба ном «тамаддунӣ» низ ба чашм мерасанд»[2].

Дар илми марксистӣ, тавре маълум аст, мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо мубориэаи синфӣ, ҳамчун шакли ифодаи иродаи синфи ҳукмрон муайян карда мешавад. Дар давлати шӯравӣ назарияи маҳдуди меъёрӣ истифода шуда, мафҳуми ҳуқуқи сотсиалистӣ (шӯравӣ) дар робита бо меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат муайян карда мешавад.

Нуқтаи назари «маҳдуди меъёрӣ» дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ ҳукмрон буда, имконияти истифодаи нуқтаҳои назари илмии дигар ҷой надошт. Мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо меъёрҳои ҳуқуқии давлат, ҳамчун шакли ифодаи иродаи синфӣ ва расмии ҳокимият, шакли инъикоси сиёсати давлат ва мафкураи ҳизби хукмрони коммунистӣ муайян карда мешавад. Таърифи мафҳуми ҳуқуқ ҳамчун «низоми меъёрҳои ё қоидаҳои рафтори муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлат» солҳои тӯлонӣ дар асарҳои илмӣ ва адабиёти таълимӣ ҳамчун ягона таърифи воқеӣ, ҳақиқӣ, аслии ҳуқуқи шӯравии сотсиалистӣ истифода мешавад.

Мебояд зикр намуд, ки дар назарияи имрӯзаи ҳуқуқ яке аз нишонаҳои хуқукро меъёрият ташкил медиҳад. Аммо «меъёрият» ҳамчун нишонаи ҳуқуқ бо нуқтаи назари маҳдуди меъёрӣ, ки дар илми шӯравӣ истифода шуда буд, робита надорад. Меъёрият маънои онро дорад, ки ҳуқуқ андоза, ченак, намуна, ҳадди амали ҳуқуқии субъектони ҳуқуқро муайян намуда, фаъолияти онҳоро танзим мекунад, дар ҷомеа интизом, тартибот, назму субот, қонуният, тартиботи ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Илова бар ин, меъёрият нишонаи ҳамаи меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад. Меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ, сиёсӣ, оилавӣ, динӣ ва дигари иҷтимоӣ намуна ва андозаи амали инсонро муқаррар намуда, тартибот ва устувории ҳаёти ҷомеаро таъмин мекунанд. Бар замми ин, меъёрҳои иҷтимоӣ таърихан пеш аз ҳуқуқ ташаккул ёфта, дар марҳилаҳои инкишофи таърихӣ, ки садсолаҳо бидуни давлат ва қонун инкишоф ёфтаанд, нақши созанда доштанд, чунки рушди муътадили ҳаёти ҷомеаро таъмин намудаанд.

Ба андешаи Г.В. Малтсев, «меъёрияти иҷтимоӣ» ҷузъи «фарҳанги ибтидоӣ» буда, ахлоқ, дин ва қоидаҳои дигари амали одамон ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ ҳамчун меъёрҳои танзимкунанда истифода мешуданд, дар ҷомеаи ибтидоӣ «на майли табиӣ ва одати бехирадонаи рафтор, балки маҳз меъёр ҳамчун падидаи ақлона, маҳсули шуур хукмрон буд», меъёрҳои ҳуқуқии қадима дар шакли одат аз насл ба насл мегузаштанд, ба туфайли сифатҳои арзишӣ (хайр, некӣ, адолат) ба анъана табдил меёфтанд[3]. Дар ин замина меъёрият ҳамчун нишонаи ҳам меъёрҳои ибтидоӣ ва ҳам қонуни муосир пазируфта мешавад[4].

Ҳамин тариқ, меъёрият нишонаи ҳамаи меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқ, одатҳо, дин ва ғайра) мебошад. Айни замон ин нишона дар иртибот бо хусусиятҳои меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Чунончи, ахлоқ, дин, одатҳо, анъанаҳо тавассути тарзу воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба шууру амали одамон дар ҷомеа тартибу интизомро таъмин мекунанд. Ҳуқуқ низ қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро дар ҷомеа бо истифода аз тарзу воситаҳои гуногуни таъсиррасонии меъёрӣ

---

[1] Поляков А.В. Петербургская школа философии права и задачи современного правоведения // Правоведение. - 2000. - № 2. - С. 4.
[2] Марченко М.Н. Ас. иш. С. 69-70.
[3] Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. - С. 27-135.
[4] Мальцев Г.В. Понимание праа. Подходы и проблемы. - С. 7.

ба шууру амали одамон таъмин мекунад. Илова бар ин, тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҳангоми танзими ҳуқуқӣ истифода мешаванд (фактҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ, шартнома, амр, қарор ва ғайра) бо чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ кафолат дода мешаванд.

Тафовути асосии назарияи муосири ҳуқуқ аз назарияи маҳдуди меъёрии шӯравӣ дар он аст, ки нишонаи меъёрият аз доираи мафҳуми «меъёри ҳуқуқ» берун мебарояд. Интизом, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ бо ёрии на танҳо меъёрҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки муқаррароти шартномаҳои меъёрӣ (байналмилалӣ, коллективӣ, оммавии маданӣ), амсоли судӣ, амалияи судӣ, принсипҳои ҳуқуқ, арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ (адолат, поквиҷдонӣ, хираднокӣ ва дигар), одатҳои ҳуқуқӣ (анъанаҳои муомилоти корӣ ва ғайра) таъмин карда мешавад.

Мебояд зикр намуд, ки нуқтаи назари меъёрӣ дар илми ҳуқуқшиносии давлатҳои Ғарб низ васеъ истифода мешавад. Дарку тавсифи меъёрии ҳуқуқ на танҳо дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ, балки қабл аз давлати шӯравӣ муддати тӯлонӣ дар давлатҳои дигар, пеш аз ҳама, дар назарияҳои позитивии ҳуқуқ истифода мешавад. «Таҳлили меъёрӣ, - менависад Н. Рулан, - дар назарияҳои ҳуқуқ, ки ҳуқуқро ҳамчун маҷмӯи муайяни меъёрҳои дар матни санадҳо, асосан кодексҳо ифодагашта дарк мекунанд, истифода мешавад»[1].

Аммо нуқтаи назари меъёрӣ дар назарияҳои гуногуни позитивӣ, аз он ҷумла назарияҳои аврупоӣ ва шӯравӣ хусусиятҳои худро дорад. Умумияти ҳамаи назарияҳои позитивӣ дар он аст, ки ҳуқуқ ҳамчун маҷмӯи ё низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ маънидод карда мешавад. Аммо тафовути назарияҳои позитивӣ дар дарки моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ бештар зоҳир мешавад. Дар назарияҳои позитивии аврупоӣ ба таҳқиқи мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ, сарфи назар аз падидаҳои идеологию сиёсӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мешавад. Аз ҷумла, Г. Келзен робитаи ҳуқуқро бо идеология ва сиёсат пурра рад мекунад. Илова бар ин, дар низоми мартаботии меъёрҳо, ки Г. Келзен пешниҳод мекунад, дар баробари меъёрҳои конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрии зерқонунӣ инчунин меъёрҳои мақомоти судиву маъмурӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар назарияи меъёрии шӯравӣ ҳуқуқи сотсиалистӣ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии давлат тавсиф гардида, давлат субъекти ягонаи меъёрэҷодкунӣ эълон карда мешавад, монополияи давлат дар ин соҳа пазируфта мешавад, алоқамандии ҳуқуқ бо идеологияи марксистӣ-ленинӣ, бо сиёсати ҳизби коммунистӣ, бо иродаи синфӣ (синфи коргару деҳқон дар солҳои аввали сохтмони сотсиалистӣ, сипас, иродаи меҳнаткашон ва халқи шӯравӣ) бо далелҳои бештар идеологӣ ва сиёсӣ исбот карда мешавад. Истифодаи нуқтаҳои назари дигари илмӣ оид ба мафҳуми ҳуқуқи сотсиалистӣ манъ карда мешавад. Дар иртибот бо муборизаи оштинопазир байни идеологияи сотсиалистӣ ва идеологияи буржуазӣ назарияҳои ғарбии фитрӣ-ҳуқуқӣ, фалсафаи ҳуқуқи ғарбӣ ҳамчун шакли тафаккури идеалистӣ рад карда мешаванд.

Табиист, ки дар шароити ихтилофоти оштинопазири идеологӣ байни давлатҳои сотсиалистӣ ва давлатҳои сармоядор (асосан ғарбӣ) назарияҳои гуногуни ҳуқуқ, ки дар минтақаи Ғарб, асосан дар натиҷаи инқилобҳои буржуазӣ ташаккул ёфта, ақидаҳои буржуазиро ҳимоя менамуданд, дар давлатҳои сотсиалистӣ истифода шуда наметавонистанд. Бар замми ин, назарияҳои ғарбии ҳуқуқ, ки дар давраи инқилобҳои буржуазӣ ва давраҳои минбаъдаи инкишофи муносибатҳои бозаргонӣ паҳн шуда буданд, ақидаҳои буржуазиро тавассути назарияи ҳуқуқҳои инсон (ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, ба дахлнопазирии моликияти хусусӣ, озодии рақобат ва савдо ва ғайра) ҳимоя менамуданд. Назарияҳои либералии ҳуқуқ, ки дар Ғарб васеъ паҳн шуда, ба ҳадафҳо ва манфиатҳои давлатҳои ғарбӣ пурра мутобиқ буданд, мафҳуми либералии ҳуқуқро дар робита бо назарияҳои либералии маҳдудкунии фаъолияти

[1] Рулан Н. Юридическая антропология. - М., 1999. - С. 44.

иҷтимоию иқтисодии давлат, дахолат накардани давлат ба ҳаёти хусусӣ, дахлнопазирии моликиятдории хусусӣ муайян мекунанд.

Илова бар ин, дар назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқии ғарбӣ, ки дар доираи равияҳои протестантӣ ва католикӣ инкишоф ёфтаанд, мабдаи ғайримодии (зиддиматериалистии) ҳуқуқҳои фитрии инсон пазируфта мешавад.

Табист, ки ин гуна назарияҳои ғарбии ҳуқуқ дар давлати шӯравӣ истифода шуда наметавонистанд. Идеологияи марксистӣ-ленинӣ, илм, назария, фалсафаи сотсиалистӣ моликияти хусусиро ҳамчун сарчашмаи асосии нобаробарии иқтисодӣ, истисмори одам аз тарафи одам мепазирад. Дар конститутсияҳои шӯравӣ рушди иқтисодӣ дар заминаи моликияти давлатӣ кафолат дода мешавад. Назарияҳои ғарбии фитрӣ-ҳуқуқӣ, ки мабдаи иделистии ҳуқуқҳои инсонро (дар доираи фалсафаи идеалистӣ) мепазируфтанд, бо назарияи сотсиалистии (материалистии) «ҳуқуқҳои шаҳрванд» иваз карда мешавад. Мабдаи материалистии (моддии) ҳуқуқ, аз он ҷумла ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлати шӯравӣ пазируфта мешавад. Иродаи давлат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, аз он ҷумла ҳуқуқҳои шаҳрвандони шӯравӣ эълон карда мешавад. Дар давраҳои минбаъдаи сохтмони сотсиалистӣ дар робита бо ташаккули давлати умумихалқии сотсиалистӣ иродаи халқ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар сатҳи Конститутсияи шӯравӣ эълон карда мешавад.

Ҳамин тариқ, назарияи сотсиалистии ҳуқуқ дар робита бо оштинопазирии идеологияи сотсиалистӣ ва идеологияи буржуазӣ, дар шароити рақобати шадиди давлатҳои сотсиалистӣ (аз он ҷумла давлатҳои Африқо, Осиё, Амрикои Лотинӣ, ки аз зулми мустамлика озод шуда буданд) ва давлатҳои капиталисӣ (ИМА, Аврупои ғарбӣ, Япония, Канада) ташаккул ёфта, дар сатҳи расмӣ ҳимоя карда мешавад, солҳои тӯлонӣ истифода мешавад. Дар давраи «ҷанги сард» оштинопазирии идеология сотсиалистӣ ва буржуазӣ, аз он ҷумла назарияҳои сотсиалистӣ ва ғарбии ҳуқуқ бештар зоҳир мешавад.

Барои ҳамин, назарияи меъёрии ҳуқуқи шӯравӣ тасодуфан пайдо нашудааст. Дар ташаккули ин назария шароити таърихӣ, омилҳои идеологӣ ва сиёсӣ, пеш аз ҳама, оштинопазирии давлатҳои сотсилистӣ ва давлатҳои буржуазии ғарбӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Назарияи ҳуқуқи шӯравиро барои он назарияи маҳдуди меъёрӣ меноманд, ки мафҳуми ҳуқуқи шӯравиро дар робита бо меъёрҳои қонунгузорӣ муайян мекунад. Дар натиҷа мафҳуми ҳуқуқ то ҳадди имкон маҳдуд карда мешавад, чунки шаклҳои дигари ҳуқуқ (принсипҳои ҳуқуқ. амалияи судӣ, шартномаи меъёрӣ ва дигар) ба инобат гирифта намешаванд. Бар замми ин, гуногунии шаклҳои ифодаи меъёри ҳуқуқӣ ба инобат гирифта намешавад.

А.Б. Венгеров аломати иродавӣ ва синфии ҳуқуқро зери шубҳа гирифта, камбудии илми ҳуқуқшиносии шӯравиро дар он мебинад, ки ирода ҳамчун аломати асосии ҳуқуқ эътироф гардида, айни замон моҳияти ирода ба маънои равонӣ (қобилияти интихоби амал, табдили хоҳиш ба зарурат) ва сотсиологӣ (хиҳиш, табдили ирода ба унсури ҳокимият) ба инобат гирифта намешуданд, дар натиҷа «санадҳои ҳуқуқии субъективию худсарона ҳамчун шакли ифодаи иродаи халқ, синф, гурӯҳи иҷтимоӣ эълон карда мешаванд»[1].

Ҳоло нуқтаи назари меъёрӣ дар илми пасошӯравӣ якҷоя бо нуқтаҳои назари дигари илмӣ истифода мешавад. Як қатор муаллифон назарияи меъёриро ҳатмӣ, зарур, муҳим мешуморанд. Чунончи, ба андешаи Х.И. Гаҷиев, «дарки меъёрии ҳуқуқ ҳамчун танзимкунандаи ҳокимиятии муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯйи устувории тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният мебошад»[2].

---

[1] Венгеров А.Б. Ас. иш. - С. 318.
[2] Гаджиев Х.И. Толкование права и закона. - М., 2000. - С. 21.

Айни замон як қатор муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки нуктаҳои ҷудогона, пеш аз ҳама, идеологӣ, сиёсӣ, синфии назарияи маҳдуди меъёрии шӯравиро бо нуктаҳои нави илмӣ иваз намоянд. Дар ин ҳолат таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба иваз намудани нуктаҳои иродавӣ-синфии назарияи маҳдуди меъёрӣ бо категорияи «умумиинсонӣ» дода мешавад[1].

Чунин кӯшишро, масалан, М.И. Байтин ба харҷ медиҳад. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқ низоми меъёрҳои умумиҳатмӣ мебошад, ки «иродаи давлатии ҷомеа, хусусияти умумиинсонӣ ва синфии онро ифода намуда, аз тарафи давлат эҷод ё эътироф мегардад, бо маҷбурсозии давлатӣ ҳифз мешавад, ҳамчун воситаи танзими расмӣ, ҳокимиятии муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешавад»[2].

Нуқтаи назари меъёрӣ дар илми ҳуқуқии Тоҷикистон низ истифода мешавад. Дар ин ҳолат ҳуқуқ ҳамчун низоми ё маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлат шарҳ дода мешавад. Чунончи, ба ақидаи Р. Ғоибов, ҳуқуқ «маҷмӯи қоидаҳои рафтори умумиҳатмист, ки аз тарафи давлат муқаррар ва ҳимоя шуда, манфиатҳои тамоми ҷомеа, ҳамчунин манфиатҳои умумӣ ва алоҳидаи аҳолии мамлакатро ифода менамоянд ва чун танзимкунандаи давлатии муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд»[3].

Ба ин нигоҳ накарда, дар илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ нуқтаҳои назари дигар (неопозитивӣ, антропологӣ, коммуникатсионӣ, интегративӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ ва дигар) васеъ истифода мешаванд.

Дар нимаи дуюми солҳои 1990-м ва ибтидои солҳои 2000-ум таваҷҷуҳи асосӣ ба пешниҳоди назарияи нави ҳуқуқи пасошӯравӣ дар заминаи муттаҳид намудани нуқтаҳои назари позитивӣ ва фитрӣ-ҳуқуқӣ дода мешавад.

Чунончи, ба андешаи С.С. Алексеев, ҳуқуқи фитрӣ дар шуури ҳуқуқӣ пойдор гардида, «ҳамчун нахустнамуди меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ баромад мекунад»[4].

В.К. Бабаев таъкид мекунад, ки «қонунгузорӣ як қисми ҳуқуқи фитриро инъикос мекунад», қисми дигари он дар шакли «принсипҳо, шуури ҳуқуқӣ, дигар падидаҳои ҳуқуқӣ арзи вуҷуд дорад»[5].

Ба андешаи В.А. Туманов, ҳуқуқи фитрӣ дар шакли тасаввуроти одамон оид ба адолат, ҳуқуқҳои инсон, арзишҳои дигари иҷтимоӣ вуҷуд дорад, вале ин тасаввурот ба ҳайси «талаботи ҳуқуқӣ, ки нисбат ба ҳуқуқ ва қонунгузории амалкунанда пешниҳод мешавад, ташаккул меёбад»[6].

Илова бар ин, мафҳумҳои нави ҳуқуқ дар заминаи муттаҳид намудани нуқтаҳои назари меъёрӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ ва дигар пешбарӣ мешаванд. Дар натиҷа мафҳумҳои зерини ҳуқуқ пешниҳод мешаванд:

- ҳуқуқ ҳамчун низоми муқарраротӣ меъёрӣ, меъёри адолат ва озодии инсон (В.К. Бабаев)[7];
– ҳуқуқ ҳамчун андоза, меъёр ва кафили озодӣ (Н.И. Матузов)[8];
– ҳуқуқ ҳамчун ченаки умумӣ ва меъёри баробари озодии фард (В.С. Нерсесянс)[9];
– ҳуқуқ ҳамчун низоми меъёрҳои умумиҳатмии танзимкунанда мутобиқи асосҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ (М.Н. Марченко)[1].

---

[1] Марченко М.Н. Ас. иш. - С. 69.
[2] Байтин М.И. Сущность права (Современное нормативное правопонимание на грани двух веков). - Саратов, 2001. - С. 81-82.
[3] Ғоибов Р. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. - Хуҷанд, 2000. - С. 56.
[4] Алексеев С.С. Философия права. - М., 1999. - С. 26.
[5] Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. - С. 22.
[6] Ҳамон ҷо. - С. 23.
[7] Ҳамон ҷо. - С. 111.
[8] Ниг.: Матузов Н.И. Актуальные проблемы теории права. - Саратов, 2003. - С. 76.
[9] Нерсесянц В.С. Проблемы общей теории права и государства. - С. 173.

В.А. Четвернин аз назарияи либертарии В.С. Нерсесянс пуштибонӣ намуда, ҳуқуқро ҳамчун тарзи махсуси танзими иҷтимоӣ-меъёрӣ тавассути принсипи баробарии шаклӣ, ё баробарии озодӣ маънидод мекунад. Баробарии шаклӣ ва ҳадди ақали озодии инсонро, ба фикри ӯ, қонуни ҳуқуқӣ таъмин намуда, ҳаҷм ва ҳудуди озодӣ дар ҷараёни инкишофи таърихӣ тобора васеътар мегардад[2].

Айни замон нуқтаи назари либертарии ҳуқуқ дар адабиёти илмӣ мавриди танқиди ҷиддӣ қарор дода мешавад. Чунончи, О.В. Мартишин як қатор андешаҳои либертарии В.С. Нерсесянс ва В.А. Четвернинро оид ба мутлақо ҳуқуқӣ будани арзишҳои ҳуқуқӣ, омехта намудани ҳуқуқ ва адолат рад мекунад. Агар В.С. Нерсесянс адолатро «категорияи ҳуқуқӣ» шуморад[3], пас О.В. Мартишин онро ҳамчун «категорияи ахлоқӣ» арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки адолат танҳо «бо ҳуқуқ маҳдуд намешавад, пурра мутааллиқи ҳуқуқ нест»[4]. Барои исботи ақидааш О.В. Мартишин ба асарҳои муҳаққиқони ғарбӣ (Д. Уолкер, Ж. Дабэн, Д. Манэ, Н. Боббио ва дигарон) ишора намуда, таъкид мекунад, ки «муҳаққиқони намоёни кишварҳои мухталиф бо як овоз муқобили омехта намудани ҳуқуқ ва адолат баромад мекунанд, ё мутлақо категорияи ҳуқуқӣ будани адолат ва арзишҳои дигарро якдилона рад мкунанд»[5].

Дар робита бо ин масъала дар адабиёти ҳуқуқии пасошӯравӣ атрофи маънои озодӣ дар таносуб бо ҳуқуқ, аз он ҷумла озодии фардӣ баҳси назариявӣ авҷ мегирад.

Ҷонибдори назарияи либертарӣ В.А. Четвернин озодиро «арзиши мутлақи ҷомеаи инсонӣ» мешуморад[6]. Вале яке аз мунаққидони фаъоли назарияи либертарӣ Г.В. Малтсев таъкид мекунад, ки эълон гардидани «ҳуқуқу озодиҳои фардӣ» яке аз шиорҳои «либерализми ғарбӣ» буда, чунин амал мухолифи муқаррароти умумии «таълимоти масеҳӣ» мебошад[7].

О.В. Мартишин низ аз ҷумлаи муқобилони назарияи либертарӣ буда, таъкид мекунад, ки дар баробари анъанаҳои либерализми классикии ғарбӣ дар давраи муосир боз як тамоили нав пайдо шудааст, ки «озодии фардиро арзиши олӣ эълон намуда», номи «либертаризмро соҳиб гаштааст». Муаллиф бо назардошти нуқтаҳои назари танқидии либертаризм дар Ғарб менависад: «Либертаристони Россия дар мисоли В.А. Четвернин ва ҳамфикронаш на танҳо номи ҷонибдорони либерализми ғарбии қаноти ростро соҳиб гаштанд, балки андешаҳои онҳоро дар хусуси аз байн рабудани функсияҳои иҷтимоии давлат ва танзими давлатии иқтисод баҳри таъмини ҳуқуқҳои шахс қабул намуданд. Чунин аст тафсири мушаххас, зиддибашарӣ ва зиддиҷамъиятии озодӣ»[8].

О.В. Мартишин камбудии назарияи либертариро дар он мебинад, ки «баробарии шаклӣ ва воқеиро» хилофи ҳамдигар эълон мекунад, ҳол он ки онҳо ҷудонашаванда буда, «танҳо баробарии шароитҳо баробарии ҳуқуқиро воқеӣ мегардонад»[9].

Мебояд зикр намуд, ки дар назарияи либертарии ҳуқуқ озодии фардӣ ва умуман категорияи «фард» дар партави ақидаҳои ғарбии фардигароӣ ҳимоя карда мешавад. Барои ҳамин, дар шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар натиҷаи ошкор гардидани камбудии як қатор ақидаҳои назарияҳои ғарбии либералӣ, пеш аз ҳама,

---

1 Марченко М.Н. Ас. иш. - С. 331-332.
2 Четвернин В.А. Введение в курс общей теории права и государства. - М., 2003.
3 Нерсесянц В.С. Философия права. - С. 28.
4 Мартышин О.В. Проблема ценностей в теории государства и права // Государство и право. -М., 2004. - № 10. - С. 7.
5 Ҳамон ҷо.
6 Четвернин В.А. Понятие права и государства. Введение в курс теории права и государства. - М., 1997. - С. 54.
7 Мальцев Г.В. Понимание права. - С. 265.
8 Мартышин О.В. Ас.иш. - С. 10.
9 Ҳамон ҷо. - С. 11.

ақдаҳои ғарбгаро, ки ба шароити кишварҳои пасошӯравӣ мутобиқат надоштанд, назарияи либертарӣ зери танқид гирифта мешавад. Дар натиҷа назарияи либертарии ҳуқуқ ҷонибдорони зиёд пайдо намекунад.

Ақидаҳои ғарбгарои мухторият ва озодии фард ба як қатор муҳаққиқон зимни таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Чунончи, В.Н. Хропанюк таъкид мекунад, ки ҳуқуқ ҳамчун низоми қоидаҳои рафтори умумиҳатмӣ аз ҷониби давлат муқаррару ҳифз гардида, «манфиатҳои умумӣ ва фардии аҳолии кишварро ифода мекунад»[1].

Маълум нест, ки муаллиф бо мафҳуми «манфиатҳои фардии аҳолӣ» манфиатҳои киро дар назар дорад, чунки аҳолӣ ҳамчун шакли иттиҳоди одамон манфиатҳои умумиро ҳимоя мекунад. Ҳама гуна шакли иттиҳоди одамон дар заминаи манфиатҳои умумии онҳо ташаккул меёбад. Парокандагии манфиатҳо, манфиатҳои оштинопазир ин ё он шакли иттиҳоди одамонро имконнопазир мегардонад. Мафиатҳои фард бидуни манфиатҳои аҳолӣ амалӣ шуда наметавонанд.

Дар ин ҳолат ихтилофоти байни манфиатҳои аҳолӣ ва манфиатҳои фард пайдо мешавад. Чунончи, дар ҷомеаи анъанавӣ, ки ба устуворӣ ва дахлнопазирии арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, тамаддунӣ такя дорад, ҳама гуна амали зиддиахлоқии фарди адоҳида, ки дар иртибот бо кӯшиши зоҳир намудани қоидаҳо ва меъёрҳои номатлуби зиндагӣ (иваз намудани ҷинс, никоҳи ҳамҷинсӣ ва ғайра) ба сомон мерасад, боиси изтироб, норозигии шадиди аҳолӣ мешавад. Вале чунин афрод, аниқтараш чунин фард дар ҷомеаи ғарбӣ, ки ин падидаҳои барои мо номатлубро дар сатҳи қонун ҳимоя мекунад, озодона, бидуни хама гуна таъқибу фишор амал мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ падидаи мураккаб ва айни замон муҳимми ҳаёти ҷомеа буда, доимо, дар тӯли ҳазорсолаҳо дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони минтақаҳову кишварҳои гуногуни ҷаҳон қарор дошт. Таърихи афкори ҳуқукии башар собит менамояд, ки ин ё он мафҳуми ҳуқуқ абадӣ набуда, муваққатан дар як давраи таърихӣ истифода мешавад (агар ҷонибдорони зиёд дошта бошад). Ҳуқуқ унсури таркибии ҳаёти ҷомеа буда, бо пешрафти ҷомеа тағйир меёбад. Дар ҳар як давраи инкишофи таърихӣ мафҳум ё мафҳумҳои муайяни ҳуқуқ истифода мешаванд. Ин мафҳумҳои ҳуқуқ дар доираи ин ё он нуқтаи назар, ин ё он назария пешниҳод мешаванд. Айни замон асосҳои методологии назарияҳои гуногуни ҳуқуқ доимо тағйир меёбанд.

Ҳуқуқ падидаи инкишофёбанда буда, мафҳуми ҳуқуқ бо назардошти тағйири шароити ҳаёти ҷомеа бояд муайян карда шавад. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар методологияи таҳқиқоти илмӣ, инкишофи заминаи илмии таҳқиқот, вазифаҳои нави таҳқиқоти илмӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Барои ҳамин, ҳангоми истифодаи мафҳумҳои анъанавии ҳуқуқ, ки дар давраҳои қаблӣ васеъ истифода шуда буданд, тағйири шароити таърихӣ, самтҳо, қонуният ва дурнамои рушди ҳаёти ҳуқуқиро мебояд ба инобат гирифт. Назарияҳои гуногуни ҳуқуқ субъективӣ буда, дар доираи шуури ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии муаллифи назария, ҳамчунин, мавқеи сиёсӣ ва идеологии муаллиф, сатҳи муносибаташ ба манфиатҳои миллӣ пешниҳод мешаванд. Ба пешниҳоди назарияҳои ҳуқуқ ҳадафҳои идеологию сиёсӣ, равандҳои ҳукмрони сиёсӣ, динӣ, иқтисодӣ ва дигар метавонанд таъсир расонанд.

Чунончи, назарияҳои ҳуқуқи А. Августин ва Ф. Аквинӣ, ки заминаи назарияҳои имрӯзаи фитрӣ-ҳуқуқии протестантӣ ва католикиро ташкил медиҳанд, дар алоқамандӣ бо дини масеҳӣ пешниҳод шудаанд.

Назарияи ҳуқуқшиноси машҳур Г. Келзен дар шароити иваз шудани мутлақияти Австрия бо шакли идораи ҷумҳурӣ пешниҳод мешавад, муқаррар гардидани режими фашистӣ дар Австрия, Олмон ва кишварҳои дигари Аврупо, ки боиси таъқиб ва муҳоҷирати мутафаккир мешавад, ба ақидаҳои Г. Келзен таъсир мерасонанд.

[1] Хропанюк В.Н. Теория государства и права. - М.. 2002. - С. 183.

Назарияҳое, ки ақидаҳо ва шиорҳои либералиро тарғиб мекунанд, ҳадафҳои идеологияи либералиро, ки ҷузъи сиёсати як қатор давлатҳост, ҳатман ба инобат мегиранд.

Дар Ғарб назарияҳои имрӯзаи ҳуқуқ бухрони алоқӣ, маънавӣ, фарҳангии ин митақаро инъикос мекунанд. Ин назарияҳо бештар ба ҳадафҳои геосиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, фаромиллӣ, глобалӣ ва дигари давлатҳои ғарбӣ тобеъ карда мешаванд. Нуктаҳои илмӣ ва иедологии назарияҳои ҷудогонаи ҳуқуқ дар ҷомеаи Ғарб дар раванди ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Назарияҳои ҳуқуқ дар давлатҳои пасошӯравӣ бо назардошти ошкор гардидани тамоюли бухронӣ дар либерализми ғарбӣ, таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, хатари воридшавии фарҳанги бегона инкишоф мёбанд. Барои давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳимояи манфиатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Барои ҳамин, ҳангоми истифодаи назарияҳои гуногуни ҳуқуқ, ки аз хориҷа вориди фазои илмию таълимии Тоҷикистон мешаванд, ҳадафҳои геосиёсӣ, идеологии, фаромиллии онҳо, мутобиқати ин назарияҳоро ба шароити таърихии Тоҷикистон, ба шуур, ҷаҳонбинӣ, маънавиёти аҳолӣ, ба манфиатҳои миллӣ муайян намудан зарур аст.

Бар замми ин, назарияҳои ҳуқуқ ҳоло бо назарияҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ, геосиёсӣ, геоиқтисодӣ ва дигар омехта мешаванд. Чунончи, мактабҳои гуногуни либертарӣ, ки дар ҷомеаи Ғарб солҳои охир васеъ паҳн шудаанд, ҷонибдори озодии мутлақи фард, аз он ҷумла дар соҳаи ҳаёти шаҳватпарастона ва шаҳватомез мебошанд, ҳатто талаб мекунанд, ки хариду фурӯши ҳама гуна маводи нашъадор пурра иҷозат дода шавад.

Таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон бо назардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибхтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини фазои миллии фарҳангӣ ва маънавӣ, дар робита бо ҳадафҳо, афзалиятҳо ва дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳангоми пешбарии мафҳуми ҳуқуқ ба ҳолатҳои зерин мебояд таваҷҷуҳ намуд:

1. Дар назарияи шӯравӣ меъёри ҳуқуқ ба маънои қоидаи рафтор дарк карда мешавад. Ҳуқуқ ба маънои низоми меъёрҳо ё қоидаҳои рафтор фаҳмида мешавад. Аммо ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли қоидаи амал қабул намешаванд. Тавре маълум аст, меъёрҳое, ки қоидаи амал мебошанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсро муайян мекунанд. Меъёр-қоидаи амал амали шахсро маҳз тавассути ҳуқуқу уҳдадориҳо танзим мекунад. Дар натиҷаи татбиқи ҳамин меъёрҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, дар байни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ робитаи устувори ҳуқуқӣ тавассути ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ пайдо мешавад.

Вале дар матни қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ танҳо меъёрҳо-қоидаҳои амал истифода намешаванд. Танҳо як қисми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли қоидаҳои амал муқаррар карда мешаванд. Илова бар ин, ҳамин меъёрҳо-қоидаҳои амал унсури мантиқии сеунсура (гипотеза, диспозитсия, санксия) доранд. Меъёрҳои дигар чунин сохти мантиқӣ надоранд.

Қисми дигари меъёрҳо дар шакли мафҳумҳои илмии ҳуқуқӣ, таърифҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқ, меъёрҳои таъсискунанда, ташкилкунанда ва ғайра муқаррар карда мешаванд. Чунончи, меъёре, ки дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, моҳияти давлати Тоҷикистон, шакли идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Таърифи илмии мафҳуми «шахси ҳуқуқӣ» дар Кодекси маданииҶТ, таърифи илмии мафҳуми «ҷиноят» дар Кодекси ҷиноятӣ сабт мешавад. Таърифҳои илмӣ дар моддаҳои кодексҳои дигар ва умуман, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд.

Ин гуна меъёрҳо аз меъёрҳое, ки қоидаи амалро пешбинӣ мекунанд, фарқи куллӣ доранд. Дар ин меъёрҳо ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии иштирок-

чиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ намешаванд. Илова бар ин, меъёрҳои зикршуда мазмуни илмӣ доранд, чунки натиҷаи таҳқиқоти илмӣ мебошанд.

Дар асарҳои илмӣ, ки солҳои охир дар давлатҳои пасошӯравӣ нашр шудаанд, гуногунии меъёрҳои ҳуқуқ ба инобат гиифта мешавад. Барои ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ, ки намудҳои зиёд доранд, истилоҳи анъанавии «меъёри ҳуқуқ», ё истилоҳоти нав, ба мисли «муқаррароти меъёрӣ», «нишондоди ҳуқуқӣ» ва дигар истифода мешаванд. Дар ҳолати якум меъёрҳо-қоидаҳои амал, меъёрҳо-мафҳумҳо, меъёрҳо-таърифҳо, меъёрҳо-принсипҳо ва намудҳои дигари меъёр аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Дар ҳолати дуюм ба тафовути амиқи назарияи шӯравӣ ва назарияи муосири ҳуқуқ эътибор медиҳанд.

2. Мафҳумҳои муосири ҳуқуқ дар давлатҳои пасошӯравӣ дар робита бо таносуби назарияҳои позитивӣ ва фитрӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд. Тавре болотар маълум гардид, аксарияти олимон ин усули илмии таҳқиқоти комлексӣ ё омехтаро (интегративӣ) ҷонибдорӣ мекунанд. Дар натиҷа ҳангоми пешбарии мафҳуми ҳуқуқ нуктаҳои методологии назарияҳои позитивӣ ва фитрӣ-ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Чунин усули таҳқиқоти илмӣ қобили дастгирист, чунки ҳоло арзишҳои назарияи фитрӣ- ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқҳои фитрии инсон дар сатҳи конститутсияҳои давлатҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла др м. 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расман эътироф карда мешаванд. Барои ҳамин, дар мафҳумҳои имрӯзаи ҳуқуқ алоқамандии ҳуқуқ бо арзишҳои фитрӣ- ҳуқуқӣ, аз ҷумла бо ҳуқуқҳои фитрии (тавлидӣ ва дахлнопазири) инсон ҳатман ба инобат гирифта мешавад.

3. Назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ таърихан дар заминаи эътирофи алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ ташаккулу инкишоф ёфтаанд. Дар ин назарияҳо мафҳуми ҳуқуқ дар робита бо арзишҳои ахлоқӣ муайян карда мешавад. Барои ҳамин, назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқиро ба ибораи дигар назарияҳои ахлоқӣ меноманд. Арзишҳои ахлоқӣ ҳоло дар қонунгузории Тоҷикистон бевосита инъикоси худро ёфтаанд.

Чунончи, тибқи м. 3 Кодекси мадании ҶТ (аз 1-ми июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад): «Ҳангоми муқаррар, амалӣ ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бояд бовиҷдонона амал кунанд». Тибқи м. 6 Кодекси маданӣ: «Дар сурати номумкин будани истифодаи қиёси қонун дар ҳолатҳои зикргардида ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунгузории маданӣ ва талаботи бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолат муайян карда мешаванд (қиёси ҳуқуқ)».

Арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 23 феврали соли 2023 бевосита ифодаи худро ёфтаанд. Аз ҷумла, риояи арзишҳои ахлоқӣ ҳангоми ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ пешбинӣ мешавад (м. 1). Ташаккул додани сифатҳои баланди ахлоқӣ яке аз ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мебошад (м. 3). Ташаккул додани арзишҳои олии маънавию ахлоқӣ дар тафаккури насли наврас яке аз вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон маҳсуб мешавад (б. 2., м. 3). Қонуни мазкур барои инкишофи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ҷисмонии шаҳрандон мусоидат мекунад (м. 4).

Ба инобат гирифтани робитаи ҳуқуқ ва ахлоқ ҳангоми пешбарии мафҳуми ҳуқуқ, инъикоси арзишҳои ахлоқӣ дар қонунгузорӣ аҳаммияти сиёсӣ, фарҳангӣ-тамаддунӣ, идеологӣ дорад. Таҷрибаи давлатҳои ғарбӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон дар соҳаи никоҳи ҳамҷинсӣ, иваз намудани ҷинси биологӣ ва ғайра маҳз дар натиҷаи сарфи назар шудани алоқаашон бо арзишҳои ахлоқӣ дар сатҳи қонунгузории давлатҳо (ИМА, Канада, давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо) ифода карда мешаванд. Барои ҳамин, тавре болотар қайд гардид, назарияи либертарии ҳуқуқ, ки моҳияти ахлоқии адолат ва дигар падидаҳои иҷтимоиро инкор мекунад, аз тарафи олимони зиёд мавриди танқиди ҷиддӣ қарор дода мешавад.

4. Тибқи мафҳуми маҳдуди меъёрӣ, ки болотар зикр гардид, ҳуқуқ ба маънои низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ дарк карда мешавад. Аз як тараф, тавре дар боло таъкид гардид, меъёрҳои ҳуқуқӣ намудҳои зиёд доранд, аз ҷумла дар шакли қоидаҳои амал, меъёрҳо-мафҳумҳо, меъёрҳо-принсипҳо ва ғайра амал мекунанд. Дар ин замина мафҳумҳои «меъёри ҳуқуқ» ва «қоидаи амал» аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Аз тарафи дигар ҳуқуқ танҳо аз меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат нест.

Ҳуқуқ шаклҳои гуногуни ифода дорад, ба мисли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, амсоли судӣ, амалияи судӣ, шартномаи меъёрӣ, присипҳои ҳуқуқ, илми ҳуқуқӣ ва ғайра. Шаклҳои зикршуда айни замон шаклҳои мавҷудияти (ҳастии) ҳуқуқ мебошанд. Ин шаклҳои ифодаи ҳуқуқро сарчашмахои ҳуқуқ меноманд.

Дар назарияи маҳдуди меъёрӣ гуногунии шаклҳои ҳуқуқ ба инобат гирифта намешавад, чунки ҳуқуқ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат дарк карда мешавад.

Дар асл ҳуқуқ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд. Айни замон ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаклҳои дигари ҳуқуқ (шартномаи меъёрӣ, одати ҳуқуқӣ ва ғайра) вуҷуд доранд, ки ҳастии ҳуқуқро собит менамоянд.

Шаклҳои (сарчашмаҳои) ҳуқуқ бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи субъектони босалоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ (асосан мақомоти давлатӣ) қабул мешаванд. Аммо шаклҳои дигари ҳуқуқ бидуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ ташаккул меёбанд. Чунончи, тибқи м. 5 Кодекси мадании ҶТ: «Одатҳои муомилоти корӣ, сарфи назар аз сабти онҳо дар ягон ҳуҷҷат, қоидаи рафтори дар қонунгузорӣ пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, васеъ истифода мешавад».

Одатҳои муомилоти корӣ яке аз намудҳои одатҳои ҳуқуқӣ буда, ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешаванд. Тавре аз матни Кодекси маданӣ бармеояд, одати муомилоти корӣ «қоидаи рафторе» мебошад, ки дар қонунгузорӣ «пешбинӣ нашудааст». Аз ин ҷо маълум мешавад, ки на ҳамаи меъёрҳо-қоидаҳои амал аз тарафи давлат муқаррар карда мешаванд ё дар қонун пешбинӣ мешаванд. Аз ҷумла, одатҳои муомилоти корӣ қоидаи рафторе мебошанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ намешаванд. Онҳо бидуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, дар фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул меёбанд.

Эътироф намудани шаклҳои гуногуни ҳуқуқ муҳим аст, чунки воқеан ҷой доранд. Ба инобат нагирифтани шаклҳои гуногун ва имконпазири ҳуқуқ ба талаботи таҳқиқоти илмӣ, пеш аз ҳама, таҳқиқоти объективӣ, пурра, ҳаматарафа ҷавоб намедиҳад. Истифодаи мафҳуми махдуди меъёрии ҳуқуқ (ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии давлат) таваҷҷуҳи муҳаққиқ ва хонандаро ба гуногунии шаклҳои ҳуқуқ маҳдуд мекунад.

Бар замми ин, шаклҳои ҳуқуқ дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бевосита истифода мешаванд, асоси пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳо мешаванд. Чунончи, тибқи м. 7 Кодекси мадании ҶТ: «Ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин аз амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, гарчанде дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, вале тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунгузории маданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд меоранд».

Тавре мушоҳида мешавад, ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ «аз амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, гарчанде дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам».

Маълум мешавад, ки меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат асоси ягона ва мутлақи пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳо, ягона воситаи танзими ҳуқуқӣ нестанд.

Шакли дигари ҳуқуқ, ки дар таҷрибаи миллии ҳамаи давлатҳо ва дар сатҳи байналмилалӣ истифода мешавад, шартномаи меъёрӣ мебошад. Шартномаи меъёрӣ (шартномаи байналмилалӣ, шартномаи коллективӣ дар ҳуқуқи меҳнатӣ, шартномаи оммавии маданӣ, шартҳои намунавии шартномаи маданӣ, шартномаи намунавӣ) дар илм ва амалияи ҳуқуқии ҷаҳонӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад. Бо шартномаҳои меъёрӣ, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро танзим мекунанд, миқдори зиёди меъёрҳо ё муқаррароти меъёрӣ пешбинӣ мешаванд. Чунончи, меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Маълум мешавад, ки доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ (байналмилалӣ, минтақавӣ, дар коллективҳои меҳнатӣ, байни субъектони муносибатҳои маданӣ ва ғайра) бо муқаррароти шартномавӣ танзим карда мешаванд.

Илми ҳуқуқ яке аз шаклҳои (сарчашмаҳои) таърихӣ ва муосири ҳуқуқ маҳсуб мешавад. Хусусияти ин сарчашма дар он аст, ки дар шакли асарҳои илмӣ, аз ҷониби мутафаккирону олимони намоёни ҳуқуқшинос, бидуни давлат ташаккул ёфта, истифода мешаванд. Чунончи, асарҳои ҳуқуқшиносони римӣ (Павел, Модестин, Улпиан ва дигарон) расман (дар сатҳи Империяи Рим) сарчашмаи ҳуқуқи римӣ эълон шуда, дар ташаккулу инкишофи ҳуқуқи римӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Асарҳои бонуфузи поягузорон ва пайравони мазҳабҳои фиқҳи исломӣ (ҳанафӣ, шофеъӣ ва дигар) пас аз Қуръон ва Суннат (сарчашмаҳои аввалиндараҷа) ҳамчун сарчашмаи фиқҳи исломӣ (иҷма) пазируфта мешаванд. Аз ҷумла, асарҳои Абӯҳанифа Имоми Аъзам ҳамчун сарчашмаи фиқҳи исломӣ дар ташаккулу рушди ҳуқуқи исломӣ нақши ҳалкунанда доранд. Илова бар ин, асарҳои бонуфузи поягузорони мазҳабҳои исломӣ то имрӯз ҳамчун сарчашма истифода мешаванд. Дар конститутсияҳои давлатҳои исломӣ эътибори ҳуқуқии ин ё он мазҳаб расман эълон карда мешавад.

Асарҳои олимони ҳуқуқшиноси намоёни Британия Кабир, аз он ҷумла асарҳое, ки якчанд аср пештар таълиф шудаанд, то имрӯз ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи англисӣ истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ танҳо аз меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат иборат набуда, доираи васеи меъёрҳо, қоидаҳои амал, мафҳумҳои илмӣ, муқаррароти меъёриро, ки бо шаклҳои гуногуни ҳуқуқ (одатҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳои меъёрӣ, амсоли судӣ, илми ҳуқуқ ва дигар) пешбинӣ мешаванд, дар бар мегирад.

5. Тибқи назарияи маҳдуди меъёрӣ давлат ҳамчун субъекти асосӣ ва ягонаи муқарраркунандаи ҳуқуқ эътироф мешавад. Ҳолати мазкур дар мафҳуми ҳуқуқ ба инобат гирифта шуда, ҳуқуқ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқие, аз тарафи давлат муқаррар карда шуда, кафолат дода мешаванд, арзёбӣ мегардад.

Аммо давлат субъекти мутлақи эҷодкунандаи ҳуқуқ шуда наметавонад. Чунончи, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» халқи Тоҷикистон субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи халқи Тоҷиистон дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Танҳо халқи Тоҷикистон салоҳияти тағйир додани Конститутсияи ҷумҳуриро дорад.

Тавре болотар зикр гардид, одатҳои муомилоти корӣ берун аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ пайдо мешаванд. Онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул меёбанд. Соҳибкорон субъекти эҷодкунандаи одатҳои муомилоти корӣ мебошанд.

Шартномаи коллективӣ дар коллективҳои меҳнатӣ бо иштироки кормандон, иттифоқи касаба баста мешавад. Шартномаи оммавии маданӣ байни субъектони муносибатҳои озоди маданӣ, ки ба присипҳои мустақилият, иродаи мухтор, озодӣ такя доранд, баста мешавад.

Асарҳои олимони ҳуқуқшиноси намоён ва машҳур сарчашмаи ҳуқуқ буда, дар ташаккулу рушди ҳуқуқ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ва дар ҳаёти имрӯза саҳми ҳалкунанда доранд. Илми ҳуқуқшиносӣ таърихан дар рушди назария ва амалияи ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад. Нуфузи илми ҳуқуқ дар байни ҳамаи

шаклҳои (сарчашмаҳои) ҳуқуқ баландтар аст. Чунончи, асарҳои ҳуқуқшиносони Рими қадим дар ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи римӣ, аз ҷумла ифодаи мафҳумҳо, категорияҳо, принсипҳои ҳуқуқи римӣ, ки то имрӯз истифода мешаванд, нақши ҳалкунанда доранд. Асарҳои Абӯҳанифа Имоми Аъзам ва поягузорони дигари мазҳабҳои фиқҳи исломӣ дар инкишофи ҳуқуқи исломӣ, мутобиқ намудани он ба шароити нави ҳаёти ҷомеа нақши муҳим дошта, то имрӯз нуфузашонро нигоҳ медоранд. Бар замми ин, мафҳумҳои илмӣ («санади меъёрии ҳуқуқӣ», «конститутсия», «қонун», «раъйпурсӣ», «қонунгузорӣ», «шахси воқеӣ», «шахси ҳуқуқӣ», «эмансипатсия», «ширкат», «ташкилоти ғайритиҷоратӣ» ва ғайра), ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар асарҳои олимони ҳуқуқшинос муайян ва пешниҳод карда мешаванд, минбаъд дар матни қонунҳо, кодексҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Дар давлатҳое, ки дин расман давлатӣ эълон мешавад, сарчашмаҳои динӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ истифода мешаванд. Чунончи, дар давлатҳои исломӣ сарчашмаҳои фиқҳи исломӣ (Қуръон, Суннат, иҷма, қиёс ва ғ.) ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи исломӣ, аз он ҷумла ҳуқуқи исломии позитивӣ, ки давлат эҷод мекунад, истифода мешаванд. Дар давлатҳои исломӣ мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ (Президент, парламент, ҳукумат, вазоратҳо ва ғайра) ба сарчашмаҳои фиқҳи исломӣ аз тарафи мақомоти махсуси давлатӣ санҷида мешавад. Табиист, ки қонунгузории давлатҳои исломӣ бо иштироки бевоситаи давлат ташаккул меёбад. Аммо сарчашмаҳои муқаддаси ислом, аз ҷумла Қуръон ва Суннат бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат ягон робита надоранд.

Шаклҳои дигари ҳуқуқ низ берун аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат пайдо мешаванд. Чунончи, ҳуқуқҳои фитрии инсон сарфи назар аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат пайдо шудаанд. Ҳуқуқҳои фитрии инсон ҳуқуқҳои тавлидӣ буда, ба инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ таалluқ доранд. Айни замон онҳо ҳуқуқҳои ҷудонопазир аз табиати биологию иҷтимоии инсон мебошанд. Чунончи, инсонро аз ҳаёташ маҳрум намудан мумкин нест. Саломатии инсон неъмати ҷудонопазири инсон аст, инсон бидуни саломатии комил зиндагии шоиста пеш бурда наметавонад, саломатӣ гарави ҳаёти фаъолияти ҳамарӯзаи солим аст.

Барои ҳамин, давлат ҳуқуқҳои фитрии инсонро муқаррар намекунад. Ҳуқуқҳои фитрии инсон тавлидӣ мебошанд, ба инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ ва физиологӣ таалluқ доранд. Давлат ҳуқуқҳои фитрии инсонро эътироф мекунад.

Барои ҳамин, тибқи м. 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Ҳолатҳои дар боло зикршуда собит менамоянд, ки давлат субъекти мутлақи эҷодкунанда ва муқарраркунандаи ҳуқуқ нест. Барои ҳамин, ҳолати мазкур ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ҳуқуқ бояд ба инобат гирифта шавад.

6. Дар бештари мафҳумҳои имрӯзаи ҳуқуқ ба нақш ё функсияи ҳуқуқ дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Ба инобат гирифтани нақши (ҳадафи, функсияи) танзимкунандаи ҳуқуқ барои муайян намудани моҳияти аслии ҳуқуқ аҳаммият дорад.

Тавре болотар зикр гардид, дар назарияҳои легистӣ, этатистии ҳуқуқ нақши танзимкунандаи ҳуқуқ ба инобат гирифта намешавад ё яктарафа (мутобиқи ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологӣ) муайян карда мешавад. Одатан мафҳуми маҳдуди меъёрӣ бо ишора ба меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлат ба итмом мерасад.

Ба инобат гирифтани нақши танзимкунандаи ҳуқуқ барои муайян намудани мафҳуми ҳуқуқ аҳаммияти аввалиндараҷаи методологӣ дорад. Дар мафҳумҳои муосири ҳуқуқ, ки бо назардошти муттаҳид гардидани нуктаҳои назариявӣ ва методологии назарияҳои гуногуни ҳуқуқ (позитивӣ, фитрӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва дигар) пешниҳод мешаванд, нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳатман ифода карда мешавад. Чунин усули методологӣ қобили дастгирист. Ҳангоми муайян намудани мафҳуми ҳуқуқ функсияи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд

ҳатман ба инобат гирифта шавад. Таъйиноти аслии ҳуқуқ маҳз дар раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ зоҳир мешавад. Зимни танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, сулҳу субот пойдор мешаванд, барои рушди устувори ҷомеа шароити кофӣ таъмин мегардад.

Айни замон нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ дар шаклҳои мухталиф зоҳир шудааст. Чунончи, танзими ҳуқуқӣ дар ҷомеаи қадим бо назардошти нобаробарии одмон, тафриқаи байни аҳолии озод ва ғуломон, беҳуқуқии ғуломон, аз ҳуқуқҳои тавлидӣ ва ҷудонопазир маҳрум гардидани табақаҳои мазлуми аҳолӣ ба роҳ монда мешавад. Бо пешрафти ҷомеа танзими ҳуқуқӣ такмил меёбад, бо назардошти шароити нави ҳаёти ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳадафҳои стратегии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ҳадафҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дигар стратегияҳо, барномаҳо, консепсияҳои давлатӣ (дар соҳаи таҳсилот, варзиш, хизмати тиббӣ, мубориза бо терроризм, бо коррупсия ва ғайра) ба роҳ монда мешавад. Қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи ҳамин ҳуҷҷатҳои давлатӣ қабул мешаванд.

Ҳамчунин, танзими ҳуқуқӣ мафҳум ва моҳияти ҳуқуқро муайян мекунад. Чунончи, тибқи мафҳуми маҳдуди меъёрӣ, ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамдаи давлат иборат буда, дар натиҷа танзими ҳуқуқӣ дар асоси ҳамин меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Аммо дар танзими ҳуқуқӣ ғайр аз меъёрҳои ҳуқуқӣ инчунин шаклҳои (сарчашмаҳои) дигари ҳуқуқ истифода мешаванд. Танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррароти шартномаҳои меъёрӣ, одатҳои муомилоти корӣ, принсипҳои ҳуқуқ ва ғайра ба сомон мерасад. Мафҳуми маҳдуди меъёрӣ, ки дар давраи шӯравӣ пешниҳод шуда буд, ба талаботи нав ҷавоб намедиҳад, шароити тағйирёфтаи ҳаёти ҷомеаро ба инобат намегирад. Чунончи, ҳоло танзими муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ хусусиятҳои худро дорад, аз ҷумла бо истифодаи усулҳои диспозитивӣ, бо назардошти мустақилият, озодӣ, иродаи мухтори иштирокчиёни ин муносибатҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳолати зикршуда ҳангоми пешниҳод ё таҳлили мафҳуми ҳуқуқ бояд ба инобат гирифта шавад.

Илова бар ин, одатан ҳастии ҳуқуқ бо шаклҳои ё сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ муайян карда мешавад. Айни замон шаклҳои дигари зуҳуроти ҳуқуқ ҷой доранд, ки ба инобат гирифта намешаванд. Чунончи, санадҳои татбиқи ҳуқуқ (санадҳои судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ, нотариалӣ ва дигар) сарчашмаи ҳуқуқ эътироф намешаванд, чунки меъёрҳои ҳуқуқро муқаррар намекунанд. Аммо санадҳои мазкур унсури марказии танзими ҳуқуқӣ буда, бе онҳо танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ имконнопазир аст. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ меъёрҳои умумии қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқиро (намунаи амалро) дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ ё нисбат ба шахсони муайян мушаххас мегардонанд. Дар заминаи ин санадҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, маъмурӣ, молиявӣ, конститутсионӣ ва дигар амалӣ карда мешаванд. Маълум мешавад, ки санадҳои татбиқи ҳуқуқ сарчашмаи ҳуқуқ нестанд, вале дар танзиии муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне, амалӣ шудани функсияи танзимкунандаи ҳуқуқ бевосита истифда мешаванд.

Илова бар ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифодаи воситаҳои дигари ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Чунончи, дар шароити имрӯзаи рушди ҳаёти хусусӣ, вусъати соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, афзудани нақши субъектони хоҳагидори хуусӣ дар ҳаёти ҷомеа нақши танзими шартномавӣ баланд мешавад. Илова бар ин, ақидаи озодии шартнома истифода шуда, бастани шартномаҳое, ки дар қонун пешбинӣ нашудаанд, имконпазир мегардад. Чунончи, табқи м. 7-и Кодекси мадании ҶТ: «ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ … аз шартномаҳо ва аҳди дига-

ри пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин шартномаҳо ва аҳди дигар, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, вале хилофи он нестанд … ба вуҷуд меоянд».

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ), одатҳои муомилоти корӣ, шартномаҳо, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва шаклҳои дигари ҳуқуқ ба роҳ монда мешавад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ воситаи ягона ва мутлақи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ нестанд. Дар танзими ҳуқуқӣ ҳамаи воситаҳои ҳуқуқӣ (фактҳои ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, шартномаҳо ва ғайра) истифода мешаванд. Ҳолатҳои дар боло зикршуда, ки бо далелҳо собит шуданд, ҳангоми пешниҳод ё таҳлили мафҳуми ҳуқуқ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳаҷми мақола имконият намедиҳад, ки ҳамаи паҳлуҳои инкишофи мафҳуми ҳуқуқ ҳаматарафа таҳқиқ карда шаванд. Ба ин нигоҳ накарда, таҳқиқоти фишурда собит менамояд, ки ҳуқуқ падидаи аз ҳаёти одамон ҷудонопазир, мураккаб ва муҳимми ҳаёти ҷомеа буда, мафҳуми ҳуқуқ доимо инкишоф меёбад.

**Абдулло Абдулло Рахматулло**
Начальник кафедры организации тактики оперативно-розыскной деятельности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции
E-mail: abdulloev-a@mail.ru

# ОПЫТ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН И ОРГАНОВ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ ПО ОХРАНЕ ОБЩЕСТВЕННОГО ПОРЯДКА И ОБЕСПЕЧЕНИЮ БЕЗОПАСНОСТИ*

Дискуссионным до настоящего времени вопросом является оценка места и роли местного самоуправления в государственно-правовой системе современного общества и возможностей участия органов местного самоуправления в реализации государством своей правоохранительной функции. В российской юридической науке органы местного самоуправления рассматриваются и как независимый от государства, самостоятельный институт общества, который составляет «одну из главных основ правового государства и гражданского общества», находится «вне системы органов государственной власти», функционирует и развивается «в рамках взаимодействия, равноправного сотрудничества и баланса» с государственной властью и другими структурами гражданского общества[1]; и как низшую ступень и органическую часть государственной публичной власти.

В организации и деятельности органов местного самоуправления «граждан сплачивает не сила закона и предписаний государства, а взаимный интерес, взаимная выгода и добровольные связи», составляющие основу массовых форм активности в общественной жизни людей в «различных внегосударственных проявлениях», которые в конечном итоге

* *Статья подготовлена в рамках выполнения научно-исследовательской темы «Теоретические и практические проблемы модернизации правозащитной и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан» (2021-2025 гг.), финансируемого из государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1292.*

[1] Яковлева М. А. Местное самоуправление как институт гражданского общества / М.А. Яковлева // Преподаватель XXI век. – 2011. – № 2. – С. 375.

«зарождаются и реализуются в местных сообществах, образующих базу гражданского общества», подчеркнула М.А. Яковлева[1].

Главную трудность на пути становления институтов гражданского общества на местах исследователи видят в том, что, «экономическое положение местного самоуправления оказывается зависимым от федеральных региональных властей»[2] и для решения этой сложной проблемы на пути становления институтов гражданского общества на местах считают необходимым на федеральном, региональном и местном уровне решить комплекс вопросов, связанных с формированием муниципальной собственности, местного бюджета, учета особенностей муниципальных структур при распределении государственных финансовых средств, обеспечения правовой основы функционирования муниципальных экономических структур. В рамках такого подхода местное самоуправление рассматривается как «ключевой элемент политической системы развитой демократии», «занимающий пограничное положение между органами государственной власти и общественной самодеятельности»[3], а необходимым для его создания и полноценного функционирования признается объединение усилий государственной власти и структур гражданского общества.

В рамках второго подхода утверждается, что «местное самоуправление, будучи институтом гражданского общества, в то же время теснейшим образом связано с системой государственного управления»[4]. На основе изучения практики современных государств М. Шамхалов сделал вывод о том, что на местном уровне «наряду с органами местного самоуправления действует система местного управления, являющаяся самым нижним звеном государственной власти»[5]. Система органов местного управления, осуществляемая государственной администрацией, – нижнее звено государственной власти, а представительные органы местного самоуправления, избираемыми населением административно-территориальной единицы, – структура гражданского общества[6]. Отделить органы «местного самоуправления от государственного управления» невозможно в силу того, что решение любых проблем социальной жизни на местах входит в круг функций и интересов государства. Возрастающая деятельность местных органов самоуправления, позволяющих гражданам «оказывать непосредственное влияние на принимаемые управленческие решения в пределах соответствующего муниципалитета», свидетельствуют о «зрелости гражданского общества и политической демократии» в России и нуждаются в дальнейшем развитии и совершенствовании, полагает М. Шамхалов[7].

Характеристика местных органов управления как государственных органов управления на местах и как представительных органов местного самоуправления – элементов гражданского общества в настоящее время представляется оправданной, поскольку только совместными усилиями органов публичной власти и гражданского сообщества можно разрешить социально значимые проблемы современного общества.

Органы местного самоуправления в правовом государстве являются важным компонентом механизма правовой защиты членов общества, что обусловливает их участие в правоохранительной деятельности. Практика организации муниципальных структур правоохранительного характера в разных странах, в частности, опыт муниципальной полиции

---

[1] Там же. – С. 373.
[2] Там же. – С. 375.
[3] Там же. – С. 375-376.
[4] Шамхалов М. Местное самоуправление: между государственной властью и гражданским обществом / М. Шамхалов // Власть. - 2011. – № 3. – С. 41
[5] Там же. – С. 49.
[6] Там же. – С. 44.
[7] Там же. – С. 50.

в Великобритании[1], показывает, что эффективная система охраны общественного порядка возможна только при активном участии органов местного самоуправления как самого близкого к гражданам уровня публичной власти.

В зарубежных странах накоплен разнообразный опыт участия граждан в решении проблем общественной безопасности. В США, Японии, странах Западной Европы одним из принципов охраны общественного порядка является принцип «активного социального партнерства», предполагающий интеграцию общественной активности в правоохранительную систему[2]. Поэтому при характеристике полицейской работы широко используются такие понятия, как «community policing» («общественная полиция»), «problem-oriented policing» («проблемно-ориентированная полиция»), «криминальная превенция на уровне муниципалитета и общин», «ориентированная на граждан работа полиции», «партнерство в сфере безопасности и правопорядка»[3].

Примерами коллективного участия граждан в охране правопорядка и борьбе с преступностью являются: пункты по обеспечению правопорядка и предупреждению преступности в Японии; полицейский резерв в США; патрулирование общественных мест, создание добровольных дружин и иных общественных формирований правоохранительной направленности в Белоруссии, Великобритании, США, Эстонии; сотрудничество граждан с частными охранными предприятиями в Перу[4].

В США полицейский резерв из числа лиц граждан, добровольно и безвозмездно выполняющих обязанности по обеспечению правопорядка, наделен полномочиями по пресечению правонарушений. Вошедшие в полицейский резерв обеспечиваются полицейской формой, проходят специальную подготовку[5]. В США действует программа «Neighbourhood Watch» («Присмотр за соседом», «Надзор за районом»): через социальные сети жители сообщают полиции обо всех правонарушениях в местах своего пребывания[6]. В районах, где такая программа действует, совершается меньше преступлений[7].

В Японии активную позицию занимают сетевые сообщества граждан, участвующие в работе пунктов охраны правопорядка, которые находятся в связи с полицейскими участками и домохозяйствами. Каждый пункт обслуживает район с проживанием не менее 50 семей и координируется Ассоциацией обеспечения правопорядка и предупреждения преступности со статусом государственно-общественной организации[8].

В Великобритании в рамках концепции антикриминальной политики «Law and Order» («Закон и порядок») в большинстве британских полицейских формирований организованы специальные подразделения, в которых подготовленные граждане на добро-

---

[1] Ежевский Д. О. Муниципальная полиция: опыт Великобритании // Административное и муниципальное право. 2008. № 11. - С. 78-84; Баженина И. В. Теоретические и историко-правовые основы деятельности полиции Великобритании: Дис. … канд. юрид. наук. – М., 2019. – С. 159-179.
[2] Нижник Н. С., Меньшикова Н. С. Полиция и гражданское общество в России: взаимодействие и сотрудничество. – СПб., 2016. – С. 86.
[3] Случевская Ю. Зарубежный опыт партнерских отношений между полицией и населением // Профессионал. 2011. – № 3. – С. 17-20.
[4] Киричёк Е. В. Совершенствование деятельности полиции по обеспечению конституционных прав и свобод человека и гражданина и взаимодействию с институтами гражданского общества: комплексные меры // Юридическая наука и правоохранительная практика. 2014. № 4(30). - С. 42.
[5] Столичная полиция США. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.uscp.gov/the-department/bureaus-and-offices (дата обращения: 06.04.2023).
[6] Столичная полиция США: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.uscp.gov/the-department/bureaus-and-offices (дата обращения: 06.04.2023).
[7] Случевская Ю. Зарубежный опыт партнерских отношений между полицией и населением // Профессионал. 2011. – № 3. – С. 17-20.
[8] Павловский В.В. Взаимодействие общества и полиции (милиции) в обеспечении правопорядка: Дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / В.В. Павловский. – М., 2010. – С. 160.

вольных началах работают по нескольку часов в неделю[1].

В Нидерландах полиция сверх обычных своих обязанностей часто выполняет задачи по оказанию самой различной помощи населению, а граждане активно участвуют во многих полицейских мероприятиях, добровольцы, пройдя соответствующую подготовку, выполняют несложные функции по охране порядка[2].

В Польше в рамках программы по предупреждению преступлений «Безопасный город» создаются коллективные объединения местных жителей для решения задач по повышению их собственной безопасности и комфортности жизни[3].

В Дании осуществляется операция «Следопыт»: за небольшое вознаграждение пенсионеры регулярно обходят закрепленные за ними улицы, внимательно присматриваются к машинам и обстановке на улице, а затем информируют полицию о состоянии порядка на конкретной территории и имеющих место правонарушениях[4].

Во Франции в середине 1990-х годов укрепилось понимание безопасности как базовой ценности общества, как «продукта», производимого всеми участниками общественной жизни[5]. Тогда же была разработана концепция «близкой полиции», реализующаяся во Франции до настоящего времени на конкретной территории при тесном контакте с населением[6]. Партнерские отношения государства, органов местного самоуправления и различных общественных организаций получили законодательное закрепление так называемыми контрактами локальной безопасности, ставшими символом современной политики безопасности Франции[7].

В Израиле создана «Дружина» – самая крупная добровольческая организация страны. Добровольцы, входящие в «Дружину», составляют два подразделения: охранную дружину и особые части. Задачи первого подразделения сосредоточены на предотвращении враждебной террористической деятельности и правонарушений при помощи пеших и автомобильных патрулей, посредством установки контрольно-пропускных пунктов и охраны локальных и широкомасштабных мероприятий[8]. Добровольцы действуют, в основном, по месту жительства и охраняют учебные заведения и общественный транспорт. Добровольческие особые части помогают в профессиональной правоохранительной деятельности полиции (дорожной полиции, патрулям, подразделениям по работе с молодежью) и пограничным войскам при опознании жертв аварий, розыске, спасательных работах, спасении утопающих[9].

---

[1] Полиция Великобритании: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.police.uk/information-and-advice (дата обращения: 06.04.2023).
[2] Полиция Нидерландов: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.politie.nl (дата обращения: 23.11.2022).
[3] Полиция Польши: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.policja.pl/pol/english-version/4889,Polish-National-Police.html (дата обращения: 06.04.2023).
[4] Полиция Дании: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.politi.dk/en/servicemenu/home (дата обращения: 06.04.2023).
[5] Глухов Р. Дружинники с мигалкой // Полиция России. - 2014. – № 5. – С. 24.
[6] Территориальная полиция Франции: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.police-territoriale.fr/outils/cls.htm (дата обращения: 24.11.2022).
[7] Нижник Н. С., Меньшикова Н. С. Полиция и гражданское общество в России: взаимодействие и сотрудничество. – СПб., 2016. – С. 90.
[8] Полиция Израиля: официальный сайт. 2016 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.police.gov.il/English_contentPage.aspx (дата обращения: 24.11.2022).
[9] Нижник Н. С., Меньшикова Н. С. Полиция и гражданское общество в России: взаимодействие и сотрудничество. – СПб., 2016. – С. 90.

После принятия Федерального Закона от 6 октября 2003 г. № 131-ФЗ «Об общих принципах организации местного самоуправления в Российской Федерации»[1] дискуссии по вопросам введения в систему местного самоуправления собственных органов по охране общественного порядка в России приобрели особую остроту. Несмотря на принятие в ряде субъектов Российской Федерации организационно-правовых мер по созданию таких органов в порядке эксперимента, все еще не выработан единый подход к решению данной проблемы на федеральном и местном уровнях. Статья 132 Конституции Российской Федерации устанавливает, что наряду с выполнением функций по управлению собственности, формировании и исполнении местного бюджета, установлении местных налогов и сборов «органы местного управления самостоятельно… осуществляют охрану общественного порядка»[2].

Вопрос об осуществлении охраны общественного порядка самоорганизованными гражданами в правовом государстве потребовал осмысления. В 2007 г. на рассмотрение Государственной Думы Российской Федерации был внесен проект Федерального закона «Об участии граждан Российской Федерации в обеспечении правопорядка». 2 апреля 2014 г. принят[3], но до настоящего времени его нормы и основные положения не реализованы в полной мере[4]. Закон регулирует правовые условия добровольного участия граждан в обеспечении общественного порядка и основным направлением деятельности создаваемых структур определяет предупреждение преступлений. Статья 8 Закона определяет права граждан в охране общественного порядка: информировать правоохранительные органы о правонарушениях и об угрозах общественному порядку; участвовать в мероприятиях по охране общественного порядка по приглашению органов внутренних дел (полиции) и иных правоохранительных органов; участвовать в охране общественного порядка при проведении массовых мероприятий по приглашению их организаторов; участвовать в работе координационных, консультативных, экспертных и совещательных органов (советов, комиссий) по вопросам охраны общественного порядка, создаваемых в органах внутренних дел (полиции) и иных правоохранительных органах, по их приглашению. При этом в Законе не конкретизированы формы и средства профилактической деятельности и не определены права и обязанности граждан, участвующих в работе местных правоохранительных структур.

В 2014 г. на рассмотрение Государственной Думы Российской Федерации депутатами фракции «Справедливая Россия» был внесен проект закона о создании муниципальной милиции, нормами которого на местные органы самоуправления возлагались функции по управлению муниципальной милицией[5]. Несмотря на имеющийся в ряде субъектов Рос-

---

[1] Федеральный закон от 6 октября 2003 г. № 131-ФЗ «Об общих принципах организации местного самоуправления в Российской Федерации» // Собрание законодательства Российской Федерации. – 2003., № 40. – Ст. 3822.

[2] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г.) (с учетом поправок, внесенных и Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30 декабря 2008 г. № 6-ФКЗ; от 30 декабря 2008 г. № 7-ФКЗ; от 05 февраля 2014 г. № 2-ФКЗ; от 21 июля 2014 г. № 11-ФКЗ) // Собрание законодательства Российской Федерации. –2014., № 31. – Ст. 4398.

[3] Федеральный закон от 2 апреля 2014 г. № 44-ФЗ «Об участии граждан в охране общественного порядка» // Собрание законодательства Российской Федерации. –2014., № 14. – Ст. 1536.

[4] Аграфонов М. Ю. К вопросу об осуществлении правоохранительной функции органами местного самоуправления в современной Российской Федерации // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2015. – № 4 (68). – С. 90.

[5] Проект Федерального закона № 621910-6 «О муниципальной милиции в Российской Федерации» (редакция, внесенная в Государственную Думу Федерального Собрания Российской Федерации; текст по состоянию на 14 октября 2014 г.) [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc&base=PRJ&n=124208#05352428271557266 (дата обращения: 22.11.2022).

сии положительный опыт функционирования муниципальных правоохранительных органов, проект закона не получил поддержки законодателей.

В настоящее время в 63 субъектах Российской Федерации приняты нормативные правовые акты, регулирующие правовые основы участия граждан в обеспечении правопорядка, осуществляемого, главным образом, путём создании постов и групп патрулирования в местах массового пребывания людей, общественных пунктов охраны общественного порядка и советов по профилактике правонарушений[1]. Главная трудность на пути создания структур местных органов власти, в том числе с привлечением граждан, заключается в отсутствии нормативных правовых актов федерального уровня, существенно ограничивающих полномочия таких структур. Так, например, функции созданной еще в 2001 г. муниципальной милиции Ижевска ограничены до составления протокола об административном правонарушении с последующим взысканием административного штрафа[2].

Определить место органов местного самоуправления среди субъектов правоохранительной системы современного государства – задача юридической науки.

**Абдуллозода Неъматулло Рахматулло**
Исполняющий обязанности начальника кафедры административного права административной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридичесикх наук, полковники милиции
E-mail: nematullo.abdulloev@mail.ru

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРАВОВОЙ ОСНОВЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ СТРАН СНГ В БОРЬБЕ С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИКОВ

Распад Советского Союза повлиял не только на политическую и криминогенную ситуацию всех постсоветских государств, но и оказался мощным криминогенным фактором. Таджикистан объявил независимость государства на внеочередной сессии 9 сентября 1991 года, а Таджикская ССР была переименована в Республику Таджикистан. В последствие было создано Содружество Независимых Государств (далее - СНГ), соглашение о его создании было подписано 8 декабря 1991г. (от имени РСФСР, Украины и Беларуси) и 25 декабря 1991 г. Республика Таджикистан ратифицировала Соглашение о создании Содружества Независимых Государств и таким образом вошла в состав СНГ. В последствие Таджикистан был окутан гражданской войной до 199 7г., что привело к разгулу преступности не только внутри страны, но и дала почву для создания транснациональной преступности, которые стали активно осваивать пространство постсоветских государств. Лидеры транснациональных преступных группировок стали прокладывать маршрут норкатрафика через независимые государства Средней Азии, которые ранее входили в состав СССР, в том числе и Таджикистан, который граничит с Афганистаном.

В послании к Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2016 г. Лидер нации, Президент Республики Таджикистан. уважаемый Э. Рахмон отметил, что незаконный оборот наркотических веществ является одной из серьёзных проблем мирового сообщества, кото-

[1] Аграфонов М. Ю. К вопросу об осуществлении правоохранительной функции органами местного самоуправления в современной Российской Федерации// Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2015. – № 4 (68). – С. 89.

[2] Муниципальное образование город Ижевск // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://zoon.ru/redirect/ (дата обращения: 15.11.2022).

рая распространяется по многим регионам мира и угрожает безопасности мира. С целью предотвращения подобной ситуации правоохранительные органы страны должны предпринять необходимые меры в деле борьбы с контрабандой наркотических веществ, выявлению и пресечению деятельности организованных преступных наркогруппировок, совершенствовать методы и способы борьбы с незаконным наркооборотом[1].

Совместные действия стран СНГ по борьбе с преступностью заранее определили необходимость разработки и реализации согласованной политики и комплексных мер по противодействию незаконному производству и обороту наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, созданию единого правового пространства в этой области, координации деятельности и повышению эффективности сотрудничества между соответствующими органы по предупреждению, выявлению, пресечению, раскрытию и расследованию этого вида преступлений, а также по розыску и выдаче лиц, совершивших их[2].

Со стороны государств-участников СНГ были ратифицированы Конвенции ООН о торговле наркотическими средствами и психотропными веществами и противодействии их незаконной торговле. Являясь частью многосторонних отношений, они являются частью международной системы борьбы с этим явлением. В нормативные правовые акты были внесены поправки в соответствии с требованиями международных конвенций Организации Объединенных Наций 1961, 1971, 1988 годов[3], Всеобъемлющего междисциплинарного закона о борьбе с наркоманией. Например, были утверждены списки наркотических средств и психотропных веществ, которые находятся под контролем, и были приняты во внимание положения международных договоров и соглашений.

Взаимодействие государств-участников СНГ в борьбе с организованной преступностью относилось к сфере совместной деятельности государств, и это было юридически закреплено в ст. 4 Устав Содружества Независимых Государств который был подписан в г. Минске 22 января 1993г. Таким образом Совет глав правительств (далее - СГГ) СНГ 1993г. в Москве была принята одна из первых Программ совместных мер по борьбе с организованной преступностью и иными опасными видами преступлении на территории государств-участников СНГ, где оговаривается что правовой основой для сотрудничества и взаимодействия органов внутренних дел государств – участников СНГ должно послужить подписание в Минске 22 января 1993 г. главами государств СНГ Конвенции о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным дела.[4]

Указанная программа направлена на борьбу с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств-участников СНГ и для реализации данной программы был намечен ряд мероприятий в сфере противодействия организованной преступности и иных опасных видов преступлений на территории госу-

---

[1] Послание Президента Республики Таджикистан, Основателя мира и Национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан. г. Душанбе, 20 января 2016 года // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.president.tj/ru/node/13747 (дата обращения: 03.03.2023).

[2] Маджидзода Дж.З. Незаконный оборот наркотиков: правовые и организационные основы противодействия и сотрудничество государств-участников СНГ / Дж.З. Маджидзода // Юридическая наука: история и современность. - 2016, - № 12. - С. 159.

[3] Единая Конвенция о наркотических средствах 30 марта 1961г. // Бюллетень международных договоров. 2000. № 8. – С. 15-50; Конвенция о психотропных веществах 21 февраля 1971 г. // Сборник действующих договоров, соглашений и конвенций, заключенных СССР с иностранными государствами. – М., 1981. – С. 416-434; Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 19 декабря 1988 г.// Сборник международных договоров СССР и Российской Федерации. – М., 1994. – С. 133-157.

[4] Сборник актуальных документов Совета глав государств и Совета глав правительств. Том1. Часть 1. Москва, 2019. С.10.

дарств – участников СНГ. В ходе реализации этой программы было создано Бюро по координации борьбы с организованной преступностью (далее – БКБОП), также запланированы и реализованы меры по борьбе с незаконным оборотом наркотиков, такие, как:

– обеспечение согласованных действий при проведении комплексных операций, затрагивающих интересы нескольких государств - участников Содружества;

– выработки рекомендаций по борьбе с транснациональной преступностью, о сотрудничестве в сфере борьбы с незаконным оборотом наркотиков;

– создание на базе ЭКЦ МВД Российской Федерации единой межгосударственной коллекции образцов наркотиков, находящихся в незаконном обороте,

– обеспечение постоянного обмена образцами и информацией о появлении новых видов наркотических средств;

– разработка на базе существующих систем единой автоматизированной системы сбора, анализа и использования информации о событиях и лицах, причастных к международному наркотрафику, предусмотрение ее интеграции в систему Интерпола;

– проведение согласованных межгосударственных комплексных операций по выявлению и перекрытию источников незаконного производства и каналов распространения наркотикосодержащих растений, лекарственных препаратов и синтетических видов наркотиков (операции «Мак» и «Допинг»), по перекрытию международных каналов распространения наркотиков, разоблачению дельцов наркобизнеса, располагающих транснациональными связями (операция «Дурман»)[1].

В связи с этим с уверенностью сказать, что программа положила начало для реализации поставленных задач по борьбе с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств –участников СНГ.

Необходимо отметить, что правовой базой также являются международно-правовые документы, регулирующие вопросы борьбы с незаконным оборотом наркотических средств, которые нашли свое отражение в соглашениях в рамках СНГ. К таковым можно отнести такие, документы, как:

– Соглашение о взаимодействии министерств внутренних дел независимых государств в сфере борьбы с преступностью от 24 апреля 1992 года;

– Соглашение о сотрудничестве государств – участников СНГ в борьбе с преступностью от 25 ноября 1998 года;

– Соглашение о сотрудничестве государств – участников Содружества Независимых Государств в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров от 30 ноября 2000 года;

– Концепция сотрудничества государств – участников Содружества Независимых Государств в противодействии незаконному обороту наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров от 7 октября 2002 года;

– Соглашение о порядке передачи образцов наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров от 18 октября 2011 года;

– Протокол о порядке передачи наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, огнестрельного оружия, его основных частей, боеприпасов, взрывчатых веществ и взрывных устройств, являющихся вещественными доказательствами по уголовным делам, от 11 октября 2017 года.

Одним из эффективных методов борьбы с незаконным оборотом наркотиков является метод контролируемой поставки, понятие которой закреплено в Конвенции ООН в борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988

[1] Программа совместных мер по борьбе с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств - участников Содружества Независимых Государств // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: URL: http://www conventions ru/ (дата обращения 10.03.2023).

года и Конвенции ООН против транснациональной организованной преступности 2000 года.

На площадке государств – участников СНГ был приняты ряд документов, регулирующих применение метода контролируемой поставки, к которым, помимо определенных выше относятся также такие нормативные правовые акты, как:

– Рекомендации для сотрудников компетентных органов по противодействию незаконному обороту наркотиков государств – участников Содружества Независимых Государств по организации и проведению «международных контролируемых поставок» (приняты Постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ № 43-17 от 27 ноября 2015 года);

– Единый порядок проведения международной контролируемой поставки по запросу органов внутренних дел/полиции государств–участников Содружества Независимых Государств (одобрен Решением Совета министров внутренних дел государств – участников СНГ от 31 мая 2019 года).

Все перечисленные акты направлены на координацию правовых организационных и иных мер с использованиям метода контролируемой поставки, направленных на противодействие наркотрафику со стороны государств-участников СНГ[1].

Необходимо отметить, что в ежегодном докладе МККН за 2019 подчеркивается важность регионального сотрудничества государств – участников СНГ для пресечения каналов ввоза и незаконного распространения наркотических средств. Так, с 26 февраля по 1 марта 2019 года государства – члены Организации Договора о коллективной безопасности, а именно Армения, Беларусь, Казахстан, Кыргызстан, Российская Федерация и Таджикистан, провели совместную многостороннюю антинаркотическую операцию, получившую название «Канал Центр» для пресечения каналов ввоза и незаконного распространения новых психоактивных веществ и других синтетических наркотиков, опиоидов и каннабиса. Штаб операции был развернут на базе ЦАРИКЦ. В результате операции было изъято более 11,4 т различных наркотиков, в том числе более 8,8 т опия, свыше 1,8 т каннабисной смолы, более 220 кг героина, почти 127 кг каннабиса и более 205 кг синтетических наркотиков, арестованы 579 человек и ликвидирована одна подпольная лаборатория по производству синтетических наркотиков[2].

Таким образом необходимо отметить, что государства – участники СНГ, объединяя усилия в борьбе с наркобизнесом, заинтересованы в развитии конкретных программ, направленных на борьбу с незаконным оборотом наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, для налаживания партнерских связей в вопросах противодействия современным вызовам и угрозам на территории государств – участников СНГ, а также внедрения в практику единого порядка проведения международной контролируемой поставки на данной площадке.

[1] О сотрудничестве в Содружестве Независимых Государств по противодействию незаконному обороту наркотических средств. Информационное бюро Секретариата КСГП СНГ // [Электронный ресурс]. / Режим доступа: URL: https://e-cis.info/ (дата обращения 10.03.2023).

[2] Ежегодный доклад МККН от 27 февраля 2020 г. С.110.

**Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович**
Ходими пешбари илмии Маркази омӯзиши "Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон"-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: faiz-7704@mail.ru

# ТАВСИФ ВА ТАСНИФИ ИСТЕҲСОЛОТИ СУДӢ ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Дар доираи илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат оид ба пайдоиши аввалин меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ то ба имрӯз як фикри даққиқ мавҷуд нест.

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва мадорики таърихӣ низ тахмин кардан хеле душвор аст, ки аввалин муносибатҳои мурофиавии дар таърихи тамаддуни башарӣ дар кадом марҳилаи таърихӣ арзи ҳастӣ намудааст.

Такия ба манобеъи таърихӣ ва андешаҳои муҳаққиқон хулоса намудан мумкин аст, ки раванди пайдоиши меъёрҳои мурофиавӣ дар замоне рух додааст, ки инсонҳо тафовут миёни рафтори ахлоқӣ ва ғайриахлоқиро муайян сохта, ҷавобгариро нисбат ба вайронкунандагони мононормаҳои ахлоқии амамлкунанда дар ҷомеа ба вуҷуд оварданд.

Сарчашмаҳои илмӣ муайян менамоянд, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҷомеаи инсонӣ ҳар қавму халқият шаклҳои мухталифи мурофиавиро истифода менамуданд.

Шакли мурофиа, маҷмуи шартҳои муҳимтарине ҳисобида мешаванд, ки тартиби ҳалли баҳсҳоро муайян сохта, салоҳияти субъектҳои тобиатӣ, иштирокчиён, дараҷаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, инчунин қоидаҳои тафтиш ва арзёбии далелҳоро ифода менамояд.

Мавҷудияти ин ё он намуди фаъолияти мурофиавӣ дар ҷомеаи инсонӣ, инчунин тағйир ёфтани он ба бисёр омилҳо аз қабили омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ғайра вобаста мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқон рушди ҷомеаи инсонӣ ва дигаргун гардидани фарматсияҳои ҷамъиятӣ ба шаклҳои мурофиа таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, дар айни замон аз нигоҳи назариявӣ чор шакли асосии истеҳсолоти судиро ҷудо намудан мумкин аст аз қабили:

1. Айбдоркунанда;
2. Тафтишотӣ (инкивизатсионӣ);
3. Мубоҳисавӣ;
4. Омехта[1].

Истеҳсолоти судии айбдоркунанда ё хусусӣ махсусияти давлатҳои ғуломдории бостонӣ ва асримиёнагии ибтидоӣ ба шумор рафта дар он даъвои хусуси бо иштироки ғайрифаъолонаи давлат дар иҷрои вазифаи айбдоркунӣ хос буд. Дар ин шакли истеҳсолоти судӣ аз рӯи шикояти ҷабрдида баррасии даъво оғоз гардида, айбдоркунанда вазифадор буд, ки мустақилона далелҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба додгоҳ пешниҳод намояд. Ҳам мавҷудияти худи мурофиаҳои судӣ ва ҳам аз бисёр ҷиҳат натиҷаи баррасӣ ба иродаи даъвогар вобаста буд.

Мурофиаи судӣ ошкоро (кушода) сурат гирифта, аз ҳалли баҳси ҳуқуқии байни айбдоркунанда (даъвогар) ва айбдоршаванда (ҷавобгар) иборат буд. Аксар маврид

[1] Калиновский К.Б. Исторические типы и формы уголовного процесса: курс лекций / Н.В Лантух, К.Б. Калиновский, С.А. Роганов и др. - СПб.: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2011. - С. 21-30.

дар ин давра ба ҳайси довар ғуломдор ва дар асрҳоимиёна бошад феодал баромад мекард.

Ба сифати далел савганд, озмоишҳо, рақобати ҷисмонӣ эътироф мегардид. Шоҳидон дар бораи дурустии шаҳодати худ савганд ёд мекарданд, ки пас аз он гуфтаҳои онҳо бидуни тафтиши иловагӣ ба эътибор гирифта мешуд.

Ордалия (доварии Худо, озмоиш) аз озмоиши айбдоршаванда (бо оташ, оҳани сузон, об ва ғ.) иборат буд.

Дар баробари ин, шахсе, ки аз имтиҳон мегузашт, бегуноҳ донистa шуда, аз ҷавобгарӣ озод карда мешуд. Барои тасдиқи далелҳои ӯ, ҷабрдида низ дар баъзе маврид мавриди озмоиш қарор мегирифт.

Дуэл аз муборизаи ҷисмонӣ байни айбдоркунанда ва айбдоршаванда иборат буд, ки натиҷаи он баррасии даъворо муайян мекард. Агар ҷабрдида қавитар бошад, он гоҳ айбдоршаванда ҷазо дода мешуд ва дар акси ҳол айбдоршаванда аз ҷавобгарӣ озод карда мешуд.

Дар замони муосир ин навъи истеҳсолоти судӣ ба ёди таърихӣ рафта, мавзуи тадқиқотии илми таърихи ҳуқуқ ва давлат гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии баъзе кишварҳо унсурҳои инфиродии ин равандро вохӯрдан мумкин аст. Масалан дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия ба истилоҳ таъқиби ҷиноятии хусусиро пешбинӣ мекунад (қисми 2 моддаи 20, ки бо оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ танҳо бо дархости ҷабрдида ва ба зиммаи ӯ бори исбот гузоштан) тавсиф мешавад.

Шакли дуюми истеҳсолоти судӣ модули тафтишотӣ (инквизиторӣ) мебошад. Мурофиаи тафтишотӣ дар марҳилаи минбаъдаи рушди ҷомеаи инсонӣ васеъ паҳн шуда, дар асрҳоимиёна низ дар аксари давлатҳои Аврупоӣ (империяи Рим Бостонӣ, давлати шоҳигарии Испания ва ғайра) ин шакли истеҳсолоти судӣ амал менамуд.

Хусуссияти мурофиаи ҷиноятии империяи Россия қабл аз ислоҳоти идории Александри II низ самти тафтишотӣ дошт. Моҳияти истеҳсолоти судии тафтишотӣ бо пурра ё қариб пурра маҳрум кардани айбдоршаванда аз ҳуқуқ ва имконияти рақобатнамоӣ бо айбдоркунанда тавсиф мешавад.

Аз ин рӯ, айбдоршаванда ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, ба объекти таъқиби ҷиноятӣ табдил меёфт ва ҳатто на ҳамеша медонист, ки ӯ ба чӣ айбдор карда шудааст.

Хусусияти муҳимми модели тафтишотии мурофиаи ҷиноятӣ презумпсияи гунаҳкорӣ буд, ки боиси маҳрум шудани айбдоршаванда аз аксари ҳуқуқҳояш мегардид.

Дар муқоиса бо даъвои хусусӣ, дар раванди тафтишотӣ, новобаста аз иродаи ҷабрдида парвандаҳои ҷиноӣ оғоз карда мешуд. Яке аз сабаҳои оғози парванда мактуб ва маълумотҳои беимзо шуда метавонист.

Раванди тафтишотии ҷиноятӣ бо якҷоякунии вазифаи айбдоркунӣ ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ хос буд. Аз ин рӯ, судя метавонист дар як вақт вазифаи муфаттиш ва баъзан вазифаи айбдоркунандаро иҷро кунад. Тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ махфӣ, паси парда мегузашт[1].

Парвандаи ҷиноятӣ на дар асоси тафтиши бевоситаи далелҳо, балки бо омӯхтани маводҳои хаттӣ ҳал карда мешуд. Дар намуди истеҳсолоти судии тафтишотӣ (инквизитории) далелҳои расмӣ бо дар назардошти ҳолати қаблан муайян шуда фаъолона истифода мегардид. Муҳимтарин далел эътирофи гуноҳи худ аз ҷониби айбдоршаванда ба ҳисоб мерафт, ки аксар вақт тавассути шиканҷа ё таъсири дигар ба шахс онро ба даст меоварданд.

Дар замони эҳё ва ғалабаи инқилобҳои буржуазӣ дар кишварҳои аврупоӣ ва ба вуҷуд омадани аввалин шаклҳои демократии ҳокимият боиси тадриҷан рад карда

[1] Нажимов В. П. Типы, формы и виды уголовного процесса. - Калининград, 1977. - С. 31.

шудани тартиби инквизитории истеҳсолоти судӣ ва иваз кардани ин навъи мурофиа бо расмиёти мутамаддини адолати судӣ гардид.

Шакли сеюми истеҳсолоти судӣ ин шакли мубоҳисавӣ мебошад. Ин раванди яке аз шаклҳои муосири мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, асосан дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ (Британияи Кабир, ИМА, Исроил, Сингапур ва ғайра) паҳн шудааст[1].

Тартиби мубоҳисавии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ комилан муқобили тафтишотӣ (инквизиторӣ) мебошад. Вазифаҳои истеҳсолоти судӣ аз ҳамдигар ба таври қатъӣ ҷудо карда шуда, даъвогар ва ҷавобгар барои ҳимояи худ ҳуқуқҳои баробар доранд.

Дар ин шакли истеҳсолоти судӣ ба ҷавобгар доираи васеи ҳуқуқҳои мурофиавӣ дода шуда, ба ӯ имконият фароҳам оварда мешуд, ки ин ҳуқуқҳоро ҳам шахсан ва ҳам бо ёрии ҳимоятгар (адвокат) истифода барад. Яке аз принсипҳои асосии раванди мубоҳисавӣ эҳтимолияти бегуноҳӣ мебошад. Вазифаи тафтиши кирдори ҷиноятӣ ва исботи гуноҳ дар ин шакли истеҳсолоти судӣ ба зиммаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вогузор мегардид. Бар хилофи раванди тафтишотӣ, ин гуна тафтишот ба таври қатъӣ муқарраркардаи қонун ва бо таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ карда мешуданд. Мурофиаи судӣ дар шакли ошкоро ва дар шароити мустақим ва шифоҳӣ сурат мегирифт.

Тарафҳои даъвогар ва ҷавобгар дар рафти мубоҳисаи судӣ мавқеи худро ба суд бо ҷамъбасти омӯзиши далелҳо баён менамуданд. Хусусияти ҷудонашавандаи раванди мубоҳисавӣ мавҷудияти мурофиаи ҳакамон мебошад (ҳадди ақал барои баъзе категорияҳои парвандаҳои ҷиноятӣ).

Шакли мубоҳисавии истеҳсолоти судӣ бо принсипи озодии арзёбии далелҳо тавсиф мешавад, ки қувваи ҳуқуқии қаблан муқарраршудаи онҳоро истисно намуда, эътиқоди ботинии судяро (субъекти дигари салоҳиятдор), ҳамчун меъёри асосии исбот пешбинӣ менамояд.

Ҳамзамон, ҳама гуна маълумоти воқеие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба даст меомад ва барои парванда аҳаммият доштанд, ҳамчун далел эътироф карда мешуд.

Шакли чаҳоруми истеҳсолоти судӣ ин навъи омехта мебошад. Мурофиаи омехта як навъи дигари муосири татбиқнамоии адолати судии дар ҷомеа мебошад. Чунин тартиби фаъолияти мурофиавӣ барои давлатҳои низоми ҳуқуқии континենталӣ (романо-олмонӣ) (Олмон, Фаронса, Испания, Австрия, Италия, Тоҷикистон ва ғ.) хос аст.

Навъи омехта хусусиятҳои инфиродии раванди мубоҳиса ва тафтишотро муттаҳид менамояд. Дар баробари ин дар шаклҳои ибтидоии мурофиаи омехта расмиёти тафтишот ҳукмфармо буда, ба суд додани як қатор вазифаҳои айбдоркунӣ ва ба айбдоршаванда додани ҳуқуқҳои нисбиро муайян менамояд.

Ин тартибот, дар як катор кишварҳои аврупоии асри Х1Х амал менамуд. (Фаронса дар замони ҳукмронии Наполеон, Империяи Олмон, Империяи Австрия). Дар Россиян пешазинқилобӣ низ ин навъи истеҳсолоти судӣ истифода мегардид.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи назариявӣ гуфтан мумкин аст, ки дар таърихи тамаддуни башарӣ дар ҳар марҳила навъҳои гуногуни истеҳсолоти судӣ амал намуда, вобаста ба хусусиятҳо ва тавсифоти амалии онҳоро ба чаҳор навъ тасниф намудан мумкин аст.

Масоили таърихи мурофиаи судиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои асосии онро дар давраҳои гуногуни тараққиёт муайян сохта, бояд дар назар дошт, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон чӣ дар давраҳои инкишофи зардуштӣ ва чӣ дар давраи исломӣ фарқи байни парвандаи ҷиноию маданӣ вуҷуд надошт.

[1] Смирнов А.В. Состязательный процесс. - СПб., 2001. - С. 13-17.

Дар давраи тодавлатӣ вуҷуд доштани маросиму расму оинҳои судӣ, сурудаҳои авестоӣ бахшида ба Рашну, фариштаи адолат гувоҳӣ медиҳанд, ки дар таърихи давладории тоҷикон аз замони бостон ба масъалаи таъмини адолат диққати махсус дода мешудааст. Рашн-яшт асоси мурофиаи судӣ дар ҷамъияти то-давлатии қабилаҳои ориёӣ шинохта мешавад, ки аҷдодони тоҷикон ба ҳисоб меравokанд ва дар ҳудуди сарзамини Тоҷикистони таърихӣ сукунат доштанд[1].

Дар матнҳои бостонӣ Рашн бо тарозуи заррин тасвир ёфтааст, ки ин сифате ба амал омадани адолат ва инсоф аст. Дар ин тасвир Рашн ба Осирис, худои мисриёни қадим ва олиҳаи адолати юнонӣ Фемида шабеҳ аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки боварҳои ниёгони бостонии мо дар бораи мурофиаи судӣ бо боварҳои динӣ ва мурофиавии рӯзи қиёмати Осирис дар ақидаҳои мисриёни қадим шабоҳати зиёд доранд. Хусусияти ойинҳои қадимии ниёгони мо дар он буд, ки онҳо рӯзи махсуси моҳ (рӯзи 18-уми солшумории шамсӣ) доштанд, ки онро Рашна – Рашнонрӯз мегуфтанд. Ин рӯзро рӯзи адолат ҳисоб карда, ид мекарданд. Шахсе, ки дар ин рӯз таваллуд шудааст, барои маъбади Рашна бояд қурбонӣ кунад. Бозмондаи яке аз ин маъбадҳои фариштаи адл дар деҳаи Ростибағни вилояти Суғд пайдо шудааст[2].

Ордалия (довариии иллоҳӣ) як шакли умумии мурофиаи судӣ буд, ки дар он адолат барои ҳалли баҳси тарафҳои баробар амалӣ мешуд. Аммо ин озмоишҳо баробари ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани муносибатҳои синфӣ тадриҷан ба ёди таърихӣ табдил шуданд. Ордалия аз меъёри мурофиавии танзими табиию стихиявӣ ба меъёри давлатию ҳуқуқии ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ табдил меёбад. Ба ибораи дигар, дар таҳаввулоти озмоиш тамоюлҳои инсонмарказӣ аз ҳисоби рушди худшиносии инсоният ва худшиносии оқилонаи он тадриҷан афзоиш меёбанд. Вазифаҳои адолат аз фаришта интиқол дода мешаванд, яъне, татбиқи адолат аз вазифаи ҳокими осмонӣ (Худо) ба салоҳияти подшоҳони заминӣ мегузарад.

Пеш аз он ки ба тавсифи мурофиаи судии давраи давлатии таърихи ҳалки тоҷик, ки ибтидои он аз давраи ташаккул ва инкишофи давлати Хахоманишиён оғоз мешавад, таваҷҷуҳ намоем зарур аст, ки ба маълумоти сарачашмаҳои таърихӣ ва илмӣ аз қабили Авесто, манобеъи дигари паҳлавӣ, Шоҳнома, ки аз зуҳури қонун ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеъаи ориёниёни бостон нақл мекунанд назар намуд. Яке аз сарчашмаи умуми эътирофгардида “Шоҳнома” мебошад, ки дар он маълумоти муфиде оид ба пайдоши қабилаҳои ориёӣ, зисту зиндагонии аҷдодони тоҷикон, шакли идории аввалин давлатҳои ориёиҳо дарҷ гардидаанд. Фирдавсӣ дар бораи яке аз намояндагони сулолаи ориёии Пешдодӣ - шоҳ Ҳушанг чунин менигорад:

*Ҷаҳондор Ҳушанг бо рою дод,*
*Ба ҷои ниё тоҷ бар сар ниҳод.*
*Нахуст яке гавҳар омад ба чанг,*
*Ба дониш зи оҳан ҷудо кард санг.*
*Чу бишнохт, оҳангарӣ пеша кард,*
*Каҷӯ з-ӯ табар, арраву теша кард*[3].

Ба андешаи Ҳаким Фирдавсӣ шоҳи дуюми Пешдодӣ Ҳушанг аст, ки адл, доварӣ ва ҳукмро миёни одамон асос гузошт ва истеҳсоли олатҳо аз оҳан, сохтани хона, чорводорӣ, кишоварзиро ба мардум омӯхт, ибодатгоҳҳои аввалин, расми подшоҳӣ ва тоҷгузориро асос гузошт аз ҳамин сабаб ба ӯ Пешдодӣ унвон додаанд.

Аз фаъолияти шоҳ Ҳушанг ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст:

1) Ҳушанг иҷрокунандаи иродаи иллоҳӣ аст.

---

[1] Дӯстхоҳ Ҷ. Авасто. - Душанбе: «Бухоро», 2014. - С. 279-280.
[2] Якубов Ю. Авестиские Готы. - Душанбе, 2003. - С. 58-59.
[3] Фирдавсӣ. Шоҳнома. - Сталинобод, 1959. - С. 19.

2) Ҳушанг ҷаҳонро обод мекунад, адолату инсофро амалӣ менамояд.

Доир ба вожаи Пешдодӣ дар адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ чунин андешаҳо вуҷуд доранд. Калимаи «Пешдод» шакли тағйирёфтаи калимаи авестоӣ «paradata» мебошад, ки аз ду қисм - «пеш» («собиқ», «аввал») ва «дат», ё “дод” («қонун», «адолат») иборат аст, бинобар ин онро «қонунгузорони аввал» тарҷума кардан мумкин аст.[1]. Тибқи гуфтаҳои зикршуда ва достонҳои Фирдавсӣ метавон ба хулосае омад, ки мардумони ориётабор ҳанӯз қабл аз Зардушт ва зуҳури дини зардуштӣ ва қабл аз пайдоиши Ҳахоманишиён дар арсаи таърихӣ давлати худро бо ҳама қонунҳои барои он замон зарурӣ ва механизмҳои ҳуқуқии татбиқ ва ҳифзи онҳо асос гузоштаанд. Ҳушанг ҳамчун аввалин қонунгузор ба ҳисоб мерафт, ки он дар Авесто бо вожаи «Парадата» омадааст.

Чи тавре ки тадқиқот нишон медиҳад, дар таърихи давлатдории тоҷикон сохти гуногуни истеҳсолоти судиро мушоҳида кардан мумкин аст. Хусусиятҳо ва шаклҳои фаъолият, рушди таърихӣ, хусусиятҳои асосии мурофиаи судиро бо истифода аз шаклҳои он – усули дониши илмӣ муайян кардан мумкин аст, ки он ба тақсимоти низоми объектҳо ва гурӯҳбандии минбаъдаи онҳо бо истифода аз умумисозии шакл асос ёфтааст.

Тамоми сарчашмаҳо ва назарияҳои ибтидоии пайдоиши адолат дар замони қадим аз табиати илоҳӣ ва табиати худовандии ин падида сарчашма мегиранд. «Авесто» ва таълимоти ҳуқуқии зардуштӣ низ таъсиси илоҳии падидаҳои ҳуқуқи ва татбиқи адолатро эътироф мекунанд. Ҳангоми тавсифи мурофиаи судӣ дар замони қадим ва дар давраи инкишофи тамаддуни зардуштӣ бояд қайд кард, ки он хусусияти айбдоркунанда дошт. Ҳарчанд задухӯрдҳо, озмоишҳо ва имтиҳоноти судӣ дар ҳаёти ҳуқуқии мардуми ориёитабор дар ин давра навъҳои асосии баҳс ё ҳалли низоъҳо ба шумор мерафтанд, онҳо дар баҳси тарафҳои баробарҳуқуқ, ки бо салоҳдиди худ амал мекарданд, ташкил мешуданд. Дар ин марҳилаи таърихии давлатдории тоҷикон низ мурофиаи айбдоркунанда бо чораёни исбот дар шакли ҷанг, санҷиш ва савганд ба ҳалли баҳс рост омада, на ба равшан кардани моҳияти парванда, балки берун аз он - ба хости Худо нигаронида шудааст. Ин навъи мурофиаи судӣ ба давраҳои минбаъдаи рушди ҷомеаи тоҷик низ хос аст. Амали ин навъи мурофиа, яъне «доварии илоҳӣ» дар асрҳои миёна ва садаи XIX-и баъзан маврид истифода мегардид[2]. Додгоҳи Сарвари давлат, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон амал менамуд ин хислатро дошт, ҳарчанд дар он далелҳо пазируфта шуда ва тарафҳо шунида мешуданд, аммо шоҳ ба сифти додгустар дар ин раванд ҳам довар ва ҳам айбдоркунанда ва ҳимоятгар ба ҳисоб мерафт.

Ташкили мақомоти махсуси судӣ дар назди Ҳахоманишиҳо боиси инкишофи раванд ва тағйири хусусияти он гардид. Дар назди онҳо истеҳсолоти судӣ хусусияти шакли тафтишотиро гирифта дар замони Ашкониён ва Сосониён хусусияти мубоҳисавиро касб намуд.

Мурофиаи тафтишотӣ аз он иборат аст, ки дар он тарафҳо вуҷуд надоранд; мақомоти асосии мурофиа мақоми тафтишотии давлатӣ ё судя ба ҳисоб мерафт, айбдоршаванда мавриди тафтиш қарор мегирифт. Вазифаи мурофиавии таъқиб, муҳофизат ва ҳукм дар як даст якҷоя шуда, ба вазифаи тафтишот табдил меёфт.

Дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиҳо то Сосониён, инчунин дар давраи давлатдории исломии тоҷикон истеҳсолоти судӣ хусусияти тафтишотӣ дошт. Ҳарчанд ин навъи истеҳсолоти судӣ, мурофиаи хусусии даъвогӣ буд, даъво ё шикояти шахсони воқеӣ барои оғоз намудани парванда асос шуда метавонистанд, аммо тарафҳо дар баррасии парвандаҳо хеле кам даъват карда мешуданд.

---

[1] Али Хуҷҷатии Кирмонӣ. Додгустарӣ дар адвори мухталифи таърих. - Теҳрон 1990. - С. 57.

[2] Искандаров Б.И. Искандаров Б.И. Социально-экономические и политические аспекты истории Памирских княжеств (X в.- первая половина X1X в). - Душанбе: Дониш, 1983. - С. 45.

Дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониён истеҳсолоти судӣ хусусияти мубоҳисавиро касб менамояд. Ин хусусияти мурофиаи судӣ маънои онро дошт, ки нақши фаъол дар раванд ба тарафҳо тааллуқ дорад. Одатан, аломатҳои ин навъи истеҳсолоти судӣ инҳоянд:

1) ҳузури тарафҳои айбдоркунӣ ва ҳимоя, айбдоршаванда субъекти мурофиа шинохта мешуд;
2) баробарии тарафҳо;
3) ҳузури суди мустақил аз тарафҳо;
4) ҷудо кардани вазифаҳои мурофиавии айбдоркунӣ ва дифоъ;
5) баҳси тарафҳо ҳамчун манбаи пешбарандаи парванда[1].

Аммо дар баробари ин хусусиятҳо, мурофиаҳои судӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ хусусиятҳои худро дошт. Ба андеаши А.Г. Переханиян дар замони Сосониён дар пешбурди судӣ ду қозӣ - қозии даъвогар ва қозии ҷавобгар иштирок мекарданд. Онҳо ба таври навбатӣ дар ин раванд масъул буданд ва қарор ё ҳукмро бошад суди даъвогар қабул мекард[2]. Ғайр аз ин, баҳри дуруст амали намудани адолати судӣ дар мурофиа ниҳодҳои гуногун аз қабили: мушовири ҳуқуқӣ - андарзгари додгоҳ, ҳимоятгар, мушовир - нозир, назоратчӣ (нигаҳбонон, ёдмондон), ки ба пешбурди мурофиаи судӣ мусоидат менамуданд иштирок мекарданд.

Навъи дигари истеҳсолоти судӣ, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон истифода мегардид, истеҳсолоти судии омехта буд. Шакли омехтаро як навъ синтези мурофиаи судии бостонии айбдоркунанда ва тафтишотӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро он на танхо ҳамчун баҳси тарафҳо ба назар мерасад, балки ноил шудан ба манфиатҳои ҷамъиятиро ба инобат мегирифт, ки хоси истеҳсолоти судии тафтишотӣ мебошад.

Подшоҳони Ҳахоманишӣ механизму ниҳодҳои амалисозии адолати илоҳиро такмил медоданд[3]. Ба гуфтаи Геродот, додрас аз ҷумлаи одилтарин ва беғаразтарин коршиносони ҳуқуқи маздаясно таъин мешуд. Аммо дар сурати сӯиистифода аз мансаб намудан, нақзи принсипҳои беғаразӣ ва адолат ба додрасҳо ҳолати ба муҷозоти мухталиф дар шакли барканорӣ аз вазифа, мусодира, ҷарима, ҳабс ва ҳатто ҳукми қатл таҳдид мекард. Мурофиаи судӣ дар ҳуҷраҳои махсус гузаронида мешуданд. Додгоҳи олии Ҳахоманишиҳо аз Додраси олӣ (шоҳ) ва ҳафт додрас, ки аз байни наздики шоҳ ва ашрофзодагон интихоб мешуданд, иборат буд. Ҳамаи додрасҳои зинаи поёнӣ, ки дар сатрапияҳо адолати судиро татбиқ мекарданд ба онҳо тобеъ буданд. Додрасҳо на танҳо парвандаҳоро баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдори ҳуқуқӣ қабул мекарданд, балки раванди иҷрои қарорҳои худро низ амалӣ мегардонданд.

Дар вақти дида баромадан ва муҳокима намудани гуноҳи айбдоршаванда хизматҳои пештара ва корҳои неки ӯ ба инобат гирифта мешуданд. Мурофиаи судӣ қатъиян дар мухлати муқарраршуда гузаронда мешуд. Яке аз тадбирҳои муҳиме, ки бо мақсади одилона ҳал намудани баҳсҳо андешида шуда буд, ташвиқ намудани тарафҳо ба оштишавӣ буд. Бо инкишофи ҳуқуқи мурофиавӣ як навъ ниҳоди «донандагони ҳуқуқ», яъне институти машварати ҳуқуқи пайдо ва инкишоф ёфт[4]. Дар ин давра барои ҳалли масъалаҳои мураккабу печида на танҳо даъвогарону ҷабрдидагон, балки аксаран додрас-машваратчиёни соҳиб касб, инчунин хирадмандони ботаҷрибаро даъват мекарданд[5].

---

[1] Сокит М. Ниҳодҳои додрасӣ дар ислом. - Теҳрон, 1385. - С. 24.
[2] Периханян А.И. Общество и право Ирана в Парфянской и Сасанидский периоды. - М.: Наука, 1983. - С. 127.
[3] Амир Маҳдии Бадеъ. Эрон дар замони аввалин ҳокимони Ҳахоманишӣ. - Теҳрон, 1987. - С. 34.
[4] Али Ҳуҷатии Кирмонӣ. Асари номбар шуда. - С. 62.
[5] Али Ҳуҷатии Кирмонӣ. Асари номбар шуда. - С. 64.

Дар давраҳои охири ҳукмронии Ашкониён ва ибтидои ҳукмронии Сосониён инкишофи афкори динию ҳуқуқӣ роҳи тафсирнамоии меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаро пеш гирифтанд, вобаста ба ин рушди таълимоти ҳуқуқӣ дар ин давра пеш мерафт. Ба андешаи А.Переханиян, "насси ҳуқуқии Авесто аллакай ба сатҳи рушди ҷомеаи Эрон мувофиқат намекард, зеро дар ин давра, дар ҷомеа душвории фаҳми забони Авесто ба вуҷуд омада буд, бинбар ин зарурияти тафсири муфассали наскҳои ҳуқуқиро пеш овард. Ба ҳар ҳол, маҳз тарҷумаи тафсирӣ дар мурофиаи судии ин марҳила аҳаммияти амалӣ пайдо кард"[1].

Барои рушди минбаъдаи ҳуқуқ ва қабули он дар Тоҷикистони таърихӣ мақоми дини давлатӣ пайдо кардани дини зардуштӣ аҳаммияти хоса дошт, ки ба арсаи сиёсии сулолаи Сосониён ворид шудани он мусоидат намуд. Дар суханоне, ки бино ба ривоятҳо асосгузори ин сулола Ардашир гуфтааст, хоҳиши шоҳони Сосонӣ барои фароҳам овардани заминаҳои ташаккули ҳуқуқ ҳамчун танзимгари ногузири муносибатҳои ҷамъиятӣ равшан ифода ёфтааст: "бо ин бузурги, ки Худо ба ман додааст, ман некӣ мекунам ва додгоҳи одилона барпо медорам. Дини зардуштиро пок хоҳам кард Ситоиш ба Офаридгори бузург – Ормузди бахшандаву нигаҳбоне, ки ҳар чизеро, ки ҳаст, офарида ва идораи ҳафт кишварро ба ман супурда ва ба дурустӣ қадршиносӣ кардааст".

Дар замони Сосониён низоми судӣ ба мурофиаи судии шаҳрвандӣ, динӣ ва маъмулӣ ҷудо мешуд. Вобаста ба маълумоти Али Кирмонии Ҳуҷҷатӣ дар баробари додгоҳҳои зикр гардида, инчунин додрас-муфатиш низ фаъолият менамуд[2].

Қабул ва баррасии даъвоҳо, қабули қарорҳо аз рӯи онҳо асосан салоҳияти судяҳои дунявӣ – датаборҳо ба ҳисоб мерафт, ки баррасиҳо дар муассисаҳои махсуси судӣ, ки дар тамоми шаҳрҳо ва марказҳои маъмурӣ вуҷуд доштанд, сурат мегирифт.

Дар муассисаҳои судӣ ду категория судяҳо: судяҳои хурд ва калон фаъолият мекарданд. Мавҷудияти ин ниҳодҳоро маълумоти дар матни сарчашмаи таърихӣ "Мотикони ҳазор додистон" ё "Қонунномаи Сосонӣ" собит менемояд.: Даъвоҳоро вобаста ба хусусиятҳои он судяҳои хурд ва ё судяҳои калон баррасӣ мекарданд. Дар мавриди аз нав дида баромадани парванда судяи калон ба сифати зинаи косатсионӣ баромад мекард. «дар сурати маҳкумшуда ва норозигии ӯ бо (ҳар гуна) қарорҳои қабулкардаи судяҳои хурд, ҳукм аз байн бурда шуда дар маҷлиси судии суди калон аз нав баррасӣ мегардид »[3] . Дар сарчашмаҳои таърихӣ дар баробари фаъолияти судҳои хурд ва калон, инчунин дарбораи "Мубади мубадон", ки додгоҳи олии кишвар ба ҳисоб мерафт маълумот мавҷуд аст.

Карими Кишоварзӣ қайд менамояд, ки тавсифи истеҳсолоти судии ин давра дар он низ зоҳир мегардид, ки хуҷҷатҳо ва шаҳодатҳо ҳамчун далелҳои судӣ қабул карда мешуданд[4]. Барои аниқ кардани паҳлуҳои масъалаи даъво иштироки тарафҳо дар мурофиа зарур буд. Аз рӯи моҳият тарафҳо тавзеҳоти пешакӣ медоданд. Дар сурати иштирок накардани як тараф дар мурофиа даъво ба фоидаи тарафи дигар ҳал карда шуда, пас аз эълони ҳукм ё қарор нусхаи он ба тарафҳо дода мешуд[5].

Одатан барои исботи қазия дар додгоҳ шаҳодати се шоҳид лозим буд. Агар ҷиноят дар ҷои хилват содир шуда бошад, шаҳодати як шоҳид низ қабул карда мешуд[6].

---

[1] Периханян А.Г. Асари номбар шуда.. - С. 269.
[2] Али Ҳучатии Кирмонӣ. Асари номбаршуда. - С. 65.
[3] Периханян А.Г. Асари номбаршуда. - С. 269.
[4] Карими  Кишоварзӣ. Эрон дар замони Сосонӣ. - Теҳерон, 1987. - С. 345.
[5] Периханян А.Г. Асари номбаршуда. - С. 348.
[6] Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Том 1. Часть 1-2. - С. 51.

Бинобар маълумоти А.Г. Переханиян дар ин давраи дар истеҳсолоти судӣ падидаи ҳуқуқии гарав роиҷ буд. Судяҳо ҳуқуқ доштанд, ки ҳамчун кафолати ҳузур дар мурофиаи судӣ аз тарафҳо қаблан гарав бигиранд.

Дар давлати Сосониён дар баробари суди дунявии датаборҳо, суди коҳинии Магупатҳо низ амал мекард, ки дар якҷоягӣ бо суди датабор қисми низоми мурофиаи судии умумӣ ба ҳисоб мерафтанд. Доири фаъолияти судҳои магубат матни "Қонуномаи Сосониён" маълумот медиҳанд.

Мисли суди дунявӣ, суди Магупат баррасии масъалаҳоро дар шакли мурофиаи судӣ амалӣ менамуд. «Судяҳо барои гузаронидани мурофиаи судӣ қабл аз қабули қарори ратҳо, инчунин магупатҳо - маҷлисро (баррасиро) дар суди (ордалӣ ё "доварии иллоҳӣ") таъин намекараданд[1].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки гузаронидани суди ордалӣ ё "доварии иллоҳӣ" ва гирифтани шоҳидӣ таҳти савганд комилан салоҳияти коҳинон, яъне ратҳо буд ва онҳо дар таҳияи масъалаҳои умумии мурофиаи судӣ низ нақши фаъол мебозиданд, ки датаборҳо, магупатҳо ва дигар судяҳоро дар амалияии судӣ роҳнамоӣ мекарданд.

Ба ақидаи А.Г.Периханян дар давлати Сосониён қонуни кодификатсия вуҷуд надошт. Ба ин худи табиати «Қонунномаи Сосонӣ» шаҳодат медиҳад, ки он кодекс нест, балки маҷмуаи ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ бо нишондодҳои тафовути амалияи судии шаҳру ноҳияҳои алоҳида мебошад[2].

Дар ин ҷо мо бояд дар бораи он шакле таваҷҷӯҳ кунем, ки асосҳои ҳуқуқии Авесто ба додрасони давраи Сосонӣ расида ва дар амалияи судӣ истифода мешуданд. Чунон ки аз Денкарт маълум аст, ба бахши ҳуқуқии Авесто ҳафт наск, панҷ наски асосӣ ва ду наски иловагӣ дохил мешуданд[3]. Аз панҷ наски ҳуқуқӣ танҳо як наски - Видевдат боқӣ мондааст. Видевдат, ки дар он дастурҳои расмӣ ҷой дода шудааст, ҳам дар нусхаи асл ва ҳам дар шакли тарҷума ба мо расидааст. Баррасии мавзуҳои ин наск фарогири масъалаҳо дар бораи баробарии шаҳрванд ва шахси бегона дар назди суд, дар бораи он, ки ғулом дорои қобилияти муайяни ҳуқуқии мурофиавӣ мебошад, аз ҷумла дар бораи ҳуқуқи даъво аз рӯи масъалаҳои молу мулк, дар бораи ҳуқуқи зан дар суд ба сифати намояндаи мурофиавии шавҳар ва мустақилона ба сифати даъвогар баромад карда, нишондод додани тавонистан, дар бораи ҳуқуқи раиси Магупатҳо ба сифати суди зинаи кастсионӣ барои бекор кардани қарорҳо ва ҳукм суд мебошад[4].

Дар замони Сосониён танҳо судяи таъиншуда салоҳияти қабули қарор ва баровардани ҳукм дар парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро дошт. Дар мақомоти суди ниҳодҳои ёрирасон амал менамуданд. Ниҳоди шоҳидон, ки дар мурофиаи судӣ шаҳодат медоданд ба сифати иштирокчии мурофиа, шинохта шуда, ҳатто метавонистанд ба қарорҳои судя таъсир расонанд. Барои нигоҳ доштани тартибот дар толори суд ҳайати махсуси ёрирасон таъин карда мешуд, ки дар ҷараёни мурофиа тартиботро назорат карда, ба раванди муътадили мурофиаи судӣ мусоидат менамуданд. Муҳимтарин иштирокчиёни мурофиа машваратчӣ – як вакили боваринок – намояндаи тарафҳо буд[5].

Чуноне ки дар боло тазаккур дода шуд ҷаласаи судӣ дар ин марҳила пурра дар суратҷаласа ба қайд гирифта мешуд. Қарори судро бошад дар ҳуҷҷати хаттӣ ба расмият дароварда онро ба суратҷаласаи судӣ замима мекарданд. Ҳуҷҷати мазкур дар баробари дигар ҳуҷҷатҳои судӣ ба бойгонӣ супурда шуда, нусхаашро ба тарафҳо

[1] Периханян А.Г. Асари номбаршуда. - С. 349.
[2] Периханян А.Г. Асари номбаршуда. - С.348, 267.
[3] Периханян А.Г. Асари номбаршуда. - С. 348, 268.
[4] Саидҳасан А. Додгустарӣ ва низоми додгоҳӣ дар Эрон. - Теҳерон, 2007. - С. 23.
[5] Сокит М.Н. Асари номбаршуда. - С. 26.

мерасониданд. Айбдоршавандагоне, ки ба ҳабс маҳкум шуданд ба сардори маҳбас ва ё посбонон супурда мешуданд. Судя ҳуқуқ надошт, ки ҳукмро ба таври бозгашт қабул намояд, ҳатто агар чанде ҳукм тибқи қоидаҳои мавҷуда тартиб дода нашуда бошад.

Пас аз фатҳи Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ва паҳн шудани ҳуқуқи исломӣ дар ин сарзамин принципҳои мурофиаи судӣ тағйир ёфтанд. Мақомоте ташкил карда шуданд, ки бевосита дар мурофиаи судӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ машғул буданд.

Истеҳсолоти суди дар ин давра хусусияти айбдоркунӣ, шифоҳӣ, ошкоро (кушода) дошт. Дар замони Сомониён додситон ва адвокат набуд.

Тартиби пешбурди мурофиаи судӣ ҳам дар парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҳам дар ҷиноятӣ якранг буд, зеро дар ин марҳилаи таърихи аз ҷониби фақеҳон соҳаҳои мурофиа ҷудо накарда шуда буд. Таҳлили маводҳои бойгонии мурофиаи судии қозӣ дар асри Х1Х нишон медиҳад, ки ки ягон парвандаи ҷиноятӣ дар суд бе даъвои гражданӣ баррасӣ карда нашудааст[1].

Дар ин давра дар баробари судӣ қозӣ, суди дунявӣ ё мазолим низ вуҷуд дошт. Суди мазолим чунин хусусият дошт, ки ҳар даъвоеро, ки қозӣ наметавонист ҳал намояд, суди мазолим ин даъворо ба баррасии худ қабул карда ҳукми ниҳоии онро мебаровард.

Барои муқаррар намудани ҳақиқати объективӣ дар мурофиаи судӣ воситаи асосӣ далел ба ҳисоб мерафт. Пеш аз он ки ба таҳлили далелҳо дар ҳуқуқи исломӣ ва татбиқи он дар мурофиаи судӣ гузарем, зарур аст, ки мафҳуми далелҳои судӣ тибқи назарияи ҳуқуқи муосир муайян карда шавад.

Донишмандон маънои мафҳуми “далели судӣ”-ро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд, аз ин рӯ, то ҳол мавзӯи баҳси байни онҳо боқӣ мемонад. Баъзе олимон аз далелҳои судӣ танҳо маълумоти ҳақиқиеро мефаҳманд, ки дар асоси онҳо суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳолатҳоро муайян менамуд, ки барои дуруст ҳал намудани парванда аҳаммият доранд. Баъзе мутахасисони соҳаи мурофиа фаҳмиши дурусти далелҳои судиро ҳимоя карда, далелҳоро, аввалан маълумоти ҳақиқӣ ва дуюм, воситаҳои исботро ба назар мегиранд[2]. Мувофиқи нуктаи сеюми гуруҳи олимон, далели суди маълумотеро, ки дар асоси онҳо суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳолатҳоро, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳаммияти муҳим доранд ва дорои маълумоти воқеӣ мебошанд ҷудо намудаанд[3]. Аксари олимони соҳа ба чунин фаҳмиши далелҳои судӣ ризо мебошанд[4].

Яке аз далелҳои асосӣ дар мурофиаи судии мусулмонон савганд буд. Тибқи шариати мусулмонон савганд (қасам ё яамин) се навъ аст: қассами ғамус, қассами мунақид ва қассами лағв. Қассами ғамус савгандест, ки барои тасдиқ ё радди ҳодисаи қаблан рухдода гирифта мешавад. Ин навъи савганд аз ҷониби шариат дар парвандаҳои судӣ танҳо нисбат ба даъвогарон иҷозат дода мешуд, он метавонист, ҳамчун далел истифода шавад, бо дастури қозӣ, даъвогар ё ҷавобгар метавонанд даъворо тасдиқ ё рад кунанд. Ин савганд барои мусалмон аҳаммияти бисёр муҳими динӣ дорад, зеро дар сурати қабули ғайривоқеии он, даъвогаре, ки ба номи Худованд ба дурӯғи дидаю дониста шаҳодат медиҳад, шаҳодати бардурӯғ мекунад, ки тибқи таълимоти шариати ислом «гуноҳҳои миранда»-ро сазовор шудааст, барои ин гуна

[1] Тухтаметов Т.Г. Судопроизводство в Бухарском и Кашгарском эмиратах во второй половине XIX века // Из истории таджикского народа. - Душанбе, 1992. - С. 51.
[2] Советский гражданский процесс. - М., 1975. - С. 131.
[3] Саркисьянц Г.П. Участие защитника в суде первой инстанции в советском уголовном процессе. - Ташкент, 1965. - С. 15.
[4] Курылев С. В. Основы теории доказывания в советском правосудии. - Минск, 1969. - С. 27.

шахсон каффорат нест, зеро Паёмбар (с) фармудаанд: «Ҳар ки қасам хӯрад, Худованд ӯро ба дӯзах маҳкум кардааст»)[1].

Савганд мунақид дар бораи ҳодисае, ки бояд баргузор шавад, дода мешавад. Ба ин гурӯҳ ваъдаҳои савганд дохил мешаванд - ин ё он корро иҷро кардан ё накардан. Вайрон кардани чунин савганд барои қасамхӯр оқибати махсусан муҳим надорад, зеро дар ин ҷо дурӯғи дидаю дониста ба номи Худованд шаҳодат намедиҳад, балки танҳо иҷро накардани назри ба номи Худо додашуда дида мешавад.

Навъи саввум савганд қассами лағв аст, ки бар хилофи ҳақиқат бепарво гуфта мешавад, вале бо боварии он ки мазмуни савганд ба воқеият мувофиқ аст ва аҳаммияти гуноҳ надорад.

Дар ҳамаи мавридҳо даъвогар ё ҷабрдида (муддаъӣ) ба қоидае бар ҷои истиқомат ва ё истиқомати муваққатии ҷавобгар муроҷиат мекунанд. Мафҳуми даъво бо мафҳуми мурофиаи даъвогӣ, ки бо тартиби он ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ё мавриди баҳс қарордошта амалӣ карда мешавад, зич алоқаманд аст.

Азбаски мудаъи ҳуқуқи худро поймолшуда меҳисобад, ҳангоми муроҷиат ба суд дархост менамояд, ҳалли масъалаи даворо бо ҷониби мудаъиалайҳ дар асоси тартиботи шариат баррасӣ намояд.

Тибқи таърифи шариати ислом даъвогар (ё муддаъӣ) шахсест, ки агар ихтиёран аз даъво даст кашад, барои идомаи даъво маҷбур карда намешавад. Ҷавобгар (ё муддай – алайҳ) шахсе аст, ки аз даъвои нисбаташ пешниҳод гардида ихтиёран даст кашида наметавонад дар ҳолатҳои саркаши кардан аз ҷавоб додан маҷбур карда мешавад.

Тибқи тавсифоти истеҳсолоти судии ин давра даъвогар вазифадор аст дар аризаи даъвои худ мавзӯи даъворо дуруст нишон диҳад. Ягон даъво бе нишон додани намуд ва миқдори ашёе, ки моҳияти даъворо ташкил медиҳад, қабул карда намешуд, зеро мақсад аз даъво мувофиқи далелҳои пешниҳодшуда қабули қарори қозӣ бораи ҳалли мавзуи даъво буда, барои ҷавобгар уҳдадориҳои ҳатмиро пеш меовард.

Мурофиаи судии қозӣ ҳамин тавр оғоз мешуд: қозӣ дар иҳотаи муфтиву мирзоҳо дар рӯи фарш нишаста, ба суханҳои муроҷиаткунандаҳо гӯш мекард. Агар ҳарду тараф даъвогар ва ҷавобгар ҳузур медоштанд, пас қозиӣ фавран ба баррасии парванда гузашта, пешниҳод мекунад, ки даъвогар ба яке аз муфтиҳо муроҷиат кунад, то ариза нависад, ки танҳо моҳияти парвандаро баён мекунад. Масалан: Ман Узуқбой оиди як гови ба ман тааллуқдошта, ки дуздида шудааст ва ҳоло дар дасти Мирзо Нурмаҳмад қарор дорад, даъво пешниҳод менамоям ва аз қозӣ хохиш мекунам, ки ба мудайалайҳ фармон диҳед, ки говро ба ман баргардонад. Ба ин мазҳар Муфтӣ Камолиддин, мӯҳр гузоштааст ва аз қозиӣ хоҳиш менамояд, ки ба Узакбой иҷозат диҳад, ки ин парвандаро баррасӣ кунад ва дар сурати исботи гуфтаҳо даъвогарро қонеъ гардонад[2].

Яке аз тавсифоти суди ин давра боз дар он буд, ки қозӣ бо қабули муроҷиат талош мекард, ки даъвогаронро ба сулҳ водор созад, агар тарафҳо нисбати даъво ба созиш меомаданд мурофиа ба анҷом расида ҳисобида мешуд.

Дар ҳолати ба созиш наомадан қозӣ, ки парвандаро мавриди баррасӣ қарор медод. Эътирози ҷавобгарро шунида, аз даъвогар далел талаб менамуд даъвогар уҳдадор буд, ки барои исботи даъвои худ далел пешниҳод намояд. Далел дар ҳар як даъво метавонад ҳуҷҷатҳое бошад, ки аз дар саҳеҳияти он шак вуҷуд надошта бошад, ё ба сифати шоҳид ду марди боахлоқ ва бовиҷдон (ба ҷои як мард ду зан ба ҳайси шоҳид иҷозат дода мешуданд, вале ба ин тартиб, ки яке аз шоҳидон мард бошад).

---

[1] Мунаҷим Ҷ. Таърихи Аббосиҳо. - Теҳрон, 1986. - С. 45.

[2] Крыльцов И.И. Государственное управление и суд в Среднеазиатских ханствах накануне завоевания Туркестана царской Россией // Ученые записки Свердловского юридического института. 1947. Т.2. - С. 52.

Дар сурати пешниҳоди далел ё шоҳид ҷавобгар барои рад кардани даъво савганд ёд мекард.

Даъвоҳои хурд дар ин давра бисёр осон баррасӣ мегардиданд. Дар ҳаолати ҳар ду ҷонибҳо, даъвогар ва ҷавобгар бо шоҳидони худ дар ҳузури қозӣ қарор доштан мурофиаи судӣ ҳамагӣ чанд дақиқа давом мекард.

Аммо даъвоҳои печида аз қабили масъалаҳо дар мавридҳои мерос, дар бораи муқаррар намудани васоят, дар ҳолатҳои ҷудошавӣ ё ақди никоҳ дарозтар давом карда, тартиби мурофиаи судӣ дар онҳо мураккабтар сурат мегирифт.

Вобаста ба хусусиятҳои истеҳсолоти судӣ агар ҷавобгар аз рӯи даъвои дар аризаи хаттӣ пешниҳодшудаи даъвогар ҳозир намешуд, қозӣ салоҳият дошт, ки ба воситаи намояндаи худ ба ӯ даъвати шифоҳӣ фиристода ҷавобгарро барои ҳозир шудан ба мазҳари қозӣ даъват мекард. Ва барои тай намудани ҳар микдори роҳ аз ҷавобгар маблағ руёонида мешуд.

Дар ҳолат ду маротиба даъват намудани айбдоршаванда ва ҳозир нашудани ӯ бо ёрии ниҳодҳои дахлдор айбдоршаванда ба ҳузури қозӣ оварда мешуд. Дар сурати ба ниҳодҳои салоҳиятдор итоат накардани ҷониби ҷавобгар қозӣ ӯро ба ҳабс мегирифт.

Аз рӯи шариат қабули қарор ё ҳукми ғоибона ҷоиз шуморида намешуд ба истисноӣ ҳолатҳое, агар шавҳар бе ягон восита ва нафақа занашро тарк карда ғайб зада бошад, инчунин даъво нисбат ба моликияти шахси бедарак гардида дар ин сурат қозӣ бо риояи меъёрҳои муқарраршуда ҳуқуқи қабули ҳукми ғоибонаро дошт.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои дар боло тазакур ёфта, метавон ба чунин хулоса омад, ки он тавсифот ва таснифоте, ки ба истеҳсолоти судии муосир муайян карда шуда, аз қабили айбдоркунанда, тафтишотӣ, мубоҳисавӣ ва омехта дар раванди таҳаввулоти истеҳсолоти судии давлатдории тоҷикон низ вуҷуд доштааст.

**АБДУХОЛИҚЗОДА АКМАЛ МАҲМАДӢ**
Муовини Ректор оид ба корҳои таълимии Донишкадаи такмили ихтисоси
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: akmal2006@mail.ru

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

Асосҳои ҳуқуқии ташкили хизмати давлатиро санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои давлатию хизматиро танзим менамоянд, ташкил медиҳанд.

Аз ҷумлаи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳои ҷумҳурӣ, ба монанди Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дохил кардан мумкин аст.

Конститутсия принсипҳои асосии конститутсионии ташкили хизмати давлатиро муқаррар намудааст.

Қисми 2 моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Кафолати чунин баробарҳуқуқӣ дар моддаи 17 Конститутстия низ инъикоси худро ёфтааст. Мутобиқи он давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ,

мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Конститутсия мансабҳои давлатиии ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳоюю салоҳиятҳои шахсони мансабдори давлатиро муқаррар менамояд. Масалан, салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси таъсис ва барҳамдиҳии вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ, таъин ва озод намудани сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ, таъсисдиҳӣ ва роҳбарият ба Дастгоҳи иҷроияи Президент, Шӯрои амният, Шӯрои адлияро муқаррар намудааст (моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001, «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 ва ғайра, ки онҳо салоҳият ва вазифаҳои мақомоти дахлдори давлатиро дар хусуси ташкили хизмати давлатӣ муқаррар намудаанд, баъд аз Конститутсия ҷои намоёнро дар низоми асосҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ ишғол менамоянд.

Санади махсусе, ки муносибатҳои хизматиро танзим менамоянд – ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 мебошад. Ин қонун яке аз аввалин санадҳои ҳуқуқиест, ки ба бунёди соҳаи хизмати давлатӣ ва ташкили он асос гузошт. То қабули қонуни мазкур ҳамаи муносибатҳои бо хизмати давлатӣ алоқаманд бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешуданд. Ҳамаи кормандоне, ки то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар асоси шартнома дар мақомот, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ фаъолияти меҳнатиро адо менамуданд, онҳо ба ҷумлаи хизматчии давлатӣ шомил мешуданд ва фаъолияте, ки анҷом медоданд, хизмати давлатӣ эътироф мешуд. Баъди қабули қонун муносибатҳои дар боло номбаргардида танзим карда шудаанд ва хизмати давлатӣ бошад соҳаи алоҳида ва мустақили ҳуқуқ муаррифӣ шуд. Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ соҳаи хизмати давлатиро ҳуқуқи хизматӣ низ меноманд[1].

Қонун, инчунин, доираи амал ва танзимсозии муносибатҳои хизмати давлатиро тавассути дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар поён дар бораи онҳо сухан меравад, муқаррар намуд.

Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки онҳо самтҳои гуногуни соҳаи хизмати давлатиро танзим мекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри кофӣ мавҷуданд. Вобаста ба аҳамият ва қувваи ҳуқуқиашон онҳоро ба якчанд гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

1. **Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои муҳими соҳаи хизмати давлатиро танзим мекунанд**, аз он ҷумла:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи статуси хизматчиёни ҳарбӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва ғ.

2. **Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки онҳоро бевосита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд**, аз он ҷумла:

[1] Габричидзе Б.Н., Чернявский А.Г. Служебное право: учебник / / Б.Н. Габричидзе, А.Г. Чернявский. - Москва: Дашков и К°, 2003. - С. 112.

– Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рубаҳои тахассусӣ;

– Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ;

– Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ;

– Низомномаи захираи кадрҳои хизмати давлатӣ;

– Кодекси одоби хизматчии давлатӣ;

– Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

3. **Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд,** чунончи:

– Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ;

– Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Дар бораи Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;

– Тартиби пардохти изофапулӣ барои собиқаи хизматии хизматчиёни давлатӣ;

– Низомномаи намунавӣ дар бораи ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии кормандони мақоми давлатӣ;

– Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии (такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ) хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Эъломия оид ба андоз аз даромад;

– Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ ва ғ.

4. **Санадҳои ҳуқуқие, ки бо фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд.** Аз он ҷумла:

– Дастурамали талаботҳои тахассусӣ нисбати ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Қоидаҳои пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Хизмати давлатӣ – ин падидаи ҳуқуқии комплексии мураккаб буда дар худ самтҳои гуногуни фаъолияти касбиро, ки дар мақомоти давлатӣ амалӣ мешаванд, дар бар мегирад.

Дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» № 233 аз 5 марти соли 2007 низоми муосири амалкунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ иборат аст. Низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси он хусусиятҳое, ки ба ҳар як намуди низоми хизмати давлатӣ дар алоҳидагӣ хос аст, тасниф карда шудаанд.

Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ мазмун ва моҳияти ба худ хос дорад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба хизмати давлатии сиёсӣ ва хизмати давлатии маъмурӣ тақсим карда шудааст.

Хизматчиёни давлатии сиёсӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатие амалӣ карда мешаванд, ки онҳо мансабҳои сиёсии хизмати давлатиро ишғол мекунанд. Ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ - мансабҳои давлатие дохил мегарданд, ки номгӯи

онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Хизмати давлатии сиёсӣ хизмате мебошад, ки ба амалбарории сиёстаи давлатӣ алоқаманд аст ва хизматчиёни давлатии сиёсӣ барои ба амал баровардани он масъуланд.

Хизмати давлатии маъмурӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатие амалӣ карда мешаванд, ки онҳо асосан бо роҳи озмун мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол мекунанд. Ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ - мансабҳои давлатие дохил мегарданд, ки номгӯи онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Хизмати давлатии маъмурӣ хизмате мебошад, ки он бо баамалбарории ваколати ҳокимиятии мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст ва онҳо мувофиқи Феҳрист мансабҳои маъмурии хизмати давлатиро ишғол мекунанд.

Другим аспектом данной проблемы является то, что не удается коренным образом переломить ситуацию с вовлечением детей в совершение преступлений, антиобщественных действий, а также иных действий, представляющих опасность для жизни несовершеннолетних, в том числе с использованием сети «Интернет». Поэтому так важно активизировать работу по выявлению в сети «Интернет» информации, склоняющей детей к насилию, экстремистской деятельности, неподчинению правоохранительным органам, вовлекающей их в протестные акции. Ни для кого не секрет, что главным источником получения негативной информации для подростков является сеть «Интернет». Именно поэтому назрела необходимость в создании новой информационной политики, направленной на детскую аудиторию и ее медиабезопасность, в проведении системного мониторинга новых социально негативных явлений в детско-молодежной среде. Важно повышать компетентность родителей в вопросах образования и воспитания в целях первичной профилактики девиантного поведения детей. Работа по правовому просвещению и информированию детей и их родителей (воспитателей) должна стать неотъемлемой частью системы профилактики правонарушений[2].

Другой важный аспект в процессе профилактики правонарушений сыграет система дошкольного, школьного и вузовского образования. Именно качественная система образования и предоставление необходимых знаний учащимся создаёт эффективные условия в противостоянии правонарушений подростков и молодёжи. В части 2 статьи 26 Всеобщей декларации прав человека прямо закреплено, что образование должно быть направлено к полному развитию человеческой личности и к увеличению уважения к правам человека и основным свободам. Образование должно содействовать взаимопониманию, терпимости и дружбе между всеми народами, расовыми и религиозными группами, и должно содействовать деятельности Организации Объединенных Наций по поддержанию мира.

Сегодня на основе закона Республики Таджикистан «О системе предупреждения и профилактики правонарушений несовершеннолетних» от 2 января 2020 года, за № 1658, четко определены субъекты системы предупреждения и профилактики правонарушений несовершеннолетних, их компетенции и полномочий. В число субъектов профилактики правонарушений входят: Правительство Республики Таджикистан; комиссии по правам ребенка; местные исполнительные органы государственной власти; органы по опеке и попечительству; органы образования и науки; органы внутренних дел; органы здравоохранения и социальной защиты населения; органы по делам женщин и семьи; органы по делам молодежи и спорту; органы труда, миграции и занятости населения; государственные уполномоченные органы по делам религии; органы культуры; органы прокуратуры; органы национальной безопасности; органы по контролю за наркотическими средствами; Уполномоченный по правам ребенка; другие государственные органы, физические и юридические лица и общественные самодеятельные органы.

[1] Хотамова М.Г. Указ. раб. – С. 55.

[2] Капинус О.С. Вступительное слово // Актуальные вопросы профилактики правонарушений и преступлений несовершеннолетних: сб. материалов круглого стола (Москва, 2 апреля 2021 г.) / под общ. ред. О.С. Капинус; [науч. ред. Д.И. Ережипалиев; сост. О.В. Морозова, М.Л. Огурцова]; Ун-т прокуратуры Рос. Федерации. – М., 2021. – С. 4.

Таким образом, на основе проведенного анализа, можно отметить, что только при тесном взаимодействии органов и учреждений, осуществляющих профилактику правонарушений несовершеннолетних и молодёжи, возможно решение данной проблемы. На наш взгляд, большую помощь в воспитании молодежи в духе патриотизма и человеколюбия в широком смысле этого слова может сыграть институт старейшин, роль которого до сей поры в общественной жизни таджикского народа высока, так как мнение и совет старшего поколения всегда имел приоритетное значение и особую ценность в решении любой проблемы. В последнее время в связи с глобализацией и ростом миграционного процесса данный институт находится в процессе трансформации. Другим важным институтом в решении данной проблемы является система образования. Необходимо поднять роль и место дошкольного, школьного и вузовского воспитателя-учителя-преподавателя. Именно в его руках находятся те инструменты, с помощью которых можно дотронуться до души ребенка и сделать так, чтобы эта душа отозвалась и приобрела характер полноценной и сформированной личности.

**Махмадуллозода Нурулло Рахматулло**
Старший научный сотрудник Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана,
кандидат юридических наук
e-mail: nurullo_m@mail.ru

## ПОНЯТИЕ НЕЗАКОННОЙ МИГРАЦИИ И ПРОБЛЕМЫ ЕЁ ОПРЕДЕЛЕНИЯ В ПРАВОВОМ РЕГУЛИРОВАНИИ

В настоящее время нелегальная миграция является одной из проблем, на решение которой направлены усилия правоохранительных органов Республики Таджикистан. Поэтому меры юридической ответственности в основном применяются к лицам, не соблюдающим правила въезда, выезда, пребывания в Республике Таджикистан, трудовой деятельности и транзитного проезда через ее территорию. Однако участниками миграционных отношений являются не только иностранные граждане и граждане республики, выезжающие за границу в целях трудовой миграции, но и должностные лица организаций, привлекающих иностранных граждан на работу, и организаций, осуществляющих трудоустройство граждан республики за рубежом. Поэтому их роль в расширении незаконной миграции квалифицируется с правовой точки зрения.

Незаконная миграция угрожает национальной безопасности страны, интересам государства и граждан. Решение этой проблемы требует не только карательных мер в отношении правонарушителей, но и комплексных мер по предотвращению и борьбе с незаконной миграцией.

Проблема незаконной миграции в Республике Таджикистан возникла в первой половине 90-х годов прошлого века, и в связи с этим Правительство Республики Таджикистан приняло решение относительно защиты от незаконной миграции как одного из важных направлений регулирования миграционных процессов.

В настоящее время понятие «незаконная миграция» не имеет единого обозначения, не существует также единого подхода в понимании самой сути этого явления. В современных научных и нормативных источниках для обозначения лиц, которые выезжают в иностранные страны с нарушением установленных правил и срока пребывания, или без разрешения на проживание, или занимаются трудовой деятельностью без соответствую-

щего разрешения, либо нарушают иные, установленные для иностранных граждан правила и процедуры, используется ряд терминов, таки например, как «незаконная», «нелегальная», «недокументированная», «неразрешенная», «неурегулированная», «подпольная», «полулегальная» миграции и др. В большинство случаев учеными рассматриваются данные термины как синонимы, хотя есть мнение о том, что эти термины имеют принципиально разные значения. В последнее время в международном регулировании отдается предпочтение термину «мигранты с неурегулированным статусом», (irregular migration), а термин «нелегальная миграция» (illegal migration) используется ограниченно только в случаях контрабанды и незаконного провоза мигрантов.

По данному вопросу А.Ю. Ястребова отмечает, что «Пробелом международно-правового регулирования предупреждения незаконной миграции остается отсутствие ее определения на универсальном уровне. Борьба с этим явлением составляет предмет региональных международных договоров и национального миграционного законодательства государств. Предупреждение незаконной миграции тесно связано с предотвращением организованных преступных деяний, составляющих понятие торговли людьми, что было предусмотрено Конвенцией ООН против транснациональной организованной преступности 2000 г. и двумя Протоколами к ней»[1].

Проблемы нелегальной трудовой миграции впервые в международных документах было предметом регулирования Конвенции МОТ № 143 «О злоупотреблениях в области миграции и об обеспечении трудящимся-мигрантам равенства, возможности и обращения». Данная конвенция указывает на существование различных аспектов нелегальной миграции, в том числе связанных с въездом, транзитом или пребыванием в стране, способом занятости. По этому вопросу в статье 3 данной конвенции предусмотрено, что «Каждый Член Организации принимает все необходимые и соответствующие меры, как в рамках своей юрисдикции, так и в сотрудничестве с другими Членами Организации: a) для пресечения тайного передвижения мигрантов, ищущих работу, и незаконного найма мигрантов; b) против организаторов незаконного или тайного передвижения мигрантов, ищущих работу, начинается ли это движение с его территории, проходит ли через эту территорию или прибывает на нее, а также против тех, кто нанимает работников, иммигрировавших в незаконных условиях»[2].

Далее, для решения данного вопроса и разработке единого подхода в определение значения этого понятия на международной конференции по народонаселению и развитию под эгидой ООН (1994 г.) было предложено использовать по отношению к лицам, которые не удовлетворяют установленным властями принимающей страны требованиям в отношении въезда, пребывания или экономической деятельности, термин «лица без документов» а, на Международном симпозиуме по миграции в Бангкоке в 1999 г. было предложено использовать термин «лица с неурегулированным статусом».

В справочнике по терминологии в области миграции, подготовленном в 2011 г. Международной организацией по миграции, приводятся следующие определения этих терминов:

**Недокументированные трудящиеся-мигранты** (трудящиеся-мигранты, пребывающие с нарушением законодательства; трудящиеся-мигранты без документов) – трудящиеся-мигранты или члены их семей, которым не разрешен въезд, пребывание или работа в стране.

---

[1] Ястребова А.Ю. Международно-правовые механизмы регулирования миграции: доктринальные подходы и опыт Российской Федерации: дис. доктора юрид. наук: 12.00.10 / А.Ю. Ястребова. – М., 2018. - С. 20.

[2] Конвенция МОТ № 143 1975 г. «О злоупотреблениях в области миграции и об обеспечении трудящимся-мигрантам равенства, возможности и обращения» / Женева: МОТ, 1975. (Convention of the International Labour Organization No. 143 1975 ‘On Abusive Conditions concerning Migration and Promotion of Equality, Opportunity and Treatment to Migrant Workers’. Geneva: ILO, 1975).

**Нерегулярная миграция** (незаконная миграция, нелегальная миграция) – передвижение, происходящее вне регулирующих норм страны отправления, транзитной и принимающей стран.

**Нерегулярный мигрант** – лицо, которое вследствие незаконного въезда или истечения срока действия его (ее) визы не имеет законного статуса в транзитной или принимающей стране[1].

Законодательством Республики Таджикистан используется понятие «нелегальная миграция» (в Законе «О миграции») и «незаконная миграция» (в Уголовном кодексе). Согласно Закона Республики Таджикистан «О миграции», под понятием «нелегальные иммигранты» понимаются иностранные граждане или лица без гражданства, прибывшие на территорию Республики Таджикистан самостоятельно, без соответствующего разрешения уполномоченного органа или получившие его обманным путем, а также въехавшие на территорию Республики Таджикистан на основе соответствующего разрешения, но не покинувшие ее по истечении срока пребывания»[2]. Статья 335 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, предусматривающая ответственность за организацию незаконной миграции, включает нарушение установленного государственного порядка осуществления миграции[3].

Исходя из этого, на наш взгляд, для правового регулирования данного вопроса в законодательстве Республики Таджикистан следующее определение представляется наиболее полными и точными:

**Незаконная (нелегальная) миграция** – въезд иностранных граждан или лиц без гражданства в Республику Таджикистан, либо транзит таких лиц через территорию Республики Таджикистан, пребывание или осуществление трудовой деятельности таких лиц в Республике Таджикистан с нарушением правил, установленных законодательством.

**Незаконные (нелегальные) мигранты** – иностранные граждане или лиц без гражданства, нарушившие установленные правила въезда, выезда, пребывания или транзитного проезда через территорию Республики Таджикистан, а также правила осуществления трудовой деятельности в Республике Таджикистан.

Необходимо отметить, что незаконная (нелегальная миграция) прежде всего относится к трудовой миграции и связана с нелегальным трудоустройством. Поэтому, она в основном имеет временный и возвратный характер. В процессе трудовой миграции трудовые мигранты могут пересекать государственную границу страны назначения и легально, и нелегально, и незаконно, соответственно. В практике существуют три основные формы незаконной миграции:

1) законный въезд с последующим нарушением условий пребывания или трудовой деятельности;

2) незаконный въезд;

3) незаконный выезд.

Незаконная миграция для трудовых мигрантов имеет ряд негативных социальный и правовых последствий, в том числе:

– посредством незаконной миграции создаются условия для применения предельно низких стандартов трудовых отношений со стороны работодателей, нанимающих незаконных трудовых мигрантов;

---

[1] Справочник по терминологии в области миграции (русско-английский) / Handbook on Migration Terminology (Russian-English) // [Электронный ресурс]: Режим доступа: https://publications.iom (дата обращения: 20.09.2022).

[2] Закон Республики Таджикистан от 11 декабря 1999 г. № 881 «О миграции» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999. № 12. Ст.320.

[3] Уголовный Кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года, № 574 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 г., № 9, ст. 68, ст. 69.

– использование труда незаконных мигрантов способствует «экономии» на обеспечении безопасных и оптимальных условий труда;

– необеспечение социальными пособиями, ограниченный доступ к медицинским услугам и нормальным жилищным условиям трудовых мигрантов;

– неприсоединение семей, так как незаконные трудовые мигранты в силу своего нелегального статуса вынуждены очень долго находиться далеко от своих семей.

Незаконные мигранты зафиксированы почти во всех странах, принимающих трудовых мигрантов. По разным оценкам количество нелегальных иностранных трудовых мигрантов в РФ составляет более 3 млн. человек, в основном из республик Центральной Азии. США - страна с большой численностью нелегальных мигрантов имеет огромную проблему нелегальной миграции. По официальным оценкам более 13 миллионов (а по неофициальным около 40 миллионов) нелегальных мигрантов находится в стране. Существует две категории нелегалов: те, кто приехали легально, и остались с просроченными визами, и те, кто пересек границы страны нелегально. Большинство нелегальных мигрантов попали в США через южную границу с Мексикой, в основном из Мексики и других стран Латинской Америки. В Южной Кореей нелегальных мигрантов насчитываются около 3 млн. человек, в основном из арабских стран и Китая. В Китае легально работают 8 млн. человек, а численность нелегальных мигрантов (в основном из Пакистана и Индии) составляет до 50 млн. человек, из которых 300 тысяч приходится на Россию[1].

**МАҲМУДОВ ИЗАТУЛЛО ТЕШАЕВИЧ**
Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

# НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ОИД БА ИҶРОИ ҚОНУНҲО АЗ ҶОНИБИ МАҚОМОТЕ, КИ ТАҲҚИҚУ ТАФТИШИ ПЕШАКИРО БА АМАЛ МЕБАРОРАНД

Назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд, яке аз соҳаҳои мустақили назорати прокурорӣ, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура ва функсияи мустақили прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи андешаву назари олимону донишмадони соҳаи назорати прокурорӣ ва таълимоти пазируфташудаи илмӣ барои ба ҳайси соҳаи мустақили назорати прокурорӣ эътироф кардани ин ва ё он соҳа мавҷудияти вазифа, мавзӯ ва объекти назорат, ваколатҳои назоратии муайян ва асосҳои ҳуқуқӣ шарти асосӣ эътироф мешавад.

Барои эътирофи ин ақидаҳо зарур аст ба саволе чавоб диҳем, ки: оё назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амл мебароранд, соҳиби тамоми нишонаҳои эътироф намудани он ба ҳайси соҳаи мустақили назорати прокурорӣ ҳаст ё не?

Назорати прокурорӣ ҳамчун соҳаи мустақили назорати прокурорӣ дорои тамоми нишонаҳои ишорашуда мебошад.

[1] См.: Википедия. Нелегальная миграция — миграция с нарушением миграционного законодательства страны // [Электронный ресурс]: Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki (дата обращения - 12.04.2023).

Ба ақидаи профессор В.Г. Мелкумов ҷудо намудани назорати прокурорӣ ба соҳаҳои алоҳидаи назоратӣ пеш аз ҳама ба манфиати таъминоти методии соҳаҳо вобаста аст[1]. В.К.Звирбул соҳаи назорати прокуророриро аз маҷмуи меъёрҳое иборат медонад, ки вазифаҳои муайян ва ҳуқуқу уҳдадориҳои прокурорҳоро дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ба танзим медарорад[2]. Профессор А.Ф. Козусев чунин таърифи соҳаи мустақили назорати прокурориро пешбинӣ менамояд: «Соҳаи назорати прокурорӣ-ин зерфунксияи мустақили функсияи назорат оид ба риояи Конститутсияи Федератсияи Россия ва иҷрои конунҳо буда соҳиби объект ва предмети махсуси назоратӣ, самти фаъолият, вазифаҳои умумӣ ва махсус ва ҳамчунин соҳиби ваколатҳои муайян бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои махсус мебошад»[3].

Мувофиқи ақидаи С.Г. Березовская «соҳаи назорати прокурорӣ - самти махсусгардонидашудаи ҳуқуқӣ-ташкилии фаъолияти мақомоти прокуратураро меноманд, ки соҳиби объект ва предмети муайяни назоратӣ, ҳамчунин ваколату вазифаҳои махсуси назоратӣ мебошад»[4]. Айнан ба ҳамин монанд таърифи соҳаи назорати прокурориро пештар Б.М. Спиридонов дода буд. Ба ақидаи ӯ соҳаи назорати прокурорӣ ин «аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқ танзим намудани фаъолияти махсусгардонидашудаи мақомоти прокуратура мебошад, ки соҳиби объект ва предмети муайяни назоратӣ, ҳамчунин вазифаҳо ва ваколатҳои муайян мебошад»[5].

Дар шароити муосир низ аксари кулли таҳқиқотчиён ҳамин мафҳуми соҳаи назорати прокурориро дастгирӣ менамоянд. Аз ҷумла, олимони рус Винокуров Ю.Е ва Винокуров А.Е. дар робита ба ҳамин масъала менависанд, ки соҳаи назорати прокурорӣ - ин қисмати нисбатан мустақили функсияи ягонаи назорати прокурорӣ буда дорои предмет, ваколат, вазифаву мақсадҳои ягонаест, ки аз ҷониби прокурорҳо бояд ҳал карда шаванд [6].

Бо ҳамин мазмун дар китоби тозанашри назорати прокурорӣ муаллифи он Раҳмон Ю.А. таъкид менамояд, ки: «Вақте, ки соҳаи назорати прокурорӣ мегӯянд, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро мефаҳманд, ки як самти фаъолияти прокурориро пурра, ҳаматарафа ба танзим даровардааст. Ҳамин тариқ, маҳакҳои асосии ҷудо намудани назорати прокурорӣ ба соҳаҳо – объект ва предмети назорат, вазифаҳо ва ваколатҳои прокурор ба ҳисоб меравад[7].

Ҳамин тариқ, аз мазмуни қариб ҳамаи мафҳумҳои овардаи олимон ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои эътирофи соҳаи назорати прокурорӣ мавҷудияти нишонаҳои зерин ҳатмӣ аст:

1) мавзуи назорат;
2) вазифаҳои муайян;
3) объекти назорат;
4) мавҷудияти ваколатҳои муайян.

Мувофиқи м. 30 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», предмети назорати прокурорӣ оид

---

[1] Мелкумов В.Г. Вопросы теории и практики общего надзора прокуратуры: учебное пособие. - Душанбе, 1965. - С.20-21.

[2] Звирбуль В.К. Деятельность прокурора по предупреждению преступности (научные основы). – М., 1971. - С.41.

[3] Козусев А.Ф. Проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности. - М., 2001. - С.112.

[4] Березовская С.Г. Прокурорский надзор в СССР / Под ред. Б.А. Галкина. - М., 1982. – С. 38.

[5] Спиридонов Б.М. Понятие отрасли прокурорского надзора // Совершенствование прокурорского надзора в СССР: Сб. - М., 1973. - С.86.

[6] Прокурорский надзор: учебник для академического бакалавриата / Ю.Е. Винокуров, А.Ю. Винокуров; под общ. ред. Ю.Е. Винокурова. – 12-е изд., перераб., и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2016. - С. 53.

[7] Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С.79-80.

ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд, аз инҳо иборат аст:

– риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; бо тартиби муқарраркардаи қонун ҳаллу фасл намудани аризаҳо ва хабарҳо дар бораи ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда;

– кофтукови далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ;

– гузаронидани таҳқиқу тафтиши пешакӣ;

– қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи онҳо.

Назорати прокурорӣ дар ин самт ба он равона шудааст, ки аз ҷониби мақомоти амалисозандаи таҳқиқу тафтиши пешакӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, новобаста аз мақоми мурофиавии онҳо риоя карда шаванд.

Прокурорҳо низ зимни ба амал баровардани назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, таҳқиқу тафтиши пешакиро амалӣ менамоянд, низ вазифаҳои муайянро амалӣ менамоянд. Ин вазифаҳо аз доираи талаботҳои вазифаҳои мақомоти прокуратура дар умум ва инчунин таъиноти мурофиаи суди ҷиноятӣ бар меоянд. Зимни назорати прокурорӣ аз ҷониби прокурорҳо бояд чораҳои дахлдор бо мақсади иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; ҳимояи ҳолатҳои аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд андешида шаванд.

Дар пайванди ба ҳамин масъала профессор З.Ҳ. Искандаров иброз менамояд, ки вазифаҳои назорати прокурорӣ дар ин соҳа ин мусоидат кардан ба қонунӣ ошкор намудани ҷиноят, ҳимояи шахсият, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, моликият, ҳуқуқҳои корхона, муассиса, ташкилот аз суйиқасдҳои ҷинояткорона, иҷрои талаботи қонун дар мавриди ногузир будани ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда, пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашидани шахс, ҳифзи ҳуқуқ ва манфитаҳои қонуниии шахсони таҳти ҳабс қарордошта ба ҳисоб меравад, ки аз табиати ҳуқуқии вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бар меояд[1].

Ба истиснои нишонаҳои зикршуда, хамчунин объекти назоратӣ низ яке аз нишонаҳои муҳими мустақилиятии соҳаи назоратист. Объекти назорати прокурорӣ - ин қонунӣ будани фаъолияти зертобеъ, яъне қонунӣ будани фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ мебошад. Дар асоси м. 40 КМҶ ҶТ ба мақомоти таҳқиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор, инчунин сардорони муассисаҳои ислоҳӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон ба сардорони дастаҳо ва гурӯҳҳои ҷустуҷӯи геологии зимистонгузароние, ки аз маҳалли будубоши мақомоти таҳқиқ дар масофаи дур ҷойгиранд - оид ба ҷиноятҳое, ки дар маҳалли будубоши дастаю гурӯҳҳои мазкури зимистонгузаронӣ содир карда шудаанд ва инчунин роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди намояндагиҳо ва муассисаҳои мазкур содир карда шудаанд, низ салоҳияти оғози парвандаи ҷиноятӣ ва иҷрои амалҳои тафтишии таъхирнопазир ба ҳайси мақомоти таҳқиқ вогузошта шудааст. Пешбурди тафтиши пешакиро бошад, мувофиқи м. 159

[1] Искандаров З.Х. Роль прокурора на стадии предварительного расследования в уголовном процессе Республике Таджикистан // Законность. - 2011. - № 1.- С.49.

КМҶ ҶТ муфаттишони мақомоти прокуратура, аз ҷумла прокуратураи ҳарбӣ, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ва назорати маводи нашъаовар анҷом медиҳанд.

Аз ин рӯ, назорати прокурорӣ ба он нигаронида шудааст, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ тамоми вазифа ва ваколати хешро дар доираи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ сохта ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин намоянд. Назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ баҳри таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи ҷамъият ва давлат равона шудааст.

Ваколатҳои прокурор ҳангоми ба амал баровардани назорати иҷрои қонунҳо дар ин соҳа дар м.м. 31,32 ва 33-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва м. 168 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Дар умум, ваколатҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба прокурор имкон медиҳанд, ки саривақт ҷиҳати ошкор, бартараф ва огоҳонидани қонуншиканӣ дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ чораҳои дахлдорро андешад.

Аз ҷумла, мувофиқи м. 168 КМҶ ҶТ прокурор ҳангоми назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ваколатҳои зерин дорад:

– иҷрои талаботи қонунро ҳангоми қабул, бақайдгирӣ ва баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноят назорат мекунад;

– ҳангоми пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иҷрои талаботи қонунро санҷида, дар айни замон ҳуқуқ дорад аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳуҷҷатҳо, мавод ва маълумоти дигарро дар хусуси ҷиноятҳои содиршуда, ҷараёни таҳқиқ ва тафтиш, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, талаб кунад;

– ба таҳқиқбаранда, муфаттиш барои ба суд дархост пешниҳод намудан дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ ба тариқи ба ҳабс гирифтан, ба ҳабси хонагӣ гирифтан, аз ҷумла, дар бораи тағйир додан ва бекор кардани онҳо розигӣ диҳад;

– ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ, ёфта гирифтани онҳо аз муассисаҳои алоқаи почта ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо розигӣ диҳад;

– ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ қарор доранд, розигӣ диҳад;

– дар пешбурди тафтиши пешакӣ иштирок намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ шахсан амали тафтиширо анҷом медиҳад, оид ба ҳар як парванда дар ҳаҷми пурра тафтиши ҳамаҷонибаи пешакӣ мегузаронад;

– дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур қарор ё амали муфаттиш ва таҳқиқбарандаро тасдиқ мекунад;

– мӯҳлати таҳқиқ ва тафтиши пешакиро дароз мекунад;

– аризаи оид ба радди таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёниро баррасӣ мекунад; дар бораи амал ва қарори таҳқиқбаранда ва муфаттиш, инчунин прокурори поёнӣ шикоятҳоро баррасӣ мекунад;

– дар хусуси иҷрои талаботи қонун ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дастурҳои хаттӣ медиҳад;

– парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунад ё оғози онро рад мекунад;

– пешбурди парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад ё бозмедорад;

– оид ба қатъи парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур розигӣ медиҳад;

– қарорҳои ғайриқонунии таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурори поёниро бекор мекунад;

– ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад;

– дар бораи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ошкор кардани ҷиноят ва пайдо кардани шахсони ҷиноят содиркарда доир ба парвандаҳое, ки таҳти пешбурди прокурор ё муфаттиш қарор дорад, дастур медиҳад;

– бо дастури худ дар хусуси пешбурди тафтиши иловагӣ парвандаҳои ҷиноятиро ба муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ бармегардонад;

– парвандаро аз мақомоти таҳқиқ гирифта, ба муфаттиш месупорад;

– парвандаро бо ҳатман нишон додани асос тибқи тартиби пешбининамудаи м. 161 КМҶ аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар ё аз як мақомоти тафтишот ба мақомоти дигари тафтишот месупорад;

– таҳқиқбаранда ё муфаттишро, ки ҳангоми тафтиши парванда қонунро вайрон карда бошанд, аз пешбурди минбаъдаи тафтиш дур месозад; фикри айбдоркуниро тасдиқ мекунад;

– парвандаро ба суд ирсол мекунад; дигар ваколатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкурро анҷом медиҳад.

Аз ҷониби олимон ҳамчунин дигар омилҳои муайянкунандаи мустақилияти соҳаи назорати прокурорӣ низ пешниҳод шудаанд. Масалан, дар пайвандӣ ба ҳамин масъала профессор В.И. Рохлин қайд мекунад, ки дар қатори нишонаҳои зикршудаи соҳаи мустақили назорати прокурорӣ, ҳамчунин он бояд дорои воҳидҳои сохторӣ ва ташкилии муайян дар сохтори прокуратура бошанд, ки то тавонанд роҳбарӣ, таъминоти методӣ ва назорати доимиро дар ин соҳаи назоратӣ ба амал барорад[1].

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи с. 2015, № 539, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Мувофиқи фармоиши мазкур, дар сохтори дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ раёсату шуъбаҳое мавҷуданд, ки фаъолияти онҳо пеш аз ҳама ба назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ равона шудаанд. Аз ҷумла: раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура; раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати моводи нашъаовар; раёсати муқовимат бо терроризм, экстремизм ва назорати иҷрои қонунҳо дар самти амнияти миллӣ; раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия; раёсати назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук; шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғ. Ҳамзамон дар ҳудуди шаҳру ноҳия ва вилоятҳо назорати иҷрои қонунҳо дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ аз ҷониби сохтор ва шахсони масъули прокуратураҳои дахлдор ба амал бароварда мешаванд.

Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд, дорои тамоми нишонаҳои болозикри соҳаи мустақили назорати прокурорист.

---

[1] Рохлин В.Н. Прокурорский надзор в Российской Федерации: курс лекций / В.Н. Рохлин. - СПб, 2003. - С.79.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектони дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусоифрат ҷой доранд. Бинобар ҳамин, дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳими таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти мақомоти таҳқиқу тафтиши пешакӣ ин падидаи назорати прокурорӣ ба ҳисоб меравад[1].

Яке аз самт ва функсияи муҳими прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд, ба ҳисоб меравад. Назорати прокурорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ яке аз фишангҳои муҳими таъмини қонуният ва кафолатҳои воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Заминаҳои ҳуқуқии назорати прокурориро дар ин самт Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ), Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ», Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, фармонҳои Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» (аз 15 феврали соли 2016, № 25); «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ» (аз 15 феврали соли 2016, № 30); «Дар бораи вазифаҳои мақомоти прокуратура оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ» (аз 15 феврали соли 2016, № 5) ва ғ. ташкил медиҳанд.

Тафтишоти пешакӣ аз давраҳои асосии тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта дар фароҳам овардани заминаҳои муносиби ҳуқуқии баррасии парванда дар суд нақши муассир дорад. Давраи тафтишоти пешакӣ танҳо пас аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ фаро расида бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарор дар бораи ба суд равон кардани парвандаи ҷиноятӣ барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ё баровардани қарори қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ анҷом меёбад. Давраи мазкур дорои нишона, мақсад ва вазифаҳои муайян мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ аз ҷониби як зумра олимону донишмандони маъруфи тоҷик, аз қабили Н.А. Абдуллоев, М.А. Маҳмудзода, З.Ҳ. Искандаров, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, А.А. Муҳиддинов, П.С. Абдуллоев, Н.А. Нозиров, Ю.А. Раҳмон, Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.Л. Арипов, Ш.О. Салимзода, М. Шаҳидуллозода, Н.Н. Фозилов, Н.Б. Хоҷаева, А.Х. Авзалов, М.С. Раҳимзода, Х.Ғ. Ҷалолов, Б.С. Негматов ва дигарон оид ба

[1] Маҳмудов И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 9. - С. 334-335.

паҳлуҳои гуногуни рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин такмили назорати прокурорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ осори арзишманди илмӣ таълиф шудаанд.

Тафтишоти пешакӣ мувофиқи назари донишмандони тоҷик фаъолияти бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровардашудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо, фош кардани шахсони гунаҳкор, таъмин кардани асоснок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят барои дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Назар ба андешаи онҳо дар ин давра мақомоти тафтишот ҷиноятро ошкор; ҳолатҳои содир кардани ҷиноят, шахси гунаҳкор, ангезаи ҷиноят; ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хислати ҷавобгарӣ таъсир мерасонанд; андозаи зарари расонидашуда, сабаб ва шароите, ки ба содир кардани ҷиноят мусоидат намудаанд ва ҳолатҳои дигарро муайян мекунанд[1].

Ба андешаи А.А. Мухитдинов мақсади асосии тафтишоти пешакиро муқаррар кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятии тафтишшаванда ва мазмуни онро бошад ҳолатҳои воқеие, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, ташкил медиҳад[2].

Оид ба аҳамият ва мазмуну муҳтавои назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар адабиётҳои илмӣ андешаву назарҳои гуногуни олимони ватаниву хориҷӣ кишвар ҷой доранд.

Ба андешаи профессор З.Ҳ. Искандаров прокуратура дар шароити муосир дар мурофиаи ҷиноятӣ он мавқеъро соҳиб аст, ки пеш аз ҳама он бо дарназардошти функсияи конститутсионии прокуратура асос мeёбад. Мавсуф ишора менамояд, ки мақомоти прокуратура аз бози таъсис то кунун функсияи назорати иҷрои қонунҳоро амалӣ менамояд. Прокуратура ягона мақомоти давлатиест, ки назорати иҷрои қонунҳо мазмун, моҳият ва асоси фаъолияти онро ташкил медиҳад. Ба назари ӯ дигар функсияҳои прокуратура функсияҳои мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад[3].

Ба андешаи Р.Р. Юлдошев (Раҳмадҷонзода Р.Р.) муҳиммтарин функсияҳои прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ ин таъқиботи ҷиноятӣ, назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки таҳқиқу тафтиши пешакиро анҷом медиҳанд ва назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд[4].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор А.Г. Халиулин, дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ аслан прокурор-айбдоркунанда ва ё прокурор- ҳимоятгар мавҷуд нест. Прокурор шахси холис ва беғаразест, ки назорати иҷрои қонунҳоро ба амал мебарорад[5].

Ба андешаи Н.В. Буланова дар давраи тафтишоти пешакӣ прокурор на бояд, ки ҳамчун тарафи айбдоркунанда шинохта шавад, зеро ки вазифаи асосии ӯ бо

---

[1] Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / муҳаррири масъул Р.Р.Юлдошев. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 300.

[2] Мухитдинов А.А. Институт приостановления предварительного следствия в уголовном процессе Республики Таджикистан // Труды Академии управления МВД России. - 2017. - № 2 (42). - С. 116.

[3] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). - 2017. - № 4 (20). - С. 71-72.

[4] Юлдошев Р.Р. Прокурорский надзор и уголовное преследование в Таджикистане // Прокуратура: вчера, сегодня, завтра (Сухаревские чтения): сб. материалов II Междунар. науч.-практ. конф. (г. Москва, 7 октября 2016 г.) под общ. Ред. О.С. Капинуса; (под науч. Ред. А.Ю. Винокурова; сост. Е.Ю. Алхутова, И.А. Васькина, Н.А. Кулакова); Акад. Ген. Прокуратуры Рос. Федерации. – М., 2017. - С. 216-222.

[5] Халиулин А.Г. Прокурорский надзор за обеспечением прав подозреваемого и обвиняемого: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Александр Германович Халиулин. - М., 1988. - С. 49.

истифода аз имкониятҳои мурофиавӣ ин таъмин кардани қонуният дар давраи тафтишоти пешакӣ мебошад[1].

Мувофиқи нуқтаи назари дигар дар мурофиаи ҷиноятии муосир фаъолияти прокурор, ки назорати доимии мустақил, ғайриидоравӣ ва холисонаро амалӣ месозад, аз унсурҳои муҳими низоми кафолатҳои мурофиавии таъмини қонуният дар давраҳои тосудӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини тавозуни манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ нақши бориз дорад[2].

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда мавқеъгириҳои алоҳида дар мавриди ҳамчун ҳамчун унсури низоми кӯҳнаи давлатдорӣ маънидод кардани назорати прокурорӣ, ба таври ҷиддӣ маҳдуд кардани ваколатҳои прокурор, аз байн бурдани он, ва ё ба манфиати роҳбари воҳиди тафтишот таҷдиди назар кардани ваколатҳои прокурор беасос ва бармаҳал мебошанд[3].

Натиҷаи таҳлил ва омӯзиши қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки таъинот, самтҳои фаъолият ва функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ дар моддаҳои 30, 31 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаҳои 26, 36, 150, 168, 247 ва 248 - и КМҶ ҶТ ба таври возеҳу равшан баён шудаанд.

Аз ҷумла дар моддаи 36-и КМҶ ҶТ самтҳои асосии фаъолият ва функсияҳои прокурор дар дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ба таври зайл муқаррар шудаанд: «Прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, …дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро таъмин менамояд. Прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ менамояд…».

Назорати прокурорӣ ин фаъолияти мустақил ва беғаразонаи прокурор оид ба санҷиши иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҳисоб рафта, дар асосҳои доимӣ амалӣ карда мешавад. Прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ иштироки лаҳзавии судро, ки танҳо бо асосҳои маҳдуди пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ асос меёбад ва инчунин имкониятҳои маҳдуди тарафи ҳимояро оид ба ҳимояи манфиатҳои мурофиавии худ дар давраҳои тосудии мурофиаи ҷиноятӣ пурра месозад, барои таъмини ҳамаҷонибаи тафтишот ва равшан сохтани ҳолатҳои кор, инчунин муайян кардани ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда ва сабуккунанда мусоидат менамояд[4].

Мазмуну моҳияти функсияи назорати прокурориро оид ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ин дар асосҳои доимӣ ва воқеъбинона ба амал баровардани фаъолият ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофаи судии ҷиноятӣ, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ баррасӣ ва ҳалли аризаву маълумот оид ба ҷиноят ва рафти тафтишот, қонунӣ будани қарорҳои мурофиавии қабулнамудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф кардани қонуншиканиҳои рухдода, барқарор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншуда, инчунин бартараф намудани шарту ҳолатҳое, ки ба он мусоидат

[1] Буланова Н.В. Состязательность в судебном производстве: миф и реальность // Вестник Университета прокуратуры Российской Федерации. - 2019. - № 3 (71). - С.71.
[2] Буланова Н.В. Асари зикршуда. - С.72.
[3] Деришев Ю.В. Уголовное досудебное производство: концепция процессуального и функционально-правового построения: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Юрий Владимирович Деришев. - Омск, 2005. - С.333, 337.; Супрун С.В. Прокурорский надзор и ведомственный контроль: соотношение и перспективы развития // Российская юстиция. - 2011. - № 1.
[4] Буланова Н.В. Обеспечение законности досудебного производства средствами прокурорского надзора / Законность в Российской Федерации (Сухаревские чтения): сб. материалов Междунар. Науч. –практ. Конф. (г. Москва, 16 октября 2015 г.) / под общ. ред.О.С. Капинус; Акад. Ген. Прокуратуры Рос Федерации. – С. 217-218.

намудаанд, ва андешидани чораҳо бо мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкори масъул тибқи талаботи қонун пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ» аз 15 феврали соли 2016, № 25[1] тамоми прокурорҳои дахлдор ҷиҳати таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ба амал баровардани таҳқиқ ва тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва холисонаи парвандаҳои ҷиноятӣ, вазифадор карда шудаанд. Гузаша аз он онҳо бояд рафти қабул, бақайдгирӣ, баррасии ариза ва иттилоот дар хусуси ҷиноятро таҳти назорати қатъӣ гирифта, мунтазам, на кам аз як маротиба дар як моҳ масъалаи мазкурро дар мақомоти зериназоратиашон мавриди санҷиш қарор диҳанд. Ҳолати иҷрои қонуни мурофиавии ҷиноятиро вобаста ба қабул, бақайдгирӣ ва баррасии аризаю иттилоот дар бораи ҷиноят на камтар аз ду маротиба дар як сол дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ҳамзамон дар фаъолияти прокуратураҳои ҳарбии гарнизонҳо мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода, вобаста ба натиҷаҳои таҳлилҳо чораандешӣ намоянд.

Ҳамзамон дар фармони Прокурори генералии ҶТ «Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ” аз 15 феврали соли 2016, № 30[2] таъкид мешавад, ки новобаста аз чораҳои андешидашуда ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ аз байн нарафтааст, ки чунин зуҳуроти номатлуб нобовариро дар ҷомеа нисбат ба волоияти қонун ва кафолати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла. ба он ишора мешавад, ки мувофиқи натиҷаи таҳлилҳо ҳолатҳои дар асоси маводҳои нопурраи санҷишӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, риоя нагардидани дахлнопазирии шахсият ва манзил, эҳтироми шаъну шарафи шахс, маҳрамияти мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот, забони мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, бе ҷамъ овардани далелҳои кофии тасдиқкунандаи гуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон, дастгир ва розигӣ додан барои ба ҳабс гирифтани онҳо, то ҳол дар фаъолияти сохторҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷой дошта, баҳри пешгирии ин қонунвайронкуниҳо аз ҷониби прокурорҳои дахлдор на ҳама вақт чораҳои лозима андешида мешавад.

Мавриди зикри хос аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷӯҳи ҳамешагии Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура 13 марти соли 2018 оид ба мавҷудияти камбудиҳои муайян зимни ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ таваҷҷӯҳи кормандони прокурориро ҷалб сохта, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти ҷойдошта дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд. Аз ҷумла, иброз намуданд, ки вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои мақомоти таҳқиқу тафтиш ба талабот ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ

[1] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи оид ба фаъолияти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 320 с.
[2] Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 320 с.

барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд.

Масалан, мақомоти прокуратура 1215 ҳолати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятиро ошкор намуда, қарорҳои ғайриқонунии муфаттишонро бекор намуданд. Илова бар ин, 228 қарори дигар мақомоти тафтиш дар хусуси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби беасос оғоз карда шуданашон қатъ карда шудаанд[1].

Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мақомоти прокуратураро зарур аст, ки назорати риояи қонунро дар марҳилаҳои тосудӣ, алалхусус, ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва беасос ба ҷавобгарӣ кашидани одамон, сифати пасти тафтиши тафтиши парвандаҳо ва риоя нагардидани мӯҳлати тафтиш боз ҳам пурзӯр карда, ҳолатҳои беасос кашол додани тафтиш ва аз ҷониби таҳқиқбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кардани шаҳрвандонро пешгирӣ намояд[2].

Дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд ва ҳамзамон ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Мутаасифона, ин талаботи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон халалдор гашта, онҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва дар натиҷа дар мурофиаҳои судӣ айби эълонгардида исботи худро наёфта, аз ҷониби судҳо ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад. Чунончи, дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат ба 121 нафар ҳукмҳои сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 62 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба итмом расонидашуда ва 59 нафар ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд. Ҳамчунин, нисбат ба 151 нафар ҳукмҳои қисман сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 13 нафар бо парвандаҳои айбдоркунии хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошанд»[3].

Зимнан бояд таъкид намуд, ки масъалаи таъмини қонуният, баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои исон ва шаҳрванд, пешигирӣ аз таъқиботи беасос дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти мақомоти прокуратура қарор дорад.

Аз ин рӯ, тавре ки аз ҳисоботҳои солонаи Прокурори генералии мамлакат ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти таъқиби ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дар натиҷаи саривақт андешидани чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ доираи муайяни қонуншиканиҳо ошкор ва бартараф карда шудаанд.

Чунончи, соли 2019 - 73 (85) ҳолати ғайриқонунӣ ва бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 5 (13) ҳолати ғарйриқонунӣ дастгир намудан, 3(8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ва 5 (8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат 14.03.2018).

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ аз 21 ноябри соли 2019 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат 22.01.2023).

кашидани шаҳрвандон ошкор карда шуда, дар маҷлисҳои васеи ҳайати мушовара мавриди муҳокима ва чораҷуйи қарор дода шуданд.[1]

Соли 2020 бошад ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, алалхусус, дар рафти таъқиби ҷиноятӣ таҳти назорати қатъии прокуророн қарор дошта, 48 ҳолати ғайриқонунию бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 10 ҳолати ғайриқонунӣ дастгир кардан, 6 ҳолати ғариқонунӣ ба ҳабс гирифтан, 12 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон ошкор карда, ҳуқуқҳои поймолгардидаи онҳо барқарор ва нисбат ба шахсони гунаҳкор чораҳои қатъии прокурорӣ андешида шуд[2].

[2] Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон: ба Қатъномаи 34/180 Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 18 декабри с. 1979 қабул шудааст // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: А. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода [ва диг.]. Нашри 2. – Душанбе: «Контраст», 2018. – С. 111-130.

[3] Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикистон: Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 2 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2001. - С.130.

Тахминан расо як сол муқаддам, яъне 6-уми ноябри соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи худро ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул кард, ки тибқи муқаррароти он ҳама одамон ба ҳаёт бидуни зӯроварӣ ҳуқуқ доранд. Аз ҷумла, дар моддаи 17 он гуфта мешавад, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Дар моддаи 18 муқаррар шудааст, ки дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад ва ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Дар моддаи 33 омадааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Дар моддаи 34 бошад гуфта мешавад, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд[1].

Аз муқарраротҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки мутаассифона, на ҳама маврид оила ҳамчун макони бехавф ва халос ёфтан аз таҳдиду зӯроварӣ мегардад. Барои ҳамин, пештар мо ишора кардем, ки дар охири асри XX ибораи «зӯроварӣ дар оила» дар доираи илмҳои равоншиносӣ ва тиббӣ пайдо шуд, ки ҳоло он ба муаммои умумӣ ва рӯзмарра табдил ёфтааст.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи «зӯроварӣ» ва ё «зулмкунанда» ба чунин истилоҳҳо маънедод карда шудаанд: «зулм», «зӯрӣ», «зӯракӣ», «озордеҳ», «ситам», «ситамандеш», «ситамгар» ва «ситамгарӣ». Ҳамзамон, дар фарҳанги мазкур истилоҳи «зӯроварӣ» ба маънои «зӯрӣ ба кор бурдан, ба касе ё фишор овардани касе ба дигаре» маънидод карда шудааст[2]. Ба ғайр аз ин, дар адабиёт инчунин ибораҳои гуногун истифода бурда мешавад, ба монанди «зӯроварии хонаводагӣ», «зӯроварӣ дар оила», «хушунати оилавӣ» ва «хушунат дар зиндагӣ», ки онҳо дар самти фаъолияти пешгирии зӯроварии хонаводагӣ ибораҳои ҳаммаъно мебошанд.

Бояд қайд намоем, ки оила дар ҷомеаи авестоӣ ба калимаи «нмана» ифроз шудааст ва маънои маҷмуи одамоне, ки аз саравлоди ягона таваллуд шуда, дар алоқаҳои хунӣ вуҷуд дошта, фарҳанги ягона ва истеъмоли умумӣ доранд, тавсиф мегардад[3]. Оила дар асоси бастани ақди никоҳ ба миён меояд ва зардуштия ҳангоми ташаккули консепсияи сохтори ҷаҳон нахустин шуда, ақди никоҳро расман қонунӣ гардонидааст[4].

Дар Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила мафҳумҳои «оила» ва «аъзои оила» бисёр муфассал маънидод карда шудаанд. Масалан, мутобиқи мазмуни дастурамали зикршуда оила ин шахсоне, ки байни якдигар никоҳ доранд, дар муносибати хешу таборӣ ҳастанд, байни якдигар бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ алоқамананд, ҳамчунин доимӣ ё муваққатан якҷоя зиндагонӣ мекунанд, эътироф карда мешавад. Аъзои оила бошад ин шахсоне, ки дар муносибатҳои никоҳӣ, хешу таборӣ ва дигар муносибатҳои хешӣ ҳастанд, ҳамчунин доимӣ ё муваққатан якҷоя дар оила зиндагӣ мекунанд, эътироф карда мешавад[5].

Албатта, донистани мафҳум ва истилоҳи зӯроварӣ дар оила аз лиҳози таърихию фарҳангӣ хуб аст, лекин барои ҳуқуқшинос дарки мазмуни ҳуқуқии зӯроварӣ низ нақши асосӣ дорад, чунки ҳуқуқшинос бояд ба он баҳои ҳуқуқӣ дода, тибқи қонунгузории ҷорӣ тамоми шахсони гунаҳгорро ба ҷавобгарӣ кашад.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 134 с.

[2] Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (иборат азз 2 ҷилд). Ҷилди 1 / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Машҳад-Душанбе: Ксерокслендд-Сухангустар, 2008. – С. 530-531.

[3] Буриев И.Б. Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ. Нашри 2. – Душанбе: «Ирфон», 2016. - С. 12-13.

[4] Холиқов А.Ғ. Низоми ҳуқуқии зардуштия (ҳуқуқи қадим) (ба забони русӣ). - Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2005. – С. 152.

[5] Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки замима ба фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2016 тасдиқ гардидааст.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ки соли 2013 қабул карда шудааст, зӯроварӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад, мебошад[1].

Аз мафҳуми иброзшуда маълум мегардад, ки қонунгузор чор намуди зӯроварӣ дар оиларо ҷудо кардааст, ки инҳо зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ мебошанд ва мафҳумҳои онҳо дар моддаи 1 қонуни дар боло зикршуда пешниҳод карда шудаанд, ки чунинанд:

– Зӯроварии ҷисмонӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст, мебошад.

– Зӯроварии рӯҳӣ дар оила - таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад, мебошад.

– Зӯроварии шаҳвонӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд, мебошад.

– Зӯроварии иқтисодӣ дар оила - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад[2].

Аслан кормандони мақомоти корҳои дихилие, ки салоҳияти баррасии кирдорҳои зӯроварӣ дар оиларо доранд, набояд интизори пурра содир шудани намудҳои гуногуни он шаванд. Ҳангоми дастрас намудани маълумотҳои аввалиндараҷа, ки эҳтимоли дар ин ё он оила ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила сар заданаш имконпазир аст, онҳо бояд чораҳои зарурии пешгирикунии аввалиндараҷаро андешанд. Чунки дар қонун ба масъалаи пешгирии кирдорҳои ба зӯроварии оилавӣ алоқаманд, афзалият дода шудааст ва ҳатто номи қонуни асосии дар ин самт қабулшуда «пешгирии зӯроварӣ дар оила» номгузорӣ шудааст.

Дар ҳақиқат, таҷриба собит намудааст, ки пешгирии зӯроварӣ дар оила то содиршавии он чандин маротиба манфиатпазиртар аст. Бинобар ин, муҳаққиқон оид ба фаҳмиши пешгирии зӯроварӣ дар оила назари ягона надоранд. Бо ин мақсад, қонунгузор мафҳуми ягонаи зерини пешгирии зӯроварӣ дар оиларо манзур намудааст.

Пешгирии зӯроварӣ дар оила ин маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки санаи 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 3, мод. 197.

[2] Ниг.: моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки санаи 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 3, мод. 197.

муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд, мебошад[1].

Ёдовар мешавем, ки дар ҷарёни гузаронидани корҳои пешгирикунӣ, корманди мақомоти корҳои дохилӣ шахсони низоъангезандаро, ки бо муносибатҳои оилавӣ алоқаманданд ва нисбат ба онҳо чораҳои пешгирикунии фардӣ бояд татбиқ карда шавад, ошкор ва муайян менамоянд. Дар ин самт ҳамкорӣ ва ҷалб кардани мақомоти маҳаллӣ, кормандони иҷтимоӣ, табибони оилавӣ, намояндагони муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҷойи зист муҳим аст.

Бояд қайд намоем, ки шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила ин аъзои оила, шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида мебошад, ки бо кирдорҳои зиддиҳуқуқии табиати ҷисмонӣ, психологӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодии дар доираи муносибатҳои оилавӣ ба як аъзои оила содиркардааш, сабаби вайроншавии ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ ё таҳдиди расонидани чунин зарар мегардад.

Шахсе, ки ба зӯроварӣ дар оила даст мезанад нисбаташ яке аз чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила андешида мешавад. Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои таъсиррасонии мақсаднок ба шуур ва рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ҷиҳати пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ӯ ва таъмини амнияти ҷабрдида, татбиқ карда мешаванд.

Барои бақайдгирии шахсоне, ки дар оила вазъиятҳои низоӣ бармеангезанд, рафтори агрессивӣ (бадхашмона) зоҳир мекунанд, таҳдиди куштор ё расонидани зарари ҷисмонӣ менамоянд, ё ин ки бевосита таҳдиди содиршавии онҳо мавҷуд аст, ё ба содиркунии амалҳои зӯроварӣ моил ҳастанд ва ҳатто мавҷудияти як ҳолати тасдиқёфта кофӣ мебошад.

Ҳамзамон кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) бо мақсади бақайдгирии шахсоне, ки ба содиркунии ҷиноят дар доираи муносибатҳои оилавӣ майл доранд, чорабиниҳои зеринро амалӣ менамоянд:

– омӯзиши мунтазами иттилоот дар асоси маълумотҳои дастрасгашта дар бораи низоъҳое, ки дар оила ва ҳаёти ҳаррӯза ба вуқуъ меоянд;

– муайян кардани шахсоне, ки барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар хона, маҳаллаҳо, хобгоҳҳо ва ғ. майл доранд;

– шиносоӣ бо маълумотҳо дар бораи ҷароҳатҳои дар ҷараёни низоъҳои оилавӣ бардошташуда, ки аз беморхонаҳо, марказҳои ташхиси судӣ-тиббӣ ва ғ. дастрас мегарданд;

– омӯзиши ариза ва муроҷиатҳои шаҳрвандон, маводи радгашта, ки амалҳоро дар бораи расонидани зарари ҷисмонӣ, шиканҷа ва таҳдиди куштор нақл мекунанд;

– истифодаи иттилои муассисаҳои пенитенсиарӣ (ислоҳӣ) дар бораи шахсоне, ки барои куштор ва расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ, таҳдиди куштор, авбошӣ маҳкум шудаанд;

– истифодаи иттилои дастрасшуда дар бораи ҷудошавӣ (бо ангезаи бадбинӣ) дар ҳолатҳои якҷоя зиндагикунии собиқ ҳамсарон;

– омӯзиши иттилооте, ки аз мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сарварҳои ғайрирасмӣ, аз табибони оилавӣ, намояндагони муассисаҳои таҳсилотӣ ва ғ. дастрас мегарданд.

Ғайр аз бақайдгирии шахсоне, ки зӯроварӣ дар оила содир мекунанд, кормандони МКД парвандаҳои корҳои пешгирикунии фардӣ ва маводи иснодоваранда тартиб медиҳанд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки санаи 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 3, мод. 197.

Мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила дар доираи ваколатҳояш ҳамкории устувор ба роҳ мемонад. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳар семоҳа ба мақомоти давлатии кор бо занон ва оила ҳисобот ирсол менамояд. Масъулият барои бурдани ҳисобот оид ба натиҷаҳои кори механизм ва ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ ва кумаки расонидашуда ба шуъбаи кор бо занон ва оила вогузор карда мешавад. Ҳамаи субъектҳое, ки дар механизми ҳамкорӣ иштирок мекунанд, уҳдадоранд ҳар моҳ дар бораи шахсони аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида ҳисобот пешниҳод намоянд[1].

**Хайруллоев Фаррух Сайфуллоевич**
Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
e-mail: nigora_farrukh@mail.ru

**Нурализода Шералӣ Нуралӣ**
Омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия
e-mail: Nuralizodasherali@gmail.com

## БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ОИЛАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари ҷаҳон ба масоили гендерӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Қонун "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо"[2] аз гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳад, ки дар санади меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур мафҳуми гендер, бо дарназардошти тағйиру иловаҳои охирин, ҳамчун ҷанбаи иҷтимоии муносибатҳои байни мардону занон, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ, фарҳанг, маориф ва илм зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад.

Инчунин дар қонуни мазкур мафҳуми баробарии гендерӣ оварда мешавад, ки дар зери он баробарии вазъи ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо, ки ба ҳарду ҷинс (танҳо мард ва зан – *аз муаллифон*) озодона инкишоф додани қобилияти тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он имконият медиҳад, дар назар аст.ғ

Зиёда аз ин, дар санади меъёрӣ-ҳуқуқии мавриди баррасӣ қарордошта, мафҳуми баробарҳуқуқӣ дар самти гендерӣ оварда шудааст, ки зери он ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти баробари мардон ва занон дар назди қонун бояд фаҳмида шавад.

---

[1] Ниг.: Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки замима ба фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2016 тасдиқ гардидааст.

* *Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаггузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.*

[2] Ниг. ба: Қонун "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" аз 1 марти соли 2005, таҳти №89 (Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.12.2022 с. ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд).

Аз мафҳумҳои дар қонуни дар боло овардашуда дида мешавад, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гендерӣ танҳо ду ҷинс – мард ва зан қобили қабул аст, ки хусусияти мазкур, ба андешаи мо, ба вижагиҳои хос аз нигоҳи фарҳанги миллӣ, урфу одатҳои мардум ва дигар арзишҳо мувофиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми ҳозираи гендер баъди 24 декабри соли 2022 хеле масъалаҳои фарохро дар бар гирифт, ки ин як навъ пешравӣ дар самти мазкур ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо занон метавонанд, на танҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва фарҳанг, инчунин дар сиёсат, иқтисодиёт, илму маориф худро баробари мардон эҳсос ва фаъолият намоянд.

Бо дарназардошти ин, мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи худ таҳқиқи мухтасар гузаронда, вазъи ҷавобгӯ будани қонунгузории амалкунандаи оилаи кишварамон нисбат ба сиёсат ва талаботи қонунгузории гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намоем ва дар радифи ин пешниҳодҳои дахлдорро манзур намоем.

Моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (минбаъд – Конститутсияи ҶТ) яке аз принсипҳои муҳими ҳуқуқи оиларо мустаҳкам мекунад – якканикоҳӣ. Дар моддаи зикршуда оварда мешавад, ки бисёрникоҳӣ манъ аст, яъне, ҳам барои мардон, ва ҳам барои занон. Дар асоси ин,  аз муқаррароти моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мегардад, ки ҳолати қарор доштани шахсон дар никоҳи дигари ба қайд гирифташуда, боиси монеа шудан ба ақди никоҳ мегардад.

Барои вайрон намудани мамнуи болозикр дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ)[1] ҷавобгарӣ низ пешбинӣ шуда буд, аммо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КҶ ҶТ” аз 10.12.1999 с., таҳти 877, моддаи 170 КҶ ҶТ бо таҳрири нав қабул гардида, танҳо дузанагӣ ё серзанагӣ, яъне бо ду ё якчанд зан зиндагӣ кардан бо пешбарии хоҷагии умумиро ҷиноят эълон кард. Чунин иқдом онро мефаҳмонад, ки барои содир кардани ҷинояти номбурда ба ҷавобгарӣ танҳо мардон кашида шуда метавонанд. Гарчанде, дар содир кардани он занон (занҳои дуюм, сеюм ва ғайра – *аз муаллифон*) низ иштирок мекунанд.

Чи тавре маълум шуда истодааст, муқаррароти м. 170 КҶ ҶТ дар айни замон ба талаботи Конститутсия ба пуррагӣ ҷавобгӯ нест. Аз як тараф, ба фикри мо, аз нигоҳи фарҳангӣ зиёд кардани сафи ҷинояткорон – занони тоҷик низ қобили қабул буда наметавонад, чунки зан дар ҷомеаи тоҷик бо калимаи “модар” шабоҳат ёфта, бо ҷиноят омехта кардани ӯ, метавонад ба арзишҳои олии ахлоқии мардумӣ дар ин масъала зарбаи муайянро расонад.

Ҳамзамон, чи таре ки дар боло зикр шуд, бо дарназардошти талаботи сиёсати гендерӣ мардону занон дар назди қонун масъулияти баробар доранд. Аз ин рӯ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои вайрон намудани манъи бисёрникоҳӣ, ҳам барои мардон, ва ҳам барои занон шарти асосии қонуният ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, моддаи 170 КҶ ҶТ бо дарназардошти манъи бисёрникоҳӣ бояд бо таҳрири зайл муқаррар гардад: “Бисёрникоҳӣ, яъне бар хилофи талаботи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади  бо ду ё якчанд мард (зан) зиндагӣ кардан бо пешбарии хоҷагии умумӣ, ки боиси поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои дигар узви оила (зани якум / шавҳари якум – *аз муаллифон*) мегардад”.

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, № 574 // Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.1998 № 684, аз 10.12.1999 № 877, ҚҶТ аз 17.12.2020 № 1730, аз 20.04.2021 № 1776, аз 23.12.2021 № 1809, аз 19.07.2022 № 1895, аз 19.07.2022 № 1896, аз 24.12.2022 № 1924, № 1925.

Илова бар ин, моддаи мазкур тибқи моддаи 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009[1] бояд ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ шомил гардад, ки бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида (зани якум / шавҳари якум – *аз муаллифон*), намояндаи қонунии ӯ оғоз карда шавад ва пешбурди парванда дар ҳолати оштӣ шудани ӯ бо айбдоршаванда / айбдоршавандагон (мард / зан ва зани / марди дуюм, сеюм ва ғайра – *аз муаллифон*) қатъ карда шавад.

Тибқи моддаи 34 Конститутсияи ҶТ модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд.

Саволи якуме ки аз муқаррароти мазкур бармеояд, барои чӣ мардон – падарон таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дода нашудаанд? Боварии комил дорем, ки аксарияти андешаҳо дар ин масъала бо дарназардошти осебпазирии занону кӯдакон, яъне заифии онҳо нисбат ба мардон иброз мешаванд, гӯё заифӣ ба мардон хос буда наметавонад.

Муҳим ба ёддоварист, ки эътирофи хусусияти заифӣ ба реша давондани чунин як қолаби гендерии зараровар дар ҷомеа, ба мисли, зӯру заиф, заиф бояд дар итоати зӯр бошад, занон заифан, аз ин рӯ, ҳокимияти мардон нисбати онҳо бояд мутлақо пойдор бошад ва ғайраҳо овардааст ва боиси дар ҷомеа асрҳои аср мавҷуд будани зуҳуроти номатлуби зӯроварӣ дар оила, зӯроварии гендерӣ гаштааст.

Агар ба сарчашмаҳои муқаддас назар афканем, пас мебинем, ки инсон табиати заифӣ дорад, чи мард, ва чи зан. Ба фикри мо, чунин моҳияти офариниши инсон барои ҷой надоштани нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа муайян карда шуд.

Аз ин рӯ, шарт ва зарур аст, ки бо мақсади тақвият надодани рушди минбаъдаи қолабҳои зарарноки гендерӣ дар ҷомеаи мо дар моддаи 34 Конститутсия дар боби ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат калимаи “падар” дар баробари модару кӯдак низ илова карда шавад.

Гарчанде ки дар моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КО ҶТ)[2] падар дар баробари оила, ақди никоҳ, модар ва кӯдак таҳти муҳофизати давлат қарор дода шудаанд, аммо дар Конститутсияи ҶТ мавҷуд будани чунин муқаррарот оиди падар, ба андешаи мо, масъулияти ӯро дар назди оила зиёд карда метавонад.

Моддаи 33 Конститутсияи ҶТ дар бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳарро баробарҳуқуқ эълон мекунад.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 17 КО ҶТ ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ҳуқуқи шавҳар оиди бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намудан ба суд маҳдуд сохта мешавад.

Таърихи 1 июли соли 2009 Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ “Дар бораи муайян кардани мутобиқати моддаи 17 КО ҶТ ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи ҶТ вобаста ба пешниҳоди судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Шодиев Ш.Р. “муқаррар кард, ки бо назардошти афзалияти тарбияи фарзанд, иштироки мутақобилаи волидон дар раванди тарбияи онҳо, таъмини моддию равонии модар дар давраи ҳомиладорӣ ва баъд аз он, ғамхорӣ дар бораи модару кӯдак, афзалияти ҳуқуқу манфиатҳои онҳо талаботи моддаи 17 КО ҶТ ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи ҶТ мувофиқат мекунад.[3]

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 618, аз 25.03.2011 № 692, аз 2.08.2011 № 755, аз 16.04.2012 № 809, ҚҶТ аз 23.12.2021 № 1811, аз 18.03.2022 № 1853, аз 19.07.2022 № 1900, аз 24.12.2022 № 1926, № 1927).

[2] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, таҳти №22 // Қонуни ҶТ аз 29.04.2006 № 183, аз 20.03.2008 № 382, аз 21.07.2010 № 613, аз 25.03.2011 № 710, аз 26.12.2011 № 791, аз 19.03.2013 № 952, аз 23.11.2015 № 1239, аз 15.03.2016 № 1290, аз 14.11.2016 № 1365, аз 24.02.2017 № 1395).

[3] Сайт Конституционного Суда Республики Таджикистан. Постановление по ходатайству Шодиева Ш.Р. // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ https://constcourt.tj/ru/qarorho/postanovlenie-po-hodatajstvu-shodieva-sh-r/ (санаи муроҷиат: 03.04.2023 ).

Бо дарназардошти баъзе принсипҳои ҳуқуқи оила, ки дар моддаи 1 КО ҶТ оварда шудаанд, ба мисли афзалияти тарбияи кӯдак дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли кӯдакон, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғи оила, зарур мешуморем, ки ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии шавҳар ҳуқуқи занон низ оиди бекор кардани ақди никоҳ маҳдуд сохта шавад.

Чунин пешниҳод, ба андешаи мо, ҳам ба талаботи гендерӣ мувофиқ буда метавонад, ва ҳам аз мавзӯи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва афзалияти манфиатҳои ӯ хориҷ намешавад.

Тибқи м. 13 КО ҶТ синну соли никоҳӣ 18-солагиро ташкил мекунад. Дар ҳолатҳои истисноӣ қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳиро барои марду зан ба мухлати на бештар аз як сол кам кунад.

Дар умум, ба андешаи мо, меъёри мазкур ба фаҳмиши баробарии гендерӣ мухолифат намекунад. Аммо ҳангоми таҳлил кардани таҷрибаи судӣ оиди баррасии парвандаҳои вобаста ба паст кардани синни ақди никоҳ, маълум мегардад, ки судҳо дар асоси, ба истилоҳ «сабабҳои узрнок», аз қабили ҳомиладории бармаҳал, бемории вазнини волидон (асосан аз ҷониби домод), вазъияти душвори иқтисодӣ, ки бар асари он волидон фарзандони худро ба по хезонда наметавонанд (асосан аз тарафи арӯс) ва ғ., қарорҳои дахлдор мебароранд ва аризаи мурочиаткунандаҳоро қонеъ мекунанд.

Судҳо, чи тавре ки таҳқиқот нишон додааст, қарорҳои худро дар аксари ҳолатҳо бо сабабҳои зайл асоснок мекунанд: 82% парвандаҳоро ба вазъи номусоиди молиявии оилаи духтар; 44,5% парвандаҳоро ба ҳолате, ки оилаи духтар расман дар рӯйхати камбизоатон қарор дорад; 9,4% парвандаҳоро ба ҳолате, ки духтар ятим аст, ё дар тарбияи хешу табор аст.[1]

Мо чунин мешуморем, ки ақди никоҳ ҳамчун як навъ иттиҳоди зану мард наметавонад бар пояи имкониятҳои нобаробари иқтисодӣ, ки боиси вобастагии иқтисодии яке аз тарафҳо, дар аксари мавридҳо занон, духтарон ва табъизи минбаъдаи онҳо мегардад, асос ёбад, зеро дар натиҷаи чунин муносибат дар ҷомеа арзишҳои муайяне, ки бо дарки адолати иҷтимоӣ алоқамананд, метавонанд аз байн раванд.

Қобили зикр аст, ки дар баъзе низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон, масалан, дар шариати исломӣ, дар масъалаи баррасишаванда зикр шудааст, ки ҳамсарони оянда, агар имкон бошад, на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз руи синну сол, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра ба ҳамдигар низ мувофиқат бояд кунанд (куфв).[2]

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таклиф мекунем, ки дар м. 13 КО ҶТ рӯйхати сабабҳои узрнок бо ба инобат гирифтани вижагиҳои гендерӣ бояд мушаххас нишон дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки пешниҳодҳои мазкур бо дарназардошти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз»[3], ки системаи ҳуқуқиро барои пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама шаклҳои табъиз муқаррар мекунад, низ манзур шудаанд.

---

[1] Хайруллоев Ф.С. Некоторые гендерные проблемы действующего законодательства и судебной практике Республики Таджикистан / Ф.С. Хайруллоев // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (Научный журнал). - №4 (56), - 2022. – С. 83-87.

[2] Ван ден Берг, Л.В.С. Основные начала мусульманского права согласно учению имамов Абу Ханифы и Шафии. [пер. с гол.] / Предисловие Л.Р. Сюкияйнена. - М.: Наталис: Рипол Классик, 2006. - С. 137.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, таҳти № 1890.

**Хайруллоев Фаррух Сайфуллоевич**
Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
e-mail: nigora_farrukh@mail.ru

# ҲАЛЛИ ПРОБЛЕМАҲОИ НАВИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ТАКМИЛИ МОДДАИ 93(1) КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

Таърихи 19 марти соли 2023 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»[1] даҳсола шуд. Дар қаламрави кишварамон, афсус, солгарди қонуни мазкур аз ҷониби на ниҳодҳои давлатӣ, ва на ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба таври васеъ ҷашн гирифта нашудааст.

Зиёда аз ин, ҳайратовар аст, ки дар муддати даҳ сол ба қонуни зикршуда ягон тағйиру иловаҳо ворид нашудаанд, гарчанде ки қонун ниёз ба такмил дорад. Ба ин нигоҳ накарда, мо дар такмили қонунзории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила як қатор пешниҳодҳо дорем, ки мехостем онҳоро дар мақолаи мазкур манзур намоем.

1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила, чи тавре ки дар боло қайл намудем, ворид намудани тағйироту иловаҳои муайянро тақозо менамояд. Ин тағйироту иловаҳо барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонунгузории дахлдори кишвар заруранд. Қобили зикр аст, ки аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 93(1) ва 93(2))[2] (минбаъд – КҲМ ҶТ) даҳ сол сипарӣ шуд, ки дар рафти ин муддат қонунҳои дар боло овардашуда аз нав дида баромада нашудаанд. Бешубҳа, тағйироту иловаҳо бояд бо назардошти дастовардҳои илми ҳуқуқи ватанӣ ва байналмилалӣ характери консептуалӣ дошта бошанд.

2. Барои фарқ кардани ҳуқуқвайронкуниҳои шабеҳ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла дар қонунгузории маъмурӣ, масалан, байни моддаҳои 90 ва 93(1)-и КҲМ ҶТ, сарҳадҳои дақиқро муқаррар кардан лозим меояд. Ин сарҳадҳо, бо назари мо, барои ба тартиб даровардани фаъолияти маъмурии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки айни ҳол ранги ягона надорад ва амалияи татбиқи ҳуқуқро душвор мегардонад, кумак мерасонад. Гузашта аз ин, таҷрибаи ягонаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби субъектҳои он дар соҳаи мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила яке аз ҷанбаҳои муҳими риояи принсипи қонуният мебошад.

3. Моддаи 93(1)-и КҲМ ҶТ бояд мазмуни мушаххастар пайдо кунад, зеро таҳрири феълии моддаи мазкур хеле умумӣ (универсалӣ) буда, имкон намедиҳад, ки зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ фарқ карда шавад, масалан, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ва бо ҳамин характери коррупсионӣ пайдо карда метавонад. Махсусан, дар чунин вазъият банду баст

---

** Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаггузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.*

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти с. 2013, № 954 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3, мод. 197.

[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №12, қ-1, мод. 989, мод. 990; соли 2013, №3, мод.181; КҶТ аз 19.03.2013, № 938.

кардани зӯроварии ҷисмонӣ, зӯроварии иқтисодӣ душвор буда, ин боиси ба миён омадани "нофаҳмӣ"-и муайян мегардад.

Умуман, аз нигоҳи мазмун моддаи мазкур нодуруст мебошад. Агар ба номи модда назар намоем, яъне "Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", пас маълум мешавад, ки ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" ба миён меояд. Аммо муқаддимаи қонуни мазкур муқаррар мекунад, ки қонуни марбута муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд.

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки субъекти ҷавобгарӣ барои моддаи 93(1) КҲМ ҶТ танҳо субъектони пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила буда метавонанд. Албатта, мазмунан ин хатои ҷиддӣ мебошад, ки боядислоҳи худро бинад.

4. Бо қабули қонунҳои нав дар кишвар зарурати мутобиқ кардани қонунгузорӣ дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба онҳо ба миён омадааст. Бояд гуфт, ки дастоварди охирин дар соҳаи сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, таҳти № 1890[1], ки системаи ҳуқуқиро барои пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама шаклҳои табъиз муқаррар мекунад.

Навоварии мазкур имкон медиҳад, ки ба амалҳои шаҳвонӣ дар доираи қонунгузории маъмурӣ вокуниш карда шавад. Бояд қайд кард, ки то қабули қонуни номбаршуда таъқиби ҳуқуқвайронкунанда барои содир кардани зӯроварии шаҳвонӣ дар доираи ҳуқуқи маъмурӣ ғайриимкон буд.

5. Замоне расидааст, ки дар назди мақомоти корҳои дохилӣ воҳиди кории коршиносони самти равоншиносӣ ҷорӣ карда шавад, ки ташхиси экспертии онҳо барои муайян кардани мавҷудияти зӯроварии равонӣ (психологӣ) зарур аст. Зӯроварии равонӣ (психологӣ) яке аз маъмултарин навъҳои хушунат аст, ки оқибатҳои ногувор дорад, аз қабили одамонро ба худкушӣ водор мекунад. Ин навъи зӯроварӣ аз сабаби пинҳонии худ, решаҳои қавӣ гирифтааст, ки решакан кардани он дар оянда як ҳодисаи хеле мушкил ва гаронарзиш мегардад.

6. Ҳамчунин зарур мешуморем, ки дар самти пешгирии зӯроварии гендерӣ, ки бо зӯроварӣ дар оила робитаи муайян дорад, чораҳои қонунгузорӣ андешида шаванд. Бо дарназардошти тамоюлҳои имрӯза, ҳалли ин мушкилот муҳим аст. Ба андешаи мо, дар кишвар мавҷуд будани Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварии гендерӣ (зӯроварӣ дар оила)» комилан қобили қабул аст.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" аз 1 марти соли 2005, таҳти №89[2] амал мекунад, ки тибқи он гендер гуфта, ҷанбаи иҷтимоии муносибатҳои байни мардону занон, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ, фарҳанг, маориф ва илм зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад.

Инчунин дар қонуни мазкур мафҳуми баробарии гендерӣ оварда мешавад, ки дар зери он баробарии вазъи ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо, ки ба ҳарду ҷинс озодона инкишоф додани қобилияти тавоноӣ,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз» аз 19 июли соли 2022, таҳти № 1890.

[2] Қонун "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" аз 1 марти соли 2005, таҳти № 89 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 129.

маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он имконият медиҳад, фаҳмида мешавад.

Аз ин рӯ, пешгирии зӯроварии гендерӣ яке аз масъалаҳои мубрам буда, танзими худро тақозо дорад ва қабули Қонун "Дар бораи пешгирии зӯроварии гендерӣ (зӯроварӣ дар оила)", ба андешаи мо, метавонад ин мушкилиҳоро ҳал намояд.

Ҳамин тариқ, чи тавре ки маълум гашт, дар самти баррасишаванда ниёзҳо дар ҳалли масъалаҳои қайдкардашуда кам нестанд. Дар ҳалли масъалаҳои мазкур иштироки тамоми субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ҳатмӣ мебинем. Умед дорем, ки дар мӯҳлати наздик ба масъалаҳои пешниҳодшуда диққати шахсони масъул низ ҷалб мегардад.

**ХОЛИНОВА МИҶГОНА МУБОРАКШОЕВНА**
Ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

# ПАДИДАҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ: ҚОНУНИЯТ ВА ИДОМАТИ ОНҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ таърихи куҳан дорад. Доир ба оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ андешаҳои гуногун вуҷуд дорад[1]. Зуҳуроти оиладорӣ дар шакли расмӣ ё ғайрирасмӣ, аз замонҳои қадим вуҷуд дошт.

Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар давраҳои гуногуни давлатдории Тоҷикистон тибқи низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки дар хусуси меъёрҳои ҳуқуқии оилавии зардуштӣ, исломӣ, туркиву муғулӣ, империӣ ва шӯравӣ корҳои таҳқиқотӣ дар солҳои гузашта анҷом дода шуд. Ба андешаи ҳуқуқшиносони тоҷик, мутахассиони варзидаи соҳаи ҳуқуқи оилавӣ кишвар О. Усмонов ва М. Маҳмудзода, дарк намудани марҳилаҳои таърихии ҳуқуқии оилавӣ аз лиҳози алоқаҳои таърихӣ хеле муҳим ва барои тадқиқи ҳаматарафаи инкишофи илми ҳуқуқи оилавӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меорад. Донистани таърих ва сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ барои пурмазмун ва ҳамаҷониба аз худ кардани инситутҳои алоҳидаи ин соҳаи ҳуқуқи Ҷумҳури Тоҷикистон кумаки беандоза мерасонанд. Зеро дар оянда ҳангоми ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти оилавӣ, пеш аз ҳама ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ такя карда, мутахассис хулосаи зарурӣ мебарорад[2].

Бинобарин зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар ҳар марҳилаи инкишоф ва рушди он таҳқиқ карда шаванд. Дар таҳқиқоти мазкур бошад, падидаҳои ҳуқуи оилавӣ: қонуният ва идомати онҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, нақш ва аҳамияти меъёру падида ва пирнсипҳои ҳуқуқии оилавии замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Таҳқиқоти мазкур бо истифода аз адабиёти илмӣ, ки аз ҷониби мутахаассисони соҳаи ҳуқуқи оилавӣ таҳиву интишор гардидаанд, анҷом дода шудааст. Дар баробари адбиёти илмиву таҳлилӣ, инчунин санадҳои гуногуни меёрии ҳуқуқӣ, ба хусус қонунҳо, кодекс, амру

---

[1] Семенов Ю.И. Происхождение брака и семьи. – М., 1974; Раҳимов Х., Исматов Б. Одоби оиладорӣ. Д., Маориф 1992; Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. Д., Ирфон 1994; Тоҳиров Ф., Холиқов А.Ғ. Шариат ва танзими муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ. – Д.: Диловар-ДДМТ, 1999; Маҳмудов М.А. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. – Д.: "ЭР-граф", 2003.

[2] Усмонов О., Маҳмудов М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 1994, – 178 с. – С. 19

фармон, барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода шудааст. Ба сифати усулҳои асосии таҳқиқот аз усули таърихӣ-ҳуқуқӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунанд.

Қобили зикр аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойдории оила ва пешгирӣ аз пошхӯрии оилаҳо мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромаду ҷаласаҳои худ ташаккули оилаи солим ва нақши оила дар пешрафти давлат ва тарбияи насли наврасро мунтазам таъкид менамояд. Дар яке аз паёмҳои худ қайд намуд буданд, ки “оила ҳамчун падидаи иҷтимоиву ҳуқуқӣ маҳаки асосии ҷамъиятро ташкил дода, дар сатҳи Конститутсияи кишвар барои ҳифзи он ва таҳти ғамхории махсуси давлат фаро гирифтани модар кӯдак аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд”[1]. Ҳамчунин дар дигар суханрониву паёмҳои худ Сарвари давлат ба масъалаҳои пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва пешгирии он, тақвияти мақом ва ҳуқуқи занону духтарон ва мусоидат ба шуғлмандии онҳо ибрози ақида кардааст.

Муносибатҳои ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ дар асоси чанд навъи санадҳои танзимкунандаи зерин муқаррар гардидаанд:

1) қонунҳо (қонунҳои асосӣ, ҷорӣ ва маҷмуаи қонунҳо);
2) санадҳои зерқонунӣ;
3) санадҳои судӣ,
4) меъёрҳои ахлоқӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки аз рӯзҳои соҳибистиқлолии кишвар оғоз гардида буд, дар давраи начандон тӯлонӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёде, ки ба танзими муносибатҳои оилавӣ равона гардидаанд, қабул шуда, нақши оила ҳамчун асоси ҷамъият дар моддаҳои 33 ва 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардид. Санади муҳимми танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ қабул шуда, дар заминаи он чандин қонунҳо ва сандаҳои зерқонунӣ дар соҳаи оила таҳия гардиданд. Дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили хонаводагӣ, ҳифзи манфиатҳои модару кӯдак ва таҳкими оилаю оиладорӣ моддаи махсусе ҷудо шудааст. Тибқи моддаи 33 «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оиларо дорад. Мардон ва заноне, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст»[2].

Мувофиқи меъёрҳои ин модда муҳимтарин принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ аз қабили “озодии ташкили оила ва ақди никоҳ”, “баробарҳуқуқии тарафҳо”, “манъи бисёрникоҳӣ” муқарар гардиданд. Дар моддаи 34 Конститусия дарҷ гардидааст, ки “модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд”. Дар ин модда падидаҳои ҳимояи модару кудак, масъулияти волидон ва фарзандонфаро гирифтани фарзандон ба таълиму тарбия, ҳифзи кудакони маъюбу ятим дарҷ гардидааст, ки минбаъда дар асоси меъёрҳои зикршуда санадзҳои алоҳида қабул гардиданд.

Нахустин бор дар Конститутсия “оила дар паноҳи давлат аст” қайд карда шуд. Ин як силсила чорабиниҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва иқтисодиро, ки аз тарафи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 апрели соли 2014. – Душанбе, 2015, – С. 32.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри с. 1994. – Д., Ганҷ, 2016. – 134 с.

давлат барои таҳкими никоҳу оила гузаронида мешванд, зарур мешуморад. Маҳз ин ҳолатро моддаи 35 (дар бораи баробарҳуқуқии занон ва мардон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва меҳнат) ва моддаи 66 (дар бораи уҳдадориҳои шаҳрвандон оиди ғамхорӣ кардан ба фарзандон ва дар бораи уҳдадориҳои фарзандон оиди ғамхорӣ кардан ба падару модарон) ифода кардаанд[1].

Таҳияи моддаҳои мазкур мувофиқ ба талаботи Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар мебошад. Дар моддаи 16 ин санад дарҷ гардидааст, ки "Мардон ва заноне, ки ба синни балоғат расидаанд, ҳақ доранд бидуни ягон маҳдудияти нажодӣ, миллӣ ё динӣ издивоҷ кунанд ва оила бунёд намоянд. Онҳо дар мавриди акди никоҳ дар давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он баробарҳуқуқанд. Акди никоҳ метавонад танҳо дар сурати ризоияти озодона ва пурраи ҳарду тарафи ба акди никоҳ дароянда баста шавад. Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият буда, ба ҳимояи ҷамъият ва давлат ҳақ дорад[2]. Инчунин Эъломия дар моддаи 12 дахлнопазир будани ҳаёти шахси ва оилавӣ ва кафолати ҳимояи қонунии онро муқаррар кардааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сандаҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ба стандартҳои ҳуқуқи байналмилаӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар радифи дигар санадҳои байналмилалӣ[3] мавҷуданд, ки Тоҷикистон эътироф кардааст.

Дар баробари ин, инчунин меъёру принсипҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар мувофиқат бо Эъломияи умумии ҳуҷуҷи башар қабул шудаанд. Дар асоси Тафсири Кодекси мазкур, принсипҳои танзими муносибатҳои оилавӣ, аз қабили эътирофи акди никоҳе, ки танҳо дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ баста шудааст, ихтиёрӣ будани акди никоҳ, озодии талоқ, баробарии ҳамсарон дар оила, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ оид ба некӯаҳволӣ ва инкишофи ҳаматарфаи онҳо, таъмини ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу манфиатҳои аъзои корношоями оила ба он принсипҳое мувфоиқат мекунанд, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, сандҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марбут ба ҳимояи ҳуқуқу озҳодиҳои инсон дарҷ ёфтаанд[4].

Меъёри конститутсионӣ пояи давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистонро нишон медиҳад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои модару кӯдак ва дастгирии иҷтимоии оилаҳо вобаста ба сохтори ҷамъиятии ин ё он кишвар татбиқ мешаванд. Тоҷикистон ҳам чун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин меҳвар тадбир меҷӯяд ва дар асоси конститутсия манфиатҳои оилаҳо, ҳуқуқу озодиҳои модару кӯдакро таъмин менамояд. Таъмину ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ яке аз ҳадафҳои асосии Конститутсия мебошад, зеро бидуни устувории он аз ҷомеаи солим ва гузашта аз ин, муносибатҳои қавии иҷтимоӣ, суботу оромӣ сухан гуфтан имкон надорад. Муҳимтар аз ҳама, татбиқи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи оила яке аз рукнҳои асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандист ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пояи ҳаёти осоиштаю солим метавонад рушд кунад[5].

---

[1] Усмонов О., Маҳмудов М. Асари зикршуда. – С. 37.
[2] Эъломияи ҳуқуқи башар. Д., 2006.
[3] Эъломияи ҳуқуқи кӯдак аз 23 ноябри соли 1959, Конвесияи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва Конвенсияи байналмилаӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ аз 19 декабри соли 1966, Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои поймолкунӣ дар муносибат ба занон, ???, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки бо Қарори Шӯрои Олии Ҷт аз 26 июни соли 1993 ратификатсия шудааст; Конвенсия байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши занону кудакон аз 30 сентябри соли 1921, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо хариду фурӯши занони болиғ аз 11 октябри соли 1933.
[4] Тафсири Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - С. 14.
[5] Маҷаллаи "Бонувон" // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.bonuvon.tj/index.php/tj/fe-rist/u-u/2068-2014-09-12-10-44-29 (санаи муроҷиат 15.09.2022).

Дар раванди ислоҳоти қонунгузориии Ҷумзҳури Тоҷикистон дар даҳаи аввали марҳилаи соҳибистиқоолӣ баробари дигар ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёру падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ низ коркар шуданд. Иқдоми бузургтарин дар самти танзими комплексии муносибатҳои оилавӣ қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қабул шудани Кодекси нави оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои воқеияти нави иҷтимоӣ буда, дар он дигаргуниҳои муҳимме, ки дар муносибатҳои оилавӣ ба вуҷуд омаданаад, инъикос карда шудаанд. Ин ҳуҷҷати муҳим 13 ноябри соли 1998 дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ қабул шуда, аз 8 фаслу 22 боб ва 178 модда иборат мебошад[1]. Ҳадафҳои асосии қабули Кодекси оила аз инҳо иборатанд:

– устувориву пойдории оилаҳо;

– танзими муносибатҳои оилавӣ дар пояи эҳтирому муҳаббат, ёрии абйниҳамдигарӣ ва масъулияти тамоми аъзои оила дар ҳаёти якҷояи оилавӣ;

– озод будани муҳити оила аз дахолати ашхосир беруна ба корҳои дохилии оила;

– иҷрои ҳатмиии ҳуқуқи уҳдадориҳои ҳар яке аз аъзои оила дар назди ҳамдигар

– ҳимояи судии аъзои оила ва ғ.

Кодекси мазкур бо дар назардошти таҷрибаи қонунгзории давлатҳои дигар, равияҳои муосири ҳалли масъалаҳои оила, роҳҳои устувори оила бо ба инобат гирифтани шароити нави иқтисодиву иҷтимоӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди ҷумҳурӣ бо роҳи демократия ва бунёди давлати ҳуқуқиву ягона тартиб дода шудааст.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба кодекси қаблан қабулшуда, ки аз замони шӯравӣ амал мекард бо навовариҳову бартариятҳо фарқ мекунад. Дар он бори нахуст меъёрҳои зер муқаррар гардиданд: аҳдномаи никоҳ, ҳуқуқи кудакон дар оила, созишнома оид ба пардохти алимент, анъанаи миллии мардуми муқимӣ вобаста ба доштани насаб, муоинаи тиббии шахсони издивоҷкунанда, маҳрум кардани ҳуқуқҳои падариву модарӣ, индексатсияи андози алимент, ҳуқуқи фарзандони болиғи таҳсилкунанда ба алимент.

Дар Кодекс тартиби истифодаи қонунгузории гражданӣ ва байналмилалӣ, инчунин қиёси қонун ва циёси ҳуқуқ низ нишон дода шудааст. Принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ дар меъёру падидаҳои он ташаккул ёфтаанд, ки асосан аз расмӣ ва ихтиёрӣ, будани ақди никоҳ, озодии қатъи никоҳ, баробарии ҳамсарон дар оила, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ оид ба некӯаҳволӣ ва инкишофи ҳаматарафаи онҳо, таъмини ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу манфиатҳои аъзои корношоями аъзои оила ва ғ. иборатанд.

Дар умум бисёр падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ ба монанди ақди никоҳ ва қатъгардӣ ва беътибории он, аҳдномаи ақди никоҳ, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳар, ҳуқуқи молумулкии зану шавҳар, масъулияти зану шавҳар, ҳуқуқ уҳдадориҳои падар модар ва фарзандон, ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ, алимент ва уҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои оила, тарбияи кудакони бепарасторӣ, фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд. Падидаҳои зикршуда дар 8 фасл, 22 бо ва 171 моддаи Кодекс таҷассум ёфтаанд.

Идомати меъёру падидаҳои алоҳида ҳуқуқи оилавӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, дар қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои зерқонунӣ[2] танзиму таҳким гардиданд.

---

[1] Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: "Эр-граф" 2011. – С. 14.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила аз 19 марти соли 2013; Қонуни Ҷуміурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7 - 8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 147; Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи байайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрванд" аз 24.0.2006 //

Ҳамчунин меъёрҳои зиёд дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ таҳким бахшида шуданд, аз ҷумла интихоби ному насаб, маҳрум кардани падариву модарӣ ва ғ.

Дар баробари танзими муносибатҳои оилавӣ, меъёру принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ ба пешгириву рафъи бархе аз падидаҳои номатлуби ҷомеа, ки бевосита ба пойдории оилаҳо, ахлоқ ва рафтори аъзоёни оила таъсири манфӣ мерасонад, равона гардид.

Аз масъалаҳои нохушоянди ҷомеа хушунату зӯроварӣ дар оила мебошад, ки қариб дар тамоми манотиқи Тоҷикистон рух медиҳад ва дар натиҷаи он чандин оқибатҳои манфии дигар аз қабили ҷангу хархашаҳо, таъсироти равонӣ лдар мунсоибат ба кудакон ва ниҳоят пошхӯри оилаҳо ва худкуширо ба бор меорад. Барои пешгирии масъалаи мазкур Парламенти кишвар аллакай Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила"[1]-ро қабул кард, ки он пеш роҳи зӯроварӣ дар оиларо танзим, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян кард.

Дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" инчунин "Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023" бо мақсади пурзӯр намудани механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила, бақайдгирии огоҳкунии инфиродӣ оид ба масъалаҳои роҳ надодан ба ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ, кирдорҳои ношоиста ва рафторҳои бадахлоқона дар оила, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон таҳия ва қабул шудааст[2].

Таълиму тарбияи фарзанд аз муҳимтарин вазифаҳои оила мебошад. Аммо дар солҳои охир аз лиҳози ҳуқуқи танзим нашудани вазифаи мазкур баъзан аз ҷониби волидон саҳлангориву беъэътиборӣ дар самти таълиму тарбияи оилавӣ ба назар расида, мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" нахустин бор дар таҷрибаи қонунгузории миллӣ вазифаҳои волидайнро дар таълиму тарбияи фарзанд мушаххас кард[3]. Қонуни мазкур, ки дар оғози даҳаи сеюми замони соҳибистиқлолӣ қабул карда шуда, аз муҳмитарин иқдоми давлат дар танзими

---

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, № 4; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28.08.17, №1461 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6, мод. 428; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Низмономаи мақомоти васояту парасторӣ" аз 11 марти 2000, № 98; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷфобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016" аз 1 ноябри соли 2006, № 496; Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷуміурии Тоҷикистон барои соліои 2014-2023 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, № 294 тасдиқ шудааст; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи стратегии рушди кумаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020"; Барномаи рушди тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 аз 1 июли соли 2011 № 330; Тартиби ошкоркунӣ ва баҳисобгирии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "6" октябри соли 2016 № 419 тасдиқ шудааст; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак" 3 майи с. 2014, № 191; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Рӯзи модар" 6 марти соли 2009 № 632 ва ғайра.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила аз 19 марти соли 2013.

[2] Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, № 294 тасдиқ шудааст

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7 - 8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 147.

муносибатҳои оилавӣ ва бартарафсозии беназоратӣ, бадахлоқӣ ва ҷинояткории наврасону ноболиғон ба шумор мерафт.

Барои ҷалби занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани мақому манзалати онҳо дар ҷомеа, пешгирии ҳар гуна қолабҳо аз ҷониби давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёд дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ андешида шуд. Пеш аз ҳама асосҳои ҳуқуқии таҳкими ҳуқуқҳои занону духтарон ва таъмини баробарии гендерӣ ба амал бароварда шуд. Бинобарин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд[1]. Қонуни мазкур чанд намуди кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занонро муқаррар кардааст, ки онҳо дар раванди интихобот, хизмати давлатӣ, озмунҳо барои ишғоли вазифа, дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муносибатҳои меҳнатӣ иборатнад. Барои таъмини кафолатҳои зикршуда мақомоти ваколадтор вазифадор гардидаанд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” ва Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 тасдиқ гардид, ки Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалигардонии Стратегия муқаррар гардида, Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалӣ намудани саҳм мегузоранд[2]. Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015 бо мақсади таъсис додани системаи доимаамалкунандаи мониторинг ва назорати давлатию ҷамъиятии шуғли занон ва духтарон ва ҳарчӣ бештар ба шуғл ҷалб кардани онҳо таҳия гардидааст[3].

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри танзим ва рушди муносибатҳои иоалвӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои гендерӣ корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Бинобарин дар санадҳои марбута барбарҳукууқии гшендерӣ таҷассум ёфта, он як е аз роҳҳои расидан баробарии гендерӣ мебошад. Баробарҳуқуқии гендерӣ талаб мекунад, ки барои расидан ба ба баробарии гендерӣ дар ҳолатҳои мушаххас механизми ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шавад ва барои вайрон кардани он ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян гардад[4].

Ҳамин тариқ, санадҳои зиёд[5] дар самти таҳкими мақом ва ҳуқуқи занон, баробарии гендерӣ, фаълонокии занонуни духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ қабул шудааст.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” 1 марти соли 2005, № 89.

[2] Қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” аз 30 апрели соли 2021, № 167

[3] Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012 № 92 тасдиқ шудааст

[4] Вожаҳои мухтасари тафсирии гендерӣ Нашри дуюм. Душанбе: Деваштич, 2009. - С. 9.

[5] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” аз соли 1999; “Нақшаи миллии амалиёт оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши занон барои солҳои 1998-2000; Барнома давлатии “Самтҳои асосии сиёсати давалтӣ барои таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” 29 августи соли 2015 № 548 ва ғ.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар барои устувории оилаҳо ва баланд бардоштани маърифати оиладорӣ корҳои зиёди амалӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ анҷом дода шуданд. Сарвари давлат соли 2015 зимни ироаи Паёми солонааш ба Маҷлиси Олӣ қайд кард, ки "ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон карда шавад". Аз ин хотир ҳар сол 15-уми май ҳамчун Рӯзи оила ҷашн гирифта мешавад. Ҳамчунин Пешвои миллат таъкид намуданд, ки "масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад"[1].

Ҳамасола 14 майи "Рӯзи байналмилалии оила" қайд карда мешавад, ки дар Тоҷикистон низ чорабинии мазкур бо мақсади таҳкими солимии оилаҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирии ҷудошавии оилаҳо ва баланд бардоштани масъулиятнокии оилаҳои ҷавон ҷиҳати устуворӣ ва пойдории оилаҳо баргузор мегардад. Таҷлили чунин рӯзҳо барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии оиладорӣ ва вусъати маърифати оилавии аҳолӣ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, меъёру падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва идомати амали онҳо бо қабули асосҳои ҳуқуқии соҳаи зикршуда дар раванди гузариш ва баъд аз он таҳкиму тақвият ёфтанд. Чунончӣ, бори аввал чунин меъёрҳо ва институҳои нав ба вуҷуд омаданд:

– аҳдномаи никоҳ;
– таъйини синни никоҳи аз 18 боло (кам кардан дар ҳолати истисно бо қарори суд на бештар аз як сол);
– муайян кардани номгӯи аниқи монеаҳои ақди никоҳ;
– ҷорӣ гардидан институти муоинаи тиббии издивоҷкунандагон;
– таҳкими якканикоҳӣ;
– уҳдадориҳои алиментдиҳӣ ва созишнома оид ба пардохти алимент;
– индексатсияи андозаи алмиент;
– ҳуқуқи болиғи таҳсилкунанда ба алимент;
– ҳуқуқи кудакон дар оила;
– таъмини ҳимояи афзалиятноки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, эътирофи кӯдак ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ;

Хулас, меъёр ва институтҳои ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи таҷрибаи ислоҳоти ҳуқуқи оилавии кишварҳои хориҷӣ, равияҳои муосири ҳалли масъалаҳои он, роҳҳои нигоҳдорӣ ва устувории он бо ба назар гирифтани шароити нави иқтисодиву иҷтимоии даврони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва рушди ҷумҳурӣ рушду такомул ёфтанд. Меъёру падидаҳои ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлолӣ бо қабул шудани санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳури Тоҷикистон, дигар қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии қабулшуда дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон пешрафт карданд. Дар марҳилаи нав меъёр ва падидаҳои ҳуқуқи оилавӣ куллан тағйир ёфта, бо талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуданд. Дар барбари танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар замони соҳибистиқлолӣ барои пешгирии масъалаҳои марбут ба оила бахусус пешгирии пошхӯрии оилаҳо, никоҳи барвақтӣ, нобаробарии ҷинсӣ ва зӯровариву хушунат дар оила санадҳои муайян қабул шуда, корҳои амалӣ тақвият бахшида шуданд.

[1] Манбаи электронӣ – Реҷаи воридшавӣ: http://journalism.tnu.tj/index.php/makhsuli-donishchujon/383-oila-asosi-omea (санаи муроҷиат 14.09.2022).

# ТАҲҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН

# НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ

**TIHON VITALIE**
PhD student of the Academy «Stefan cel Mare» of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Moldova, lawyer
**(ТИХОН ВИТАЛИЙ**
докторант Академии «Штефан чел Маре» МВД Республики Молдова, адвокат)
E-mail: tihon.vitalie@mail.ru

## SOME ASPECTS REGARDING THE QUALIFICATION OF THE CRIME OF HOOLIGANISM COMMITTED ON GROUNDS OF BIAS

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ, КАСАЮЩИЕСЯ КВАЛИФИКАЦИИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ХУЛИГАНСТВА, СОВЕРШЕННОГО НА ПОЧВЕ ПРЕДУБЕЖДЕНИЯ

The achievement of the stated objectives of the criminal legislation is possible only if the punishment applied to the guilty person will be legal, fair and justified.

The individualization of the criminal punishment, as mentioned by the author Gh. Ivan, is achieved by taking into account all the causes of mitigation or aggravation of the punishment, because only by an overall assessment of all the circumstances that have an influence on the degree of concrete social danger of the deed and on the state of dangerousness of the perpetrator, the appropriate punishment can be established and the goals of the repressive reaction can be achieved[1].

In this respect, when determining the category and amount of the criminal punishment applied in case of committing a criminal act, a particularly important role is played by the aggravating circumstances.

The author T.A. Kostareva defines the aggravating circumstances as those essential circumstances specified in the law, which are characteristic only for a part of the offences of the same type, which reflect essential changes in the prejudicial degree of the committed act and in the personality of the offender, which influence on the legislative estimate of those committed, on the liability measure and the punishment[2].

The author Alexandru Borodac mentions that aggravating circumstances mean different states, situations, happenings, qualities or other circumstances of reality that always reflect, unequivocally, an increased dangerousness of the offender and an increased prejudicial degree of the committed deed, which requires a harsher reaction from the state[3].

From the notions mentioned above it results that the aggravating circumstances of the crime reflect the essential change of the prejudicial degree of the committed criminal act and last but not least of the personality of the offender.

Analysis of art. 287 paragraph (2) lit. a), b), c), d) and e) Criminal Code of the Republic of

---

[1] Ivan Gh. Individualizarea pedepsei. – Bucureşti: Editura C.H. Beck, 2007. – P. 169.

[2] Костарёва Т.А. Квалифицирующие обстоятельства в уголовном праве. Понятие, законодательная регламентация, влияние на дифференциацию ответственности. – Ярославль: Изд-во ЯрГУ, 1993. – С. 40.

[3] Manual de Drept penal. Partea generală. Redactor coordonator Borodac A. – Chişinău: F.E.-P. „Tipografia Centrală”, 2005. – P. 412.

Moldova (further – CC) indicate to us the presence of aggravating circumstances in the content of this legal-criminal norm.

Thus, through these circumstances, criminal liability for committing the crime of hooliganism is tightened. Following the thorough analysis of art. 287 CC, we can find that the composition of the crime of hooliganism is structured in three paragraphs, where in the first paragraph the legislator refers to the basic composition of the offence in question, and in the second and third paragraphs are indicated the aggravating circumstances that strengthen the criminal penalty for intentional actions that violate public order, accompanied by the application of violence on persons or the threat of such violence, the opposition of violent resistance to the representatives of the authorities or other persons who put an end to the hooligan acts, as well as the actions which, by their content, are distinguished by a special naughtiness.

a) Among the aggravating circumstances of the crime of hooliganism specified in art. 287 paragraph (2) points (a), (b), (c), (d) and (e) CP shall be counted as follows;
b) by a person who has previously committed an act of hooliganism;
c) two or more persons;
d) on the territory or inside a public or private medical-sanitary institution;
e) against the doctor or medical worker in the performance of his duties;
f) for reasons of bias.

The role and importance of aggravating „for reasons of prejudice" arises from the discovery of the lack of political, social, national, racial and religious harmony in society; the instability of criminal policy; the appearance of contradictions between the links of state power, between various social, national, racial or religious groups, between political or any other opinions and beliefs; the manifestation of separatism, extremism; the outbreak of interethnic conflicts; of membership of the national majority or minority or of a group; of the existence of a permanent struggle for power between political parties or public organizations pursuing political goals, etc.

Also, in order to harmonize the national legislation with the provisions of international acts, as well as to standardize the notions and expressions of the Criminal Code and to render a more precise meaning to them, it is necessary to introduce such aggravation.

As an argument in this respect can serve the provisions of the Universal Declaration of Human Rights, namely art. 2 where it is mentioned that „every man may enjoy his rights without distinction of any kind as, for example, the distinction of race, color, sex, language, religion, political opinion or any other opinion, of national or social origin, wealth, birth or any other circumstances"[1].

Also, the Universal Declaration of Human Rights in art. Articles 7 and 8, continue to guarantee protection against discrimination and an effective remedy b efore the competent national courts against actions which infringe their fundamental rights.

Similar provisions are also found in the International Covenant on Civil and Political Rights, which in art. Article 2 states that: „The States Parties to this Pact undertake to respect and guarantee to all individuals who are on their territory and within their competence the rights recognized in this Pact, without any distinction, in particular race, color, sex, language, religion, political or any other opinion, national or social origin, wealth, birth or any other circumstance"[2].

It is also useful to note that in order to combat crimes motivated by prejudice that encroaches on the legitimate human rights, the following documents have been adopted:

1. General policy recommendation No. 7 of the European Commission against racism

[1] Declaraţia Universală a Drepturilor Omului, adoptată la New York la 10 decembrie 1948 (ratificată prin Hotărârea Parlamentului RM – Nr. 217–XII din 28.07.1990) // Tratate internaţionale (ediţia oficială). Vol. I. – Chişinău, 1998. – 388 P.

[2] Pactul Internaţional cu privire la Drepturile Civile şi Politice, adoptat la New York la 16 decembrie 1966 (ratificat prin Hotărârea Parlamentului RM – Nr. 217-XII din 28.07.1990) //Tratate internaţionale (ediţia oficială). Vol. 1. – Chişinău, 1998. – 388 P.

and intolerance[1];

2. Protocol No. 12 of the European Convention on Human Rights[2].

Therefore, the conventions adopted by the United Nations and the related recommendations provided by the international system, in so far as they acted on the concerns faced by certain groups, established possible actions motivated by bias against certain groups, in particular on the grounds of:

2. perceived ethnicity or race (International Convention on the Elimination of All Forms of Racial Discrimination)[3];

3. sex or gender – explicitly with regard to women (UN Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women)[4];

4. racial, ethnic, religious or linguistic minorities (Declaration of 18 December 1992 on the rights of persons belonging to national or ethnic, religious and linguistic minorities)[5];

5. migrant workers and their families (UN Convention on the Protection of the Rights of All Migrant Workers and Members of Their Families)[6];

6. persons with disabilities (Convention on the Rights of Persons with Disabilities)[7];

7. LGBT people or groups (Human Rights Council Resolution of 15 June 2011 on human rights, sexual orientation and gender identity)[8].

Analyzing the criminal legislation of other states, we find the presence of the reason for prejudice as an aggravating circumstance in most of the crimes specified in the code.

Thus, in the Criminal Code of Canada, the act motivated by predisposition, prejudice or hatred is considered aggravating, in the criminal legislation of Belgium the act whose reasons are hatred, contempt or hostility is considered aggravating.

Similar regulations can be found in the criminal legislation of the Czech Republic, where the act motivated by revenge, other similar hatred or other particular reprehensible reason, and the Greek Criminal Code where the act committed by hatred is considered aggravating, constitutes as aggravating.

Therefore, looking at the criminal law of other states, we find that the aggravating circumstance „for reasons of bias” encompasses both discrimination and hostility.

The local criminal legislation in the field of acts motivated by prejudice establishes the phrase „social, national, ethnic or religious hatred” as the main reasons for prejudice.

The reasons mentioned above are stipulated in 77 lit. d) CP and considered as aggravating

---

[1] Comisia Europeană împotriva Rasismului şi Intoleranţei: Recomandări de politică generală. – Chişinău: Î.S. F.E.-P. „Tipografia Centrală”, 2006. – P. 33.

[2] Convenţia Europeană pentru apărarea Drepturilor Omului şi a Libertăţilor Fundamentale, adoptată la Roma la 4 noiembrie 1950 (ratificată prin Hotărârea Parlamentului RM – Nr. 1298- XIII din 24.07.1997) // Tratate internaţionale (ediţia oficială). Vol. I. – Chişinău, 1998. – 388 P.

[3] Convenţia internaţională privind eliminarea tuturor formelor de discriminare rasială.http://www.hotararicedo.ro/files/files/CONVENTIA%20INTERNATIONALA%20PRIVIND%20ELIMINAREA%20TUTUROR%20FORMELOR%20DE%20DISCRIMINARE%20R ASIALA.pdf (accesat la 28.12.2022).

[4] Convenţia ONU privind eliminarea tuturor formelor de discriminare împotriva femeilor.http://www.mmpsf.gov.md/sites/default/files/legislation/cedaw_md.pdf (accesat la 28.12.2022).

[5] Declaraţia din 18 decembrie 1992 cu privire la drepturile persoanelor care aparţin minorităţilor naţionale sau etnice, religioase şi lingvistice. http://www.dri.gov.ro/declaratie- onu-cu-privire-la-drepturile-persoanelor-apartinand-minoritatilor-nationale-etnice-religioase- si-lingvistice/ (accesat la 28.12.2022).

[6] Convenţia ONU privind protecţia drepturilor tuturor lucrătorilor imigranți şi a membrilorfamiliiloracestora.http://www.migrantsrights.org/documents/SCRatificationGuideROJune2012_000.pdf (accesat la 28.12.2022).

[7] Convenţia ONU privind protecţia drepturilor tuturor lucrătorilor imigranți şi a membrilorfamiliiloracestora.http://www.migrantsrights.org/documents/SCRatificationGuideROJune2012_000.pdf (accesat la 28.12.2022).

[8] Rezoluţia Consiliului pentru Drepturile Omului din 15 iunie 2011 privind drepturile omului, orientarea sexuală şi identitatea de gen. http://www.europarl.europa.eu/sides/getDoc.do?pubRef=-//EP//TEXT+MOTION+B7-2012-0242+0+DOC+XML+V0//RO (accesat la 28.12.2022).

circumstances for any of the facts referred to in the special part of the CP.

However, despite this, we mention that the current approach of the grounds of prejudice in the criminal legislation does not regulate all the harmful acts that may be committed for reasons of prejudice, contempt or hatred.

I shall then carry out a brief analysis of that aggravating circumstance.

Thus, in art. $134^{21}$ paragraph (1) The CP states: „Reasons of prejudice mean preconceived ideas of the perpetrator based on considerations of race, color, ethnic, national or social origin, citizenship, sex, gender, language, religion or religious beliefs, political opinions, disability, sexual orientation, gender identity, state of health, age, marital status, regardless of whether the act is committed in respect of the person possessing such protected characteristics, in respect of its assets or associated with it or in respect of the person who provides support to persons possessing such protected characteristics or associated with them, this association being a real one or perceived as real". In paragraph (2) indicate: „The presence in the victim profile of certain protected characteristics shall not in itself constitute a sufficient basis to conclude that a crime motivated by bias has been committed". In the last paragraph – paragraph 3 states that: „The offence shall be deemed to have been committed for reasons of bias irrespective of whether the perpetrator was wholly or only partially guided by such reasons, with other reasons present"[1].

According to the explanatory dictionary of the Romanian language, the term „prejudice" means an opinion, a preconceived idea that one makes on something usually adopted without direct knowledge of the facts or imposed by education or society[2].

So, reasons of prejudice mean reasoning's of the perpetrator determined by his hostile or discriminatory attitude generated for real reasons or perceived as real, racial, color, ethnic, national or social origin, sex, genetic characteristics, language, religion or belief, political or any other opinion, belonging to the national majority, to a national minority or to a group, birth or progeny, disability, health, age, sexual orientation, gender identity, or based on any other criterion.

Therefore, in conclusion, we mention that in order to find that the crime of hooliganism was committed for reasons of prejudice, it is not strictly necessary and important for the attitude of the perpetrator described above to be the last one, which characterizes the entire value system to which he is guided, or to behave a situational character that depends on the circumstances and circumstances in which the hooligan is at that moment and which determines him to act. Likewise, the perpetrator is liable to liability not only if he commits the deed for real reasons, but also for reasons perceived by him as real, even if they turn out to be erroneous.

**АБДУЛЛОЗОДА ЗЕБО ФАЙЗУЛЛО**
Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи
А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: zebo.abdullozoda@bk.ru

## МУРОФИАИ ШАРТНОМАВӢ: ПРОБЛЕМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

Табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ, ки дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ қабул гардидааст, ҳам дар матни конвенсияҳои байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории миллӣ, аз ҷумла (моддаҳои 2 ва 11 Қонуни

[1] Codul penal al Republicii Moldova – Nr. 985-XV din 18.04.2002 // Monitorul Oficial al Republicii Moldova – Nr. 128-129/1012 din 13.09.2002.
[2] Dicţionar explicativ al limbii române. http://www.dex.ro/prejudecat%C4%83 (accesat la 28.12.2022).

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»[1], моддаи 7(1) Қонуни дар бораи арбитражи Ҳонгконг дар нашри соли 1996[2], моддаи 4(1) Қонуни дар бораи арбитражи Уганда аз соли 2000[3]) дида мешавад. Ин санадҳои қонунгузорӣ созишномаи ҳакамиро ҳамчун созишномаи тарафҳо дар бораи ба арбитраж додани ҳамаи баҳсҳо ва ё баҳсҳои мушаххас муайян мекунанд, ки дар робита бо дилхоҳ муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ байни тарафҳо ба вуҷуд омадаанд ва ё ба вуҷуд омада метавонанд, новобаста аз он, ки онҳо хусусияти шартномавӣ доштанд ва ё не. Конвенсияи Ню-Йорк таърифи созишномаи арбитражиро бо тавзеҳот маҳдуд намуда, муқаррар менамояд, ки объекти муносибати ҳуқуқии баҳсӣ дар умум метавонад мавзӯи мурофиаи арбитражӣ бошад. (моддаи II (1)). Баъзан танҳо баҳсҳое, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд бо роҳи мусолиҳаомез ҳал намоянд, ба муҳокимаи арбитражӣ мансуб мебошанд (Белгия, Австрия). Қоидаҳо оид ба ҳалли алтернативии баҳсҳо дар ИМА (ФАА)[4] (моддаи 2) калимаи «баҳсҳо»-ро ба калимаи «ихтилофҳо», ки метавонанд аз шартнома ва ё аҳд, инчунин аз даст кашидан аз иҷрои уҳдадориҳои онҳо ба миён оянд, иваз менамояд. Бо назардошти чунин ихтилофот, зарур аст, ки асосҳои баррасии баҳсҳо дар судҳои байналмилалии арбитражии тиҷоратӣ дар қонунгузорӣ, амалия ва доктринаи кишварҳои гуногун бо мақсади муайян намудани фарқиятҳои мавҷуда дар мафҳуми созишномаи арбитражӣ таҳлил карда шаванд. Ин таҳлил аз рӯи чанд самт гузаронида мешавад.

Пеш аз ҳама, қонунгузории миллӣ метавонад қоидаҳои айнӣ ва ё қоидаҳои дигари ҳалли баҳсҳо барои арбитражи тиҷоратии дохилӣ ва байналмилалиро пешбинӣ намояд. Қоидаҳои айнӣ барои арбитражи дохилӣ ва байналмилалӣ дар ИМА (ФАА), Шветсия (Қонун дар бораи арбитраж аз соли 1999)[5]; ҶХХ (Қонун дар бораи Арбитраж аз соли 1999)[6] муайян гардидаанд. Ин аз он сабаб аст, ки дар хориҷи кишвар ба арбитражи дохилӣ баррасии ҳакамӣ аз рӯи баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии бидуни унсури хориҷӣ ба миён меоянд, дар бар мегирад.

Дар баъзе давлатҳо ба мисли Россия падидаи арбитражи давлатӣ дида мешавад, ки табиати ҳуқуқӣ ва танзими қонунгузории арбитражи байналмилалӣ ва дохилидавлатии тиҷоратӣ[7] дар Россия гуногун мебошад. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ - суди ҳакамӣ мебошад, дар ҳоле ки арбитражи дохилидавлатӣ ба низоми судии ФР дохил мешавад (Боби 7 Конститутсияи ФР). Дар ҶТ баҳсҳои иқтисодиро бошад судҳои давлатии иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, ки он ба судҳои арбитражии давлатии дигар давлатҳо шабоҳат дорад.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани заминаи ҳуқуқии баррасии баҳсҳо тибқи қонунгузории ин ё он давлат, зарурати мушаххас кардани мансубияти баҳси алоҳида ба салоҳияти арбитражи давлатӣ ё байналмилалӣ дида мешавад.

Дар истилоҳи арбитражи «байналмилалӣ» дар қонунгузории кишварҳои гуногун тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст. Ҳамин тавр, Конвенсияи Женева ба мурофиаи арбитражи байналмилалӣ баҳсеро мансуб медонад, ки тарафҳои он (шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ) дар вақти бастани созишномаи арбитражӣ дар ҳудуди давлатҳои

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 марти с. 2015, № 1183 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 205.
[2] Иқтибос аз: Robert Morgan. Hong Kong Arbitration in Transition: The Arbitration (Amendment) Ordinance 1996, Part III International Arbitration Law Review. December 1997. Vol. 1, Issue 1. - Pp. 27-28.
[3] Иқтибос аз: Justin Semuyaba. Recent Developments in the law of arbitration II International Business Lawyer. November 2000. Vol. 28, No. 10. - Pp. 472.
[4] 2000-2001 Midwest Alternative Dispute Resolution Guide. Chicago. - Pp. 38-42.
[5] Иқтибос аз: Hans Bagner. Arbitration in Sweden IILCIA Newsletter. 1999. Vol. 4, No 2. – Pp. 8.
[6] Иқтибос аз: Asian Region: New Developments // LCIA News. 2000. Vol.5, Issue 2. - Pp.15.
[7] Professor Dr. I.S. Zykin. Commercial Arbitration in the CIS II International Arbitration Law Review. December 1997. Vol.1, Issue 1. - Pp. 3.

гуногуни аҳдкунанда истиқомат ва ё будубоши доимӣ доштанд (моддаи 1.1). Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ (моддаи 1 (3) хусусиятҳои зеринро муайян мекунад:

1) тарафҳои созишномаи арбитражӣ ҳангоми бастани он дар кишварҳои гуногун корхонаҳои тиҷоратӣ доштанд;

2) маҳалли баргузории арбитраж тибқи созишномаи арбитражӣ, ҷойи иҷрои уҳдадориҳои муҳимми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ё ҷойе, ки мавзӯи баҳс бо он бештар алоқамандӣ дорад, берун аз давлате мебошад, ки тарафҳо дар ҳудуди он корхонаҳои тиҷоратӣ доранд;

3) тарафҳо ба таври махсус муқаррар кардаанд, ки мавзӯи созишномаи арбитражӣ бо зиёда аз як кишвар алоқамандӣ дорад.

Аммо, бо вуҷуди дар асоси қонуни намунавӣ қабул гардидани қонунҳои миллӣ, дар онҳо имкони ба таври гуногун муайян кардани мафҳуми арбитражи байналмилалӣ ҷой дорад. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ» ва Қонуни ФР «Дар бораи АБТ» (моддаи 1) муқаррароти бандҳои 2 ва 3 Қонуни намунавиро мадди назар намуда, ба ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратии тарафҳо дар хориҷи кишвар бештар таваҷҷӯҳ карда, ба баҳсҳои шахсони ҳуқуқии дар ҳудуди ин давлатҳо таъсисгардида унсури хориҷӣ илова менамоянд. Дар фарқият аз Қонуни Намунавӣ, Қонуни арбитражии Нигерия (моддаи 57 (2))[1] талаботҳои иловагиро барои муайян кардани арбитражи байналмилалӣ пешбинӣ менамояд.

Ба ин гуна талабот созишномаи бевоситаи тарафҳо дар бораи он, ки новобаста аз табиати қарордод ҳамаи баҳсҳои аз аҳдҳои тиҷоратии онҳо пайдошаванда бояд ҳамчун баҳсҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ карда шаванд, дохил мегардад. Қонуни арбитражи байналмилалии тиҷоратии Эрон аз соли 1997[2], ки дар асоси Қонуни Намунавӣ таҳия гардидааст, ба таври ҷиддӣ мафҳуми арбитражи байналмилалиро маҳдуд менамояд. Тибқи моддаи 1 (Ь) Қонуни мазкур арбитраж дар он ҳолат байналмилалӣ эътироф мегардад, ки яке аз тарафҳо дар вақти бастани созишномаи арбитражӣ тибқи қонуни Эрон шаҳрвандии ин кишварро надошта бошад. Аммо мафҳуми аз ҳама васеъ паҳнгардида ба назари мо дар КМГ Фаронса (моддаи 1492) мушоҳида мешавад: арбитраж дар он ҳолат байналмилалӣ ҳисобида мешавад, ки дар он манфиатҳои байналмилалии тиҷоратӣ инъикос гардида бошанд[3].

Талаботи маъмулии мансуб донистани баҳс ба салоҳияти арбитражи байналмилалӣ ҳолати дар ҳудуди кишварҳои мухталиф ҷойгир будани корхонаҳои тиҷоратии тарафҳо ба ҳисоб меравад. Аммо, бинобар сабаби афзоиши аҳдҳое, ки тавассути Интернет баста мешаванд[4], мо тадриҷан коҳиш ёфтани аҳаммияти ин талаботро пешбинӣ мекунем, зеро дар фазои виртуалӣ (маҷозӣ) ҳудуд вуҷуд надорад[5]. Муайян кардани мансубияти шаҳрвандии ширкатҳое, ки номашон бо «.com» ва «.net» (ба монанди Amazon.com ва CanTV.net) тамом мешавад, душвор аст. Инчунин мушаххас кардани ҳолати убури сарҳади ягон давлат, масалан, ҳангоми хариди барномаҳои компютерӣ тавассути Интернет осон наменамояд. Агар чунин барномаҳо тавассути почта фиристода нашуда, харидор онҳоро бевосита аз сервери фурӯшанда боркунӣ намояд, ҳаракати онҳо на дар фазои ҷисмонӣ, балки дар фазои

[1] Иқтибос аз: Godwin Odumu Obla ACI Arb.Practical Problems in Arbitration under Nigerian Law // Arbitration and ADR. September 1997. Vol. 2, No. 2. - Pp. 17.

[2] Иқтибос аз: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a riranienne.//Arbitration International. 1999. Vol. 15, No. 1. - Pp. 90.

[3] Ҳамон ҷо. - Pp. 90.

[4] Мисол, гардиши мол дар савдои интернетӣ 30 маротиба аз соли 1999 то соли 2002 зиёд шудааст. Ниг.: Prof.H. van Houtte. The Convention of the International Sale of Goods (1980) - 20 years.// Business Law International. September 2000. Issue4. – Pp. 357.

[5] Renaud Sorieul. The United Nations Convention on Contracts for the International Sale of Goods (CISG) as a set of uniform rules for electronic commerce.// Business Law International. September 2000. Issue 4. - Pp. 381.

виртуалӣ сурат мегирад. Набудани сарҳадҳои миллӣ дар тиҷорати виртуалӣ аз зарурати муқаррар намудани талаботи дигар ҷиҳати муайян кардани мафҳуми арбитражи байналмилалӣ дар юрисдиксияҳои гуногун гувоҳӣ медиҳад. Ба андешаи мо чунин талабот, ки ба шароити фаъолияти савдои виртуалӣ нисбатан объективона ҷавобгӯ мебошад, ҷойи таъсисёбӣ (бақайдгирии) ширкат - тарафи баҳс ва ё шаҳрвандӣ/ҷойи истиқомати шахси воқеӣ мебошад (моддаи 200 Кодекси граждании ҶТ[1]). Ин метавонад барои ворид намудани тағйирот ба моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ», ки дар айни замон далели дар хориҷи ҶТ қарор доштани корхонаҳои тиҷоратиро муқаррар менамояд, замина фароҳам орад.

Ҳаҷми созишномаи арбитражӣ аз хусусияти гражданӣ ва ё тиҷоратӣ доштани аҳди тарафҳо метавонад вобаста бошад. Одатан, ин мушкилот дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқи континенталӣ, ки дар онҳо дуализми ҳуқуқи гражданӣ ва тиҷоратӣ вуҷуд дорад, ба миён меояд. Дар сатҳи конвенсияҳои байналмилалӣ бо назардошти меъёрҳои унификатсияшудаи онҳо, ки барои истифода дар кишварҳои дорои низоми гуногуни ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, чунин фарқият муқаррар карда нашудааст. Зимнан, конвенсияи Женева бидуни мушаххас кардани он, ки баҳс гражданӣ ва ё тиҷоратӣ мебошад, ибораи «баҳсҳои ҳангоми амалӣ намудани амалиётҳо оид ба савдои хориҷӣ пайдошаванда»-ро пешбинӣ менамояд (моддаи 1 ( а )). Аз ин рӯ, ин масъала тибқи меъёрҳои ҳуқуқе, ки нисбати созишномаи арбитражӣ ё шартнома татбиқ карда мешавад, ҳал мегардад. Конвенсияи Ню-Йорк (моддаи II. 1) танҳо ибораи «баҳсҳо»-ро истифода мекунад ва бо ин имкон медиҳад, ки татбиқи он нисбат ба баҳсҳо дар ҳама гуна аҳдҳо: ҳам гражданӣ ва ҳам тиҷоратӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар ҶТ дар муайян кардани тобеияти баҳс ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мушкилиро ба вуҷуд меорад. Новобаста аз он, ки дар замони қабули Қонуни ҶТ «АБТ» дуализми ҳуқуқҳои гражданӣ ва тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) вуҷуд дошт ва бо Қонун муқаррар шуда буд, ки дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баҳсҳои аз муносибатҳои шартномавӣ ва муносибатҳои дигари гражданӣ-ҳуқуқӣ пайдошаванда баррасӣ карда мешаванд (моддаи 1), ҳол он ки дар тӯли даҳсолаи охир ҳуқуқи соҳибкорӣ расман ҳамчун як соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф карда шудааст. Дар ин робита, ба назари мо зарур аст, ки ба моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ» тағйирот ворид карда шуда, баҳсҳои на танҳо аз муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорӣ пайдошаванда низ ба салоҳияти АБТТ дохил карда шавад.

Қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ин масъаларо ба таври мухталиф танзим мекунад. Ҳамин тавр, Қонуни Эрон дар бораи арбитраж аз соли 1997 ба истилоҳи «тиҷоратӣ» хариду фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо, ҳамлу нақл, суғурта, амалиёти молиявӣ, хизматрасониҳои машваратӣ, сармоягузориҳо, ҳамкории техникӣ, намояндагӣ, фаъолияти агентӣ, қарордодӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад[2]. Дар Фаронса ҳолатҳои мавриди баҳс қарор додани созишномаи арбитражӣ дар арбитражи байналмилалӣ тибқи меъёри арбитражи дохилӣ дар хусуси оне, ки созишномаи арбитражӣ танҳо нисбати баҳсҳои тиҷоратӣ, на ин ки гражданӣ эътибор дорад, ба миён омадаанд. Аммо Суди кассатсионӣ (амалан Суди Олии Фаронса мебошад) муайян намудааст, ки истилоҳи «тиҷоратӣ» дар арбитражи дохилӣ ва байналмилалӣ фарқ мекунад. Дар таносуб аз арбитражи дохилӣ, ки дар он мафҳуми «тиҷоратӣ» аз табиати воқеӣ ва ё ҳуқуқии тарафҳо, мақсади шартнома ва ҳуқуқи татбиқшаванда вобастагӣ дорад, дар арбитражи байналмилалӣ зери мафҳуми «тиҷоратӣ» муносибатҳои иқтисодии бо интиқоли мол, хизматрасониҳо ва ё пардохтҳои фаромарзии кишварҳои мухталиф фаҳмида мешавад. Мувофиқан, мафҳуми «тиҷоратӣ»-и мансуб ба арбитражи дохилӣ дар арбитражи байналмилалӣ

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2005., №3, мод. 124; 2012 г., №7, мод. 690.
[2] Hamid G.Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration: The UNCITRAL Model Law a I Iгапіеп-пе. - Pp. 90.

истифода намегардад. Мисоли ин қарорҳои Суди аппелятсионии Париж дар робита бо парвандаи Kuwait Foreign Trading Contracting and Investment Company бар зидди Icori Estero SpA (аз соли 1996 ) ва Суди кассатсионии Фаронса дар робита бо парвандаи M. Zanzi u. J. De Coninck et autres (аз соли 2000). Таҷрибаи мазкур Фаронсаро бо кишварҳои низоми ҳуқуқии умумӣ, ки қонунгузории онҳо дуализми ҳуқуқи граждани ва тиҷоратиро пешбинӣ наменамояд, наздик намудааст.

Танҳо дар доираи маҳдуди кишварҳо дар сатҳи қонунгузорӣ номгӯи масъалаҳое, ки бояд дар созишномаи арбитражӣ танзим гарданд, муайян шудаанд. Масалан, Қонуни Бразилия No.9.306 (аз соли 1996) пешбинӣ мекунад, ки дар созишномаи арбитражӣ ба таври ҳатмӣ бояд элементҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: 1) ном, ихтиссос, вазъи оилавӣ ва суроғаи тарафҳо; 2) ном, ихтиссос ва суроғаи арбитрҳои интихобгардида ва ё номи ниҳоди арбитражӣ; 3) мавзӯи баҳс; 4) ҷойи қабул шудани ҳалномаи арбитражӣ (моддаи 10). Қонуни арбитражии ҶХ Хитой аз соли 1994 (моддаи 16), ки муқаррароти зеринро ба сифати элементҳои ҳатмии созишномаи арбитражӣ пешбинӣ менамояд, инчунин мисол шуда метавонад: 1) изҳори нияти тарафҳо барои ба баррасии арбитраж супоридани баҳс; 2) доираи баҳсҳое, ки ба баррасии арбитраж супорида мешаванд; 3) институти (комиссияи) интихобгардидаи арбитражӣ.

Аммо ба мисли конвенсияҳои байналмилалӣ (моддаи II. 1 Конвенсияи Ню-Йорк), дар қонунгузории арбитражии аксари давлатҳо, аз ҷумла Қонуни ҶТ «АБТ» (моддаи 11) (дар қонуни мазкур тартиби баррасии баҳсҳо дар моддаи 12 оварда шудааст) танҳо талаботи интихоби тартиби баррасии баҳсҳо аз ҷониби тарафҳои шартнома муайян гардидааст. Дар баробари ин, моддаи IV Конвенсияи Женева пешбинӣ мекунад, ки агар тарафҳо супоридани баҳсҳои байни онҳо пайдошавандаро ба баррасии мақоми арбитражии доимӣ пешбинӣ карда бошанд, вале ин мақомро таъйин накардаанд ва дар ин робита ба созиш наомада бошанд, пас даъвогар метавонад дар ин хусус ба раиси палатаи савдоии ваколатдор ва ё Кумитаи махсус дархост пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, ҳатто дар ҳолати дар созишномаи арбитражӣ муайян нагардидани мақоми мушаххаси арбитражӣ имкони баррасии баҳси тарафҳо тибқи тартиби арбитражӣ ҷой дорад. Аммо ин имконият ба пуррагӣ аз розигии минбаъдаи тарафҳо (бевосита ва ё дар назар дошта) нисбати юрисдиксияи мақоми мушаххаси арбитражӣ вобастагӣ дорад. Қонуни арбитражии ҶХ Хитой (моддаи 18) пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми аз ҷониби тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ муайян нагардидани мақоми баррасикунандаи баҳсҳо, тарафҳо имкон доранд, ки масъалаи мазкурро бо роҳи бастани созишномаи иловагӣ ба танзим дароранд. Дар сурати барои тарафҳо ғайриимкон будани бастани чунин созишномаи иловагӣ, созишномаи арбитражии онҳо беэътибор дониста мешавад.

**Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна**
Омӯзгори калони кафедраи Таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи Давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

## ТАНОСУБИ НИЗОМИ СУДӢ ВА НИЗОМИ МАҚОМОТИ СУДӢ

Мавзуи низоми судҳо қисми муҳимми тадқиқоти системаи институсионалии судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, ташаккул ва инкишофи фаъолияти судҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Мафҳуми “низом” дар илми муосир тартиби

тақсимбандӣ ва дар доираи система муттаҳид намудани сохторҳои муйаянро ифода мекунад, дар як самт ва дар доираи талаботи ягона фаъолият мекунанд. Категорияи низом шакли классификатсияи предмети омузишро муайян ва назорат мекунад. Низом ин яке аз аломатҳои асосии мавҷудияти давлат буда, устувории онро таҷассум менамояд. Истилоҳи «низом» мафҳуми асосӣ ва мафҳуми «суд» аломати иловагии онро ифода мекунад, зеро низом дар дигар мазмун низ хеле васеъ истифода мешавад. Масалан низоми ҳарбӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ ва ғайра шаклҳои низом аз гуногуншаклии истифодаи ин мафҳум шаҳодат медиҳанд ва барои мафҳуми «низом» дар рисолаи мо низоми судӣ объекти таҳқиқ ҳисобида мешавад ва мо шакли низомро дар раванди инкишофи системаи судӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.

Низоми судӣ бори аввал дар шакли ҷумҳуриявӣ дар соли 1929 бо қарори Раёсати Кумитаи Марказии Иҷроияи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон 26 октябри соли 1929 «Дар бораи аз нав ташкилкунӣ мақомотҳои судии Марказӣ ва маҳалии ҶШС Тоҷикистон» истифода шуда, дар асоси он суди Олии ҶШС Тоҷикистон ташкил гардид. Низоми судӣ дар ин давра аз 3 суди округӣ – дар Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд ва сессияи доимии Суди Олии ҶШС Тоҷикистон дар округҳои Ғарм, Ӯротеппа ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иборат буд. Раиси Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ва ҷонишини комиссари халқии адлияи оид ба қисми судӣ, Бобо Ҳамдамов таъин гардид[1].

Дар соли 1930 аллакай кормандони суд тавассути вохӯриҳо бо мардум вазифаи суд ва қонуншиканиҳои сатҳи маиширо мефаҳмонанд. Ба ғайр аз ин аз тарафи Суди Олии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқии сайёр таъсис дода шуд. Дар асоси қарори Раёсати КИМ Иттиҳоди Шуравӣ аз 22 октябри соли 1930 таҳти 51 ва аз 4 марти соли 1931 КИМ қарор қабул кард, ки Судҳои ҷамоатӣ дар Тоҷикистон таъсис карда шаванд. Мувофиқи ин қарор ҳайати судҳои ҷамоатӣ аз судя ва машваратчиён иборат аст. Аъзоёни суди ҷамоатиро Комитети иҷроияи ноҳия тасдиқ мекард. Вазифаи судяҳои ҷамоатӣ ифтихорӣ буда, барои он музд дода намешуд. Дар солҳои 30-50-уми асри XX дар давлати Шуравӣ институти судҳои ҷамоатӣ парвандаҳо оид ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, авбошӣ, таҳқир, тухмат, қонуншиканиҳое ки маблағи зарари онҳо аз 50 рубл камтар ва дигар қонуншиканиҳои на он қадар вазнинро баррасӣ мекард. Инчунин ба судҳои ҷамоатӣ парвандаҳое супорида мешаванд, ки маблағи зарар дар онҳо то 25 рубл ташкил медиҳад. Тартиби кори суд ба судҳои умумӣ мувофиқат карда мӯҳлати дида баромадани аризаҳо дар давоми даҳ рӯз муайян гардид. Тамоми суди умумӣ, судҳои ҷамоатӣ ба суди умумӣ тобеъ буданд. Дар худи ҳамин давра дар низоми судӣ инчунин институти судҳои рафиқона таъсис дода шуд. Сохтор ва тартиби кори судҳои рафиқона ва судҳои ҷамоатӣ ба ҳам монанд буда, ҳар дуи ин судҳо зернизоми судҳои халқии умумиро ташкил медоданд[2]. Моҳи декабри соли 1931 қарори муштараки КИМ ва СКХ ЧШС Тоҷикистон қабул шуд, ки дар он аз ҷумла чунин омадааст: «Бо мақсади ба мубориза бо ҷинояткорӣ ҷалб кардани оммаи мардум КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад:

- дар корхонаҳо ва муассисаҳое, ки дар онҳо бештар аз 100 нафар корманд кор мекунанд, судҳои истеҳсолӣ-рафиқона таъсис дода шавад.

- ба судҳои истеҳсолӣ-рафиқона вазифаҳои зерин супурда мешавад:

А) мубориза бар зидди вайронкунандагони тартиботи истеҳсолӣ дар корхонаву муассисаҳо;

Б) .мубориза бар зидди майзадагӣ, бетартибӣ, авбошӣ;

[1] ДавлатовУ.А. 70 сол Суди Олии Ҷумхурии Тоҷикистон / С.М.Иноятов. Таърихи таъсисёбии Суди олии Ҷумхурии Тоҷикистон - Душанбе, 1998. – С. 122.
[2] ДавлатовУ.А. Асари зикршуда. – С. 144.

В) ҳайати судҳои рафиқона дар шумораи на камтар аз 10 нафар аз тарафи коллективи корхона ба мӯҳлати 1 сол интихоб мешавад[1].

То соли 1931 баҳси байни корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ аз тарафи комиссияҳои арбитражӣ ҳал карда мешуд, ки бо қарори КИМ ва СКХ СССР ташкил карда шуда, фаъолияташон асосан бо Низомномаи Комиссияи арбитражии назди совети меҳнат ва мудофиаи СССР аз 6 маи соли 1924 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровarда мешуд. Дар моҳи майи соли 1931 дар системаи мақомотҳои идоракунии давлатӣ арбитражи давлатӣ ташкил карда шуд, ки барои ҳал намудани баҳси амволии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии соотсиалистӣ дар самти мустаҳкам намудани интизоми шартномавию нақшавӣ ва ҳисоби хоҷагӣ равона карда шуда буд. Низомномаи аввалиндар бораи арбитражи давлатӣ бо Қарори КИМ ва СКХ СССР аз 3 майи соли 1931 тасдиқ шуд[2].

Дар моҳи майи соли 1931 дар системаи мақомотҳои идоракунии давлатӣ арбитражи давлатӣ ташкил карда шуд, ки барои ҳал намудани баҳси амволии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии соотсиалистӣ дар самти мустаҳкам намудани интизоми шартномавию нақшавӣ ва ҳисоби хоҷагӣ равона карда шуда буд. Низомномаи аввалиндар бораи арбитражи давлатӣ бо Қарори КИМ ва СКХ СССР аз 3 майи соли 1931 тасдиқ шуд[3]. Ин қонун далел аз он буд, ки давлати Шӯравӣ ба марҳилаи нави фаъолияти судҳо дар соҳаи иқтисодӣ дохил гардид. Минбаъд баҳсҳои корхонаҳо на дар сатхи вазоратҳо, балки тавассути ниҳодҳои судӣ ҳаллу фасл мешуданд.

Аммо низоми судии замони Шуравӣ доимо вобаста бо сиёсати давлат такмил меёфт ва мувофиқи Қонун «Дар бораи сохтори судии ИҶШС», ки 16 августи соли 1938 қабул шуда буд, ҳуқуқҳои назоратии Судҳои Олии ҷумҳуриҳои шуравӣ каме махдуд шуданд. Аз он ҷумла, дар низоми судӣ, судҳои вилоятӣ, минтақавӣ ва Судҳои Олии ҷумҳуриҳои мухторӣ аз ҳуқуқи назоратӣ маҳрум карда шуда буданд. Ин ваколат танҳо бо эътирози Прокурори ИҶШС ё прокурори ҷумҳурии шуравӣ, Раиси Суди Олии ИҶШС ва раиси Суди Олии Ҷумҳурии Шӯравӣба ҳукми қувваи қонуни гирифтаи судӣ, ҳалнома ва таъинотҳо баррасӣ мешуд. Дар асоси ҳамин қарор дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ Раёсат ва Пленум барҳам дода шуд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти Раёсат ва Пленуми ҶШС Тоҷикистон ҳам дар кори ислоҳ кардани хатогиҳои судҳои зинаи поёнӣ ва ҳам дар додани тавзеҳоти роҳбарикунанда аҳамияти маҳдуд дошт. У. Давлатов қайд мекунад, ки барҳам додани Раёсат ва Пленуми Судҳои Олии ҷумҳуриҳои иттиҳод амале буд, ки хатогии қонунгузорони ин давраро нишон дод[4].

Дар низоми судии Шуравӣ ба фаъолияти судҳои рафиқона ҳамчун шакли ҳамкории судҳои давлатӣ ва корхонаҳо дар системаи судҳо нақши калонро бозид. Ин судҳо аз руи сохтор ва тарзи идоракунӣ ва пешбурди парвандаҳо аз судҳои давлатӣ фарқ доштанд, аммо ба ин нигоҳ накарда, онҳо мақсади умумӣ доштанд ва он ба ислоҳ кардани шаҳрвандон равона мешуд. Доираи фаъолияти судҳои рафиқонаро дар низоми судӣ «Қоидаҳо дар бораи судҳои рафиқона» муайян мекарданд, ки соли 1961 дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ қабул карда шуд[5]. Суди рафиқона парвандаҳоро дар шакли коллегиалӣ дида мебарояд ва қарори он барои иҷро ҳатмӣ мебошад. Дар сурати иҷро нашудани қарори суди рафиқона аз тарафи судшаванда, парванда ба суди халқӣ равона мешудва иҷрои он ба судиҷрочӣ супурда мешавад. Барои беҳтар ба роҳ мондани кори судҳои рафиқона аз тарафи Вазорати адлия ба

[1] Иброҳимов С.И., Табаров Н.А.Ҳуқуқи мурофиавии судии иқтисодӣ Комплекси: маҷмӯаи таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2009. – С. 327.
[2] ДавлатовУ.А. Асари зикршуда. – С. 322.
[3] Иброҳимов С.И., Табаров Н.А. Асари зикршуда. – С. 327.
[4] ДавлатовУ.А. Асари зикршуда. – С. 144.
[5] Кирин В.А. Евтеев М.П. Советская судебная система. - М.., 1974.- С. 110.

онҳо кумаки моддӣ ва маънавӣ расонида мешавад. Ҳайати судҳои рафиқона дар шакли интихоби озод аз тарафи коргарони корхона ба мӯҳлати ду сол интихоб мешавад. Ин судҳо дар он корхонаҳое таъсис мешуданд, ки шумораи умумии коргарони он аз 50 нафар зиёд буданд.

Дар давраи Тоҷикистони шӯравӣ заминаҳои ҳуқуқии таъсисёбӣ, ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Низомнома дар бораи суди ҳакамӣ ки ба Кодексӣ процесуаллии гараждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Кодекси номбурда 28 декабри соли 1963 қабул шуда буд) замима гардида буд, дарҷ шуда буд. Мутобиқи банди якуми ин низомнома шаҳрвандон ҳуқуқ доштанд барои ҳалли баҳсҳое, ки миёни онҳо пайдо мешаванд, ба истисноӣ баҳсҳое, ки аз муносибатҳои меҳнатӣва оилавӣ бармеоянд, ба баррасии судҳои ҳаками мурочиат намоянд[1].

Соли 1994 аввалин Конститутсияи Тоҷикистон қабул шуда, тибқи он ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим карда шуд.Мувофиқи Конститутсияи нав «ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судҳо амалӣ мегардад»[2].

Конститутсияи нав барои коркард ва қабули як қатор қонунҳо, ки ташкил ва тартиби фаъолияти судҳо ва умуман ҳамаи системаи судии ҷумҳуриро муайян мекунад, манбаи ҳуқуқи гашт. Солҳои охир қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи суди конститутсионӣ», «Дар бораи Суди Олӣ», «Дар бораи Судҳои иқтисодӣ», « Дар бораи Судҳои ҳарбӣ» қабул шуданд. Бешубҳа қонун «Дар бораи сохтори судӣ» ва қонун «Дар бораи мақоми судяҳо»афзалият бештар доранд.Дар ин қонун фарқиятҳои калон ва принсипиалӣ нисбати қонунгузории пешина дида мешаванд.Фарқияти асосӣ дар он аст, ки ба судҳо мақоми ҳокимияти судии новобаста аз ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дода шудааст. Адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи мустасноӣ ҳокимияти судӣ мебошад. Аз ҷумла дар қонун « Дар бораи сохтори судӣ» омадааст, ки адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи суд, ки дорои ҳокимияти мустақили судӣ мебошанд, амалӣ мегардад[3].

Ташкил, ваколат ва тартиби фаъолияти Суди Олиро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди Олии Чумҳурии Тоҷикстон» муайян мекунад.Суди Олӣ аз раис, ҷонишини аввали вай, ҷонишинон,судяҳои Суди Олӣ иборат аст ва дар ҳайати Пленум, Раёсат мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноӣ ва мушовараи ҳарбӣ, амал мекунад. Раиси Суди Олӣ, ҷонишини якуми вай, ҷонишин ва судяҳоро Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурӣ ба мӯҳлати 10 сол интихоб мекунад.

Мувофиқи қонун, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии ҳокимияти судӣ дар соҳаи истеҳсолоти судии шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ мебошад.Санадҳои қабулкардаи вай ниҳоӣ буда, иҷрои он дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, ҳатмист. Он дорои ҳуқуқи назорат аз болои фаъолияти судии суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҳарбӣ мебошад[4].

6 августи соли 2001 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Мувофиқи он низоми судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, граждани, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Қабул шудани ин қонун барои муайян кардани салоҳияти

[1] Ализода З., Зоиров Ш., Маллаев М., Шеров С. Судҳои Ҳакамӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2011. – С. 159.

[2] Ниг.: моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: “Ганҷ” 2016. – С. 34.

[3] ДавлатовУ.А. Асари зикршуда. – С. 144.

[4] ДавлатовУ.А. Асари зикршуда. – С. 144.

судҳо ва танзими фаъолияти судҳо шароити қонуниро фароҳам овард[1]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМЧ ҶТ) имкон дод, ки тибқи қоидаҳои муқарраркардаи боби 42 КМҶ аз болои қарори суди кассатсионӣ аз болои шикоят (эътироз) аз болои қарори суди марҳилаи аввал дар бораи интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс (ё рад кардани интихоби чунин чора) эътироз ё шикоят оварда шавад. Далели он, ки қонунгузор чунин имкониятро пешбини кардааст, бояд мусбат арзёбӣ карда шавад, зеро ин кафолати иловагии таъмин шудани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Аз ҳамин лиҳоз институти марҳилаи назоратӣ парвандаҳоеро баррасӣ мекунад, ки ҳукмҳо эътибори қонунӣ пайдо кардаанд ва аллакай иҷро карда мешаванд. Дар ин марҳилаи мурофиа чун қоида зарурати тасдиқ, бекор кардан ва тағйир додани чораи пешгирӣ ба вуҷуд намеояд. Аммо суди марҳилаи назоратӣ бояд ҳуқуқи интихоби чораи пешгириро дар ҳолатҳои бекор кардани ҳукм, таъинот ё қарор аз ҷониби суди марҳилаи якум ва кассатсионӣ қабулшуда) интихоб намуда, парвандаро ба баррасии нави судӣ, шикоятӣ ё кассатсионӣ баргардонад[2].

Моҳи декабри соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати давлатии иштирокчиёни мурофиаи суди ҷиноятӣ» қабул гардид[3]. Қонуни мазкур таъмини шароити баробарро барои тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ таъмин мекунад ва давлат ҳамчун кафолатдиҳандаи ин баробарӣ дониста мешавад. Соли 2013 дар ҳамкории ҳукукшиносони вилоят бо ташкилоти байналмилалии ЮСАИД (ИМА) китоби «Асосҳои ҳукукии танзими фаъолияти шахсони ҳукукии ғайритиҷоратӣ», «Ҷанбаҳои ҳукукии озодиҳои иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Механизмҳо ва расмиёти миллии ҳимояи ҷабрдидагон аз шиканҷа» ва дигар китобу мақолаҳо нашр гардиданд, ки дар кори беҳтар кардани дониши иштирокчиёни мурофиаи судӣ накши калон бозиданд.

Соли 2014 дар таърихи системаи судии мамлакат ҳамчун соли дигаргуниҳои куллӣ ба шумор меравад. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми июни соли 2014, №151 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон“ қабул шуд ва бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми июли соли 2014, ҷонибдорӣ гардид. Қонуни конститутсионии мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро муқаррар намуда, инчунин дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳоро ба танзим медарорад. Мувофиқи ҳамин қонун ҳокимияти судӣ мустақил эълон карда шуд. Инчунин самтҳои асосии амалӣ шудани ҳокимияти судӣ тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, граждани, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда шуд. Қонунгузории нави судӣ инчунин принсипҳои фаъолияти судӣ, ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбати суд, манъ будани дахолат ба фаъолияти суд, мустақилияти судяҳо, таъмини амнияти судяҳо, мухлати интихоб ё таъин кардани судяҳо ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти судҳоро мавриди танзим қарор гирифт.

Ҳамин тавр хулоса кардан мумкин аст, ки низом ва низоми (институти) судӣ ҳамчун як система дар ҷомеа амал карда, ҷанбаҳои мухталифи соҳавиро дар доираи худ муттаҳид менамояд. Таносуби низоми суди ва низоми мақомоти судӣ, зернизоми мақомоти судӣ омили асосии таъмини тартиби ягонаи фаъолияти судҳо мебошад ва

[1] Ойев Х., Сафаров Б.А. Механизмхои хифзи хукуки инсон ва шахрванд дар Ҷумурии Точикистон: дастури таълимӣ. - Душанбе, 2013. – С. 149.
[2] Хамроев Ш.С. Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии ғайри тичоратӣ. - Душанбе, 2011. – С. 130.
[3] Рахимов Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводства. – Душанбе, 2013. – С. 34.

танҳо риояи пешбурди кори тамоми система барои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт барои кори судҳо ҳалкунанда мебошад.

**БОБОКАЛОНОВА САОДАТ ҒОИБОВНА**
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Колеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: bgoib@mail.ru

# КАФОЛАТҲОИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ МАРДОНУ ЗАНОН ВА ИМКОНИЯТҲОИ БАРОБАРИ АМАЛИГАРДОНИИ ОНҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо мавқеи марказиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ), ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 2 КМ ҶТ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Муқаррар намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва озодии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон ва корфармоён, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат маҳсуб меёбанд, вазифаҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои меҳнатии корманд ва корфармо, инчунин танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, бокортаъминкунӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон, шарикии иҷтимоӣ, пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар муқаррар намудани шароитҳои меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра иборат аст[1].

Мутобиқи муқаррароти м. 3 КМ ҶТ вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон равона гардидааст[2].

Инчунин, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ қонунҳое баромад мекунанд, ки бахри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси меҳнат пешбинӣ шудаанд.

Хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳоро дар муносибатҳои меҳнатӣ баъд аз КМ ҶТ, Қонуни

[1] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Мастер Принт», 2022. – С. 11-14.
[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №7(1488), с.2016, Мод. 604. – С. 24.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, № 89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (минбаъд Қонун)[1] танзим менамояд.

Мутобиқи м. 7 Қонун, ки сухан дар бораи баҳисобгирии вазъияти оилавии мардону занон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва меҳнатӣ меравад, ҳангоми қабул ба кор, болоравӣ дар хизмат, таълими касбӣ, муқаррар намудани низоми меҳнат, инчунин аз кор озод кардани кормандон, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқ ва кафолатҳои мардону занон ва вазъияти оилавӣ ҳатман ба назар гирифта мешавад.

Инчунин, дар меъёри муқаррарнамудаи м. 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», ки сухан дар бораи мусоидат ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ меравад, корфарморо вазифадор менамояд, ки бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ якчанд корҳоро ба ҷо оварад.

Якум, корфармо (роҳбари мақоми давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият) барои мардону занон ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатӣ имкониятҳои баробар муҳайё намояд.

Меъёри мазкур аз м. 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта, ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнатро эълон менамояд ва ҳама гуна зуҳуроти табъиз (фарқиятгузорӣ, роҳ надодан ба кор, бартарию афзалият додан зимни қабул намудан ба кор) вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот, вазъи molу мулкӣ ва дигар аломатҳо дар муносибатҳои меҳнатиро манъ намудааст[2].

Талаботи м. 35 Конститутсияи ҶТ дар меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардонида шудааст.

Мутобиқи қ. 1 м. 7 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ меравад, ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст.

Моддаи 6 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи манъи маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат меравад, ҳуқуқи ҳеҷ кас ба меҳнат наметавонад маҳдуд карда шавад, ба истиснои ҳолатҳо ва тартибе, ки бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо дар маҳдуд намудани ҳуқуқи шахс ба интихоби касб, навъи фаъолият, қабул накардани ӯ ба кор, инчунин дар маҳдуд намудани ҳуқуқ ба шароити мусоид ва солиму бехатари меҳнат, ба пешбарӣ ба вазифаи (мансаби) баландтар, ба музди меҳнати сазовор ва дигар маҳдудиятҳо ифода меёбад, ки қонун эҷод намудани онҳоро барои шаҳрвандон манъ намудааст.

Дар баробари ин, қонун дар баъзе мавридҳо имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқ ба меҳнатро раво мебинад. Масалан, қисми 4 моддаи 35 Конститутсияи ҶТ дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода намудани меҳнати занон ва ноболиғонро манъ намудааст.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо (аз 1 марти соли 2005, №89).// Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: URL: www. http: //mmk.tj. (санаи муроҷиат 16.03.2023).
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: "Нашриёти Ганҷ" 2016. – С.16-20.

Ин талабот дар КМ ҶТ мушаххас шудааст. Масалан, м. 216 КМ ҶТ истифодаи меҳнати занон дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои вазнин ё корҳои шароиташон зарарнок, ҳамчунин дар корҳои борбардорию боркашонии дастии аз меъёри барои онҳо муқарраргардида зиёдро манъ менамояд. Номгӯи пурра ва мушаххаси корҳоеро, ки истифодаи меҳнати занон дар онҳо манъ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, № 179 «Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад».

Мутобиқи қ. 2 м. 7 КМ ҶТ, фарқият дар меҳнат вобаста ба талаботи махсуси намуди муайяни кор ва ё вобаста ба ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи махсуси иҷтимоӣ мебошанд (аз рӯи ҷинс, синну сол, норасоиҳои ҷисмонӣ, уҳдадориҳои оилавӣ, дараҷаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), табъиз намебошад.

Бояд тазакур дод, ки мазмуни меъёрҳои муқаррарнамудаи м. 6 ва 7 КМ ҶТ бо мазмуни қ. 1 ва 2 м. 1 Конвенсияи № 111 ТБМ «Дар бораи маҳдудсозӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл» аз 5 июни соли 1958 ва мавриди амал қарор доштани он аз 15 июни соли 1960, мутобиқат мекунад.

Дуюм, дигар меъёри муқаррарнамудаи м. 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ба мардону занон ҷойҳои (вазифаҳои) холии корро баробар дастрас гардонад.

Сеюм, дигар меъёри муқаррарнамудаи м. 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, барои мардону занон ҳангоми иҷрои кори якхела ё коре, ки қиматаш баробар аст, музди меҳнати (мукофоти) баробар диҳад.

Чорум, дигар меъёри муқаррарнамудаи м. 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, барои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, болоравӣ дар хизмат имконияти баробар муҳайё намояд.

Панҷум, дигар меъёри муқаррарнамудаи м. 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, шароити якхелаи бехатарии меҳнатро, ки барои ҳаёт ва саломатии ҳам мардон ва ҳам занон зарур аст, таъмин намояд.

Дар м. 14 Қонун, ки сухан дар бораи исботи қасдан поймолкунии ҳуқуқ аз рӯи ҷинсият меравад, дар сурати баррасии баҳси меҳнатӣ бинобар поймолкунии эҳтимолии ҳуқуқ аз рӯи ҷинс дар суд ё мақоми дигар тибқи даъвои корманд ё иттифоқи касаба ва иттиҳодияи дигари ҷамъиятӣ, ки манфиати кормандро ҳимоя мекунад, гаронии исботи набудани қасди поймолкунии ҳуқуқ ба зиммаи корфармо меафтад.

Дар м. 15 Қонун, ки сухан дар бораи кафолати баробарии гендерӣ дар мавриди ба таври оммавӣ аз кор озодкунии кормандон меравад, дар сурати ба таври оммавӣ аз кор озод намудани коргарони ташкилот, бояд таносуби шумораи маъмулии кормандони ин ташкилоту муассисаҳо аз рӯи ҷинсҳо риоя карда шавад.

Мутобиқи м. 16 Қонун бошад, ҳангоми танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тавассути шартнома ва созишномаҳои коллективӣ ба онҳо ворид кардани нуктаҳое ҳатмист, ки баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробари мардону занон, беҳтар намудани шароитро барои мутобиқ гардондани уҳдадориҳои касбӣ ва оилавии онҳо таъмин намояд.

Мақомоти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, дигар намояндагони кормандон, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифадоранд рафти иҷрои ин шартномаю созишномаҳоро назорат намоянд.

Хулоса, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» бархе аз муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар муносибатҳои меҳнатӣ танзим намуда, ҳуқуқпоймолкуниро аз

рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд.

Инчунин, афзалиятҳо ва ҳадафҳои иҷтимоӣ дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои консептуалии СММ ва дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ, ки дар даҳсолаи охир қабул шудаанд, хеле васеъ, ҳамаҷониба ва амиқ инъикос ёфтаанд. Дар байни онҳо Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)-и СММ барои солҳои 2016-2030, ки дар «Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» таҳия ва пешниҳод гардидаанд, аз ҳама бештар муҳим мебошад.

Ҳадафҳои рушди устуворро (ҲРУ), дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудааст.

Дар он на танҳо асосҳои консептуалии рушди устувор инъикос ёфтаанд, инчунин, афзалиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии рушди минтақаҳо ва умуман, ҷаҳон, ҳамаҷониба ҳамгироии хеле муносиб ва ҷаззоб пайдо намудаанд. Дар айни ҳол Ҳадафҳои рушди устувори СММ характери умумиинсонӣ дошта, барои татбиқи амалӣ дар кишварҳои олам таъин шудаанд.

Яке аз ҳадафҳои глобалии Рӯзномаи СММ барои рушди устувор то соли 2030 ин таъмини баробарии гендерӣ ва васеъгардонии ҳуқуқу имкониятҳои ҳамаи занону духтарон махсуб меёбад. Чунончи, тибқи банди 20 он «Занон ва духтарон бояд аз дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат, захираҳои иқтисодӣ ва иштироки сиёсӣ, инчунин аз имкониятҳои баробар бо мардон ва писарон дар масъалаи шуғл, роҳбарӣ ва қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо бархурдор бошанд».

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо мавқеи дигарро Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 ишғол менамояд.

Чи тавре аз мазмуни пешгуфтори Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бармеояд, бо дарназардошти ин, ки халқҳои Милали Муттаҳид имони худро ба ҳуқуқи асосии башар, шараф ва қимати шахсияти инсонию баробарии ҳуқуқи марду зан дар Оиннома эълон кардаанд ва қарор додаанд, ки ба пешрафти иҷтимоӣ мусоидат карда ва дар муҳити озодтар вазъи зиндагии беҳтаре ба вуҷуд оваранд.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш эълон доштааст[1].

Инчунин, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 махсуб меёбад.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо Қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 16 декабри соли 1966 қабул шуда буд, ки бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 ба тасвиб расидааст. Мутобиқи м. 3 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки ҳаққи истифодаи баробарро аз ҳамаи ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар ҳамин Паймон пешбинишуда барои мардон ва занон таъмин менамоянд. Тибқи банди i) м. 7 Паймон бошад, давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар касро ба шароити одилона ва мусоиди меҳнат эътироф мекунанд, аз ҷумла, маоши одилона ва подоши баробар

[1] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

барои меҳнати баробарқимат бидуни ягон навъ фарқгузорӣ, зимнан барои занон бояд шароити меҳнате, ки барои мардон муҳайё карда шудааст, бо музди баробар барои кори баробар кафолат дода мешавад.

Паймон қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо маҳсуб меёбад.

Умуман, дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии זану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд[1].

Ба ҳамин монанд, тибқи моддаи 3 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифода аз ҳамаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсии дар ҳамин Паймон пешбинигардидаро таъмин мекунанд.

Дигар санади барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифода аз ҳамаи ҳуқуқи Конвенсия дар бораи маҳви ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон мебошад, ки он бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 18 декабри соли 1979 қабул гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон онро соли 1994 тасдиқ намудааст[2].

Бояд тазаккур дод, ки Конвенсия дар бораи маҳви ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон давлатҳои иштирокчиро вазифадор менамояд, ки дар қонунгузории худ тамоми чораҳои заруриро баҳри бартараф ва пешгирӣ намудани табъиз нисбати занон дар соҳаи меҳнат ва шуғл пешбинӣ намоянд.

Чи тавре Д.Қ. Назаров қайд намудаанд, ин ҳуҷҷат қонуни байналмилалии ҳуқуқи занон ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, ҳуҷҷати мазкур як навъ барномаи амали давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади таъмини кафолати ин ҳуқуқҳо мебошад. Дар Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шакли табъиз нисбати занон қайд шудааст: мафҳуми табъиз нисбати занон (моддаи 1); уҳдадории давлати иштирокчӣ ҷиҳати андешидани тамоми чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ барои ноил шудан ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳое, ки дар Конвенсияи мазкур инъикос шудаанд (моддаи 24). Вале дар баробари ин, тадбирҳои махсусе, ки ба ҳимояи модар нигаронида шудаанд, табъиз ҳисобида намешаванд (моддаи 4).

Мутобиқи банди 1 м. 11 Конвенсияи мазкур давлатҳои иштирокчӣ барои аз байн бурдани табъиз нисбати занон дар шуғл тамоми чораҳои заруриро меандешанд, то дар асоси баробарии мардону занон ҳуқуқҳои баробарро таъмин намоянд, масалан ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳама одамон; имкониятҳои якхела ҳангоми ба кор қабул намудан, аз ҷумла татбиқи интихоби маҳакҳои якхела ҳангоми интихоб ва ба кор қабул шудан; интихоби озоди касб ё навъи кор; болоравии мансабӣ ва кафолати шуғл, инчунин истифодаи тамоми имтиёзҳо ва шароити кор; омодагии касбӣ ва бозомӯзӣ, аз ҷумла ҳангоми шогирдӣ, омодагии касбии сатҳи баланд; подоши баробар, аз ҷумла соҳиб шудан ба имтиёзҳо; шароити баробар нисбати меҳнати баробарарзиш, инчунин муносибати баробар ба арзёбии сифати кор; таъминоти иҷтимоӣ, алахусус, ҳангоми ба нафақа рафтан, бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ ва ҳолатҳои дигари корношоямӣ, инчунин рухсатии музднок; ҳифзи саломатӣ ва шароити бехатари меҳнат, аз ҷумла нигоҳдории вазифаи давом додани насл.

---

[1] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

[2] Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/ (санаи муроҷиат: 18.04.2018 с.).

Ҳуқуқҳои мазкур ҳуқуқҳои умумии занон номида мешаванд ва ба ҳамаи категорияҳои занон мансубанд.

Дар банди 2 м. 11 Конвенсия меъёрҳо ва муқаррароти марбут ба занони ҳомила ва занони дорои масъулияти оилавӣ муқаррар шудаанд.

Дар банди мазкур қайд шудааст: «Бо мақсади пешгирии табъиз нисбати занон бо сабаби ба шавҳар баромадан ё модар будан ва ба онҳо додани кафолати ҳуқуқи самарабахши ба меҳнат, давлатҳои иштирокчӣ чораҳои дахлдори зеринро меандешанд:

а) зери таҳдиди татбиқи таҳрим манъ намудани азкорозодкунии занон бо сабаби ҳомиладорӣ ё дар рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд қарор доштан ва ё табъиз бо сабаби вазъи оилавӣ;

b) ҷорӣ намудани рухсатии музднок ё рухсатии бо кумакҳои иҷтимоии қиёсшаванда ҳамл ва таваллудро бидуни аз даст додани ҷойи кор, собиқаи корӣ ё кумакҳои иҷтимоӣ ҷорӣ кунанд;

c) ҳавасмандгардонӣ барои пешниҳод намудани хидматҳои зарурии иловагии иҷтимоӣ баҳри таъмини имконият ба волидон дар якҷоякунии иҷрои вазифаҳои оилавӣ бо иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла тавассути таъсис ва тавсеаи шабакаи муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон;

d) таъмини ҳимояи махсуси занони ҳомила аз он намуди корҳое, ки ба саломатии онҳо зараровар буданашон собит шудааст[1].

Хулоса, кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ дар санадҳои байналмилалӣ низ ҳалли худро ёфтааст.

Аз таҳлилҳои дар мақола зикргагдида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муносибатҳои меҳнатии чунин кормандон ки дар онҳо хусусиятҳои хоси кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ, чи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, инъикос ёфтаанд, танзим мешаванд.

[1] Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). – Душанбе, 2021. – С. 80.

**Гафурзода Далер Азалшо**
Старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
E-mail: dalergafurov88@mail.ru

**Нуриддинзода Суфи Нуриддин**
Доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
E-mail: sufi-1986@mail.ru

# НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ КВАЛИФИКАЦИИ АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРАВОНАРУШЕНИЯ ПО НЕЗАКОННОМУ ПОСЕВУ И ВЫРАЩИВАНИЮ РАСТЕНИЙ, СОДЕРЖАЩИХ НАРКОТИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА В СООТВЕТСТВИИ С ТРЕБОВАНИЯМИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В соответствии с положениями Кодекса об административных правонарушениях Республики Таджикистан (далее – КоАП РТ), незаконный посев и выращивание растений, содержащих наркотические средства, то есть, незаконный посев или уход за растениями, выращивание которых запрещено, считается административным правонарушением и за это предусматривается административная ответственность[1].

Если углубиться в историю, то выяснится, что после победы Великой Октябрьской социалистической революции в ноябре 1917 года в Туркестане установилась советская власть и вся система государственных отношений, в том числе и правовая система страны, претерпела коренные изменения[2].

К примеру, в целях борьбы с антиобщественными явлениями и обеспечения надлежащего правопорядка в уезде, Ходжентский Совет 10 июля 1918 г. принял постановление, согласно которому за изготовление и хранение анаши, кукнара, опия и торговлю ими виновные подлежали штрафу от 300 до 10000 руб., а в случае отказа от уплаты штрафа - аресту с привлечением на общественные работы от 1 месяца до 1 года[3].

Вышеупомянутая нормативная норма состоит из ряда ключевых терминов, таких, как «наркотические средства», «посев», «выращивание» и для более глубокого понимания изучаемой проблемы необходимо понять логическое содержание этих терминов.

Наркотические средства - вещества синтетического или природного происхождения, их препараты, а также растения, классифицированные в качестве таковых в соответствующих международных Конвенциях и Национальном Списке[4], которые в целях охраны здоровья населения, государственной и общественной безопасности, профилактики наркомании и оказания наркологической помощи лицам, страдающим наркоманией

---

[1] См.: статья 127 Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях. от 21.12.2008, № 455// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., №12, ч.1, ст.989, ст. 990; З РТ 2019 г., №1, ст.8, №6, ст.312, ст.313, №7, ст.464; 2020 г., №1, ст.6.

[2] Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане. - Душанбе: Дониш, 1987, - С.102-103.

[3] Тахиров Ф.Т. Указ. раб. – С. 103.

[4] Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от 10.12.1999, № 874 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1999 год, №12, ст. 312; 2002 год, №4, ч-1, ст. 266, 2006 год, №4, ст. 192; 2007 год, №7, ст. 661; 2013 год, №7, ст. 516; 2019 год, №6, ст.319; 2021 год, № 4, ст.198.

запрещаются также ограничивается их оборот. В Толковом словаре таджикского языка слово «наркотический» представлен как «дурманящий», «опьяняющий»[1].

Наркотики находятся под контролем государства и сгруппированы в соответствующих международных конвенциях и нормативных правовых актах Республики Таджикистан.

Наименование, форма и состав наркотических средств определены Конвенцией ООН о наркотических средствах (1961 г.), Конвенцией ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ (1988 г.), Закона Республики Таджикистан «О наркотических средствах и психотропных веществах и прекурсорах (1999 г.), постановленииПравительства Республики Таджикистан «Об утверждении Национального перечня наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров» (№ 390 от 21 сентября 2000 г.).

В Национальном реестре перечислены три типа наркотических средств:

1. Растения и вещества, представляющие чрезвычайную опасность, но не пригодные для использования в медицине и отнесенные к Списку IV Единой конвенции ООН о наркотических средствах (каннабис и смола каннабиса, героин, дезоморфин, кетобемидон).

2. Преимущественно растения и вещества, представляющие чрезвычайную опасность, но также пригодные для медицинских целей и занесенные в Список I и Список II настоящей Конвенции (ацетилметадол, альфентанил, аллилпродин, альфаметадол, безитрамидон, беназидидин, бензаметидин).

3. Вещества, в некоторой степени опасные для употребления, но приемлемые для медицинского применения и отнесенные к Списку III настоящей Конвенции (препараты ацетилгидрогенгидродеина, пропилама, декстропропоксифена и т. д.).

Согласно Приложения к постановлению Правительства Республики Таджикистан от 27 февраля 2020 года № 121 о Национальном перечне наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, все виды растений группы каннабиса (Cannabis), которые содержат любой изомер тетрагидроканнабинола, признаются наркотическими средствами.

В соответствии с требованиями Закона Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах», под культивированием наркосодержащих растений понимается посев и выращивание растений, классифицированных в качестве таковых в соответствующей международной Конвенции и Национальном Списке[2]. В Толковом словаре таджикского языка слово «посев» означает «разведение», «полевые работы»[3]. Выращивание означает «уход», «присмотр», «возделывание»[4]. В связи с исследуемой проблемой нам необходимо проанализировать взаимосвязь вышеперечисленных терминов.

Итак, основным предметом нашего исследования является «незаконный посев и выращивание растений, содержащих наркотические средства» как признак объективной стороны административного правонарушения.

---

[1] Толковый словарь таджикского языка (на тадж. яз.). Из 2-х частей. Ч. 1 / под ред. Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Мирзо Х.С. – Душанбе-Машхад, 2008. – С. 905.

[2] Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от10.12.1999. № 874 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1999 год, №12, ст. 312; 2002 год, №4, ч-1, ст. 266, 2006 год, №4, ст. 192; 2007 год, №7, ст. 661; 2013 год, №7, ст. 516; 2019 год, №6, ст.319; 2021 год, № 4, ст.198.

[3] Толковый словарь таджикского языка (на тадж. яз.). Из 2-х частей. Ч. 1 / под ред.Назарзода С., Сангинов А., Каримов С., Мирзо Ҷ.С. – Душанбе-Машхад, 2008. – С. 616.

[4] Там же. – С.70.

Из анализа и толкованиятерминов «посев» и «выращивание» можно сделать вывод о том, что они образуют состав административного правонарушения, к которому юридически относят время, место и способ совершения действия, как составных частей и отдельных объективных признаков административного правонарушения,

Рассматриваемые действия касаются незаконного посева и выращивания растений, содержащих наркотические средства, включая выбор земли, ее смягчение, посев наркотических средств, орошение, а также уход и контроль за саженцами, извлечение из них сока, до тех пор, пока растение не будет готово к первичному использованию или дальнейшей переработке (для приготовления других категорий препаратов путем переработки).

Анализ показывает, что незаконное культивирование, то есть незаконный посев или выращивание запрещенных к возделыванию растений, содержащих наркотические вещества, при отсутствии признаков преступления, остается наказуемым деянием, так как законодательство в целом квалифицирует культивирование как административное правонарушение.

Отсюда следует, что отбор земельного участка и посев семян растений, содержащих наркотические вещества, является административным правонарушением, и с этого момента наступает административная ответственность.

Однако в законодательстве об административных правонарушениях не предусмотрено отдельных критериев регулирования уровня подготовки и покушения на совершение административного правонарушения, и этот недостаток законодательства усложняет его реализацию уполномоченными органами.

При анализе признаков субъективной стороны в связи с незаконным посевом или выращиванием растений, содержащих наркотические вещества также можно выявить некоторые недостатки.

Например, вина (субъективная сторона) является одним из основных элементов проступка и при ее отсутствии ответственность лица исключается. То есть, уполномоченное должностное лицо, при производстве дела об административных правонарушении, обязано установить вину лица в посеве или выращивании растений, содержащих наркотические вещества, а заодно проанализировать мотив и цель.

Однако изучение и анализ материалов дел об административных правонарушениях показывает, что иногда фактический анализ обстоятельств дела не определяется отдельными субъектами, что, конечно, не служит цели законодательства по устранению причин и факторов, способствующих совершению преступления.

Часто сотрудники правоохранительных органов говорят, что были случаи привлечения к административной ответственности родителей или иных законных представителей за привлечение детей (в возрасте от 16 до 18 лет) к изготовлению и выращиванию наркотических средств, что является нарушением административного законодательства, а точнее, ст. 90 КоАП РТ (неисполнение родителями или иными законными представителями несовершеннолетних обязанностей по опеке и воспитанию несовершеннолетних), но в соответствии с требованиями законодательства, к административной ответственности привлекается физическое лицо, достигшее к моменту совершения административного правонарушения шестнадцати лет[1]. Из вышесказанного можно сделать вывод, что нарушается принцип индивидуальной ответственности и вины[2].

---

[1] См.: статья 24 Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях. от 31.12.2008, № 455 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., №12, ч.1, ст.989, ст. 990; З РТ 2019 г., №1, ст.8, №6, ст.312, ст.313, №7, ст.464; 2020 г., №1, ст.6.

[2] См.: статья 10 Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях. от 31.12.2008, № 455 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., №12, ч.1, ст.989, ст. 990; З РТ 2019 г., №1, ст.8, №6, ст.312, ст.313, №7, ст.464; 2020 г., №1, ст.6.

В соответствии с требованиями ст. 97 и 98 КоАП РТ, рассмотрение дела и применение административного взыскания по ст. 127 этого кодекса (незаконный посев или выращивание растений, содержащих наркотические вещества) возложено на органы по контролю за оборотом наркотиков и органы внутренних дел. Отсюда дублирование функций государственных органов.

Такое положение негативно сказывается на точной статистике дел об административных правонарушениях из-за отсутствия единого учета административных правонарушений. Все это приводит к тому, что дублирование норм в законодательстве не отвечает требованиям законодательной техники. Кроме того, санкция ст. 127 КоАП РТ (незаконный посев или выращивание растений, содержащих наркотические вещества) гласит, что за такое деяние налагается штраф в размере от десяти до двадцати показателей для расчетов с конфискацией предмета административного правонарушения. Однако согласно требованиям того же административного законодательства, конфискация предмета, явившегося орудием совершения или непосредственным объектом административного правонарушения, состоит в принудительном безвозмездном обращении этого предмета в собственность государства, а конфискация такого предмета назначается только судьей[1]. Насколько целесообразно признать возложение полномочий по рассмотрению дел об административных правонарушениях, предусмотренных указанной статьей, органам внутренних дел и органам в сфере контроля за оборотом наркотиков? Или в настоящее время осуществляется применение административных взысканий по вышеуказанной статье и конфискация предметов, являющихся непосредственным предметом административных правонарушений.

Выбор размера административного штрафа как вида административного взыскания за незаконный посев или выращивание растений, содержащих наркотические веществазависит от наличия смягчающих и отягчающих ответственность обстоятельств. Однако анализ исполнения постановлений о наложении административных взысканий в виде штрафов часто показывает, что определяется максимальный размер штрафа, что свидетельствует о недостаточном выявлении фактических обстоятельств дела и отсутствии смягчающих и отягчающих юридическую ответственность обстоятельств.

**Зоиров Шариф Садриддинович**
Преподаватель кафедры административного права и административной деятельности
факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: kafedra.fmmkd@mail.ru

## ДИСТАНЦИОННОЕ ОБУЧЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В последние десятилетия в сфере образования наблюдаются увеличение и использование новых информационных технологий, организация дистанционного обучения. Это связано прежде всего с тем, что использование технологий дистанционного обучения способствуют повышению эффективности учебных процессов.

В настоящее время сфера образования характеризуется использованием нескольких активных информационных и коммуникационных технологий (ИКТ), в том числе дистанционное обучение. В рамках технологий дистанционного обучения (ТДО), технология

[1] Там же.

обучения может быть изучена с использованием информационных и телекоммуникационных сетей вне зависимости от местонахождения курсантов и научно-педагогических кадров.

Демонстрационные программы дают возможность получить на мониторе дисплея красочные, динамичные иллюстрации к излагаемому преподавателем материалу. Дистанционное обучение в Таджикистане возникло не на пустом месте. Кроме того, внедрена Единая программа управления процессом дистанционного образования в учреждениях высшего профессионального образования Республики Таджикистан.

Дистанционное образование – это осуществление процесса обучения с использованием современных информационных и телекоммуникационных технологий с возможностью дистанционного обучения без непосредственного участия преподавателей и курсантов[1].

Дистанционное образование соответствует новой стадии развития заочного обучения, которая предоставляет возможность использования информационных технологий[2].

Её отличие от заочной формы обучения заключается в том, что основная часть учебных материалов осваивается в непосредственной связи с преподавателем (консультации по электронной почте, семинары в режиме онлайн).

В Министерстве образования и науки республики считают, что технические и профессиональные возможности для его развития в стране имеются.

Конечно, его внедрение требует наличия хорошей технической и материальной базы, программы управления процессом образования. На всё это необходимы определённые средства. На данный момент все расходы оплачиваются самими вузами, учреждения высшего профессионального образования в этих целях могут привлечь и грантовые средства. Министерство образования и науки совместно с Всемирным банком реализуют проект по развитию высшего образования. В рамках проекта можно подать заявку на получение гранта.

Вообще Закон Республики Таджикистан «Об образовании» определяет его как способ реализации процесса обучения с использованием современных информационных и телекоммуникационных технологий, позволяющих осуществлять обучение на расстоянии, без непосредственного личного участия преподавателя и обучающихся. Можно сказать, что это современная технология заочного образования[3].

Конечно, никакого дистанционного обучения не было бы, если бы в Таджикистане не развивались информационно-компьютерные технологии, которые в образовании рассматриваются как одно из актуальных и важнейших направлений в реформировании всей системы образования республики.

Это отражается в Государственной стратегии «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан»[4], Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан, Государственной программе внедрения информационно-коммуникационных технологий в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан на 2018-2022 годы, Национальной стратегии развития РТ на период до 2030 года. Республика Таджикистан в

[1] Государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан» (утверждена Указом Президента Республики Таджикистан) от 05.11.2003 г. № 1174.

[2] Ибрагимов И.М. Информационные технологии и средства дистанционного обучения: учебное пособие для высших учебных заведение / И.М. Ибрагимов. - М.: Издательский центр «Академия». 2005. - С. 153

[3] Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22.07.2013, № 1004 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 год, №7, ст. 532; 2014 год, №3, ст.156; №7 ч.2, ст.422. 2016 год, №3, ст.148, 2016 год, №7, ст.624; 2017 год, №7-9, ст.581; 2018 год, №5, ст.278; 2020 год, №12, ст. 912.

[4] Государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан» (утверждена Указом Президента Республики Таджикистан) от 05.11.2003 г. № 1174.

Национальной стратегии развития на период до 2030 года декларировала переход экономики к инновационным технологиям, что настоятельно требует модернизации системы образования на основе информационно-компьютерных технологий[1].

Как отметил Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, в Послании к Парламенту Республики Таджикистан, «Мы должны приблизить показатели обеспечения качества на всех уровнях обучения к мировым стандартам, развивать сотрудничество общеобразовательных и высших профессиональных учреждений с субъектами рынка труда, улучшить степень развития национальной инновации и показатели освоения информационных и коммуникационных технологий»[2].

Между тем, не все педагоги и родители считают эту новую форму обучения эффективной. При наличии диплома сомнение вызывает качество полученных знаний.

Как и всё новое, дистанционное образование имеет не только плюсы, но и минусы. Нельзя говорить об эффективности для всех возможных случаев. Эта форма образования предполагает значительную долю самостоятельной работы обучающегося, большую ответственность и самоконтроль. Поэтому она больше подходит для того, кто уже умеет учиться, для тех, кто получает второе образование (после колледжа, второе высшее, повышение квалификации или осуществление профессиональной подготовки), меньшей степени оно подходит для людей, получающих первое профессиональное образование. В этом случае необходимо найти верное сочетание традиционного и дистанционного обучения. Например, ряд «дисциплин можно вынести в дистанционный режим, но определяющие профессию дисциплины надо преподавать традиционно».

Таким образом, под прежде всего, хочу сказать, что тут важно психологическое отношение людей к учёбе и жизненная мотивация. Оно расширяет возможности, позволяет учиться в лучших вузах по всему миру, оно более доступно в финансовом плане. Курсантом имеет возможность сам выбрать время для учёбы и сдачи экзаменов. Очень важно это для людей с ограниченными возможностями, не выходя из дома можно обучаться и самореализоваться. Из минусов можно назвать отсутствие «живого» общения, которое играет важную роль. Учащийся просматривает видеокурс, но, как известно, вопросы появляются в процессе обучения, которые при дистанционном обучении задать можно только по электронной почте и получить соответствующий ответ. Когда преподаватель лицом к лицу со студентами - это уже другой подход.

**Казачек Елена Юрьевна**
Старший преподаватель кафедры криминалистики Хабаровского филиала Московской академии Следственного комитета Российской Федерации, полковник юстиции
E-mail.ru: dobrychkaa@mail.ru

## О ВОЗМОЖНОСТЯХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНИКО-КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ПРИ РАССЛЕДОВАНИИ ОТДЕЛЬНЫХ ВИДОВ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Современное расследование преступлений невозможно без применения новейших технологий. Использование сотрудниками следственных подразделений технико-

[1] Национальная Стратегия Развития Республики Таджикистан на период до 2030 года от 01.12.2016 г. № 636.
[2] Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23 декабря 2022 года.

криминалистических средств - это важный аспект деятельности, который помогает значительно сократить время и улучшить качество проведения расследования.

Одной из основных задач расследования является сбор доказательств. Современные технико-криминалистические средства, имеющиеся в распоряжении Следственного комитета Российской Федерации, позволяют собирать большое количество информации и делать выводы на основе конкретных фактов[1].

Использование технико-криминалистических средств, как правило, осуществляется посредством криминалистического сопровождения предварительного расследования, осуществляемого отделами криминалистики следственных управлений субъектов Российской Федерации. Данная деятельность, направленна на внедрение достижений криминалистики в практическую работу в целях объективизации доказывания при раскрытии и расследовании преступлений и заключается в оказании практической помощи сотрудникам следственных подразделений в использовании технико-криминалистических средств при раскрытии и расследовании преступлений[2].

Одним из примеров применения технико-криминалистических средств при раскрытии преступлений может служить расследование уголовного дела, возбужденного по признакам преступления, предусмотренного п. «а, б» ч. 6 ст. 264 УК РФ по факту гибели гр. С. и гр. О.

Так, 24 февраля 2022 года поступило сообщение о произошедшем дорожно-транспортном происшествии. В связи с поступившим сообщением, на место происшествия выехал дежурный следователь. По прибытии на место происшествия было установлено, что в районе дома № 67 по ул. П. г. Б., в кювете находится автомобиль Toyota «Chaser» г.р.з. г.н. ХХХ, который по сообщению сотрудников ГИБДД принадлежал гр. А. Рядом с автомобилем находился труп гр. С., а гр. О. находился в тяжёлом состоянии и был доставлен в больницу, где скончался 4 марта 2022 года. Вместе с этим, сам гр. А. на месте происшествия отсутствовал.

В связи с этим, были выдвинуты первоначальные следственные и поисковые версии произошедшего, в частности:

1) за управлением транспортного средства находится гр. С. или гр. О.;

2) за управлением транспортного средства находился гр. А, но после ДТП скрылся с места происшествия;

3) за управлением транспортного средства находилось иное неустановленное лицо.

Так, в ходе первичного осмотра места происшествия, в целях фиксации обстановки следователем был применен квадрокоптер DjiMavic 2 Zoom, находящийся в распоряжении отдела криминалистики, что в дальнейшем, позволило установить траекторию движения автомобиля, непосредственно в момент ДТП. Кроме того, следователем, при осмотре автомобиля, были изъяты: оплетка руля, головка рычага переключения скорости, чехлы с сидений и сам автомобиль Toyota «Chaser».

В дальнейшем, в ходе проверочных мероприятий, был найден и опрошен хозяин перевернувшегося автомобиля гр. А., который сообщил, что находился в автомобиле момент ДТП на пассажирском сидении, а за управлением транспортного средства, якобы, находился нанятый им таксист. Опровергнуть показания гр. А., пояснениями очевидцев не представлялось возможным, так как гр. О. находился в коме. В связи с чем, было принято решение опровергнуть версию гр. А. экспертным путем и при помощи технико-криминалистических средств.

---

[1] Технико-криминалистическое сопровождение расследования преступлений учебное пособие / [Багмет А. М. и др.]; под ред. А. М. Багмета. – М.: Юрлитинформ, 2016. – 249 с.

[2] Киселев, Е. А. О возможностях применения средств металлопоиска при производстве следственных действий / Е.А. Киселев // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. – 2019. – № 1-2. – С. 115-123.

В связи с чем, был проведен дополнительный осмотр изъятого автомобиля с применением реагента для выявления следов крови «Люмикрим», индикаторных пластин «Hemophan» и источника света, работающего в УФ части спектра, что принесло положительные результаты. Так, после обработки салона автомобиля реагентом «Люмикрим», в области солнцезащитного козырька со стороны переднего водительского сиденья и подлокотником между передними сиденьями были обнаружены и изъяты следы крови.

Кроме того, при помощи пластин «Hemophan», в области рамки внутренней ручки открывания водительской двери, также были обнаружены и изъяты следы крови.

После этого у гр. А. были получены образцы для сравнительного исследования, а именно - буккальный эпителий и кровь, которые следователем были направленны на молекулярно-генетическую судебную экспертизу. Согласно поступившего заключения которой, установлено, что кровь, обнаруженная в области солнцезащитного козырька со стороны переднего водительского сиденья и подлокотником между передними сиденьями, рамки внутренней ручки открывания водительской двери, принадлежит гр. А.

После чего гр. А. было предъявлены выводы данной судебной экспертизы. Под тяжестью представленных ему неопровержимых доказательств, последний не стал отрицать своей вины и дал подробные показания об обстоятельствах совершения им дорожно-транспортного происшествия, в результате которого погибли двое его товарищей.

Решением суда гр. А. был признан виновным в совершении преступления, предусмотренного п. «а, б» ч. 6 ст. 264 УК РФ, и ему было назначено наказание в виде лишения свободы на срок 8 лет 6 месяцев.

Также, в качестве примера можно привести находившееся в производстве уголовное дело по обвинению гр. М., в совершении преступления, предусмотренного ч. 3 ст. 30, п. «г» ч. 4 ст. 228.1 УК РФ.

Обстоятельства дела: 22 мая 2022 года в районе проезда в г. Ч., вблизи лесной местности, сотрудниками патрульно-постовой службы УМВД России по г. Ч. был остановлен за нарушение санитарного режима гр. М. Во время досмотра гр. М. попытался скрыться с места происшествия, однако его действия были пресечены сотрудниками полиции. В ходе осмотра у него обнаружены и изъяты свертки с различными видами наркотических средств в индивидуальных упаковках, а также сотовый телефон.

Уголовное дело в отношении гр. М. возбуждено 23 мая 2022 года следователем отдела по расследованию преступлений в сфере незаконного оборота наркотиков СУ УМВД России по г. Ч. по признакам преступления, предусмотренного ч. 3 ст. 30, п. «г» ч. 4 ст. 228.1 УК РФ.

В ходе следствия гр. М. полностью отрицал свою причастность к сбыту наркотических средств, заявляя, что они им были приобретены в целях личного потребления.

С целью установления причастности гр. М. к сбыту наркотических средств, был осуществлен осмотр его сотового телефона при помощи АПК «Мобильный криминалист». Так, в ходе осмотра была восстановлена ранее удаленная переписка гр. М. с неизвестной следствию гр. Т. по обстоятельствам сбыта неизвестным лицам наркотических средств, которая не позволяла уличить гр. М. в причастности к совершенному преступлению, в связи с ее давностью, но явно указывала на причастность гр. М. к совершению преступлений, связанных со сбытом наркотических средств ранее, а также о его осведомленности в данной сфере. Поскольку гр. М. всячески отрицал знакомство с гр. Т., а телефонные номера, с которых велась переписка, были не активны, следователем были приняты незамедлительные меры к установлению личности и места нахождения гр. Т. После установления места нахождения гр. Т. появилась возможность ее допроса.

Допрошенная в качестве свидетеля гр. Т. указала, что знакома с гр. М., однако она, совместно с последним, лишь обсуждала возможность приобретения наркотических средств для последующего сбыта. Вместе с тем, в ходе осмотра телефона гр. М. при по-

мощи АПК «Мобильный криминалист» были восстановлены и выгружены фотографии различных лесных местностей и районов города. Назначенная компьютерно-техническая экспертиза позволила определить, что указанные снимки созданы при помощи телефона гр. М., а не получены из иных источников, о чем утверждал последний.

С учетом имеющихся технических возможностей АПК «Мобильный криминалист» и указанной экспертизы были установлены точные места создания обнаруженных фотографий. При этом следствием была выдвинута версия о наличии в данных местах тайников-закладок с наркотическими веществами, в связи с чем, из отделов полиции г. Ч. были затребованы сведения о наличии материалов проверок, уголовных дел по фактам сбыта наркотических средств в указанных районах. Благодаря тесному взаимодействию с сотрудниками полиции, в короткие сроки были получены материалы доследственных проверок в отношении неустановленных лиц по факту сбыта наркотических средств. Была назначена молекулярно-генетическая экспертиза на предмет наличия биологических следов на упаковках с наркотическими средствами. Однако, проведение данной экспертизы было малоэффективным, затруднительным, поскольку упаковки подвергались изменению при проведении химических экспертиз. Вместе с тем, благодаря кропотливой работе экспертов и взаимодействию со следователем, экспертами, указанные экспертизы были проведены, а их результаты позволили на некоторых из упаковок обнаружить следы ДНК, принадлежащие гр. М.

Одновременно была получена информация о телефонных соединениях между абонентами и абонентскими устройствами с привязкой к базовым станциям выхода в эфир (биллинг) по абонентскому номеру, зарегистрированному на гр. М.

Осмотр телефонных соединений с привязкой к базовым станциям позволил сделать вывод, что гр. М. осуществлял звонки в непосредственной близости от мест всех закладок с наркотическими средствами.

В результате наступательной тактики расследования и кропотливой работы удалось добыть неопровержимые доказательства вины гр. М. и предъявить ему обвинение в совершении преступления, предусмотренного ч. 3 ст. 30, п. «г» ч. 4 ст. 228.1 УК РФ, в ходе которого последний полностью признал свою вину, детально сообщив о деятельности, связанной со сбытом наркотических средств в г. Ч. В частности, было установлено, что гр. М. в период с апреля по май 2022 года посредством сети «Интернет» осуществлял переписку с неизвестными ему гражданами, у которых получал различные наркотические средства и путем тайников-закладок распространял их в г. Ч., передавая последним за плату фотографии и географические координаты тайников-закладок наркотических средств.

06.10.2022 гр. М. признан виновным в совершении инкриминируемого ему деяния и ему назначено наказание в виде лишения свободы сроком на 8 лет с отбыванием наказания в колонии строго режима.

Таким образом, можно сделать вывод, что использование новейших технико-криминалистических средств играет важную роль в расследовании преступлений. Их своевременное и качественное использование позволяет сократить время и повысить качество проведения расследования, а также обеспечивает более точные выводы на основе фактов и полученных в результате их использования доказательств.

Вместе с тем, для достижения положительного результата их применения в раскрытии и расследовании преступлений следует учесть, что, прежде всего необходимо: во-первых, знание тактико-технических характеристик используемых технико-криминалистических средств и их возможностей применения в следственной деятельности; во-вторых, владение навыками в использовании технико-криминалистических средств в конкретных следственных ситуациях; в-третьих, тщательная подготовка к проведению следственных действий с использованием технико-криминалистических средств.

**ҚОДИРЗОДА ҒОЛИБ НУРУЛЛО**
Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳукуқии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
E-mail: golibjon2020@mail.ru

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ - ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ*

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Ҳамзамон дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон карда шудааст. Дар ин замина ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат кафолат додааст, ки ин масъулиятро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бевосита мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ менамояд. Аз ин рӯ метавон бо боварӣ иброз намуд, ки нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар амалигардии унсурҳои давлати ҳуқуқбунёд ва устувории он муҳим буда, кормандони онро зарур аст, ки бо ҳисси баланди масъулият ва бо дарназардошти талаботҳои қонун фаъолият намоянд.

Дар ин асно яке аз асосҳои мавҷудияти давлати ҳуқуқбунёд ва пойдории он аз сатҳи баланди шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон, хизматчиёни давлатӣ бахусус кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста мебошад. Зеро чихеле ки иброз мегардад, давлате, ки мақсади ҳуқуқбунёд буданро дорад, бояд ташаккули шуури баланди ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ ва фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқии шаҳрвандонро ҳамчун вазифаи муҳимтарини худ муайян намояд[1].

Аз ин рӯ, раванди ҷаҳонишавӣ ва мушкилоти ҷомеаи кунунӣ (экстримизм, терроризм ва ғайра) тақозо менамояд, ки мунтазам маҳорату малакаи касбӣ, дониш, маърифатнокии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баланд бардошта шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки на ҳамаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ бархурдоранд. Маҳз ҷой доштани чунин мушкилот боис гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба иди касбии кормандони мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартиботи мамлакатро вазифадор намуданд, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва маҳорату малакаи касбӣ, омодагии ҷангӣ, сатҳи донишу маърифатнокӣ, донишҳои ҳуқуқиву сиёсӣ, инчунин, маданияти касбии кормандони соҳа таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, баҳри пешгирӣ намудани ҷинояту ҷинояткорӣ, бартарафсозии хавфу хатарҳои терроризму экстремизм ба амнияту суботи ҷомеа, ҳолатҳои воридшавии ашхос ва гурӯҳҳои ифротгаро ба ҳудуди мамлакат ва пешгирӣ аз роҳҳои ҷалби шаҳрвандони мамлакат ба ҳизбу ҳаракатҳои тундгарову экстремистӣ чораҳои қатъӣ андешанд[2].

---

* *Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазири ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва стратегияи рушд (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289.*

[1] Чернова Э.Р. Теоретические проблемы правового воспитания сотрудников органов внутренних дел // Политика, государство и право. 2013. № 11 // [Захираи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://politika.snauka.ru/2013/11/1064 (санаи муроҷиат: 07.04.2023).

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба иди касбии кормандони маќомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2022, шаҳри Душанбе: [Манбаи электронӣ] - Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2023).

Дар воқеъ, тарбия ва ташаккули шахсияти дорои донишҳои баланди ҳуқуқӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ боиси он мегардад, ки волоияти қонун ҳамчун принсипи давлати ҳуқуқбунёд устувор гардида, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба таври зарурӣ таъмин ва ҳифз карда шавад, баробари ва адолат дар ҷомеа тантана намояд. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани шуур ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо шуур ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ алоқамандии зич дорад. Зеро яке аз асосҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи таълими ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ буда, раванди мунтазам ва мақсаднокро дар бар мегирад. Мақсаднокӣ ва раванди мунтазамии кори тарбияи ҳуқуқиро дар ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ олимони хориҷӣ аз қабили П.П. Баранов, Н.Ф. Рябко ва дигарон[1] ва ҳуқуқшиносони ватанӣ ба монанди Н.Б. Муҳаммадиев, Э.С. Насриддинзода, А.Ш. Одиназода, Р.Ш. Шарофзода, Р.М. Раҷабзода, А.М. Мансурзода, Ш.С. Ҳамроев, Ш.Қ. Ҳасанов, ва дигарон[2] мувофиқан иброз менамоянд. Аз ҷумла Н.Ф. Рябко бар он назар аст, ки тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муташаккил ва мақсадноки таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори шахс мебошад[3]. Э.С. Насриддинзода бошад, тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа барои ташаккул додани шуури ҳуқуқиву фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва ашхоси соҳибмансаб арзёби менамояд[4].

Бо ин мақсад роҳандозии корҳои тарбиявию ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба таври мунтазам дар шуъбаҳои корҳои дохилӣ ба мақсад мувофиқ аст. Сохторҳои мақомоти корҳои дохилиро, ки ба тарбияи ҳайати шахсӣ машғуланд зарур аст, ки танҳо ба донишҳои давраи донишҷӯӣ ва солҳои гузаштаи фаъолияти кории кормандони мақомоти корҳои дохилӣ такя накарда, балки барои баланд гардидани дониш ва маҳорату малакаи касбӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати корӣ чораҳои тахирнопазирро андешида, назорати ҷиддиро аз болои риояи қонуният ва интизоми хизматӣ ташкил намояд. Дар ин баробар зарур аст, ки такмили ихтисос ва бозомӯзии хусусияти ҳатмидошта барои ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилӣ хусусияти меъёрӣ гирифта, пас аз ҳар як давраи фаъолият ба таври мунтазам роҳандозӣ гардиданаш мувофиқи мақсад мебошад.

---

[1] Рябко Н.Ф. Основы правовой педагогики. – Ростов, 1973. – С. 11; Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуќуќ: китоби дарсӣ. Ҷилди 2. - Душанбе, 2016. - С. 610.

[2] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва хуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал – Сино, 2018. – 784 с.; Тошев А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. - М.: Акад. управ. МВД России, 2013. - С. 159-165. Ҳасанов Ш.К. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: (рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқии маҳкумшудагон) – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – С. 45. 4. Ҳамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодежи в Республике Таджикистан: автореф. дисс…канд.юрид.наук. – Душанбе, 2003. – С.13. 5. Насридинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона – 2017, 2019. С. 98. 6. Одиназода А.Ш., Муҳаммадиев Н.Б. Унсурҳои таркибии тарбияи ҳуқуқӣ ва маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ дар ташаккулёбии насли наврас / А.Ш. Одиназода, Н.Б. Муҳаммадзода // Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва ҳуқуқии каҷрафтории ҷавонон дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ва масъалаҳои он» / дар зери таҳрири А.Ш. Одиназода. – Хуҷанд: Ношир, – 2020.

[3] Рябко Н.Ф. Основы правовой педагогики. – Ростов, 1973. – С. 11.

[4] Насридинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Меҳрона – 2017, 2019. - С. 98.

Дар ин баробар Р.М. Раҷабзода иброз менамояд, ки мақсади тарбияи ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии фардӣ ва гурӯҳии ҷомеа....мебошад[1]. Мувофиқан ба ин ақида метавон қайд намуд, ки мақсади тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ ин пеш аз ҳама ташаккули шуур ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад.

Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба маҳорати баланди касбӣ, аз худ намудани арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда ва дар ниҳоди онҳо омили баланд бардоштани масъулият дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ мегардад. Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар баробари ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии касбии онҳо, ҳамзамон малакаи қатъии рафтори қонуниро ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ инкишоф дода, онҳоро мунтазам ба риояи бошуурона ва софдилонаи конунҳо равона месозад. А.М. Тошев иброз менамояд, ки тарбия ва таълими мақсаднок, пайдарпай ва систематикии ҳуқуқӣ, дар якҷоягӣ бо чораҳои пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, метавонад ба вазъи қонуният ва тартибот таъсири назаррас расонад[2]. Илова бар ин тавре Е.К. Матевосова қайд менамояд, ки тарбияи ҳуқуқӣ воситаи муҳими мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ мебошад[3]. Пас, бо дарназардошти ақидаи болозикр метавон муътақид гардид, ки тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба пешгирии амалу кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат намуда, рафтори масъулиятноки онҳоро ташаккул медиҳад.

Инчунин, моҳияти тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз лиҳози ғояҳову арзишҳои ҳуқуқӣ тарбияи шахси бомаърифат, шахси дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ ва аъзои фаъоли ҷамъият мебошад.

Муҳимтар аз ҳама мақсади асосии тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корхои дохилӣ аз он иборат аст, ки кормандон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳои Президент, оинномаҳо, дастурҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пурра дарк намоянд ва дар ин замина пайваста кӯшиш намоянд, ки онҳоро риоя кунанд, ба кор баранд ва қобилияти мустаҳками рафтори қонуниро ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ инкишоф диҳанд.

Амалу кирдори шаҳрвандонро аз нуқтаи назари қонунӣ ва ғайриқонунӣ баҳо дода тавонанд. Ҳамзамон кормандони мақомоти корҳои дохилиро зарур аст, ки дар ҳолатҳои муайян меъёрҳои ҳуқуқиро бо дарназардошти муносибати ҳуқуқӣ дуруст таъмин ва дар амал татбиқ карда тавонанд.

Бояд иброз намуд, ки тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат буда, дар баробари қонунгузории кишвар ҳамзамон чандин барномаву консепсияи давлатӣ[4] дар ин самт роҳандозӣ гардидааст. Дар байни ин санадҳо яке аз

---

[1] Раҷабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Раҷабзода Равшан Муҳиддин. Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 2(46). Душанбе 2020, С 64-68.

[2] Тошев А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. - М.: Акад. управ. МВД России, 2013. - С. 159-165.

3 Матевосова Е.К. Правовое воспитание как средство борьбы с правовым нигилизмом: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Е.К. Матевосова. – М., 2012. – С. 9.

[4] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.04.1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2009 таҳти №253 дар бораи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2012, №678 «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 дар бораи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва ғ.

ҳадафҳои асосии «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ин пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад, мебошад[1].

Дар баробари барномаву консепсияҳои давлатӣ ҳамзамон дар мақомоти корҳои дохилӣ санадҳои дохилидоравие амал мекунанд, ки ҳадафу мақсади онҳо низ тарбияи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Аз ҷумла Фармонҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2006, №1 «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматичиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон», аз 1-уми январи соли 2008, №1 «Дар бораи ба роҳ мондани системаи ягонаи корҳои тарбиявӣ бо ҳайати шахсии сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва мукаммал намудани он», аз 16 марти соли 2009, № 178 «Дар бораи чораҳои бетаъхири таҳкими қонуният ва интизоми меҳнатӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои дохилии идоравӣ, ки баҳри риояи қонуният, интизоми хизматӣ ва ҷорӣ намудани адолат дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба шумор меравад.

Хулосаҳои тавсиявии муаллиф ки метавонад раванди тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро беҳтар намояд.

1. Дар заминаи санадҳои дохилиидоравӣ ба таври ҷидди муносибат намудан ба такмили ихтисоси кормандони ҷавон дар мақомоти корҳои дохилӣ.
2. Ба роҳ мондани машғулиятҳои доимӣ оид ба аҳамияти риояи қонун, интизом ва софдилона иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ ба рафтори намунавӣ, сатҳи баланди маданияти хизматӣ ва иҷрои вазифаҳои саривақтии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат хоҳад кард.
3. Диққати махсус додан ба тарбияи ҳуқуқии кормандони ҷавони мақомоти корҳои дохилӣ. Зарур аст, ки онҳоро сари вақт бо талаботи асосии интизоми хизматӣ, риояи қонуният, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва оқибатҳои ҳуқуқии он шинос намуда, ҳамчун роҳнамо корманди бо таҷриба вобаста карда шавад.
4. Дар вуҷуди кормандони мақомоти корҳои дохилӣ талқин намудани худшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои касбӣ ва хизмати софдилона ба Ватан.

[1] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ шудааст // Адлия (бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Шакли 6,0.

**ҚОДИРЗОДА МИРЗОҚОДИР АЮБ**
Муовини ректори Донишкадаи такмили ихтисоси
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: mirzokodir-1@mail.ru

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА МАВҚЕИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ ДАР НИЗОМИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ

Ҳифзи муҳити зист низ фаъолияти муштараки давлатҳо ва созмонҳои дахлдори байналхалқиро металабад. Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки як давлати алоҳида табиист, ки аз уҳдаи иҷрои ин функсия барояд. Масалан, дар ҳимояи кӯли Арал, кӯли Сарез якчанд давлатҳо ва созмонҳо иштирок мекунанд (ҷалби мутахассисон, маблағҳои муштарак, кумаки бонкҳои ҷаҳонӣ ва ғ.).

Имрӯзҳо ҳифзи табиат ва муҳити зист дар тамоми сайёра, мубориза алайҳи ҷинояткориҳои байналмилалӣ, муаммоҳои демографӣ барин масъалаҳои умдаи махсус ба миён омадаанд, ки ба манфитҳои умумибашарӣ дахолати қатъиро талаб доранд. Барои ҳаллу фасли онҳо саъю кӯшиши якҷояи ҳамаи давлатҳо зарур аст, аз ин ҷиҳат таъмин кардани тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва экологӣ барин функсияҳо бояд инкишоф дода шаванд.

Дар адабиёти пасошӯравӣ бештар таснифи функсияҳо ба дохилӣ ва хориҷӣ истифода мешавад. Ин тасниф ба маҳаки ягонаи эътирофшуда такя мекунад - самтҳои ё соҳаҳои фаъолияти давлат дар дохил ва хориҷӣ кишвар. Айни замон як қатор муҳаққиқон ин таснифро зери шубҳа мегиранд, чунки як қатор функсияҳои дохилии давлат (масалан, экологӣ) хислати хориҷӣ пайдо намудаанд.

Дар ҳамаи таҳдидҳо, бо дарназардошти таҳдиди хатари экологӣ (баландшавии ҳарорати ҳаво дар сайёра, захролудшавии ҳаво бо дуди саноатӣ, камшавии захираи оби нушокӣ ва ғ.) ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиат - функсияи муҳимми ҳаёти имрӯза эътироф мешавад.

Функсияҳои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигари давлат низ бахри ҳаёт ва фаъолияти инсон амалӣ мешаванд. Агар дар кишвар қонуният ва тартиботи устувори ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ таъмин набошанд ё хатари экологӣ ҷой дошта бошад, пас табиист, ки ҳуқуқҳои инсон халалдор мегардад.

Дар раванди вусъати ҳамгироии давлатҳо, алалхусус фаъолияти муштараки онҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми глобалӣ (демографӣ, экологӣ, захиравӣ, энергетикӣ ва ғ.) функсияҳои давлат хислати глобалиро соҳиб мешаванд. Айни замон дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаи ҷудо намудани функсияи алоҳидаи глобалӣ ҷой дорад. Дар асл на ташаккули функсияи алоҳидаи глобалӣ, балки хислати глобалӣ пайдо намудани функсияҳои давлат ба мушоҳида мерасад.

1. Функсияҳои дохилӣ самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд, ки ба идора кардани ҳаёти дохилии мамлакат нигаронида шудаанд. Ин функсияҳо басо гуногун буда, дар воқеъ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлат (иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, ҳифзи ҳуқуқ ва ғ.)-ро дар бар мегиранд.

Функсияи экологӣ ва ё функсияи ҳифзи табиат ва самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ. Омили объективие, ки барои функсияи давлатӣ шудани ҳифзи табиат сабаб гардид, тараққӣ ёфтани инқилоби илмию техникӣ ва самараҳои он барои инсон мебошад.

Инқилоби илмию техникӣ барои қонеъ намудани талаботи одамон мусоидат намуда, дар айни замон бо афзоиши чандкаратаи ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб намудани муҳити табиат алоқамандии ногузир дорад, ки дар навбати худ дар низоми экологӣ ҳар гуна оқибатҳои номатлуб меорад, манбаъҳои обу ҳаворо ифлос мекунад,

радиатсияро баланд месозад, ба олами набототу ҳайвонот, ба саломатӣ ва ҳаёти инсон хатар ба вуҷуд меорад. Дар чунин шароит масъалаи экология на танҳо дар мадди аввали мамлакати алоҳида баромад мекунад, балки ба муаммои бузурги наҷот додани замин, муҳофизати инсон табдил ёфтааст.

Мазмуни асосии функсияи экологӣ аз идоракунии давлатӣ ва мутобиқсозии фаъолият дар соҳаи ҳифзи муҳит, танзими истифодаи неъматҳои табиат, таъмини бехатарии экологӣ, солимгардонӣ ва беҳтар намудани муҳити атроф иборатанд.

Дар татбиқи функсияи экологӣ нақши ҳалкунанда ва пешбарандаро мақомоти захираҳои табиӣ, мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити атроф ва дигар мақомот иҷро мекунанд.

2. Функсияҳои хориҷӣ ин самтҳои асосии фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Функсияҳои хориҷӣ ин самтҳои фаъолияти давлат мебошанд, ки сиёсати берунаро ифода мекунанд, муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ва халқҳоро таъмин мекунанд.

Ҳифзи байналмилалии муҳити атроф ба яке аз соҳаҳои мустақили фаъолияти аксарияти давлатҳои муосир табдил ёфтааст, зеро вазъияти экологӣ сол аз сол ташвишовар шуда, ояндаи кору зиндагонии муътадили одамонро дар рӯи замин зери хатар мегузорад. Ифлосшавии табиат «сарҳадҳои миллӣ»-ро намедонад ва ба муҳити атроф паҳн мегардад. Ин гуна вазъият фаъолияти ба ҳам мутобиқ, мақсадноки ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад. Чунин фаъолият чӣ дар доираи мақомоти тахассусии СММ, чӣ дигар ташкилотҳои байнидавлатӣ васеъ ба кор бурда мешавад.

Э.С. Насриддинзода функсияи давлатро бо дарназардошти омилҳои гуногун таснифбандӣ намуда, дар ин радиф функсияи экологии давлатро ба функсияи дохилии давлат шомил намудааст[1]. Ҳамзамон андешаи ба ҳамин монандро Р.Ш. Шарофзода иброз намуда, ишора ба он мекунад, ки функсияи давлат ба дохилӣ ва хориҷӣ тасниф гардида, масъалаҳои экологӣ ба функсияи дохилии давлат мансуб аст[2].

Дар охири асри XX инсоният ба хатари бӯҳрони экологии ҷаҳонӣ дучор гардид. Ба ақидаи коршиносон, мушкилоти мавҷудаи экологӣ натиҷаи муносибати нодуруст ва харобиовари инсон нисбат ба табиат мебошад. Ҳодисаҳои зиёде аз қабили обхезӣ, заминларза, тӯфону бодҳои сахт, вулқонҳо, раъду барқ, ки гоҳҳо сӯхторҳои азимеро ба вуҷуд меоранд, ба таври стихиявӣ рӯй дода, ҷони садҳо одамонро зери хатар мегузорад. Аз ин рӯ, функсияи экологии давлат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ мешавад. Ифлосшавии ҳаво, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва парандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, бӯҳрони экологӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб мекунанд.

Давлат бо мақсади амалӣ гаштани функсияи экологӣ қонунгузории экологиро такмил медиҳад. Хусусияти глобалӣ пайдо намудани проблемаҳои экологӣ боиси аз ҳудуди як давлат берун баромадани функсияи экологӣ мешавад. Ҳоло давлатҳо баҳри ҳалли проблемаҳои экологии глобалӣ, наҷот додани сайёра ва таъмини ҳастии инсонӣ дар курраи Замин талош доранд. Дар навбати дигар ҳифзи табиат ва муҳити зист вазифаи ҷомеаи башар мебошад.

[1] Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: «Мехрона-2017», 2019. – С. 32.

[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ: нашри 2. / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Матбааи ДМТ: «Сино», 2018. – С. 195.

Бо дарназардошти хатарҳои экологӣ нуфузи функсияи экологӣ минбаъд меафзояд. Чунончи, тибқи пешгӯии олимон соли 2025 аз се ду ҳиссаи аҳолии сайёраи замин аз об танқисӣ мекашанд[1].

Аз ин хотир, функсияи экологӣ дар бахши истифодаи оқилонаи об самти муҳимми фаъолияти давлатҳо, аз он ҷумла ҶТ мебошад. ҶТ ба амалӣ намудани ин функсия эътибори ҷиддӣ медиҳад. Аз ҷумла, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як қатор ташаббусҳои муфид оид ба истифодаи оқилонаи об аз минбари СММ баромад намуданд. Ин ташаббусҳои Сарвари давлати тоҷикон аз тарафи ҷомеаи башар якдилона пазируфта шуданд.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи СММ «Соли байналмилалии оби тоза» (соли 2003), даҳсолаи байналмилалии «Амалиёти об барои ҳаёт» (солҳои 2005-2015), «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (соли 2013) ва солҳои 2018-2028 даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардиданд. Ин иқдомҳо барои амалишавии функсияи экологӣ ва ҳалли проблемаҳои экологии давлат аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

В.Е. Четвернин функсияи экологиро (ҳифз ва барқарор намудани муҳити зисти инсон, истифодаи оқилонаи табиат, пешгирии хатарҳои экологӣ дар натиҷаи пешрафти илмӣ-техникӣ) ба функсияи патерналии давлат дохил менамояд[2].

С.Ш. Шарифзода функсияҳои давлатро бо истифода аз маҳакҳои гуногун ба дохилӣ ва хориҷӣ, доимӣ ва муваққатӣ, инчунин ба омехтаи комплексӣ ҷудо намуда, муаллиф функсияи экологиро ба функсияҳои омехта мансуб медонад. Зеро муҳаққиқ ишора ба он мекунад, ки функсияҳои омехтаи давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки мақсад ва вазифаҳои дохилӣ ва берунии давлатро амалӣ менамоянд. Аз ҷумла, функсияҳои экологӣ ба функсияҳои омехтаи давлат дохил мешаванд, яъне ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ амалӣ шуда, мақсад ва вазифаҳои давлатро ҳал менамоянд[3].

Давраи имрӯзаи инкишофи ҷомеи ҷаҳон як қатор масъалаҳои умумиҷаҳониро ба миён овард, ки ҳалли онҳо кӯшиши ҳамаи давлатҳои оламро тақозо мекунад, ба монанди функсияҳои экологӣ, демографӣ, энергетикӣ, захиравӣ, иттилоотӣ, идеологӣ ва ғ. Дар ҳамин асос, тағйири функсионалии давлат дар самтҳои гуногун таҳқиқоти навро талаб менамояд.

В.Е. Чиркин функсияи экологиро ба гурӯҳи функсияҳои асосии дохилии давлати муосир шомил намудааст[4]. Айнан Н.И. Матузов ва А.В. Малко чунин назарияро ҷонибдорӣ менамоянд[5]. Тавре А.Н. Гловистикова қайд мекунад, ба ташаккули функсияҳои давлати муосир пешрафти илмӣ-техникӣ, дастовардҳои нави илмӣ-техникӣ, ҳифзи муҳити зист, ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ ва иттилоотонӣ таъсири худро мерасонанд[6].

*Ҳифзи байналмилалии муҳити зист.* Функсияи мазкур ба ҳайси соҳаи мустақили фаъолияти аксарияти давлатҳои имрӯза эътироф гардидааст. Хатарҳои глобалӣ ба

[1] Сотиволдиев, Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 205.

[2] Четвернин В.Е. Функции государства // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянц. – М., 2010. – С. 630-642.

[3] Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ: монография / Зери таҳрири Р.Ш. Сотиволдиев. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «МДМТ», 2020. – С. 12.

[4] Чиркин В.Е. Система государственного и муниципального управления: учебник. 3-е изд., перераб. / В.Е. Чиркин. – М.: Норма, 2008. – С. 101-102.

[5] Матузов Н.И., Малько, А.В. Теория государства и права: учебное пособие / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – М.: Юристь, 1999. – С. 58-59.

[6] Пискотин М.И. К вопросу о функциях Советского государства / М.И. Пискотин // Советское государство и право. – 1958. – №1. - С. 90–97.

вазъи экологии ҷаҳони муосир ҳаёту фаъолияти муътадили инсонро дар рӯи замин зери хатар қарор додаанд.

Таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ ба амнияти экологии сайёра таъсири манфӣ доранд. Аз ин ҷост, ки ин омил фаъолияти ҳамоҳангсоз, муташаккил, мунтазам ва мақсадноки ҳамаи давлатҳоро талаб менамояд. Чунин фаъолият ҳам дар чаҳорчӯбаи мақомоти махсусгардонидашудаи СММ ва ҳам дар доираи дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шудааст[1].

Ҳамзамон муҳаққиқи ватанӣ С.Ш. Шарифзода иброз менамояд, ки фароҳам овардани муҳити зисти мусоид ва амалишавии функсияи экологӣ яке аз проблемаҳои замони муосир дар дохили кишвар ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад[2].

Рафти таҳқиқи масоили таснифоти функсияи экологӣ собит намуд, ки функсияи экологӣ ба дохилӣ, берунӣ ва минтақавӣ таснифбандӣ карда мешавад.

Функсияи берунии экологӣ ин маҷмӯи тадбирҳои сатҳи байналхалқии татбиқшавандае, ки барои беҳтарсозии вазъи экологии сайёра, минтақа ва кишвари алоҳида равонагардида, фаҳмида мешавад. Барои он ки ҳолати экологии минтақаи муайян сарҳадбандӣ карда намешаванд ва ба ҳамдигар пайвандии бевоситаро доро мебошанд. Ҳолати мазкурро дар обшавии пиряххо, олудашавии ҳавои атмосферӣ, норасогии сартосарии захираҳои оби нӯшокӣ ва ғ., мушоҳида намуданамон имконпазир мебошад.

Тасдиқи таснифоти болозикрро метавон бо андешаҳои Р.Ш. Шарофзода мустаҳкам намуд, ки мувофиқи он бо дарназардошти хатарҳои экологӣ нуфузи функсияи экологӣ минбаъд бештар мешавад. Чунони, тибқи пешгӯии олимон соли 2025 аз се ду ҳиссаи аҳолии сайёраи замин аз об танқисӣ мекашанд. Дар баробари ин олими мазкур таъкид ба амал меорад, ки функсияи экологӣ дар бахши истифодаи оқилонаи об самти муҳимми фаъолияти давлатҳо, аз он ҷумла давлати Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло масоили экологӣ на фақат таваҷҷуҳи ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ, балки давлатҳои минтақаи муайянро барои масъалагузорӣ ба ҳам овардааст. Ҳолати мазкур аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки амалияи ҳолати функсионалии ҳифзи муҳити зист ва ҳолати захираҳои табиӣ хислати минтақавиро пайдо намудааст.

Аз ин хотир, функсияи минтақавии экологии давлатҳо рӯи кор омадааст, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани тадбирҳои созишномавӣ ва амалӣ бо ҳамбастагии ташкилотҳои байналмилаливу ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба кам кардани хатари ногувор ба вазъи муҳити зист ва истифодаю барқарорсозии сарватҳои табиӣ мебошад.

Механизми минтақавии амалисозии функсияи экологии давлат барои ҳаллу фасл намудани масоили муҳимми экологӣ, ба монанди гармшавии иқлим, норасоии ҳавои барои инсоният мусоиди беолоиш, обшавии пиряххо аз меъёри пешгӯишаванда барзиёд, сӯзиши пайдарҳами ҷангалзор ва чакалакзорҳо, фурӯравии қитъаҳои замин, ботлоқшавии заминҳо, бодлесшавии заминҳо ва монанди инҳо аз ҷониби иттиҳоди давлатҳои минтақаи муайян роҳандозӣ карда мешаванд.

Чунин ҳолатро мо аз ҳамкориҳо дар сатҳи ИДМ, СҲШ барои беҳгардонии ҳолати экологӣ мушоҳида када метавонем. Дар ин замина, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ишораҳо роҷеъ ба ин раванд рафтааст, ки соли 2013 Созишномаи байни давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи оқилонаи

[1] Мелихова А.В. Функции советского и современного Российского государства: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мелихова Анна Владимировна. – Самара, 2006. – С. 176.

[2] Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ: монография / Зери таҳрири Р.Ш. Сотиволдиев. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, професор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «МДМТ», 2020. – С. 134.

об имзо шуд[1]. Ҳамчунин, аз ҷониби С. Ҳасанов иброз карда мешавад, ки масоили экологии сатҳи байналхалқӣ на танҳо вазифаи мақомоти махсусгардонидашудаи СММ, балки вазифаи дигар ташкилотҳо ва созмонҳои минтақавӣ низ ба ҳисоб меравад.

М.М. Соҳибзода вобаста ба масъалаи зикршуда таъкид менамояд, ки ҳифзи муҳити зист яке аз масъалаҳои умдаи инсоният мебошад, ки танҳо бо кӯшиши якҷояи давлатҳо ҳал шуда метавонад[2]. Дар ин маврид Н.Ф. Тоҳиров таъкид менамояд, ки масоили экологӣ танҳо мумкин аст бо кӯшиши якҷояи кишварҳо ҳаллу фасл гардида, он ҳамкории байналхалқӣ ва фаъолияти муштараки давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқиро дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва универсалӣ талаб менамояд[3].

Ҳамин тариқ маълум мегардад, ки функсияи минтақавии экологии давлат он тадбирҳои амалишавандае фаҳмида мешавад, ки барои нигоҳдорӣ, истифодаи самаранок ва барқарорсозии неъматҳои табиӣ ва фароҳамоварии шароити арзандаи экологӣ ба муҳити зисти инсонҳо ва наслҳои оянда робитаи ногусастанӣ дорад.

Функсияи дохилии экологии давлат фарогири тамоми тадбирҳои дохилидавлатӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда ва уҳдадориҳои байналхалқии ҶТ оид ба эҳтиром ва риояи арзишҳои ҳуқуқии экологӣ вобаста ба истифодаи оқилона, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ фаҳмида мешавад.

Дар ин маврид С. Ҳасанов ибрози андеша менамояд, ки мақсади асосии функсияи экологӣ ҳамчун яке аз функсияҳои дохилии давлат ин идоракунии давлатӣ ва мутобиқсозии фаъолият дар соҳаи ҳифзи муҳит, танзими истифодаи неъматҳои табиат, таъмини бехатарии экологӣ, солимгардонӣ ва аз беҳтар намудани муҳити зист иборат буда, дар ин раванд нақши ҳалкунанда ва пешбарандаро мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт ва дигар мақомот иҷро менамояд[4].

Ҳамчунин М.М. Соҳибзода иброз менамояд, ки яке аз самтҳои муҳимми татбиқи сиёсати ягонаи давлатии экологӣ ин таъмини ҳуқуқҳои экологӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқи конститутсионии ҳар шахс ба муҳити зисти солим маҳсуб мегардад[5].

Дар ин радиф Р.Ҷ. Ҷабборов қайд менамояд, ки функсияи экологии давлат чун функсияи алоҳидаи дохилии давлат барои ҳаллу фасл намудани масоили мавҷудаи экологӣ ва таъмини манфиатҳои ҷамъият баҳри самаранок ба роҳ мондани истифодабарӣ, ҳифз ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ равона гардидааст[6].

С.А. Боголюбов таъкид менамояд, ки дар умум вазифаи асосии функсияи дохилии экологӣ амалинамоии идоракунии давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дар фазои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ мебошад[7].

Ҳамчунин, олимони соҳа С.А. Балашенко, Д.М. Демичев ва Б В. Ерофеев бар он назаранд, ки фаъолияти мақомоти салоҳияти умумидошта ва ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҳамчунин тадбирҳои амалишаванда дар ҷодаи аз байн бурдани проблемаҳои ҷойдоштаи фазои экологии кишвар ҳамчун функсияи дохилии экологии давлат арзёбӣ мешаванд.

---

[1] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ: нашри 2. / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Матбааи ДМТ: «Сино», 2018. – С. 206.

[2] Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. н.и.ҳ., дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – С. 376.

[3] Ҳуқуқи байналхалқӣ: китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул профессор Ш.М. Менглиев. –Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 486.

[4] Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ / С. Ҳасанов, М. Ҳасанов. – Душанбе: «Илм», 2017. – С. 181.

[5] Соҳибзода М.М. Асари зикршуда. – С. 179.

[6] Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ҷ. Ҷабборов. – Душанбе: «Ирфон», 2004. – С. 48-49.

[7] Экологическое право: учебник для академического бакалавриата // Под ред. С.А. Боголюбова. – 5-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2016. – С. 138.

Аз андешаву натиҷаи таҳқиқотҳои болозикр маълум мегардад, ки функсияи дохилии экологӣ метавонад ба сифати таснифоти нави умуминазариявӣ эътроф карада шавад, чунки ғояву андешаҳои манзургардидаи назарияи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ низ ин ҳолатро собит намудаанд.

Таснифоти функсияи экологии давлат ин раванди низомноки фаъолияти илмӣ-назариявӣ вобаста ба ҳадаф, мақсад ва дурнамои сиёсати давлатии экологӣ бо дарназардошти самтҳои асосии фаъолияти дохилӣ, минтақавӣ, берунӣ ва байналхалқӣ оид ба таъмини муҳити солиму мусоиди экологӣ ба наслҳои имрӯзаю ояндаи инсоният, роҳандозӣ намудани механизми созгори муносибати одамон ба табиат, амалисозии ҳадафҳои созанда барои истифодаи самаранок, нигоҳдорӣ, ҳифз ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ ва таъмини рушди низомноки қонунгузории соҳаи экологӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу омӯзиши масоили мазкур ба чунин хулоса омаданамон мумкин аст, ки дар низоми функсияҳои давлат, функсияи экологии давлат ба сифати функсияи дохилии давлат баромад намояд ҳам, вале хусусиятҳои берунии худро низ доро мебошад. Аз ин рӯ, барои ба сифати функсияи дохилии давлат эътироф намудани функсияи экологии давлат асосҳои кофӣ мавҷуд буда, асоси самтҳои фаъолияти давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ будани он аз лиҳози расмӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам ғоявӣ асоснок шудаанд.

Ба ин ҳолати болозикр нигоҳ накарда, ҳолати буҳронии муҳити зисти минтақа ва ҷаҳон гувоҳи он шуда истодааст, ки масоили экологӣ ва ҳаллу фасли онҳо на фақат дар доираи функсияи дохилӣ, балки ба ҳайси функсияи берунии давлат низ эътироф карда шаванд. Бо ин назардошт, ба чунин хулоса омаданамон имкон дорад, ки самтҳои асосии фаъолияти давлат оид ба ҳалли масоили экологии дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ метавонад дар худ хислати дохилӣ ва беруниро дошта бошад.

**Костенко Константин Анатольевич**
Заведующий кафедрой уголовного права, криминологии и уголовного процесса
Хабаровского филиала Московской академии Следственного комитета
Российской Федерации, полковник юстиции
E-mail: 73kka@mail.ru

# К ВОПРОСУ О ЗНАЧЕНИИ АНАЛИТИЧЕСКОЙ И ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ РАБОТЫ В КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО РАСКРЫТИЮ И РАССЛЕДОВАНИЮ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Аналитическая и исследовательская работа, являясь одними из наиболее важных направлений криминалистической деятельности, позволяет решать самые сложные задачи в раскрытии и расследовании преступлений. Ее проведение предоставляет возможность организовать непрерывный процесс накопления, систематизации, изучения, осмысления, обобщения и анализа данных о совершенном преступлении, лицах, его совершивших и его криминалистической характеристике.

В рамках такой работы, с учетом индивидуальности каждого преступления, рассматривается самый широкий спектр вопросов, например, связанных с изучением криминологической характеристики не только конкретного вида преступлений, но и смежных составов или с расширением аналитического охвата территориальных границ поисковых мероприятий до района, города, края и т.д. При этом, наиболее важным здесь является опреде-

лить верное направление расследования преступления или определённой его версии, что для следователя имеет первостепенное значение.

Следственным комитетом Российской Федерации такие задачи решаются с помощью применения современных методик и технико-криминалистических средств, а также проводимых аналитических мероприятий, позволяющих выдвинуть и проверить все версии совершенного преступления.

Значение аналитической и исследовательской криминалистической деятельности при расследовании конкретного преступления трудно переоценить. Сама по себе такая деятельность позволяет подобрать наиболее эффективные тактические приемы и технические средства, одновременно совершенствуя их использование, дать необходимые рекомендации с учетом современных методик расследования. На их основе обеспечивается дальнейшая выработка своевременных, обоснованных и рациональных управленческих решений руководителя следственного органа при реализации им организационно распорядительных функций и функций процессуального контроля.

В системе Следственного комитета Российской Федерации (далее также СК России), ряд задач, связанных с обобщением, анализом следственно-криминалистикой и экспертной практики раскрытия и расследования преступлений, проведением научных исследований в сфере криминалистического и экспертного сопровождения следствия и выработкой соответствующих предложений возложена на Управление научно-исследовательской деятельности (Научно-исследовательский институт криминалистики) Главного управления криминалистики (Криминалистического центра) СК России (далее - НИИ криминалистики СК России)[1].

По мнению Председателя СК России А.И. Бастрыкина создание НИИ криминалистики стало закономерным ответом на потребности следствия - поднять на новый уровень научное сопровождение криминалистического обеспечения раскрытия и расследования преступлений, а также обеспечить наращивание научно-технического потенциала ведомства в борьбе с преступностью, ну и конечно, что является не менее важным, это создание собственной научной базы. При этом все результаты научных исследований НИИ носят практико-ориентированный характер, активно используются в следственной практике и публикуются в научно-практических пособиях, предназначенных, прежде всего для следователей[2].

В связи с чем, важным аспектом аналитической и исследовательской работы при раскрытии и расследовании преступлений в системе СК России является ее совершенствование в современных условиях информатизации общественных отношений и развития цифровых технологий.

Цифровая трансформация современного мира «обусловила существенное изменение механизма фиксации в окружающей действительности информации о совершенных преступных деяниях. Расследование практически каждого уголовного дела в настоящее время включает в себя поиск, изъятие и исследование электронных следов»[3].

В связи с этим, НИИ криминалистики СК России проведены научные исследования, направленные на изучение возможностей новых программных методов в установлении обстоятельств совершенных преступлений и причастных к ним лиц. С этой целью, были

---

[1] Официальный сайт СК России // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://sledcom.ru/search?q=nauchno-issledovatelskiy-institut-kriminalistiki-/ (дата обращения: 21.03.2023).

[2] Интервью А.И. Бастрыкина Российской газете. Александр Бастрыкин: При расследовании сложных преступлений развивается цифровая криминалистика [Электронный ресурс] // [Сайт]. - Режим доступа: https://rg.ru/2021/10/18/bastrykin-pri-rassledovanii-prestuplenij-razvivaetsia-cifrovaia-kriminalistika.html (дата обращения: 21.03.2023).

[3] Бессонов А.А. О некоторых возможностях современной криминалистики в работе с электронными следами // Вестник университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). - 2018. - № 3. - С. 46.

В связи с тем, что государственные служащие также субъектами дисциплинарной ответственности за нарушение требований законодательства о предупреждении насилия в семье, Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» предусматривает ряд дисциплинарных взысканий, в том числе отсрочка на один год присвоения очередного квалификационного чина и понижение в должности[2].

В соответствие статьи 93[1] Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях за нарушение требования законодательства Республики Таджикистан о предупреждении насилия в семье, то есть совершение умышленного деяния физического, психического и экономического характера или угроза их совершения в семейных отношениях, если это деяние нарушает права и свободы члена семьи, при отсутствии признаков преступления, статьи 93[2] за нарушение защитного предписания физические лица привлекаются к административной ответственности[3].

Уголовный кодекс Республики Таджикистан предусматривает преступления против личности, такие как Убийство (ст. 104), Доведение до самоубийства (ст. 109), Умышленное причинение тяжкого вреда здоровью (ст. 110), Умышленное причинение вреда здоровью средней тяжести (ст. 111), Умышленное причинение легкого вреда здоровью (ст. 112), Побои (ст. 116), Истязание (ст. 117), Угроза убийством или причинением тяжкого вреда здоровью (ст. 120), Оставление в опасности (ст. 127), Торговля людьми (ст. 130[1]), Вербовка людей для эксплуатации (ст. 132), Принуждение (ст. 134), Изнасилование (ст. 138), Насильственные действия сексуального характера (ст. 139), Понуждение к действиям сексуального характера (ст. 140), Развратные действия (ст. 142), которые посредственно или непосредственно связаны с насилием в семье и за которые предусматривается уголовная ответственность[4].

---

[1] Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Часть первая. от 30 июня 1999 г. № 802 // в редакции Закона РТ от 6.08.2001 г. N 41, от 3.05.2002 г.№5, от 1.03.2005 г.N85, от 29.04.2006г.№180,от 12.05.2007г.*№247*, от 11.03.2010г. №601,от 29.12.2010г.№640, от 03.07.2012г.№850, от 28.12.2012г.№928, 22.07.2013г.№976, от 18.03.2015г. №1178, от 23.07.2016г. №1334, от 02.01.2019г.№1557, от 02.01.2020г.№1656, от 02.01.2020г.№1657.

[2] Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» от 05 марта 2007 г., № 233 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 год, №3, ст.166; №6, ст. 429; 2010 год, №3, ст.158; 2011 год, №6, ст.452; 2012 год, №8, ст.834; №12 ч1, ст.1008; 2013 год. №7. ст. 542; №12, ст.905; 2014 год, №7ч.2, ст.425; 2015 год, №12 ч1, ст.1106; 2016 год, №3, ст.156; 2017 год, №1-2, ст.28, ст.29, №5 ч1, ст.290, 2018 год, №7-8, ст.526.; 2019года, №4-5, ст.225; 2020г, №1. ст.18.

[3] Кодекс об административных правонарушениях Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 г., № 455 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 год, №12, ч-1, ст. 989, ст. 990; 2009 год, №5, ст. 321 №9-10, ст.543; Закон Республики Таджикистан от 18 марта 2022 год, №1861.

[4] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 574 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 г., №9, ст.68, ст.69, №22, ст.306; в редакции Закона РТ от от 19.07.2022 №1895, от 19.07.2022 №1896.

В результате изучения и анализа нормативных правовых актов и практической деятельности правоохранительных органов в области предупреждения насилия в семье можно сделать вывод о том, что такая деятельность в отношении других видов предупреждения имеет особый и отличительный статус. Если в других видах предупреждения преступлений, административных правонарушений работа непосредственно проводится с лицом совершившем преступление или правонарушение, то по линии предупреждения насилия в семье работа в основном проводится с потерпевшим от преступления или правонарушения, в особенности с потерпевшим от преступления или административного правонарушения в семейных отношениях.

Необходимо отметить, что Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье» регулирует общественные отношения, связанные с предупреждением насилия в семье, и определяет задачи субъектов, предупреждающих насилие в семье, по выявлению, предупреждению и устранению причин и условий, способствующих насилию в семье.

**Нозакзода Зулҳия**
Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ: МАФҲУМ, СУБЪЕКТҲО ВА ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон (24.10.2019) оид ба ташаккули шарикии иҷтимоӣ чунин иброз намуданд, ки «Мушкили дигар дар фаъолияти иттифоқҳои касаба ташаккули шарикии иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки он ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Яъне, корфармоён масъулияти иҷтимоӣ ва иттифоқҳои касаба мустақилияти воқеӣ ва фаъолиятро дар ҳифзи манфиатҳои кормандон надоранд. Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти иттифоқҳои касаба аз рӯи тарҳи солҳои 1990-ум қабулгардида ба роҳ монда шуда, имрӯз ба тағйироти ҷиддии сифатӣ ниёз дорад.

Аз ин рӯ, фаъолияти иттифоқҳои касаба бояд бо дарназардошти имкониятҳои нав ва равандҳои муосири иқтисодӣ таҷдиди назар гардида, нақши онҳо дар рушди афзалиятноки ҳуқуқи инсон, сохтори ташкилӣ ва такмил додани имкониятҳои молиявӣ тақвият дода шавад»[1].

Эроди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати мушкилоти иттифоқҳои касаба оид ба шарикии иҷтимоӣ дар шароити имрӯза, воқеан дуруст аст. Зеро яке аз роҳҳои беҳтар намудани омилҳои иҷтимоии фаъолияти меҳнатӣ, ин андозаи музди меҳнат, давомнокии вақти корӣ, рухсатӣ ва дигар шартҳое, ки санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин созишномаи тарафҳо муайян намудан мебошад.

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 128 (4078), 25.10.2019.

Агар чӣ, иттифоқҳои касаба дар ташаккули шарикии иҷтимоӣ корҳои назарра-серо анҷом медиҳад, аммо корфармоён то ҳол мафҳуми шарикии иҷтимоиро пурра дарк накардаанд ва яке аз тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар ташаккули он саҳми муносиб намегузоранд. Ин дар мавридест, ки мафҳуми шарикии иҷтимоӣ - ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, ифода менамояд[1].

Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, монанди мафҳуми шарикии иҷтимоӣ дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидааст[2].

Дар қонуни мазкур, дар баробари мафҳуми шарикии иҷтимоӣ, мафҳумҳои системаи шарикии иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, мақомоти системаи шарикии иҷтимоӣ ифода гардидааст. Зеро Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, тартиби амали системаи шарикии иҷтимоиро ҳамчун муҳимтарин шакли танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманди иқтисодӣ, ки ба таҳкими ҳамкории иҷтимоӣ ва ризоияти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, муайян месозад.

Мафҳуми шарикии иҷтимоиро олимону муҳаққиқон ба тарзу ифодаҳои гуногун шаҳру тавзеҳ дода бошанд, аммо мафҳуми мазкур аз қонунгузории меҳнат, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Зеро, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Ба андешаи А. Шоҳиён, шарикии иҷтимоӣ пеш аз ҳама мафҳумест, ки бо назарияи институтсионалӣ равобити зич дошта, амалӣ гардондани он такмили механизмҳои институтсионалиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар мавриди таҳқиқи асосҳои методологии арзёбии шарикии иҷтимоӣ ба равишҳои институтсионалӣ такя карда шудааст[3].

Қ.А. Миралиён ва Г.С. Абилова вобаста ба шарикии иҷтимоӣ чунин андеша намудаанд, ки «Шарикии иҷтимоӣ - ин намуди низоми амалҳои мутақобилаи ҳамфикрӣ (консенсусӣ) буда, аз субъект, объект ва муносибатҳои иҷтимоии байни онҳо ва механизмҳои амалисозии созиши ноилгардида дар шакли созишномаҳо ва шартномаҳо иборат мебошад»[4].

Олимони зикргардида, ҳамчунин, шарикии иҷтимоир ба ду гурӯҳ: шарикии иҷтимоӣ дар асоси манфиати иҷтимоӣ-иқтисодии гуруҳҳои кормандон ва шарикии иҷтимоӣ дар асоси маҷмӯи мушкилоти шаҳрвандон-гуруҳҳои осебпазири ҷомеа тақсимбандӣ намуданд.

Кишварҳое, ки аъзои Ташкилоти байналмилалии меҳнат мебошанд, аз ҷумла Тоҷикистон дар таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ташаккули шарикии иҷтимоӣ аз тавсияҳои Ташкилоти мазкур истифода менамояд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми назарраси Ташкилоти байналмилалии меҳнатро дар масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоӣ байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён чунин арзёбӣ

---

[1] Шонасриддинов М., Бобокалонов Ғ. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум / Муҳаррири масъулн.и.ҳ., дотсент Ш.Насриддинов. - Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 17.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2006, №7, мод. 350.

[3] Шоҳиён А. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикиии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Автореф. дис. н. илмҳои иқтисодӣ: 08.00.01 / А. Шоҳиён. – Душанбе, 2017. – С. 4.

[4] Миралиён Қ. А., Абилова Г. С. Сотсиологияи идоракунӣ: маводи таълимӣ. – Душанбе: 2017. – С. 102.

намудааст: «Саҳми Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва густариши шарикии иҷтимоӣ байни ҳукуматҳо, иттифоқҳои касаба ва корфармоён назаррас буда, санадҳои қабулкардаи он дар шакли конвенсия ва тавсияҳо ба танзими одилонаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд.

То ин муддат аз ҷониби Тоҷикистон 51 конвенсия ва 22 тавсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат пазируфта шудааст. Дар кишвари мо дар самти муносибатҳои меҳнатӣ давра ба давра санадҳое қабул карда шудаанд, ки ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалӣ буда, бевосита барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, меҳнати шоиста ва таъмини шароити бехатару мусоиди корӣ равона гардидаанд ва ин иқдом минбаъд низ идома дода мешавад.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, аз ибтидои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ амалӣ гардида, асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии мардуми мамлакат тадриҷан такмил дода шуданд»[1].

Татбиқи шарикии иҷтимоӣ аз тарафи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ, асосан дар доираи Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда амалӣ карда мешавад[2].

Зеро таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои кори муштараки шарикони сетарафа дар Тоҷикистон ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат имкон медиҳад, ки дастовардҳои давлат ва шарикони иҷтимоӣ дар самти меҳнати арзанда муайян карда шаванд.

Барномаи ҳамкории сеҷонибаи шарикони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда бар афзалиятҳои миллӣ асос ёфтааст ва натиҷаи муколамаи машваратии шарикони иҷтимоӣ мебошад, ки дар якҷоягӣ бо Бюрои Ташкилоти байналмилалии меҳнат барои далатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ таҳия шудааст.

Дар Барномаи мазкур се афазияти асосӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ ифода гардидааст:

– муосидат ба рушди иқтисод тавассути таъсиси ҷойҳои кории арзанда ва таҳкими иқтидори институтҳои бозори меҳнат;

– бехтарсозии шароити меҳнат ва фарогирии занон ва мардон ва ҳифзи иҷтимоӣ;

– таҳкими иқтидорҳои шарикони сетарафа ва институтҳои муколамаи иҷтимоӣ барои ҳалли масъалаҳои афзалиятнок дар сохаи меҳнат.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 ин панҷумин барномаи ҳамкорӣ дар самти меҳнати арзанда мебошад, ки дар асоси он кори муштарак байни ҳукумат, корфармоён, иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии меҳнат амалӣ карда мешавад.

Дар солҳои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал бо ибтикори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Нақши иттифоқҳои касаба дар амалигардонии шарикии иҷтимоӣ» конференсияи байналмилалӣ бо иштироки намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 128 (4078), 25.10.2019.

[2] Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020 – 2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, № 430 тасдиқ шуд.

Тоҷикистон,  Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи Иттифоқи Касабаи Маорифи Аврупо, Иттиҳоди байналмилалии иттифоқҳои касабаи «Маориф ва илм», Иттифоқҳои касабаи ҷумҳуриҳои Туркия, Қазоқистон, раисони иттифоқҳои касабаи  муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вилоятҳо баргузор гардид, ки дар он нақши иттифоқҳои касаба дар амалигардонии шарикии иҷтимоӣ аз рӯи таҷрибаи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор  гирифт.

Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иҷтимоиро дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла боби 29 (колективи меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат), боби 30 (тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ), боби 31 (шартномаи коллективӣ), боби 32 (назорат ва ба қайдгирии созишнома ва шартномаҳои коллективӣ) ва боби 33 (баррасии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ) ва дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, яхне тавсияҳои Созмони байналмилалии Меҳнат татбиқ менамояд.

Тибқи талаботи моддаи 273 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсади шарикии иҷтимоӣ иборат аст аз:

- татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи кафолатҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мусоидат ба танзими масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла масъалаи муқаррар намудани андозаи музди меҳнат;

– зиёд намудани даромади кормандон дар асоси афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот;

– таъсиси механизми самараноки танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

– гузаронидани музокироти коллективӣ, машваратҳои мутақобила, таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– пешгирии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва мусоидат ба ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

– таҳким ва инкишофи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар асоси принсипҳои демократӣ;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи бозори меҳнат

Танҳо дар соли 2022 дар доираи лоиҳаи Консорсиум аз рӯи таҷрибаи байналмилалии Кумитаи Иттифоқи Касабаи Маорифи Аврупо, Иттифоқи касабаи омӯзгорони Шветсия 100-нафар ба курсҳои омӯзишӣ фарогир гардида, барои татбиқи таҷрибаи бйналмилалӣ дар ташаккули шарикии иҷтимоӣ 10 семинарҳои омӯзишӣ ва курсҳои такмили малакаи кормандони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ карда шуд.

Танҳо, дар се моҳаи якуми соли 2023 кормандони  Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм дар 8 ҷаласа тариқи маҷозӣ (онлайн) ширкат намуда, дар қатори дигар масъалаҳо, вазъи шарикии иҷтимоиро дар Тоҷикистон муаррифӣ намуда, ҳамчунин таҷрибаи байналмилалии Иттифоқҳои касабаи соҳаи маориф ва илми кишварҳои Авруосиёро низ баҳрабардорӣ намуданд.

Намояндагон Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи доимӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ, семинари омӯзишии Кумитаи Иттифоқи Касабаи Маорифи Аврупо ширкат намуданд.

Ҳамчунин, дар доираи нақшаи чорабиниҳои муштараки Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон барои солҳои 2021-2023, нақшаи чорабиниҳои муштарак миёнаи Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону

Ӯзбекистон таҳия карда шуда, барои мувофиқа ба Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод карда шуд, ки дар он табодули таҷрибаи татбиқи шарикии иҷтимоӣ дар Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистону Ӯзбекистон тарҳрезӣ мегардад.

Барои андӯхтани таҷрибаи Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба шарикии иҷтимоӣ, кормандони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон дар ҳайати Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлон ба вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи чорабиниҳои муштарак сафари корӣ намуда оид ба вазъи татбиқи шарикии иҷтимоӣ, роҳҳои ташаккули он, шинос гардиданд.

Бояд ташаккур дод, ки бе ташаккули шарикии иҷтимоӣ дар дохили ҳар кишвар, корбаст ва амалияи таҷрибаи байналмилалӣ дар самти мазкур, номумкин мебошад.

Чуончӣ, дар соли 2022 ташкилотҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шарикии иҷтимоӣ аз тарафи шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқ, нозирони ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқ дар 1079 муассиса санҷиш гузаронида шуд, нисбат ба соли 2021 711 санҷиш ё 77 фоиз зиёд мебошад.

Дар 4752 муассисаю ташкилотҳои соҳа, ки ба Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд 4693 адад шартномаи коллективӣ аз қайди давлатӣ гузаштаанд, ки 98,7 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад.

Дар раванди санҷиш ба корфармоён (роҳбарони муассисаҳои таълимӣ) 1940 амрнома пешниҳод карда шуд, ки нисбат ба соли 2021 шумораи амрномаҳо 1732 ё 12 фоиз зиёд гардидааст.

Дар рафти санҷишҳо 3101 камбудӣ ошкор карда шуд, ки нисбат ба соли 2021, ошккоршавии камбудиҳо 1877 адад ё 39 фоиз зиёд гардидааст. 2951 камбудиҳои ошкоргардида бартараф карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2140 бартарафсозии камбудиҳо ё 37 фоиз зиёд мебошад.

Ҷиҳати амалишавии масъалаи мазкур дар доираи Созишномаи соҳавӣ, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳоди дахлдор намуд.

Мутобиқи банди 3 Протоколи маҷлиси Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бораи рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳолияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 аз 2 августи соли 2022, №1, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 333 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муоинаи тиббии кормандони ташкилоту муассисаҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ҷиҳати ҳамасола ҷудо намудани маблағҳои зарурӣ чораандешӣ менамояд.

Масъалаи мазкур, низ дар маҷлиси Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бораи рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳолияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 аз 2 августи соли 2022 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Яке аз мушкилоти асосии таъмин нагардидани шарикии иҷтимоӣ лид ба имтиёзҳо ба кормандон дар доираи Созишномаи генералӣ, соҳавӣ, созишномаҳои минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ, ин ҷудо нагардидани маблағҳо барои мукофотпулӣ, иловапулиҳо барои кор дар рӯзҳои ид ва истироҳат дар харҷномаи муассисаю ташкилотҳо аз тарафи корфармоён мебошад.

Агарчӣ, имтиёзу ҷубронҳо дар Созишномаи соҳавӣ, созишномаҳои минтақавӣ, шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ гардида бошад, аммо бо сабаби камбуди маблағ

ва ба нақша нагирифтани он дар харҷнома, масъалаи мазкур, амалӣ карда намешавад. Ин дар мавридест, ки шарикии иҷтимоӣ асоси фаъолияти Иттифоқҳои касабаро ташкил медиҳад, зеро шарикии иҷтимоӣ, ин ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоию меҳнатие, ки ба таъмини мутобиқати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд, мебошад. Дар шароити имрӯза, яке аз роҳҳои муассисри ташаккули шарикии иҷтимоӣ, ин тавсиб расонидани шартномаҳои коллективӣ, татбиқи амалии Созишномаи генералӣ, соҳавӣ, созишномаҳои минтакавӣ аз тарафи субъектҳои шарикии иҷтимоӣ мебошад. Агар субъекиҳои шарикии иҷтимоӣ, бахусус ташкилотҳо. Муассисаҳо новобаста аз шакли ҳуқуқии фаъолият ба ин масъала ба таври ҷиддӣ муносибат нанамоянд, на танҳо шариккии иҷтимоӣ ташаккул намеёбад, балки таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт татбиқ ҳам намегардад.

Барои ин зарур аст, ки суъектҳои шарикии иҷтимоӣ, пеш аз ҳама мафҳуми шарикии иҷтимоиро дарк намуда, риояи қонунгузории меҳнат, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнатро таъмину татбиқ намоянд.

Дар ин маврид, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «Танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва амалишавии кафолатҳои иҷтимоии кормандони корхонаҳои кишвар дар доираи шарикии иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат тавассути вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шудааст.

Мутобиқи маълумоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, то якуми июни соли 2019 дар кишвар зиёда аз 91 ҳазор корхона бо шаклҳои гуногуни моликият вуҷуд дошта, аз ин шумора беш аз 20 ҳазор корхона ҳуқуқи бастани шартномаро дорад. Ҳоло қариб 13400 корхона шартномаи коллективӣ дорад, ки 67 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад»[1].

67 % шумораи умумии шартномаҳои коллективӣ, бозгӯи он аст, ки шарикии иҷтимоӣ ҳанӯз дар роҳи ташаккул ёфтан қарор дорад. Ҳоло он, ки масъалаи мазкур, миёни Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шарикии иҷтимоӣ ҳалли худро ёфтааст. Яъне дар ташкилотҳои соҳа байни корфармоён ва намояндагони онҳо, 98 фоиз шартномаҳои коллективӣ ба тавсиб расонида шудааст.

Тазаккур дод, ки Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм дар доираи Созишномаи соҳавӣ, шарикии иҷтимоиро бо Вазорати маориф ва илм дар сатҳи баланд ва бо ҳусни тафоҳум ба роҳ мондааст.

Дар 2022 дар доираи шарикии иҷтимоӣ ҷиҳати тақвияти фаъолият, лоиҳаи 6 Тартиб пешниҳод гардида, кормандони дастгоҳи марказӣ дар 4 гурӯҳи кории байниидоравӣ иштирок намуда, ҳамчунин лоиҳаи 2 санади локалӣ барои омӯзиш ба Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм ворид гардидааст. Ҳамчунин, намояндаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм дар гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба муҳокимаи лоиҳаи Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шуд. Дар доираи шарикии иҷтимоӣ, мониторинги пардохти сафархарҷии омӯзгорон барои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, норасоии кадрӣ, таъмини муассисаҳои соҳаи маориф ба оби ошомиданӣ, сабабҳои тарк намудани касби омӯзгорон гузаронида шуда барои натиҷагирӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 128 (4078), 25.10.2019.

Комиссияи дутарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба раванди иҷрои Созишномаи соҳавӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 дар соли 2022 ва татибқи бандҳои Созишномаи соҳавӣ дар соли 2023 мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҳамин тавр, дар доираи қонунгузорӣ низоми шарикии иҷтимоӣ- принсипҳо ва қоидаҳое, ки тавассути онҳо дар сатҳу сохторҳои гуногун, бо мақсади ҳосил шудани ризоияти тарафҳо, қабули қарорҳои муштарак, татбиқи амалиёти якҷоя ва пешгирии ихтилофот, ҳамкории иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣмеҳнатӣ созмон дода мешавад». Яъне дар умум байни мафҳумҳои илмӣ ва амалӣ тафовути куллӣ вуҷуд надошта, ба самти ягона – танзими муносибатҳо зимни шарикии иҷтимоӣ равона гардидаанд[1]. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, дар доираи созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ дар амал татбиқ карда мешаванд.

**Расулзод Лоиқ Холиқ**
Ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва таъбу нашри
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия
e-mail: rasulzod@inbox.ru

## МАХСУСИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ ДАР МОДЕРНКУНОНИИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ*

Дар низоми муосир рушди давлат, фаъолияти муназзами институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (минбаъд – ТИИ) нақш ва таъсири меҳварӣ дорад. Ин нақш ва аҳамияти ширкатҳо ва корхонаҳое, ки фаъолияти ҳаррӯзаашон бо муштариён, рақобатпазирии бозорӣ ва қонеъ намудани талаботи мизоҷон пайваст аст, хеле барвақт дарк намуда, ба татбиқи технологияи мазкур дар низоми фаъолияти худ рӯ овwarданд.

Дар кишварҳои дорои низоми бозоргонии иқтисод мақомоти давлатӣ нисбат ба ширкатҳо ва корхонаҳои хусусӣ афзалияти ТИИ-ро дар самаранокӣ ва пешрафти низоми фаъолият каме баъдтар дарк намуданд. Бинобар ин, имрӯзҳо дар низоми фаъолияти ин ду бахши фаъолият (хусусӣ ва давлатӣ) тафовутҳо аз нуқтаи назари

[1] Миралиён Қ. А., Абилова Г. С. Сотсиологияи идоракунӣ: маводи таълимӣ. – Душанбе: 2017. – С. 103.

* *Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазири ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва стратегияи рушд (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289.*

истифодаи технолоияи муосир зуд ба чашм мерасанд. Дар ин самт бахши хусусӣ нисбатан пешқадам ва муосир мебошад.

Бо вуҷуди он ки истифодаи ТИИ ҳамчун унсури ҷомеаи иттилоотӣ дар амалияи ҷамъиятӣ аз солҳои 90-ум ба ин тараф маъмул гардид, вале заминаҳои назариявии падида каме пештар дар осори як зумра муҳаққиқон инъикоси худро пайдо намуда буданд. Асарҳои Д. Бел, М. Кастелс[1], Ф. Вебстер[2], Э. Тоффлер[3] ва як катор олимони дигар асосҳои назарияи ҷомеаи иттилоотӣ, ғайр аз ин, шароити пайдоиш ва аҳаммияти нави институтҳои сиёсиро дар ҷомеаи иттилоотӣ ба таври муфассал баррасӣ намуда буданд. Асарҳои ин муҳаққиқон ҳарчанд дар ибтидо ҳамчун эҷодиёти устуравӣ ба назар мерасиданд, вале гузашти вақт нишон дод, ки идеяи ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо табиқшаванда аст, балки барои ҷаҳони нав  ва шароити нави инкишофи давлатҳо унсури ногузир ва ҳатмӣ мебошад.

Ҳамин тавр, рушди имкониятҳо ва зарфиятҳои ТИИ, афзалияти хосса касб намудани истифодаи васеи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба он боис гардид, ки дар нимаи аввали солҳои 90-ум ҳукуматҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон барномаҳои миллии инкишофи ҷомеаи иттилоотиро қабул намоянд.

Ҷорӣ намудани ТИИ дар низоми фаъолияти мақомоти давлатӣ  ва электронишавии бахшҳои мухталифи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ба такмили идораи давлатӣ ва тақвияти сиёсати иҷтимоии кишварҳо мусоидати ҷиддӣ намуд. Ин таҳаввулоти нав дар  идораи давлатӣ ба пайдоиши истилоҳи нав - «ҳукумати электронӣ» ё «давлатӣ электронӣ» сабаб шуд.

Мафҳуми "ҳукумати электронӣ" дар забони русӣ аз тариқи тарҷумаи  айнии калимаи англисии "electronic government", ба ибораи дигар "e-government" ба вуҷуд омадааст. Бори аввал истилоҳи "ҳукумати электронӣ" дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ибтидои солҳои 90-уми асри 20 дар даврони Билл Клинтон мавриди истифода қарор гирифт. Маҳз Билл Клинтон ба рушди интернет ва рушди технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти хоса равона намуда буд. Баъдан ин истилоҳ дар васоит ахбори омма  ва дар матни суханрониҳои расмӣ маъмул шуд. Бо вуҷуди паси сар шудани зиёда аз се даҳсола, то кунун таърифи илмии умумиэътирофшудаи истилоҳи "ҳукумати электронӣ" вуҷуд надорад. Муҳаққиқон истилоҳи "ҳукумати электронӣ"-ро аз паҳлӯҳои мухталиф баррасӣ намуда, ба он тафсири сиёсӣ, иқтисодӣ, техникӣ, амалӣ ва тавсифӣ медиҳанд.

Дар амалияи идораи давлатӣ дар Россия аз соли 2000 инҷониб дар санадҳои расмӣ «ҳукумати электронӣ» ҳамчун «ҳукумат дар шабака» мавриди корбурд қарор гирифта, тадриҷан як қатор таҳқиқотҳои илмӣ низ дар ин замина ба вуҷуд омаданд[4].

Дар ин давра М. Вершинин фаҳмиши "ҳукумати электронӣ"-ро ҳамчун "низоми ҳамкории муколамаи байни давлат ва шаҳрвандон бо истифода аз интернет" маънидод намуда, ин низомро як навъи нави тағйирот дар идораи давлатӣ тавсиф кард, ки муносибати байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси принсипҳои ТИИ ба роҳ монда мешавад[5].

Бо мурури замон муҳаққиқони дигари рус, ки ба омӯзиши назария ва амалияи идораи давлатӣ машғул буданд, ба пажӯҳиши нақш ва аҳамияти "ҳукумати электронӣ" дар идораи давлат рӯ оварданд. Дар натиҷаи таҳлили осори онҳо ду

[1] Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс. – М.: Изд-во ГУ ВШЭ, 2000. - 248 с.

[2] Уэбстер Ф. Теории информационного общества / Ф. Уэбстер. – М.: Аспект Пресс, 2004. - 380 с.

[3] Тоффлер Э. Шок будущего / Э. Тоффлер. – М.: АСТ, 2001. - 560 с.

[4] Об организации предоставления государственных и муниципальных услуг: Федеральный закон от 27 июля 2010 г. № 210-ФЗ // Российская газета. 2010. № 5247. 30 июля.

[5] Вершинин М.С. Политическая коммуникация в информационном обществе / М. С. Вершинин. – СПб: Изд-во Михайлова В.А., 2001. - 253 с.

равиши хосро нибат ба арзёбии моҳияти "ҳукумати электронӣ" метавон мушаххас намуд.

"Ҳукумати электронӣ" дар фаҳмиши "маҳдуд ва ё мӯътадил" ва "васеъ ва ё радикалӣ".

Дар фаҳмиши «мӯътадил» «ҳукумати электронӣ» ҳамчун василаи такмили низоми фаъолияти идораи давлатӣ тавассути истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ шарҳ дода мешавад, ки самара ва натиҷаи татбиқи он дар расонидани хизмат ба аҳолӣ инъикос меёбад. Чунин консепсия ба нерӯи ТИИ ва арзишҳои ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои шаҳрвандон, самаранокии хароҷот, дастрасӣ ба назорати иҷтимоӣ асос ёфтааст. Он ҳамчун тарҳи нави идоракунии давлатии шуморида мешавад, ки дар нати ҷаи дигаргун сохтани муносибатҳои муқарраргардидаи байни шаҳрвандон ва ҳокимият пайдо шудааст[1].

Мувофиқи фаҳмиши «радикалӣ» «ҳукумати электронӣ» на танҳо хусусияти нави муносибатҳои дохилӣ-ташкилиро тағйир медиҳад, балки тамоми системаи муносибатҳои идораи давлатӣ ва ҷамъиятро низ дигаргун менамояд. М.Ю. Павлютенкова ва А.А. Сваруп чунин меҳисобанд, ки моҳияти аслии «ҳукумати электронӣ» дар фаҳмиши аввал бештар муносиби ҷомеа мебошад ва танҳо дар маънои маҳдуд «ҳукумати электронӣ» ҳамчун идеяи идоракунии давлатӣ, ки хосси ҷомеаи иттилоотӣ аст, баррасӣ карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои марбут ба муҳаққиқони рус, ки тайи 10 соли охир ба табъ расидаанд, як қатор тафсирҳои мушаххаси истилоҳи «ҳукумати электронӣ»-ро метавон қайд намуд, ки вобаста ба мазмуни муҳият ва равиши илмӣ ба масъала аз ҳамдигар тафовут доранд. Аз ҷумла «ҳукумати электронӣ» ин:

– хизматрасонӣ ба ширкатҳо ва аҳолӣ бо истифода аз ТИИ, аз ҷумла сохтани вебсомона барои мақомоти давлатӣ;

– ҷорӣ намудани ТИИ дар тамоми самтҳои фаъолияти давлат, илова бар ин, ҳамкории фаъоли мақомоти давлатӣ бо ҳамдигар, бо корхонаҳо ва аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти ҳукумат ва имкони назорати ҷомеа аз болои он;

– системаи тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва воситаҳои техникӣ, ки ба таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба хизматрасонии давлатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути истифодаи ТИИ, инчунин ҳамкории электронии байнисоҳавӣ равона шудааст;

– идеологияест, ки дар асоси он давлат қисми зиёди вазифаҳо ва хидматраоснищои худро тариқи электронӣ амалӣ мекунад;

– тарзи пешниҳоди иттилоот ва расонидани маҷмӯи аллакай ташаккулёфтаи хизматрасониҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ба шаҳрвандон, соҳибкорон, дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ, ки дар он ҳамкории шахсии байни давлат ва шаҳрвандон кам карда шуда, технологияҳои иттилоотӣ ба таври васеъ истифода мешаванд ва ғайра.

Муҳаққиқони ғарбӣ ба истилоҳи «ҳукумати электронӣ» аз мавқеи "самранокӣ" назар менамоянд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида ва Британияи Кабир, олимон зери истилоҳи «ҳукумати электронӣ» консепсияеро мефаҳманд, ки ҳадафи ниҳоии он баланд бардоштани самаранокии ҳукумат мебошад. Он роҳи муосири дигаргунсозии маҷмуи муносибатҳои байни бахши давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Мувофиқи тафсири Кумитаи идоракунии давлатии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, "ҳукумати электронӣ" - ҳамчун механизми таъмини беҳтарини

---

[1] Павлютенкова М. Ю. Социально-политические аспекты концепции «Электронное правительство» / М. Ю. Павлютенкова, А. А. Сваруп // Технологии информационного общества - Интернет и современное общество: труды VII Всероссийской объединенной конференции (Санкт-Петербург, 10–12 ноября 2004 г.). СПб: Изд-во филол. ф-та СПбГУ, 2004. - С. 193–195.

идораи давлат,ислоҳоти сохторҳо, ташаккул додани фарҳанги идоракунӣ тавассути истифодаи ТИИ мебошад. Дар ин фаҳмиш “ҳукумати электронӣ” ва «идоракунии хуб» ҳачун синоним ва падидаи ҳаммаъно ба назар мерасад.

Ҳамаи тафсирҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, мо метавонем ба чунин хулоса оем, ки «ҳукумати электронӣ» - усули пешниҳоди иттилоот ва хизматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон, бахши савдо инчунин дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ бо истифода аз ТИИ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки тибқи арзёбии аксари муҳаққиқон, ки ба пажӯҳиши масъала машғуланд, чаҳор самти муносибатҳо дар раванди татбиқи “ҳукумати электронӣ” зикр мегардад. Инҳо:

– байни институтҳои давлатӣ ва шаҳрвандон (G2C - governmentto-citizen).
– байни ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ (G2B - government-tobusiness);
– байни муассисаҳои давлатӣ ва кормандони онҳо (G2E - government-to-employee).
– байни мақомоти давлатӣ ва зинаҳои гуногуни ҳукумат (G2G -government-to-government).

Чаҳор самтаҳои зикргардида дар маҷмуъ муҳиммтарин ҷанбаъҳои фаъолияти давлат ва ҷомеар дар бар мегиранд, ки дар заминаи татбиқи ҳукумати электронӣ ҳосил мешавад.

Мақсад аз ташкили «ҳукумати электронӣ» ин истифодаи фаъолонаи ТИИ, беҳтарсозии тарзи иртиботи байни шахсони мансабдор ва шаҳрвандон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматҳои давлатӣ мебошад.

«Ҳукумати электронӣ» танҳо харидорӣ ва насб намудани ТИИ-ро дар назар надорад, балки чуноне ки дар боло низ қайд гардид, мақсади асосии он таъмини самаранокӣ дар ҳама гуна шалҳои фаъолият мебошад. Бинобар ин, барои дар сатҳи шоиста табиқ намдуани он омодагии электронӣ ва ё баланд бардоштани фарҳанги истифодаи ТИИ ҳам дар сатҳи хидматчиёни давлатӣ ва ҳам миёни оммаи шаҳрвандон зарур мебошад.

Воқеан, фаъолияти натиҷабахш ва самраноки ҳукумати электронӣ дар сурати мавҷуд набудани механизмҳои хуби иртиботи электронии байнисоҳавӣ ғайриимкон аст. Зеро тавре маълум аст, хадамоти давлатӣ асосан ба шаҳрвандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шудааст. Тибқи низоми анъанавӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро лозим аст, ки барои анҷом додани ягон коре, ки ба мақомоти давлатӣ алоқаманд аст, шахсан тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро бояд ҷамъоварӣ намуда, муассисаву идораҳои зиёдеро давр зананд. Аммо татбиқи «ҳукумати электронӣ» имкон медиҳад, ки онҳо аз ҳама ташвишҳои вобаста ба “ташрифи шахсӣ” халос шаванд. Барои ин пеш аз ҳама зарур аст, ки ниҳодҳои давлатӣ дар навбати аввал зарфиятҳо ва иқтидори иттилоотию иртиботии худро ҳам аз нигоҳи технологӣ ва ҳам кадрӣ хеле баланд бардоранд.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «ҳукумати электронӣ» ба принсипи расонидани хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон дар речаи «равзанаи ягона» асос ёфтааст.

Принсипи мазкур маънои истисно ё маҳдуд кардани иштироки муроҷиаткунандагон (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ)-ро дар раванди аз мақомоти гуногун ҷамъоварӣ ва ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва шаҳодатномаҳои гуногун ба мақомотро ифода мекунад.

Ҳадафҳои асосии татбиқи принсипи «равзанаи ягона» инҳо мебошанд:

– батанзимдарории тартиби аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ гирифтани хизматраосниҳои давлатӣ;
– баланд бардоштани сатҳу сифати дастрасии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба хизматҳои давлатӣ;

– истисно кардани робитаҳои шахсии муроҷиаткунандагон бо шахсони мансабдори мақомоте, ки оид ба пешниҳод (рад кардан)-и хизматҳои давлатӣ қарор қабул мекунанд;

– муқовимат ба коррупсия ва барҳам додани бозори хизматҳои миёнаравӣ, ки дар доираи пешниҳоди хизматҳои давлатӣ аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси талаби ҳаққи хизмат ба роҳ монда мешавад ва ғайраҳо.

Самти афзалиятноки ҳамкорӣ дар татбиқи принсипи «равзанаи ягона» ин ташкили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо ва иттилооте мебошад, ки ба аризадиҳандагон тааллуқ доранд ва дар системаҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ истифода, ташаккул, нигоҳдорӣ ва коркард мешавад.

Таъсиси «ҳукумати электронӣ» ташкили се шабакаи муттаҳидшудаи ҳамкории шаҳрвандон ва тамоми мақомоти ҳокимиятро таъмин мекунад. Ба ибораи дигар, ташаккули низоме, ки дар он шаҳрванд дар маҷмуъ бо сохтори давлатӣ ҳамкории мутақобила мекунад. Ин се шабака иборатанд аз:

– ташкили марказҳои дастгирӣ ва хадамоти телефонӣ барои шаҳрвандон;

– порталҳои хизматҳои давлатӣ ва шаҳрӣ дар шабакаи Интернет дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ;

– шабакаи ягонаи идораҳое, ки ба шӯъбаҳои гуногун хизмат мерасонанд, ба ибораи дигар, марказҳои бисёрмақсадноки пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва коммуналӣ.

Бояд зикр намуд, ки рушду инкишофи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол асосан ба солҳои 1997 рост меояд. Аниқтараш моҳи сентябри соли 1997 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон барнома “Дар бораи таъмини ҳуқуқӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳон” қабул гардид. Ҳуҷҷати мазкур дар рушду инкишофи технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии мамлакат саҳми босазое гузошт. Пеш аз ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои давлатию ҷамъиятӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст гардиданд.

Технологияҳои муосири коммуникатсионӣ, ки дар ҳама соҳаҳо ҷорӣ карда шуда, воситаи мувофиқ ва самараноки табодули иттилоот ва хизматрасонии мизоҷон мебошанд. Инро дар мисоли хизматрасониҳои интерактивӣ дар бахшҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан мумкин аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бахри амалӣ намудани иттилоърасонӣ ва хизматрасонии электронӣ стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла:

– Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-комммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Барномаи давлатии инкишоф ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017;

– Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мебошад, ки заминаи муҳимми стратегии иттилоърасонӣ ва хизматрасонии электронии давлатиро ташкил медиҳанд[1].

Сол то сол  Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи татбиқи унсурҳои ҳукумати электронӣ ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад. Ин пеш аз ҳама ба татбиқи зина ба зинаи санадҳоест, ки номгӯи онҳо дар боло оварда шуданд. Аҳаммияти татбиқи

---

[1] Маҳмадов А.Н., Ибодов А.Ҳ. Нақш ва мавқеи интернет дар сиёсат / Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Қисми 1, - №3/8 (150) . – Душанбе: «Сино», 2014. – 135 с.

«ҳукумати электронӣ»-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар се мавриди зерин метавон дарҷ намуд:

1. баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар ҳама марҳилаҳо, пешгирӣ аз коррупсия, баланд бардоштани сатҳи шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ;
2. имконияти муосир ва муассири иртиботи озоду шаффоф миёни ҳукумат ва ҷомеа;
3. баланд шудани сатҳи боварии ҷомеа ба ҳокимият, институтҳои алоҳидаи он ва мутобиқан таъмини суботи сиёсӣ дар давлат.

Бояд таъкид менамоем, ки «ҳукумати электронӣ» ин лоиҳаи кӯтоҳмуддате нест, ки ҳадафаш расидан ба марҳилаи ниҳоии рушд бошад, балки такмили пайвастаи идораи давлатиро бо такя ба технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ тақозо мекунад. Он системаи идоракунии давлатиро хеле шаффоф ва ба талаботи замона ҷавобгӯ гардонида, дастрасии шаҳрвандонро ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ боз мекунад. Такмили технологияҳои нав боиси афзоиши иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар ва дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва дар натиҷа таҳаввулоти идеалҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад.

**РАҲИМЗОДА Ф.М.**
Унвонҷӯи шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## БА НАЗАР ГИРИФТАНИ МАНФИАТИ ОИЛАВӢ ҲАНГОМИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МОЛИКИЯТИ МУШТАРАКИ ҲАМСАРОН

Барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти оила одатан ҳам моликияти умумӣ ва ҳам моликияти алоҳидаи ҳамсарон истифода бурда мешавад. Принсипи амалкунандаи ҷудо будани моликияти то акди никоҳ мавҷудбуда ва умумӣ будани моликияти дар давраи акди никоҳ ба даст овардашудаи ҳамсарон, асосан дар давраи мунокишаҳои молумулкӣ пайдо мешавад, ки ба муайян намудани тобеияти ҳуқуқии молу мулк равона карда мешавад. Дар реҷаи шартномавии молумулки ҳамсарон, ҷудо кардани молумулки бо асосҳои гуногун ба даст омада, чун қоида дар аҳдномаи никоҳ ба танзим дароварда мешавад[1]. Бояд қайд намоем, ки реҷаи амалкунандаи моликияти муштараки (якҷояи) ҳамсарон реҷаи умумии қонунии ба даст овардани молумулке мебошад, ки аз ҷониби ҳарду ҳамсар дар давраи акди никоҳ ҷамъоварӣ карда шудааст. Дар ин ҷода, принсипи умумият амал мекунад, ки тибқи он молумулке, ки то акди никоҳ ба ҳамсарон тааллуқ дошт, инчунин дар давраи акди никоҳ бо дигар роҳҳо ба даст оварда шудааст, моликияти алоҳидаи ҳар яке аз онҳо эътироф карда мешавад.

Даромад ва пардохтҳое, ки дар м. 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КО ҶТ) номбар карда шудааст (ашёҳои харидаашон, коғазҳои қиматнок, саҳмия, пай ва ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯи ҷамъкарда ва ғ.) ягон таъиноти махсуси мақсаднок надоранд, аз ҷониби ҳамсарон барои ташкил намудан ва зиёд намудани моликияти муштарак истифода карда мешаванд. Онҳоро метавонанд барои ба даст овардани ашёҳои барои оила зарурӣ ва

[1] Маҳмудзода М.А. Аҳдномаи никоҳ. –-Душанбе, 2006. - С. 3-29; Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Мафҳуми аҳдномаи никоҳ: мазмун, шакл ва шартҳои бастани он // Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002 - С. 25-39.

ташкил намудани фонди умумии молумулкӣ бо роҳи ба даст овардани қоғазҳои қимматнок, гузоштани саҳм ба ташкилотҳои қарзӣ истифода намоянд. Ҳамзамон, ҳама намуди дороие, ки аз ҳисоби даромади умумӣ ба даст оварда мешавад, моликияти умумии ҳамсарон ҳисобида мешавад. Чи тавре, ки дар банди 15 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003 бо тағйирот аз 19 марти соли 2009 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ" қайд карда шудааст, ҳамаи амволи манқул ва ғайриманқуле, ки аз тарафи ҳамсарон дар давраи дар никоҳ буданашон ҷамъ карада шудаанд, агар дар шартномаи никоҳи байни онҳо речаи дигари ин молу мулк пешбинӣ нашуда бошад новобаста, аз он ки ба номи кадоме аз онҳо харидорӣ карда шудааст ё маблағҳои пулӣ пасандоз карда шудаанд объекти моликияти муштараки (якҷояи) онҳо шуда метавонанд[1].

Ба ақидаи Б.П. Архипова дар м. 34 КО ФР (м. 34 КО ҶТ)[2] ду номгӯи объектҳои молумулкӣ муқобили ҳам гузошта шудаанд. Яке, ба моликияти якҷояи молумулке ворид карда мешавад, ки аз ҳисоби ин ё он ҳамсар ба даст оварда шудааст, дуюм бошад, танҳо он молу мулк муштарак эътироф карда мешавад, ки аз ҳисоби даромади умумӣ ба даст оварда шудааст. Ба гурӯҳи дуюм, муаллиф аз ҷумла, корхонаро ворид мекунад. Вале қайд менамояд, ки корхонаи дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби як ҳамсар ба даст оварда шуда, ба моликияти муштараки ҳамсарон дохил намешавад. Бинобар ин масъалаи ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳамсарон нисбат ба корхона ба миён меояд. Ҳамзамон, қайд менамояд, ки қонун дигар дар ҳеҷ ҷо хусусияти речаи ҳуқуқии чунин объектҳоро муайян накардааст. Дар робита бо ин бояд қоидаи умумӣ оид ба моликияти муштарак татбиқ карда шавад[3]. Ба ақидаи Е.И. Гладковская бошад фарқияти истилоҳотии зикргардида маънои муқобили ҳам гузоштани гуруҳҳои объектҳои ҷудокардашударо надорад. Ҳамзамон, дар ин бора ҳеҷ гуна мухолифате дар байни муқарраротҳои қ. 2 ва қ. 1 м. 34 КО ФР (мутобиқ ба қ. 2 ва 1 м. 34 КО ҶТ) мавҷуд намебошад. Меъёри қ. 1 м. 34 КО ФР (мутобиқ ба қ. 1 м. 34 КО ҶТ) қоидаи умумӣ буда, мутобиқи мазмуни он ба моликияти муштарак даромад ва пардохтҳои ба даст овардаи ҳар як ҳамсар ворид карда шудааст, ки дар ҷумлаи якуми қ. 2 м. 34 КО ФР номбар шудааст. Мутаносибан ин алакай даромади умумии ҳамсарон мебошад. Ба сифати даромади умумии онҳо ашёҳои манқул ва ғайриманқуле, ки дар ҷумлаи дуюми қ. 2 м. 34 КО ФР (мутобиқ ба қ. 2 м. 34 КО ҶТ) номбар карда шудааст, дохил мешаванд[4].

Ҳамсарон нисбат ба моликияти умумӣ дорои ҳуқуқҳои баробар мебошанд. Зеро, ҳарду дар ба даст овардани он иштирок намудаанд ва молумулкро бар зарари манфиатҳои оила хароҷот накардаанд. Бо розигии тарафҳо муайян карда мешавад, ки корҳои хонаро кӣ иҷро мекунад ва ки шахсан ба нигоҳубини кӯдакон машғул мешавад. Дар ҳолатҳои номбурда ҳамсари бо сабабҳои узрнок дорои даромади мустақил набуда, ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки дар ба даст овардани он иштирок накардааст (қ. 3 м. 34 КО ҶТ) ба моликияти умумӣ ҳуқуқ пайдо мекунад. Зеро, ӯ ба амалисозии манфиати оилавӣ мусоидат менамояд.

---

1 Қарори № 10 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1992- 2012). – Душанбе, 2012. - С. 46.

2 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22, мод. 303; соли 2006, №4, мод. 196; соли 2008, №3, мод. 201; соли 2010, №7, мод. 546; соли 2011, №3, мод. 177; №12, мод. 855; соли 2013, №3, мод. 195; соли 2015, №11, мод. 960. соли 2016, №3, мод.143;№11,мод.881; соли 2017,№1-2,мод.18.

3 Архипов Б.П. Предприятие как предмет права общей совместной собственности супругов // Законодательство. - 2005. - № 10. - С. 24-25.

4 Гладковская Е.И. Семейный интерес в имущественных правоотношениях супругов: дис. канд. юрид. Наук: 12.00.03 / Е.И. Гладковская. - Краснодар, 2006. - С.107; Химматов Х.С. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов (по материалам Республики Таджикистан: дисс. канд. юрид.наук: 12.00.03 / Х.С. Хикматов. – Душанбе, 2008. - С. 31.

Ба моликияти умумӣ даромади ҳар як ҳамсарро аз фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин ашёҳои манқул ва ғайриманқули аз ҳисоби даромади умумӣ ба дастовардашуда, қоғазҳои қимматнок, саҳмҳо, ҳиссаҳо, пайҳое, ки ба ташкилотҳои қарзӣ ё ба дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ гузошта шудааст, ворид намудан мумкин аст.

Муқаррароти м. 34-35 КО ҶТ реҷаи моликияти муштараки ҳамсаронро ба танзим дароварда, ба ташкилоти (корхонаи) хусусии инфиродии онҳо паҳн намегардад. Бинобар ин агар ташкилоти хусусӣ дар давраи ақди никоҳи ҳамсарон бо истифодаи моликияти умумии ҳамсарон таъсис дода шуда бошад, ҳамсари даъвогар нисбат ба даромади аз фаъолияти ташкилоти мазкур ба дастомада ҳуқуқи моликиятии баробари муштаракро (якҷояро) дошта, на ҳуқуқи умумии моликиятро ба молумулки он дорад.

Ба молу мулки аз ҷониби ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ ҷамъовардашуда, пардохтҳои маблағи ба дастовардаи онҳо (нафақа, кӯмакпулӣ, дигар пардохтҳо) агар онҳо таъиноти махсуси мақсаднок надошта бошанд (маблағи кӯмаки моддӣ, маблағе, ки барои аз даст додани қобилияти меҳнат дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ пардохта шудааст ва ғ.) дохил карда мешавад. Инчунин, ҳама дигар молумулке, ки аз ҷониби ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ ба даст оварда шудааст ва аз муомилот гирифта нашудааст ба моликияти умумӣ онҳо ворид карда мешавад. Дар ин маврид ҳифзи манфиатҳои ҳамсарон чунин тақозо намудааст, ки қонунгузории оилавӣ аз принсипҳои умумӣ истисно намояд[1]. Молу мулк новобаста аз оне, ки ба номи кадоме аз ҳамсарон ба даст оварда шудааст ё ба номи кадоме аз онҳо маблағи пулӣ гузошта шудааст моликияти умумии онҳо ҳисобида мешавад.

Таркиби қ. 1 ва 2 м. 34 КО ҶТ воқеан манфиатҳои оилавиро ба инобат мегирад. Зеро, ба он асос меёбад, ки аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ, яъне бо барпо намудани оила ҳамчун умумияти ҳамсарон даромад ва пардохтҳои ба даст овардаи онҳо, ки таъиноти махсуси мақсаднок надоранд барои ташкил намудани умумияти молумулкӣ муттаҳид карда мешавад. Бо назардошти манфиати оилавӣ эътироф намудан лозим аст, ки даромад ва пардохтҳои ба ҳамсарон додашаванда аз лаҳзаи ба онҳо пайдо шудани ҳуқуқи моликияти ба моликияти умумӣ мубадал мегарданд. Аммо, ҳам даромад ва ҳам пардохтҳо ба ҳар як ҳамсарон гузаронида мешавад. Бинобар ин оид ба лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқ ба гирифтани даромад ва пардохтҳо сухан ронда, қайд намудан лозим аст, ки амалӣ намудани ин ҳуқуқро танҳо ҳамсаре метавонад, ки пардохтҳо ва даромадҳо ба он тааллуқ дорад. Ҳамзамон, намояндаи ӯ метавонад, ки чунин ҳуқукро аз номи он амалӣ намояд. Зеро, яке аз ҳамсарон манфиатҳои дигар ҳамсарро бе ягон ваколати махсус танҳо дар соҳаи муносибатҳои моликияти умумӣ доро мебошад. Билохира, воқеан муқаррар намудани далели гирифтани маблағи баҳсӣ танҳо аз лаҳзаи пардохти он имконпазир аст. Дар ин ҳолат дар вақти бо тартиби судӣ тақсим кардан предмети баррасӣ молумулки нақдии ҳамсарон мегардад.

Дар вақти муайян намудани мафҳуми «даромад» ба б. 24 м. 17 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2023[2] назар кардан лозим аст. Тибқи он даромад аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар воридот, манфиат дар шакли пул, моддӣ ё ғайримоддӣ ё (бе тарҳ намудан аз онҳо) аз ҳама намудҳои фаъолият, молу мулк (ҳуқуқҳои молумулкӣ) ва асосҳои дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли пардохти даромад ҳисобида мешавад. Агар бо таври дигар ифода намоем, аз рӯи табиати иқтисодиаш даромад нафъи пулӣ ва моддие мебошад, ки аз ҳамагуна

[1] Томилова Ю.Ю. Относительние правоотношения в механизме правового регулирования: дисс. канд. юрид. наук: 12.00.03 / Ю.Ю. Томилова. - М., 2004. - С. 86-91.

[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри с. 2023 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021, №, мод.44.

сарчашмаҳо (манбаҳо) ва намуди фаъолият бо тарҳи хароҷотҳои кардашуда мебошад[1]. Аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, ки дар Кодекси андоз ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ба Кодекси андоз мухолифат намекунанд, тарҳ карда мешаванд (м. 111 КА ҶТ).

Даромад ҳамон вақт умумӣ эътироф карда мешавад, ки ҳамсар имконияти ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо намояд. Тафсири мафҳуми «даромад (фоида) аз фаъолияти соҳибкорӣ» баҳснок мебошад. Зеро, лаҳзае, ки даромад (фоида) қабулшуда ҳисобида мешавад, даврае, ки он кор анҷом дода шудааст, инчунин вобаста ба корхона бошад – таркиб ва тартиби муайянкунии он дар қонунгузорӣ ва назария якхела баҳогузорӣ карда намешавад.

Дар вақти муайян намудани моликияти умумии ҳамсарон ба даромад аз фаъолияти ташкилот (корхона) бояд хароҷотҳо ба инобат гирифта шавад, вагарна идомаи фаъолияти муътадили корхона душвор мегардад. Ба он зараҷотҳо-хароҷоти тасдиқшудаи ӯҳдадориҳои андоз бо дарназардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз; хароҷоти тасдиқшудаи музди меҳнат, хароҷоти сафарҳои хизматии кормандон дар доираи меъёрҳои муқарраршуда; хароҷоти тасдиқшудаи вобаста ба хариди ашёи хом, маводҳо, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда, ба истиснои ҳароҷоти вобаста ба сохтмон, харидории воситаҳои асосӣ ва васли онҳо, инчунин дигар хароҷотҳо дохил мешаванд. Тарҳи хароҷот дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор ба расмият даровардашуда, ки хароҷоти воқеии вобаста ба гирифтани чунин даромадро тасдиқ менамоянд, иҷозат дода мешавад (м. 111 КА ҶТ).

Имкониятҳои қонунии гузаронидани даромади (фоидаи) соҳибкорӣ ба дигар давра вуҷуд дорад. Он чи, ки ба таркиби даромад (фоида) аз фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ дорад ва ба моликияти муштараки ҳамсарон ворид карда мешавад ё карда шудааст, бо назардошти шарҳи меъёри қ.2 м. 34 КО, ки онҳоро дар як қатор бо дигар пардохтҳои пулӣ мегузорад ба хулоса меорад, ки қонунгузор танҳо даромадҳои соҳибкориро дар шакли пардохти пулӣ ба соҳибкор ба сифати тақсим кардани даромад аз фаъолияти корхона пешбинӣ намудааст. Аммо, корхона онро пардохт намекунад, он танҳо даромадро дар шакли восита (маблағ) ба ҳисоби молик ё дар намуди дигари молумулкӣ ҷамъ мекунад.

Ҳифзи манфиатҳои ҳамсарон тақозо менамояд, ки молу мулки то ақди никоҳ ва дигар молумулки шахсӣ моликияти ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ боқӣ мемонад, ба он нигоҳ накарда, ки онҳоро ҳама аъзоёни оила истифода мебаранд. Ҳамчунон нигоҳдории чунин молу мулк дар шакли дахлдор барои таъмин намудани талаботи умумии оила хароҷотро талаб менамояд. Бинои истиқоматӣ, ки то ақди никоҳ ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дошт ва барои истиқомати оила истифода мешуд, чун қоида кулан таъмир, азнавсозӣ ё азнавкунии таҷҳизотҳо бо назардошти тағйир ёфтани талаботи оила амалӣ карда мешавад. Хароҷотҳо на танҳо аз ҳисоби молики молу мулк, балки аз ҷониби аъзоёни дигари оила низ ба амал бароварда мешавад. Пули умумӣ истифода карда шуда, пардохти маблағи пулӣ ва истифодаи меҳнати ҳамсар, ки молик намебошад низ имкон дорад. То он даме, ки ҳамаи оила объекти номбурдаро истифода мебаранд, онҳо ҳамчун «умумиоилавӣ» қабул карда мешаванд. Ҳамин тавр, умумияти воқеии молу мулк ба вуҷуд меояд, зеро объектҳои зикргардида аз лиҳози ҳуқуқӣ ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дорад. Дар ҳолати барҳам хӯрдани оила зарурати ба мувофиқа овардани муносибатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии молумулкии тарафҳо ба миён меояд.

[1] Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / М.З. Раҳимзода. - Душанбе,. 2018.- С. 242 -243; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / М.З. Раҳимзода. - Душанбе, 2019. - С. 321.

Бояд қайд намоем, ки молу мулки ба ҳар як ҳамсар тааллудоштаро метавон моликияти муштараки онҳо донист, агар муқаррар гардад, ки дар давоми заношӯи аз ҳисоби  молу мулки умумии зану шавҳар ё молу мулки  шахсии зан ё шавҳар ва ё меҳнати онҳо саҳме гузошта шудааст, (таъмири асосӣ, азнавсозӣ, азнавҷиҳозонӣ ва ғайра), ки дар натиҷаи он  арзиши молу мулки ба ҳар кадоме аз зану шавҳар тааллуқдошта хеле афзудааст, агар дар аҳдномаи байни онҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад (м.37 КО ҶТ). Бояд қайд намоем, ки муқаррароти м. 37 КО ҶТ аз он ба миён меояд, ки ба молу мулки то никоҳи яке аз ҳамсар дар давраи зиндагонии якҷоя, ки ба ақди никоҳ асос меёбад бо меҳнат ё маблағи ҳамсарон ё ин ки ҳамсари ғайримолик саҳме гузошта шудааст, ки арзиши хона ё дигар молумулкро хеле зиёд намудааст. Молу мулки зикргардида барои оила таъин гардидааст, бинобар ин ҳамчун объекти умумии оилавӣ, беҳтар карда мешавад. Чунин шакли молу мулк метавонад танҳо объекти моликияти муштараки ҳамсарон эътироф карда шавад, зеро дар ҳолати набудани аҳдномаи никоҳ ва созишнома оиди муайян намудани ҳиссаи молумулки ҳамсарон метавонад ё дар низоми алоҳида ё дар раҷаи молумулки муштарак қарор дошта бошад.  Чунин ҳолат метавонад барои ҳифзи манфиатҳои молумулкии ҳамсарон мусоидат намояд.

Молу мулкро объекти моликияти муштараки ҳамсарон эътироф намудан чунин маъно дорад, ки қонунгузор имкон медиҳад ҳамсар ба молумулки алоҳидаи ҳамсари дигар ҳамчун молумулки умумӣ даъво кунад. Зеро, ҳамсарон оиларо ташкил мекунанд, якҷоя истиқомат мекунанд ва молумулкро истифода мебаранд. Дар ин маврид муқаррар намудан зарур аст, ки дар давраи акди никоҳ ба молумулке, ки моликияти алоҳидаи ҳамсар мебошад, саҳме гузошта шудааст, ки арзиши онро хеле зиёд гардонидааст. Агар саҳми гузошташуда камаҳмият бошад, пас дар вақти тақсим намудани молумулки умумӣ танҳо ба хароҷоти сарфшуда ва рӯёнидани он, аз он ҷумла аз ҳисоби дигар молумулки умумӣ даъво намудан мумкин аст.

Ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳои зикргардида бовар мекунонад, ки умумияти молумулкӣ, ки дар натиҷаи моликияти муштарак эътироф кардани молу мулки ҳар кадоме аз ҳамсарон пайдо шудааст, аз ин пас моликияти муштараки «ғайрианъанавӣ» мебошад, ки ҳамчун низоми қонунии молумулки ҳамсарон пешбинӣ шудааст. Ин гуногунии моликияти муштарак ба назардошти «ҳаёти тӯлонӣ» бо минбаъд муштаракан ба амал баровардани ваколати молики объекти баҳсӣ аз ҷониби ҳарду ҳамсар ба ҳисоб гирифта нашудааст. Дар ҳолати чунин эътироф намудан он ҳуқуқан ба муҳлати тӯлони арзи ҳастӣ карда наметавонад. Объектро моликияти муштараки ҳамсарон эътироф намудан пешакӣ муайян намудани ҳиссаро дар он ва тақсими молумулки баҳсиро мутобиқи ҳиссаи муайяншуда, чун қоида дар як ҳалномаи суд ба миён меорад. Маҳз барои минбаъд муайян намудани ҳисса муқаррар намудани ҳаҷм ва хусусияти саҳми гузошташуда, ки арзиши объектро зиёд намудааст, талаб карда мешавад. Дар асоси м. 37 КО ҶТ объектро моликияти муштарак эътироф намудан ба ҳамсари ғайримолик имкон медиҳад, ки барои эътироф намудани ҳуқуқаш ба ин объект даъво кунад. Дифференсиатсияи минбаъда дар асоси механизми тақсим кардани моликияти муштарак, ки ҷорӣ карда мешавад, ба амал бароварда мешавад, аммо он на бо кӯшиши ба инобат гирифтани дараҷаи гуногуни иштироки ҳамсарон дар зиёд кардани арзиши объекти умумиоилавӣ, ки дар як вақт аз ҷониби ҳамсарон дар давраи ақди никоҳ аз ҳисоби маблағи умумӣ ба даст оварда шудааст асос меёбад, балки ба зарурати тақсим кардани арзиши объекте, ки аллакай объекти моликияти алоҳидаи яке аз ҳамсарон, аз арзиши ин объект, ки бо назардошти дар давраи никоҳ гузоштани саҳм объекти моликияти муштарак эътироф шудааст, вобаста мебошад. Дар чунин парвандаҳо таъин намудани экспертизаи судию техникӣ барои воқеан муайян намудани дараҷаи муҳимияти саҳм ва таъмин намудани гуногунии (дифференсиатсияи) саҳми талабшуда таъин намудан лозим аст.

Е.В. Князева пешниҳод мекунад, ки ба м. 37 КО ФР (мутобиқ ба м. 37 КО ҶТ) чунин муқаррарот илова карда шавад, ки молумулки ҳар кадоме аз ҳамсарон метавонад моликияти муштарак эътироф карда шавад, дар ҳолате, ки агар барои нигоҳдории молумулки ҳамсар-молик (пардохти андоз, пардохтҳои коммуналӣ, таъмири ҷорӣ ва ғ.), ки бе сабабҳои узрнок даромади мустақил надорад, маблағҳои ҳамсари дигар истифода шудааст ё молумулки умумии ҳамсарон истифода шуда бошад[1].

Ба ақидаи мо пешниҳодҳои номбаршуда ба суд имкон медиҳад ҳама объектҳои баҳсиро ба моликияти умумӣ ва алоҳида тақсим намояд, бинобар ин сазовори диққати қонунгузор аст. Ба назари мо дар м. 37 КО қисми нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Молу мулки яке аз ҳамсарон метавонад моликияти муштараки ҳамсарон эътироф карда шавад, агар молумулки якхела ё аз рӯи арзиш баробарарзиши ҳамсари дигар дар давраи ақди никоҳ бегона карда шуда бошад, маблағи ба даст омада бошад ба этиёҷоти умумии оила сарф шуда бошад, ё ин ки агар барои нигоҳдории молумулки ҳамсар-молике, ки бе сабабҳои узрнок дорои даромад намебошад, маблағҳои ҳамсари дигар ё молумулки умумии ҳамсарон сарф шуда бошад.».

Қайд кардан ба маврид аст, ки худи имконияти моликияти муштарак эътироф намудани молумулки яке аз ҳамсарон, зиёдшавии арзиши объекти баҳсиро ба сифати молумулки воқеии умумиоилавӣ ба назар мегирад, мутаносибан мавзӯи исботкунӣ муайян шудааст ва сарбории исботкунӣ байни ҳамсарон тақсим карда шудааст. Дар ин ҳолат ба дигар шахсон додани ҳуқуқ барои даъво намудан дар вақти дар қайди ҳаёт будани ҳамсарон манфиати моддии умумиоилавиро вайрон мегардонад.

**Рустамзода Зарина Рустам**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқ маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
E-mail: rustamzoda83@mail.ru

## ХУСУСИЯТҲОИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР БО ИСТИФОДАИ АЗ ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

Солҳои охир чунин усули хариду фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ кишварҳои Осиёи Марказиро фаро гирифта, ба Тоҷикистон низ расидааст. Ин усули мубодилаи маълумот, хариду фурӯши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро бидуни аз даст ба даст додан, амалӣ менамояд. Таҷрибаи фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки дар замони муосир тарзу усулҳои содир намудани ҷиноятҳо нисбат ба солҳои пештар фарқ менамоянд. Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан бо истифодаи аз шабакаҳои Интернетӣ шаҳодат аз гуфтаҳои боло ба ҳисоб меравад.

Агар аз як тараф, ҳангоми ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор тариқи шабакаҳои Интернетӣ вохурии воқеии интиқолдиҳанда ва гирандаи воситаи нашъадорро истисно намояд, аз тарафи дигар вазифаҳои бисёри криминалие, ки аз

[1] Князева Е.В. Диспозитивность в семейном праве: автореф. дис... канд. юрид. .наук: 12.00.03 / Е.В. Князева. - М., 2003. - С. 16-17.

марҳилаи оғоз то ба охир расидани содиршавии ҷиноят ба вуҷуд омаданашон мумкин аст, ҳалли худро ба таври мунтазам меёбанд[1].

Шабакаи Интернет ба ҳама дастрас шудааст. Шахс метавонад амали ба соҳибияти каси дигар додани воситаи нашъадорро ба шабакаи умумиҷаҳонии Интернет барои пайдо кардани истеъмолкунандагон гузаронад, инчунин паҳнкунандагони эҳтимолии воситаҳои нашъадор ба ин шабакаи Интернетӣ ҳамавақт пайвастагии доимӣ доранд. Ғайр аз ин, бо кӯмаки шабакаи Интернет бо як маҳорати баланд бо роҳи ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ноил мешавад, ки дар он ҳам паҳнкунандагон ва ҳам истеъмолкунандагон ҳавасманд бошанд.

Аз ҷумла, тариқи шабакаи Интернет шумораи зиёди сомонаҳо ташкил шудааст, ки бо воситаи онҳо тарғиб ва ташвиқоти воситаҳои нашъадор амалӣ мешавад.

Ба вуҷуд омадани усули мазкури муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба мақсади ба соҳибияти каси дигар доданро қонунгузори ҷиноятии Федератсия Россия пешбинӣ намудааст.

Амали мазкур дар моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ шудааст, аммо дар ин модда ягон банди алоҳидае дар бораи ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ба воситаи Интернет пешбинӣ нагардидааст[2].

Ҳоло он ки содир намудани ҷинояти ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор тавассути шабакаи Интернетӣ бо сабаби эҳтимолияти истисно будани хавфи ба даст афтодани ҷинояткорон завқу шавқи шахсони ҷиноятпешаро зиёд намуда, дар як вақт ҳангоми ошкор намудани он имкониятҳои зиёди мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода мегарданд. Таҳқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти дахлдор шаҳодатгари он аст, ки дар солҳои охир содир шудани ҷинояти дар боло зикршуда рӯ ба афзоиш дорад. Бо ин мақсад ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор бо истифода аз шабакаҳои Интернетӣ бояд дар қисмати дуюми моддаи 200 Кодекси ҷиноятӣ бо банди алоҳида ҳамчун ҳолати вазнингунандаи ҷавобгарӣ дохил карда шавад.

Дар зери мафҳуми васоити ахбори омма нашриёҳои даврӣ, шабакавӣ, телеканалҳо, радиоканалҳо, барномаҳои телевизионӣ ва дигар шакли паҳншавии ахбори омма бо номгӯи доимӣ фаҳмида мешавад[3].

Дар зери мафҳуми нашриёҳои даврӣ рӯзномаҳо, маҷаллаҳои маҷмӯи асарҳо ва дигар нашриёҳо фаҳмида мешаванд, ки номгӯи доимӣ, рақами ҷорӣ доранд ва на кам аз маротиба дар як сол нашр мешаванд.

Нашрияи сомонавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии Интернет буда, ба сифати васоити ахбори омма мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ба қайд гирифта шудааст[4].

---

[1] Осипенко А. Л., Миненко П. В. Оперативно-розыскное противодействие незаконному обороту наркотических средств, совершаемому с использованием телекоммуникационных устройств // Вестник Воронежского института МВД России. - 2014. - № 1. - С. 151.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуни ҶТ аз 13.11.1998 № 684, аз 10.12.1999 № 877, аз 12.05.2001 № 6, аз 12.05.2001 № 12, аз 2.12.2002 № 64, аз 2.12.2002 № 89, аз 1.08.2003 № 33, аз 1.08.2003 № 45, аз 17.05.2004 № 35, аз 15.07.2004 № 46, аз 1.03.2005 № 86,.......№ 1555, аз 20.06.2019 № 1609, аз 2.01.2020 № 1661, № 1662, аз 04.07.2020 № 1701, аз 07.08.2020 № 1717, аз 17.12.2020 № 1730, аз 20.04.2021 № 1776, аз 23.12.2021 № 1809). м.200.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017, №1407,. м.1.

[4] Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “29” сентябри соли 2017 № 443 тасдиқ шудааст.

Дар зери мафҳумҳои телеканалҳо, радиоканалҳо ин маҷмӯи барномаҳои телевизонӣ фаҳмида мешаванд, ки мувофиқи барномаҳои намоишӣ мунтазам пешниҳод карда мешаванд.

Барномаҳои радио, теле-видео, ин маҷмуи ахборот ва маводи аудиовизуалӣ мебошад, ки номи доимӣ дошта, на кам аз як маротиба дар як сол намоиш дода мешаванд. Бояд қайд кард, ки намудҳои васоити ахбори оммаи дар боло зикршуда барои ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадорро ошкор менамояд. Мафҳуми «сомонаи электронӣ» дар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудааст. Таснифи он ҳам дар сатҳи қонунҳои ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва супоришҳои вазоратҳои алоҳида ва идораҳо низ вуҷуд дорад. Лекин таҳлили қонунгузории амалкунанда ба мо имконият медиҳад, ки таснифи мазкури сомонаи электрониро пешниҳод кунем.

Сомонаи электронӣ – ин низоми технологӣ буда, восита ва хатҳои алоқаро дар бар мегирад ва барои ирсол ё қабули нишонаҳо, аломатҳо, маълумоти шифоӣ, матни хаттӣ, аксҳо, овозҳо ё маълумоти гуногун пешбинӣ шуда, барои дарки инсон бо истифодаи техникаи электронии ҳисоббарор коршоям мебошад.

Дар зери шабакаи иттилоотӣ- телекоммуникатсионӣ низ як мафҳуми технологӣ фаҳмида мешавад, ки он барои ирсол кардан бо хати алоқа маълумоти бо истифодаи васоити техникаи ҳисобарор  пешбинӣ шудааст. Дар аксарияти ҳолатҳо ҷиноятко-рон ба сифати шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, ки ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадорро осон мекунад, шабакаи Интернетро истифода мебаранд, ки дар он шабакаи компютерӣ якҷоя шуда, барои ирсоли маълумот бо кумаки захираҳои иттилоотӣ-ҳисобарорӣ имконият медиҳад. Ҳамзамон, дар сатҳи гуногуни ирсоли маълумоти иттилоотӣ технологияҳои гуногун (ноқилӣ, ғайриноқилӣ, радифӣ ва ғайра) истифода мешаванд.

Хусусияти ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва усули ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор бо воситаи шабакаи Интернет, амалан истифодаи усулҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии тактикиро оид ба муайян кардани иштирокчиёни он мушкил гардонида, бевосита ба асосҳои тактикии кушодани ин гуна ҷиноятҳо таъсири худро мерасонад[1].

Хусусиятҳои муайяншудаи таснифи оперативӣ-ҷустуҷуӣ ва криминалистӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҳамчун сарчашмаи гирифтани маълумоти назаррас барои ҳалли вазифаҳои ташкилӣ-тактикӣ оид ба амалигардонии мубориза бо ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор тавассути шабакаи Интернет аз тарафи воҳидҳои оперативӣ ва тафтишотӣ баромад мекунад. Бақайдгирии ин маълумот истифодаи мақсаднок ва самараноки қувваҳо, воситаҳо ва усулҳои мубориза дар намуди фаъолияти зикршудаи ҷиноятиро таъмин мекунад.

Хусусияти хоси тафтиши чунин ҷиноятҳо дар дарёфт кардан, ба қайд гирифтан ва гирифтани изҳо, инчунин дар гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ ва дар навбати аввал таъйин кардани ташхисҳои гуногун зоҳир мегардад. Ҳамкории муфаттиш ва кормандони оперативӣ дар ҳама марҳилаи тафтишот муҳим арзёбӣ карда мешавад. Вобаста ба таҳлили мавзӯъҳои алоҳидаи таҳқиқшуда ҷиҳати аз бар намудани донишҳои назариявии соҳавӣ ва малакаи корӣ пешниҳодҳои тавсиявии мазкур манзур гардонида мешаванд:

1. Аз бар намудани донишҳои назариявӣ оид ба ҳаракатҳои тафриқавии ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор тариқи шабакаҳои Интернет, ки ҳамчун тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда баромад менамоянд;

[1] Климачков А.В. Оперативно-разыскная характеристика личности участников незаконного сбыта наркотических средств, совершаемого с использованием сети Интернет // Алтайский юридический вестник. - 2017. - № 3 (19). - С. 111-116.

2. Омӯзиши тарзи кор бо компютер ва дигар воситаҳои ба ҳайси компютер истифодашаванда, ки барои содир намудани ҷиноят истифода мегарданд.

**САЛИМОВ БАҲРОМҶОН АЗИЗОВИЧ**
Муовини сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии Комитети давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия.
E-mail: Salimov.romish@bk.ru

# ПАҲНКУНИИ ИДЕОЛОГИЯИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Муҷаҳҳазшавии техникӣ сифати нави ҷинояткорӣ дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ мебошад. Ҷомеаи иттилоотӣ «ҷомеаест, ки дар он рушди иҷтимоию иқтисодӣ пеш аз ҳама ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоот дар байни аъзоёни он вобаста аст»[1].

Гузариши босуръати ҷомеа ба муҳити рақамӣ ва воридсозии технологияҳои инноватсионӣ дар идоракунии равандҳои иҷтимоию истеҳсолӣ роҳҳои нави содир намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнокро дар робита ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба вуҷуд меорад.

Дар ҷомеаи муосир технологияҳои иттилоотӣ дар механизми содир намудани аксари кирдорҳои ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ҷинояткорон аз паҳншавӣ ва мавҷудияти технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда, ҳам дар содир намудани ҷиноят ва ҳам дар пинҳон кардани изи фаъолияти ҷиноятии худ аз онҳо моҳирона истифода мебаранд.

Бо дарназардошти хавфи ҷамъиятии ин навъи ҷиноятҳо, муқовимат ба онҳо дар мадди аввал меистад. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 қайд намуданд, ки «имрӯз гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ шаҳрвандонро ба сафҳои худ ҷалб намуда, ҷавонони камтаҷриба ва гумроҳро ба роҳи радикализм ҳидоят мекунанд»[2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвият додани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мунтазам чораҳо меандешад. Аз ҷумла, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати такмил додани механизми пешгирии ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содиршаванда дар паёми болозикр ба мақомоти дахлдор дастур доданд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад.

Махсусан истифодаи Интернет бо ҳадафҳои террористиву экстремистӣ боиси нигаронист. Аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Интернет ҳамчун воситаи муошират дар саросари ҷаҳон пайваста доираи истифодабарони худро васеъ

[1] Павловец В. И. России нужны не биороботы, а креативный средний класс: о направлениях эффективного реформирования экономики и образования / В. И. Павловец // Альманах современной науки и образования. – 2013, - № 1 (68), - С. 104.
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ». ш.Душанбе, 23.12.2022 с. // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 01.04.2023).

мекунад. Технологияҳои муосири интернетӣ ба муоширати бемаҳдуди одамон дар шароити ниҳонӣ ва зуд бартараф кардани сарҳадҳои давлатӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин, аз ҷониби созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ ин технологияҳо фаъолона истифода мешаванд.

Истифодаи Интернет дар таблиғот, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти террористон мебошад, бештар мушоҳида мешавад. Дар аксари маврид маводи таблиғотӣ дар шакли мултимедиявӣ буда, дастурҳои идеологӣ, тавзеҳот, асосноккунӣ ё таблиғоти фаъолияти террористиро дар бар мегиранд. Онҳо аз паёмҳои виртуалӣ, презентатсияҳо, маҷаллаҳо, файлҳои аудио ва видео, бозиҳои гуногуни электронӣ иборатанд, ки ҷавононро ба иштирок дар нақши террористи виртуалӣ ташвиқ мекунанд. Чунин маводҳо пеш аз ҳама ба ҷонибдорони эҳтимолии созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ нигаронида шуда, ба ҷалб, тундгароӣ ва ташвиқи онҳо ба ҷиноятҳои террористӣ равона гардидааст. Ин маводҳо инчунин метавонанд барои гузориш додани муваффақияти ҳамлаи террористӣ ба онҳое, ки онро маблағгузорӣ мекунанд, истифода шаванд. Инчунин, таблиғот метавонад ҳадафи тарсонидани аҳолӣ бо паҳн кардани ҳисси афзояндаи изтироб, тарс ва ваҳм бошад[1].

Технологияҳои интернетӣ воситаи муассир барои дарёфт ва барқарор кардани муносибатҳо бо ҷалбшавандагони эҳтимолӣ ба созмонҳои террористӣ мебошанд. Террористон барои махфӣ нигоҳ доштани фаъолияти худ аз вебсайтҳои бехатар ва гурӯҳҳои дастрасии маҳдуд истифода мебаранд[2]. Дар раванди ҷалб ба ҳамкорӣ, онҳо аксар вақт ба эҳсосоти ҷалбшаванда дар бораи беадолатӣ, таҳқир ва ҷудоӣ таъсир мекунанд[3]. Дар баробари ин, чунин омилҳои демографӣ, аз қабили синну сол, ҷинс, дин, инчунин шароити иҷтимоию иқтисодӣ ба назар гирифта мешаванд.

Ҷалби одамон ба фаъолияти террористӣ бо тундгароӣ зич алоқаманд аст. Тундгароӣ ҳамчун раванди ифротгароӣ ба табдил додани навҷалбшудагон ба афроде, ки дар асоси идеологияи ифротӣ ба содир кардани амалҳои зӯроварона омода мешаванд, мусоидат мекунад.

Илова бар ин, имкониятҳои Интернетро террористон барои таҳрики амалҳои террористӣ истифода мебаранд. Дар ин ҷо муҳим аст, ки байни таблиғоти оддӣ ва таҳрик ба амалҳои террористӣ фарқ гузошта шавад.

Барои он ки амали содиршуда ҳамчун даъват ба терроризм эътироф карда шавад, мавҷудияти қасд ва робитаи сабабӣ байни таблиғот ва тавтиаи воқеӣ ё амали террористиро исбот кардан лозим аст.

Намунаи возеҳи тундгароӣ ва ҷалб шудан ба фаъолияти террористӣ маводҳои парвандаи ҷиноятии №19630 нисбати шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Т. дар содир намудани ҷиноятҳои дар қисми 2 моддаи 307(2) ва моддаи 401(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, шуда метавонанд. Зимни тафтишот маълум гардид, ки Р.Т. ҳангоми дар муҳоҷирати корӣ дар шаҳри Подолски Федератсияи Россия буданаш дар шабакаи иҷтимоии “Facebook” бо Муслим ном шахс, ки дар Ҷумҳурии Арабии Сурия карор дошт, шинос мешавад. Пас аз сӯҳбатҳои чандинкарата дар мавзуъҳои гуногуни мазҳабӣ ва гӯё тахти зулму ситам ва истисмори давлатҳои ғарбӣ қарор доштани мусулмонон, инчунин ошноӣ бо маводи таблиғотӣ дар бораи ҷанги муқаддаси «Ҷиҳод», Муслим ӯро даъват кард, ки ба Сурия биёяд ва ба сафи ташкилоти байналмилалии террористии (ТБТ) “Давлати исломӣ” ҳамроҳ шавад. Р.Т. розӣ шуда, бо дастури Муслим рӯзи 11 ноябри соли 2019

---

[1] Габриэль Вайманн. Террор в Интернете: новая арена, новые вызовы (Вашингтон, округ Колумбия, Институт мира. США, 2006 г.). – С. 37-38.

2 Скотт Гервер и Сара Дейли, «Аль-Каида: отбор и вербовка террористов», в Справочнике по национальной безопасности McGraw-Hill, Дэвид Камьен, изд. (Нью-Йорк, McGraw-Hill, 2006), - С. 83.

3 Европейская комиссия, Экспертная группа по насильственной радикализации, «Процессы радикализации, ведущие к террористическим актам» (2008) // [Электронный ресурс] / Режим доступа: www.clingendael.nl/publications/2008/20080500_cscp_report_vries.pdf (дата обращения 09.03.2023).

аз шаҳри Маскав ба шахри Истамбули Ҷумҳурии Туркия парвоз кард. Дар он ҷо ӯро пешвоз гирифтанд ва вай ҳамроҳи дигар аъзои ташкилоти номбурда ғайриқонунӣ сархади давлатии Туркияю Сурияро убур карда, ба Сурия расид. Аз минтақаи марзӣ Р.Т. ва хамсафаронашро ба шахри Идлиб бурданд, ки дар он ҷо баъд аз гузаштани таълимоти ҳарбию диверсионӣ, дар амалиётҳои террористии ТБТ “Давлати исломӣ” ба муқобили қувваҳои мусаллаҳи қонунии Ҷумҳурии Арабии Сурия мунтазам иштирок кард[1].

Самти дигари истифодаи Интернет ин маблағгузории фаъолияти террористӣ мебошад. Усулҳои ҷамъоварии маблағҳоро тавассути Интернет метавон ба чор гурӯҳ тақсим кард:

– дархости бевоситаи хайрия;
– тиҷорати электронӣ;
– истифодаи воситаҳои пардохтии интернетӣ;
– миёнаравӣ бо ташкилотҳои хайриявӣ.

Муроҷиатҳои мустақим тариқи вебсайтҳо, гурӯҳҳои чат ва паёмҳои оммавӣ барои дархости хайрия аз тарафдорон амалӣ карда мешавад. Мағозаҳои интернетие, ки дар вебсайтҳо ҷойгир шудаанд, метавонанд барои ҷамъоварии маблағ аз фурӯши китобҳо, сабтҳои аудио ва видео ва дигар маҳсулот ба тарафдорон истифода шаванд. Интиқоли маблағҳои гирифташуда асосан бо истифода аз хидматрасониҳои интернетӣ ба монанди “PayPal” ва “Skype” сурат мегирад.

Ҳамчунин, аксар вақт террористон бо баҳонаи мақсадҳои хайрия тавассути Интернет маблағ ҷамъоварӣ намуда, баъдан дар амалҳои ҷиноятии худ истифода мекунанд. Созмонҳои террористӣ ташкилотҳои хайриявии сохта таъсис дода, аз номи онҳо маблағ ҷамъоварӣ мекунанд. Намунаи ташкилотҳои хайриявии қалбакӣ, ки барои маблағгузории фаъолиятҳои террористӣ дар Ховари Миёна истифода мешаванд, “Бунёди Байналмилалии Беневолент”, “Бунёди Глобалии Имдоди Фаластин” ва “Бунёди Фаластин бо мақсади кумак ва тараққиёт” мебошанд[2].

Ташкилотҳои террористӣ аз имкониятҳои Интернет дар чунин ҷузъе ба мисли омӯзиши террористон низ манфиати зиёд мегиранд. Солҳои охир террористон Интернетро ҳамчун як платформаи маҷозӣ барои омӯзонидани тарафдорони худ истифода мебаранд. Бо ин мақсад дастурҳои амалӣ дар платформаҳои алоҳида дар шакли дастурҳои дарсӣ, маводи аудио ва видеоӣ, паёмҳои гуногуни иттилоотӣ ва тавсияҳо паҳн карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ин дастурамалҳо дар бораи чӣ гуна, масалан, пайвастан ба террористон, чӣ гуна сохтани маводи тарканда, силоҳи оташфишон ё дигар маводҳои барои ҳаёт ва саломатии мардум хатарнок, омода ва анҷом додани амалҳои террористӣ дастур дода шудааст.

Дар ҷомеаи муосир Интернет ба як воситаи муассири тарҳрезӣ ва содир кардани амалҳои террористӣ низ табдил ёфтааст. Бо кумаки он ҳадафи эҳтимолӣ ва василаи муассири расидан ба ҳадафҳои террористӣ муайян карда мешавад. Барои пинҳон кардани изи амалҳои ҷиноятии худ, террористон ҳангоми интиқоли маълумот аксар вақт аз паёмҳои махфӣ истифода мебаранд. Барои интиқоли паёмҳои махфӣ маълумотҳои қайди муштарии почтаи электронӣ истифода мешаванд. Яъне, сиёҳнависи паёме сохта мешавад, ки ба ҳеҷ куҷо фиристода намешавад, аммо дар айни замон шахси дигаре, ки пароли почтаи электронии дахлдорро медонад, бо гузоштани изҳои минималии электронӣ, метавонад дар дилхоҳ нуқтаи ҷаҳон бо мундариҷаи сиёҳнавис шинос шавад. Инчунин, бисёр технологияҳои дигаре

---

[1] Маводи парвандаи љиноятии №19630 нисбати шањрванд Р.Т. аз 05 декабри соли 2019.

[2] Maura Conway, «Terrorist 'use» of the Internet and fighting back", Information & Security, vol. 19 (2006), pp. 12-14 // [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://www.academia.edu/34098438/ (дата обращения 09.03.2023).

мавҷуданд, ки муайян кардани мундариҷаи паёмҳои интернетӣ, инчунин ирсолкунандагон ва қабулкунандагони онҳоро мушкил мекунанд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷомеаи муосир технологияҳои иттилоотӣ дар механизми содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ дошта ҳаматарафа истифода мешаванд. Сатҳи афзоиши ин намуди ҷиноятҳо бо рушди технологияҳои иттилоотӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Вазъият дар ин самт аз он сабаб печидатар шудааст, ки ворид шудани технологияҳои муосир ба муҳити террористӣ нисбат ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зудтар сурат мегирад ва ин ҳолат дар ҷараёни тафтиши ин навъи ҷиноятқорӣ, бахусус ҳангоми ошкор ва сабти далелҳои электронӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ  мушкилот ба вуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, дар шароити рушди пайвастаи технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи васеъи онҳо дар фаъолияти ҷиноятӣ кормандони мақомоти таҳқиқ ва тафтишотро зарур аст, ки донишҳои худро дар ин соҳа такмил диҳанд, аз ҷумла, таҷрибаи ҳамкасбони хориҷиро дар самти ошкор намудан, сабт кардан ва ёфта гирифтани иттилооти рақамӣ аз махзанҳои электронӣ мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Инчунин ҷиҳати дастаҷамъона муқовимат кардан ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла Интернет, бо мақсадҳои террористӣ ва экстремистӣ роҳандозии ҳамкорӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро лозим аст, ки дастовардҳои технологияҳои иттилоотиро дар навбати худ бар зидди фаъолияти ҷиноятии созмону гурӯҳҳои террористию экстремистӣ мақсаднок истифода баранд.  Аз ҷумла, дар самти ҷамъоварии далелҳо, зеро дар ҷомеаи муосир иттилооти электронӣ-рақамӣ дар раванди исбот бо парвандаҳои ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад. Ҳомилҳои электронӣ хеле иттилоотнок буда, маълумоти дар онҳо мавҷудбуда бояд дуруст сабт, гирифта ва ба парвандаҳои ҷиноӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Инчунин, имкониятҳои технологияҳои муосир, аз ҷумла Интернет дар таблиғоти зиддитеррористӣ низ самаранок дониста мешавад. Мубоҳисаҳои онлайнӣ имкон медиҳанд, ки нуқтаи назари мухолиф баён гардад, мубаллиғон ба баҳсҳои асоснок кашида шуда, нодурустии ақидаи онҳо исбот карда шавад ва бо ин васила пеши роҳи ҷалбшавии эҳтимолии нафарони гумроҳ гирифта шавад. Маводҳои далелноки зиддитеррористӣ метавонанд тавассути форумҳои мубоҳисавии интернетӣ, инчунин тасвирҳо ва видеоҳо ба истифодабарандагон мақсаднок расонида шаванд. Илова бар ин, барои дастраси доираи васеи одамон намудан, паёмҳои муҳими дорои маводи маърифатию таълимӣ барои барҳам задани таблиғоти террористиву экстремистӣ метавонанд тавассути Интернет ба забонҳои гуногун паҳн карда шаванд.

**Собирзода Аловуддин Ҷабор**
Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия
E-mail: sobirzoda76@bk.ru

# МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН: СОЛҲОИ 1917-1991

Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон давраи хеле тулонии таърихро дар бар мегирад. Азбаски давлат ва ҳуқуқ дар инкишофи худ тули даҳсолаҳо ва баъзан садсолаҳо тағйироти ҷиддиро аз сар нагузаронида ва якрангу якнавохт (якхела) будааст, бинобар ин дар илм тамоми давраи тулонии таърих чун як давра номбар мешавад.

Даврабандии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро вобаста ба ченакҳои (критерия) гуногун аз рӯи сохту усули давлатдорӣ ва инишофи иқтисодию иҷтимоӣ (форматсионӣ) инкишофи дин, илму фарҳанг, санаду сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, тамаддун ва ғайра сурат мегирад.

Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро ба давраҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Пайдоиши давлат ва ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ (то асри VII пеш аз мелод).
2. Давраи парокандагии давлатдорӣ. Осиёи Миёна дар ҳайати давлатҳои гуногуни ғуломдорӣ (асри VII пеш аз мелод - ибтидои асри VII милодӣ).
3. Заминаҳои пайдоиш ва инкишофи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон (Таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар асрҳои VIII - IX. Истилои араб, паҳн шудани ҳокимият ва сохтори нави идора, Тоҳириён, Саффориён. Қабул шудани дини нав ва паҳн шудани ҳуқуқи ислом).
4. Ҳуқуқ ва давлатдории феодалии тоҷикон. Давраи аввал: инкишофи давлат ва ҳуқуқи Сомониён (асрҳои IX - X). Давраи дуюм: инкишофи сохти феодалӣ (аз асри XI то нимаи якуми асри XIX). Давраи сеюм: давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар ҳайати империяи Россия; ташкилшавии генерал - губернатории Туркистон - нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX).
5. Инқилоби сотсиалистӣ дар Туркистон. Инқилоби халқӣ дар Бухоро. Тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ дар Осиёи Миёна (солҳои 1917 - 1924).
6. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924 - 1929).
7. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1929 - 1991).
8. Давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият (аз соли 1991 то имрӯз)[1].

Дар адабиёти илмӣ танҳо ба масъалаҳои умумии марбут ба асосҳои ташкилӣ - ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонон инъикос ёфтаанд. Аммо осоре, ки оид ба ташакку ва рушди асосҳои ташкилӣ - ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонон аз оғози ҳукумати Шуравӣ то имрӯзро ба таври умумӣ фаро гирад, вуҷуд надорад.

[1] Азизкулова Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан. - Душанбе, 1995. - С. 11–12; Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1. Ч. 1–4 (от древнейших времен до начала XIX века). - Душанбе, 2016. - С. 23.

Масъалаҳои ташккул, рушд ва фаъолияти мақомоти милитсия дар марҳилаҳои гуногуни таърихи давлатдории тоҷик дар осори илмии олимони тоҷик А. Имомёрбеков[1], Н. Ҷ. Назаров[2], А. Ш. Розиқзода[3] дарҷ гардидааст.

Хусусиятҳои фаъолияти мақомот ва унсурҳои сохтори он дар адабиёти илмӣ ва тадқиқотӣ И. Б. Буриев, Ҷ. М. Зоир, М. А. Маҳмудов, Р. Х. Раҳимзода, М. З. Раҳимзода, К. Х. Солиев, Т. Ф. Тоҳиров, Б. Т. Худоёров, Р. Ш. Шарофзода, Ф. Р. Шарифзода ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Халқи тоҷик барои ба даст овардани давлати худ ва ба роҳ мондани раванди давлатдорӣ марҳилаҳои зиёди таърихиро паси сар намудааст. Яке аз чунин марҳилаҳои таърихӣ ин ташаккули милитсияи тоҷик мебошад, ки он аз ташкилёбии милитсияи шӯравӣ замина гирифтааст.

То Инқилоби Октябр ва андаке баъди он халқҳои Осиёи Миёна ба ҳайати генерал - губернатории Туркистон, Россияи подшоҳӣ, аморати Бухоро, хонигарии Хива дохил мешуданд.

Ташкилу ташаккулёбии давлати шӯравии тоҷикро ба давраҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Оғози Инқилоби Октябр, ташкилёбии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон, Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ва ташкилёбии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ то тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна (солҳои 1917 - 1924);
2. Ташкилёбии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон (солҳои 1924 - 1929).
3. Ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ.

*Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои аввали барқароршавии сохти Шӯравӣ: 1917-1924.* 27 октябри соли 1917 хабар дар бораи ғалабаи шуриши яроқнок дар Петроград то ба Туркистон омада расид. 28 октябр коргарон ва солдатҳои Тошкент бо роҳбарии коммунистон ба муқобили истисморкунандагони худ бархостанд. 15 октябри соли 1917 бошад анҷумани 3-юми Шӯрои Туркистони ба муқобилияти меншевикон нигоҳ накарда Ҳукумати шӯроҳоро дар тамоми Туркистон эълон намуда, ҳокимияти Комисариати халқии Шӯрои Туркистонро асос гузоштанд[4].

Ғалабаи инқилоби сотсиалистӣ дар Туркистон, аввалин декрети Ҳукумати Шӯравӣ ва «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Руссия» барномаи ташкил ва пурзур кардани ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

11 ноябри соли 1917 дар машварати сарбозон ва коргарони Хуҷанд ва Шӯрои мусулмонон ҳокимият ба дасти Шӯроҳо гузашт. Гузаштани ҳокимият ба Шӯроҳо яке паи ҳам дар вилоятҳои Самарқанд, Панҷекент ва як қатор ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон авҷ мегирад. Дар шаҳри Ӯратеппа ҳокимият 10 июли соли 1918 ба дасти Шӯроҳо мегузарад[5].

---

[1] Имомбекёров А. История формирования и развития органов милиции на Памире (1917–1945 гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / А. Имомёрбеков. - Душанбе, 2015. - 227 с.

[2] Назаров Н. Дж. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана: 1917–2006 гг.: дис. … докт. юрид. наук: 12.00.01 / Н. Дж. Назаров. - М., 2007. - 382 с.

[3] Розикзода А. Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: автореф. дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / А.Ш. Розикзода. - Душанбе, 2002. - 46 с.

[4] Мулукаев Р. С. Избрание труды: К 80-летию со дня рождения. - М., 2009. - С. 244; История таджикского народа. Т. V: Новейшая история (1917–1941 гг.) / Под ред. Р. М. Масова. Душанбе, 2004. - С. 169-171; Разиков А. Ш. Полицейская служба в дореволюционном Таджикистане // Труды Высшей школы. Душанбе, 1998. № 1. - С. 49–60.

[5] Кахаров А. А. Правоохранительная система Таджикской АССР 1924–1929 гг.: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.А. Кахаров. - Душанбе, 1999. - С. 49.

Дар натиҷаи муборизаи сарбозону коргарон ноябри соли 1918 ҳокимияти Шӯроҳо дар Помир низ барқарор карда мешавад.

Баъди барқарор шудани сохти Шӯравӣ дар Осиёи Миёна ба эмори ҷумҳуриҳои миллӣ - ҳудудӣ оғоз карда шуд. Аз ҷумла: моҳи апрели соли 1918 дар анҷумани V Шӯроҳои кишвар Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон эълон карда мешавад, моҳи июни соли 1918 бошад дар анҷуманҳои I коммунистии Туркистон Ҳизби Коммунистии Туркистон ва 25 сентябри соли 1918 бошад Ҳизби Коммунистии Бухоро ташкил меёбанд. Баъди ғалабаи инқилоб ва ташкили Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухоро (2 сентябри соли 1920) дар ин минтақа Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (6 октябри соли 1920 дар анҷумани I-уми умумибухороии намояндагони халқ) ташкил карда мешавад.

Мақомоти асосии идоракунӣ дар ҶХШ Бухоро Кумитаи инқилобии умумибухороӣ, Шӯрои Нозирони Халқ (Комиссариатҳо), Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ)-и умумибухороӣ, Президиуми КИМ-и умумибухорогӣ, Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ (КДФ), Анҷумани Шӯроҳои депутатҳои халқии умумибухорогӣ (Қурултои[1] умумибухорогӣ), судҳои Шӯравӣ, Кумитаҳои инқилобӣ дар маҳалҳо ва дигар мақомоти идоракунӣ ба ҳисоб рафта ва онҳо зина ба зина мунтазам ташкил, ташаккул ва дар ҳолати рушд қарор доштанд.

28 октябри соли 1917 Комиссариати Халқии ҶШФСР (РСФСР) аз 10 ноябри соли 1917 дар бораи созмон додани милитсия, дар муддати солҳои 1917 - 1918 дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон милитсияи пролетарӣ ташкил меёбад, ки ба Шӯроҳо итоат менамуданд[2]. Ба ҷои политсияҳои подшоҳӣ, ки қувваи асосии ҳукумати муваққатӣ ҳисоб меёфт, дар ҳама ҷо дастаҳои милитсияи пролетарӣ ташкил мешавад. Милитсияи Шӯравӣ ҳамчун мақомоти маҳаллӣ манфиатҳои меҳнаткашонро дар дохили мамлакат ҳимоя мекард. 24 ноябр Шӯрои Комиссариати Халқии Туркистон қарор дар бораи ба Комитети Иҷроияи Шӯроҳо гузаштани милитсияро интишор менамояд[3].

Аввалин санади меъёриии ҳуқуқӣ дар фаъолияти милитсия ин Декрет «Дар

[1] Қурултой - анҷуман.

[2] Кахаров А. А. Указ. раб. - С. 49; Абдуллоев А. Р. Милиция как структурно-функциональный элемент правоохранительной системы Республики Таджикистан // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2017. № 4 (76). - С. 28–31; Абдуллоев А.Р. Об организационно-правовых основах становления полицейской системы Таджикистана ев // Государство право: эволюция, современное состояние, перспективы развития (навстречу 300-летию российской полиции): Материалы XIV международной научно-теоретической конференции (Санкт-Петербург, 27–28 апреля 2017 г.) / Под ред. Н.С. Нижник: В 2 т. Т. II. СПб.: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2017. - С. 344–347; Абдуллоев А.Р. К вопросу о генезисе системы полицейской службы Таджикистана // Право и государство: проблемы методологии, теории и истории: Материалы международной научно-практической конференции (Краснодар, 10 мая 2018 г.) / Ред. кол.: Л.В. Карнаушенко, И.В. Яблонский, Г.П. Курдюк. Краснодар: Краснодарский университет МВД России, 2018. - С. 324–329.

[3] Разиков А. Ш. Указ раб. - С. 49–60; Розиков А. Ш. Государственная иррегулярная (временная) милиция Таджикской АССР // Труды Высшей школы. Душанбе, 1999. № 2. - С. 75–77; Абдуллоев А. Р. Милиция как структурно-функциональный элемент правоохранительной системы Республики Таджикистан // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. 2017. № 4 (76). - С. 28–31; Абдуллоев, А.Р. Об организационно-правовых основах становления полицейской системы Таджикистана ев // Государство право: эволюция, современное состояние, перспективы развития (навстречу 300-летию российской полиции): Материалы XIV международной научно-теоретической конференции (Санкт-Петербург, 27–28 апреля 2017 г.) / Под ред. Н.С. Нижник: В 2 т. Т. II. СПб.: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2017. - С. 344–347; Абдуллоев, А.Р. К вопросу о генезисе системы полицейской службы Таджикистана // Право и государство: проблемы методологии, теории и истории: Материалы международной научно-практической конференции (Краснодар, 10 мая 2018 г.) / Ред. кол.: Л.В. Карнаушенко, И.В. Яблонский, Г.П. Курдюк. Краснодар: Краснодарский университет МВД России, 2018. - С. 324–329.

бораи милитсияи синфи коргару деҳқон»[1] ба шумор меравад, ки дар он танҳо ҷанбаҳои ташкил намудани милитсия қайд гардида буд.

Банди 3 ин Декрет муқаррар менамояд, ки: «Ҳокимияти ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ уҳдадоранд, ки ба мусаллаҳгардонии милитсияи коргарӣ ва таъминоти он бо қувваҳои техникӣ, то ҳадде, ки таъмини он бо силоҳи давлатӣ, мусоидат намоянд». Яъне, ҳалли масъалаҳои муқаррар намудани ҳокимияти навтаъсиси шӯравӣ, пахш намудани ошубҳои собиқ ҳокимиятдорон, нобуд сохтани босмачиҳо ва ба низом даровардани тартибот дар ҷамъият дар мадди аввал меистод. Маҳз бо ин сабаб, ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти навтаъсиси милитсия начандон аҳамият дода мешуд.

Бояд қайд намоем, ки дар заминаи чунин шароит ташаккули давлат ва мақомотҳои давлатӣ, ба роҳ мондани ҳифзи иҷтимоии кормандони ин ё он сохтори давлатӣ ва комил намудани базаи ҳуқуқии ҳимояи иҷтимоии онҳо ғайри имкон аст.

Давлат, пеш аз ҳама, тамоми иқтидори мақомоти навтаъсиси худро ба мубориза бо босмачиҳо ва аз байн бурдани хаによる ҳаробкорӣ, ғоратгарию одамкушии онҳо равона сохта буд.

Барои ба даст овардани натиҷаи самараноки мубориза зидди амалҳои харобкоронаи босмачиҳо ҷалби кормандони милитсия ба ин мубориза зарур аст, ки онҳоро тавассути ҳавасманднамоӣ, таъмин ва ҳифзи иҷтимоӣ метавон роҳандозӣ намуд. Бинобар ин, масъалаи мазкур аз мадди назари давлат дур набуда, ба таври имкон чораҳои ташкилию меъёрии вобаста ба давру замона дастрас амалӣ карда мешуд.

Якушев В. А. қайд менамояд, ки бо Декрети Кумитаи марказии иҷроияи (минбаъд КМИ) умумироссиягии ҶШФСР аз 16 сентябри соли 1918 аввалин ордени «Байрақи Сурх» таъсис дода шуд. Шӯрои комиссарони халқии (минбаъд ШКХ) ҶШФСР аз солҳои аввали хукмронии ҳокимияти советӣ ба таъминоти кормандони милитсия бо либоси махсуси низомӣ машғул шуд. Асоси ҳуқуқии чунин таъминот Дастурамали Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (минбаъд КХКД) ва Комиссариати халқии адлия (минбаъд КХА) ҶШФСР аз 12 октябри соли 1918 мебошад, ки дар мушовараи КХКД ҶШФСР моҳи ноябр тасдиқ гардида буд[2].

Инчунин, В.А. Якушев қайд менамояд, ки 3 апрели соли 1919 бо Декрети ШКХ ҶШФСР таъминоти пулии милитсия ба буҷети давлатӣ гузаронида шуд. Пардохти меҳнати кормандони милитсия аз рӯйи меъёри (ҷадвалӣ) тасдиқнамудаи КХКД ва Комиссариати халқии меҳнати (минбаъд КХМ) ҶШФСР муқаррар карда шуд[3].

Аз соли 1922 сар карда, ҳангоми пардохти маош баҳисобгирии собиқаи хизматӣ амалӣ карда мешуд[4]. Механизми ҳуқуқии мукофотонидани кормандони милитсия бо ордени «Байрақи Сурх» дар асоси Декрети КМИ умумироссиягии ҶШФСР аз 16 октябри соли 1922 муқаррар карда шуда буд.

Аммо, ин чораҳо барои таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандони милитсия басанда набуд. Онҳо барои таъминоти худ ва оилаи худ, ҳади ақал бо маводи озуқаворӣ таъмин набуданд. Чунин ҳолат кормандони милитсияро водор месохт, ки танҳо дар фикри таъминоти худ ва аҳли оилаи худ бо маводи озуқаворӣ буда, худ ба корҳои ғайриҳуқуқӣ роҳ диҳанд ва оид ба иҷрои вазифаҳои хизматии ба дӯш доштаашон тамоман фаромуш намоянд.

---

[1] Розикзода А. Ш. Становление милиции Таджикистана: монография. Душанбе: Ирфон, 2011. - С. 107; Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 1994. - С. 44.

[2] Якушев В. А. Правовые основы материально-технического обеспечения и социальной защиты сотрудников полиции и милиции в Российском государстве, 1718 -2009 гг. (историко-правовое исследование): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / В.А. Якушев. - М., 2010. - С. 109.

[3] Ҳамон ҷо. - С. 62.

[4] Ҳамон ҷо. - С. 63.

Азимӣ У. А. қайд менамояд, ки санҷиши фаъолияти милитсия муносибати дағали кормандонро бо аҳолӣ муайян намуд. Аксаран онҳо ба аҳолӣ таҳдид намуда, талаб мекарданд, ки ба онҳо маводи озуқаворӣ диҳанд. Инчунин, милитсионерҳо ба беаҳамиятиву фориғболӣ роҳ дода, майнушӣ мекарданд. Чунин бесарусомониҳо нуфузи мақомоти милитсияро дар назди аҳолӣ коста месохт ва нобовариро ба кормандони милитсия зиёд мекард[1].

Бинобар ин, дар асоси фармони Раёсати вилояти Самарқанд таҳти №8484 аз 4 октябри соли 1923 ба ҳайати комсомол фармон дода шуда буд, ки тавассути гузаронидани кори тарбиявӣ ва нишон додани намунаи ибрати мусбии шахсӣ интизоми ҳайати шахсии милитсияро ба низом дарорад. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани интизом аз тарафи милитсионерҳо ба уҳдаи ҳайати сиёсӣ вогузор карда шуда буд.

Вобаста ба ин, соли 1924 бо қарори КМИ ИҶШС тартиби мукофотонидани кормандони милитсияи ИҶШС бо ордени «Байрақи Сурхи ИҶШС» муайян карда шуда буд. Баъдан, ба муносибати таҷлили 10 - солагии таъсисёбии милитсия бо фармони КХКД ҶШФСР нишони сарисинагии ҷашнии «10 - солагии милитсияи коргару-деҳқонӣ» дар ду намуд таъсис дода шуд: нуқрагӣ ва биринҷӣ[2]. Бо нишони нуқрагӣ кормандоне, ки аз 7 то 10 сол хизмат намудаанд ва бо нишони биринҷӣ кормандоне, ки аз 5 то 7 сол хизмат намудаанд, мукофотонида мешуданд.

*Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1924-1929.* Дар анҷумани VIII-уми Ҳизби Коммунистии Туркистон, ки моҳи майи соли 1924 доир гашт масъалаи тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ дар Осиёи Миёна баррасӣ гашт.

12 июни соли 1924 КМ ҲКУ (б) (Комитети Марказии Ҳизби Коммунистиии Умумииттифоқӣ (болшевикон)) ин масъала, яъне тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ ва ба ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва вилоятҳои худмухтор тақсим кардани Осиёи Миёнаро маъқул донист.

14 октябри соли 1924 иҷлосияи 2 - юми умумироссиягии Комитети Иҷроияи Марказӣ (КИМ) масъалаи тақсимоти миллӣ - ҳудудии Осиёи Миёнаро дида баромада чунин қарор баровард: «Бо назардошти хоҳиши қисми зиёди синфи коргар ва деҳқони халқи тоҷик, ба халқи тоҷик ҳуқуқ дода шавад, ки аз ҳайати ҶХШС Туркистон баромада, Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон ташкил намояд»[3].

17 феврали соли 1925 дар Анҷумани I-уми муассисони ҶШС Ӯзбекистон Декларатсия (изҳорот) дар бораи ташкили ҶШС Ӯзбекистон ва ба он ҳамроҳ кардани ҶХШС Тоҷикистон тасдиқ шуд[4].

Дар минтаҳои Тоҷикистони худмухтор то ба табъ расидани Кодекси қонунҳои ҶШС Ӯзбекистон соли 1929 муносибатҳои меҳнатӣ асосан ба воситаи Кодекс оид ба меҳнати ҶШФСР соли 1922 ба танзим дароварда мешуд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои меҳнатиро дар ҷумҳури ба танзим медароварданд инҳо мебошанд: Низомнома дар бораи Комиссариати халқии, меҳнат аз 17 ноябри соли 1925; Низомнома дар бораи ҷаласаи вакилони созишдиҳанда ва судҳои ҳакамӣ аз 22 сентябри соли 1925; Низомнома дар бораи кассаҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз 13 октябри соли 1925 ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафтанд.

[1] Азими У. А. Кадровое обеспечение органов внутренних дел Таджикистана: историко-правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / У.А. Азими. - Душанбе, 2020. - С. 50-51.
[2] Якушев В. А. Асари зикргардида. - С. 110.
[3] Тохиров Ф. Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. - Душанбе, 2009. - С. 11; История таджикского народа Т. V: Новейшая история (1917-1941 гг.). - С. 422.
[4] Тохиров Ф. Т. Асари зикршуда. - С. 11; История таджикского народа Т. V: Новейшая история (1917-1941 гг.). - С. 422.

18 апрели соли 1925 Қарори ШКХ ИҶШС дар бораи «Қоидаҳои муваққатӣ оид ба шартҳои татбиқи меҳнати ёридиҳандаи кироя дар хоҷагиҳои деҳқонон» ва аз 18 июни соли 1926 Дастурамали ШКХ ҶШС Ӯзбекистон қабул карда мешавад, ки аз 10 бобу 49 банд иборат буда, қоидаҳои шартномаи меҳнат, музди кор, қатъи шартнома, кафолат ва ҷуброн, вақти корӣ, вақту соати фароғат ва дигар муносибатҳои меҳнатиро дар бар мегирифт.

Мувофиқи қарори Комитети инқилобӣ таҳти № 18 аз 16 феврали соли 1926, ба коргарони ихтисосманд як қатор имтиёзҳо дода мешавад. Сабабаш ҷалб намудани онҳо барои кор дар Тоҷикистон буд. Масалан: додани маоши дукарата ва секарата. Барои боз ҳам мустаҳкам намудани интизоми меҳнатӣ аз 29 июли соли 1928 Шӯрои комиссариатҳои халқӣ қарор мебарорад, ки мувофиқи моддаи 1 - уми он дар бораи риояи қатъии рӯзи корӣ, назорат аз болои сари вақт ба кор омадан ва рафтан, муайян кардани рӯзи кории ҳар як коргар ва хизматчӣ, ҳавасмандгардонии меҳнатӣ, муайян намудани уҳдадориҳои вазифавии ҳар як коргар ва ҷавобгарии шахсии он таъкид карда шудааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми қабулшудаи КИМ Иттиҳоди Шуравӣ дар ин давра аз 15 октябри соли 1927 мебошад, ки рӯзи кории 8 - соатаи коргарон ва хизматчиён ба рӯзи кории 7 соата бе паст кардани музди меҳнат муайян шуда буд. Ва он боз ҳам ҳамовозии гарму ҷӯшонро бамиён оварда, мардуми шӯравиро ба меҳнати софдилона ва содиқона ҳидоят кардааст.

Дар ҷумҳурии навтаъсис дар баробари дигар комиссариатҳо Комиссиаритаи халқии корҳои дохилӣ (КХКД) таъсис дода шуд[1].

Ба мақомоти милитсия, ки милитсияи коргарӣ буд, аз аҳолӣ корманд интихоб карда мешуд ва албатта, ки онҳо низ эҳтиёҷ ба дониш доштанд. Инчунин, пешбурди фаъолияти дуруст ва дар доираи қонун низ донишҳои зиёдеро талаб менамояд. Бинобар ин, аз тарафи роҳбарияти давлат «Нақшаи пешбурди фаъолияти КХКД барои солҳои 1925-1926» қабул карда шуд, ки он таъсиси курсҳои омӯзишии кормандони милитсия ва тартиб додани барномаҳои таълимии ин курсҳоро низ дарбар мегирифт[2]. Таъсиси чунин курсҳо ва ба кормандони милитсия додани имконияти аз худ намудани донишҳои замонавӣ, ба таври имкон таъмини ҳуқуқи онҳо ба таҳсил мебошад, ки самти маорифи соҳаи иҷтимоиёти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Барои самаранок мубориза бурдан бо дастаҳои босмачиҳо ва натиҷаи қонеъкунанда дар ин самт ба даст овардан, нақшаи ҷойгиркунии милитсия, ҳисоботи воҳидӣ ва пулӣ, тақсимоти воситаҳои пулӣ барои таъминот аз рӯйи нақшаи шашмоҳа, «Низомномаи милитсияи давлатии иррегулярӣ» пешниҳод карда шуд[3]. Роҳбарияти давлат қарор қабул намуд, ки милитсияи давлатии иррегулярии ҶМШС Тоҷикистонро таъсис диҳад.

Мувофиқи лоиҳа шумораи умумии милитсияи иррегулярӣ 996 нафарро дарбар гирифта, бо 604 адад асп бояд таъмин карда мешуд ва нақшаи ҷойгиркунии милитсия ба муҳлати 6 моҳ пешбинӣ шуда буд. Дар ин муҳлати шашмоҳа нархи таъминоти милитсияи давлатии иррегулярӣ 385435 рубл (*нишондиҳандаи пулии он давра* – А.С.) пешбинӣ шуда буд. Минбаъда сарфаи пулӣ ҳармоҳа 81130 рубл пешбинӣ шуда буд, ки маоши моҳонаи як милитсионери қаторӣ баробар ба 45 рубл муқаррар карда ша-

[1] Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон, 1994. - С. 168-169; Назаров Н. Д. Становление и развитие организационных форм деятельности ведомственной милиции (1917-1925 гг.) // Труды Академии. Вып. 6. Душанбе, 2003; Назаров Н.Д., Абдулов А.М. Некоторые вопросы историографии таджикской милиции советского периода (1917-1991 гг.) // Вестник национального университета. Душанбе. № 1. 2005; Назаров Н. Д. Организация и деятельность органов милиции Таджикской АССР (1924-1926 гг.) // Известия АН Республики Таджикистан. № 4. Душанбе. 2006.
[2] Азими У. А. Асари зикргардида. - С. 53.
[3] БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 2. Р. 1. П. 6. С, 55-61.

вад[1]. Яъне, дар баробари таъсиси милитсияи давлатии иррегулярӣ, ҳифзи иҷтимоии кормандони он тавассути муқаррарнамоии маоши моҳонаи арзанда, инчунин, ба таври имкон таъмини онҳо бо воситаи ҳаракат (асп) пешбинӣ шуда буд.

Банди 5 Низомномаи милитсияи давлатии иррегулярӣ таъминоти дастаҳоро дарбар мегирифт, ки дар он омада буд: милитсияи давлатии иррегулярӣ аз буҷети давлатӣ таъмин мегардад; бо мақсади қатъиян ба роҳ мондани кори ташаккули милитсияи давлатӣ ва ҷалби худи аҳолӣ ба он, ба ҳайати роҳбарикунандаи милитсия ва аскарони қаторӣ маоши доимӣ муқаррар карда шавад, ки ҳаҷми он бо басти махсус, аммо на кам аз 40-45 рубл ба як аскари қаторӣ муқаррар карда шавад; қисмҳои милитсия бо меъёрҳои коркарднамудаи мақомотҳои КХКД дар ҷойҳо таъмин мешаванд. Таъминоти кормандони милитсияи давлатии иррегулярӣ, мутобиқи низомномаи зикргардида, бо танзими пардохти маоши моҳона, сарчашма ва муқаррарнамоии ҳаҷми он ва танзими тартиби додани силоҳ маҳдуд шудааст. Ҳифзи иҷтимоӣ фаррох буда, самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии инсонро дарбар мегирад, ки ба андешаи мо, мутаассифона, дар санади меъёрии зикргардида ҳамаи ин самтҳо инъикос нагардидаанд.

Аммо, бояд қайд намоем, ки санади мазкур аз нуқтаи назари ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҷанбаҳои мусбиро низ дорост. Аз ҷумла, банди 7 Низомномаи милитсияи давлатии иррегулярӣ имтиёзҳои оилаҳои аскарони милитсияи давлатии иррегуляриро дарбар мегирифт, ки дар он омада буд: кумитаҳои иҷроияи маҳаллӣ барои таъминоти оилаҳои аскарон, нигоҳдории хоҷагиҳои онҳо бо роҳи ташкили кӯмаки ҷамъиятӣ ба шудгори замин, обдиҳӣ, кишт, ҷамъоварии ҳосил, инчунин, аввалиндараҷа қарздиҳии хоҷагии қишлоқ, тамоми чораҳои аз онҳо вобастабударо амалӣ намоянд. Инчунин, барои нигоҳдории оила ва хоҷагиҳои аскарон аз ҳамлаҳои гурӯҳҳои босмачиён тамоми чораҳои имконпазир амалӣ карда мешаванд[2].

Съезди I умумитоҷикии советҳои депутатҳои меҳнаткашон, деҳқонон ва аскарони сурхро маърӯзаи фармондеҳони округи ҳарбии Осиёи Миёнаро дар бораи сохтмони ҳарбӣ ва отрядҳои миллӣ шунида ва муҳокима намуда, ба Кумитаи Иҷроияи Марказии нав интихобшуда супориш медиҳад: «Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва мақомотҳои маҳаллии Шӯроҳо, ба кори қисмҳои Артиши Сурх, қисмҳои миллӣ ва милитсияи ғайринизомии давлатӣ диққати махсус дода, ба онҳо ёрии маънавӣ ва ёрии моддӣ мерасонад, то ки барои Артиши Сурх ва фармондеҳҳо шароити комилан муътадилӣ зиндагӣ, шароити маишӣ ва манзилӣ ба таври баландтарин таъмин карда шавад[3].

Дар милитсия ба масъалаҳои банақшагирӣ ва амалӣ намудани тақсимоти маблағҳои пулӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд ва қарорҳо ҳамчун асоси ҳуқуқии тақсимоти маблағҳои пулӣ таҳия ва ба имзо расонида мешуд.

Вобаста ба ин КМИ ва ШКХ ҶАШСТ Қарор «Дар бораи фонди милитсия» таҳти № 7 аз 30 январи соли 1929 қабул намуда буд, ки мутобиқи он 30 % маблағи фонд барои пардохти мукофотпулиҳои якдафъаина ба кормандони милитсия барои нишондодҳои назаррас дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, 50 % маблағи фонд барои сохтмони манзилии милитсия ва 20 % маблағи фонд барои пешбурди кори тарбиявӣ дар байни ҳайати шахсии милитсия ҷудо карда шуда буд[4]. Ин қарор яке аз санади меъёриву ҳуқуқие буд, ки асоси ҳуқуқии таъсиси фонд дар милитсия барои захираи маблағҳо ва тақсимоти ин маблағҳо ба самтҳои кӯмакрасон барои рушди фаъолияти милитсияи тоҷик буд. Маблағҳои фонди захиравӣ маҳз барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандони милитсия равона шуда буданд.

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 12, Р. 1, П. 2. С. 472-475.
[4] БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 10. Р. 1. П. 448. - С. 20.

*Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1929-1991.* 6 июли соли 1929 Бюрои сиёсии КМ ҲУК ҳалли масъалаи аз мухторияти ҶШС Ӯзбекистон баромадан ва ба Ҷумҳурии Иттифоқӣ мубаддал гаштани ҶХШС Тоҷикистонро дастгирӣ намуд[1].

12 июли соли 1929 Раёсати КИМ ИҶШС маълумоти Ҳукумати ҶХШС Тоҷикистонро дар бораи инкишофи иқтисодӣ ва маданиии ҷумҳурӣ шунида қарор дод, ки ҶХШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии иттифоқӣ табдил дода шавад.

15 октябри соли 1929 Анҷумани фавқулодаи 3-юми Шӯроҳои Тоҷикистон даъват карда шуда, 16 октябри соли 1929 ин анҷумани мазкур қарордод ва эъломияро дар бораи таъсис додани ҶШС Тоҷикистон қабул намуд. Таъсисёбии ҶШС Тоҷикистонро эълон намуда, анҷуман арз намуд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ворид карда шавад[2].

Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон давлати умумихалқии сотсиалистӣ буда, манфиатҳои коргарон, деҳқонон ва зиёиёнро ҳимоя мекард.

25 феврали соли 1931 дар Анҷумани чоруми Шӯроҳои Тоҷикистон аввалин конститутсияи ҶШС Тоҷикистон қабул карда шуд, ки аз 7 фасл, 16 боб ва 113 модда иборат буд. Аз 16 январи соли 1935 бошад ба конститутсияи мазкур тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки он аз 5 фасл ва 92 модда иборат буд. Тибқи ин Конститутсия ҳамаи ҳокимият дар ҳудуди Тоҷикистон ба Шӯроҳои вакилони коргарону деҳқонон ва аскарони сурх дода шуда, ба воситаи онҳо пролетариат диктатураи худро амалӣ менамуд.

Мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ анҷумани Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон ва дар миёни анҷуманҳо КИМ - и Шӯроҳои ҷумҳурӣ дониста мешуд. Тибқи конститутсия анҷумани Шӯроҳо, КИМ - и Шӯроҳо, Раёсати КИМ - и Шӯроҳо салоҳияти онҳо, сохтор ва ҳайати Шӯрои комиссарони халқӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, тартиби ташкилу низоми мақомоти давлатии он, инчунин сохтори ташкили ҳокимиятҳои маҳаллӣ, шаклҳои фаъолияти анҷумани Шӯроҳои ноҳиявӣ, кумитаи иҷроияи Шӯроҳои ноҳия ва раёсати онҳо, Шӯроҳои вакилони шаҳру деҳот муайян карда шуда буданд.

Солҳои сиюми асри гузашта роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон дар асоси Қарорҳои ҷаласаҳои ШКХ ба кормандони милитсия дар баробари рухсатиҳои навбатӣ, барои баромадан ба рухсатиҳои иловагӣ бо сабаби беморӣ ва ҷиҳати гирифтани табобат дар осоишгоҳҳо иҷозат дода, ин рухсатиҳоро ба расмият медаровард (ба муҳлати аз як то ду моҳ)[3]. Яъне, мутобиқ ба санадҳои меъёрӣ, кормандони милитсияи тоҷик ҳуқуқи дастрасӣ ба рухсатиҳои иловагӣ ва табобат дошта, бо ҳуқуқи иҷтимоии худ ба истироҳат ва табобат таъмин мегардиданд[4].

---

[1] Декларация III Чрезвычайного Всетаджикского съезда Советов от 16 октября 1929 г. «Об образовании Таджикской ССР» // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Сост. Ф. Т. Тахиров. Душанбе, 2014. С. 307; Декларация III Чрезвычайного Всетаджикского съезда Советов от 16 октября 1929 г. «О преобразовании Таджикской АССР в Таджикскую ССР и включении ее в СССР» // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Сост. Ф. Т. Тахиров. - С. 308–310.

[2] Декларация III Чрезвычайного Всетаджикского съезда Советов от 16 октября 1929 г. «Об образовании Таджикской ССР» // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Сост. Ф. Т. Тахиров. Душанбе, 2014. С. 307; Декларация III Чрезвычайного Всетаджикского съезда Советов от 16 октября 1929 г. «О преобразовании Таджикской АССР в Таджикскую ССР и включении ее в СССР» // Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917–1994 гг.) / Сост. Ф. Т. Тахиров. - С. 308–310.

[3] БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф. 18. Р. 8. П. 27. С. 54; П. 38. С. 39.

[4] Назаров Н. Д. Кадровая политика органов внутренних дел Таджикистана в 70-80 годы // Вестник Пед. Университета. № 6. Душанбе. 2004; Назаров Н. Д. Нормативно-правовая основа деятельности

У.А. Азимӣ қайд менамояд, ки бо Қарори ҷаласаи ШКХ ҶШС Тоҷикистон таҳти № 9 аз 01 марти соли 1930 аз фонди захиравии ҳукумат барои ҷашнгирии арзандаи рӯзи 8 март, ки рӯзи занон аст, ҷиҳати дастгирии занон маблағ ҷудо карда шуд. Қарори КМИ ва ШКХ ИҶШС таҳти № 237 аз 23 июли соли 1930 асоси ҳуқуқии таъмини ҳуқуқи иҷтимоии кормандони милитсия ба таҳсил, тавассути таъсис додани муассисаҳои таълимӣ дар сохтори КХКД мебошад[1].

Пас, солҳои сиюм, ки солҳои аввали ташаккули ҶШС Тоҷикистон мебошад, давлат дар баробари ҳалли масъалаҳои ташаккул ва инкишофи давлатдорӣ, дастгоҳи давлатӣ, иқтисодиёти давлат, танзими тартиботи ҷамъиятӣ ва амсоли инҳо, ба баланд бардоштани мақоми занҳо дар ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои онҳо диққати махсус медод. Арзанда ҷашн гирифтани иде, ки маҳз ба занон бахшида шудааст – ин баланд бардоштани қадру манзалати онҳо дар ҷоема мебошад. Қабули қарор оид ба маблағгузории ҷашн бахшида ба занон, аз тарафи давлат чораи қабулшудаест барои ҳифзи иҷтимоии занон ҳамчун яке аз қишрҳои баробарҳуқуқи ҷомеа, ки ба ҳифзи ҳуқуқ, қадру манзалат ва мақоми зан дар ҷомеа равона шудааст.

Қарор оид ба ворид намудани муассисаҳои таълимӣ ба сохтори мақомоти корҳои дохилиро, ба андешаи мо низ яке аз асосҳои ҳуқуқии таъмини иҷтимоии кормандони милитсия ҳисобидан мумкин аст. Бинобар он ки ҳангоми амал намудани муассисаи таълимӣ дар сохтори мақомот, кормандони он метавонанд ба омӯзиши донишҳои касбӣ мутобиқ ба хусусиятҳои хос ва раванди фаъолияти худ машғул шаванд, сатҳи дониш, маҳорату малакаи касбии худро дар дохили сохтори худ баланд намоянд. Яъне, давлат бо қабули чунин санади меъёривии ҳуқуқӣ, ба кормандони милитсия шароити донишандӯзиро фароҳам оварда, ҳуқуқхояшонро ба таҳсил таъмин менамояд.

Дигар самти иҷтимоиёт – ин ба инсон таъмини шароити зиндагии арзанда дар даврае мебошад, ки дигар ӯ тавоноии ба даст овардани маблағ бо роҳи меҳнат кардан, яъне, анҷом додани фаъолиятеро надорад. Чунин нотавоноии меҳнатӣ ба инсон ҳангоми расидан ба синну соли муайян, яъне, пиронсолӣ ва маъюбӣ, ки эҳтиёҷ барои нигоҳубини махсус зиёда аст, пеш меояд. Давлат барои таъмини инсон дар чунин шароит нафақаро пешбинӣ намудааст. Бояд қайд намоем, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ ба гирифтани нафақа дар ҳолатҳои зарурӣ эҳтиёҷ доранд ва дар давраи тадқиқшаванда аз чораҳои пешбининамудаи давлат дар ин самт бархурдор буданд.

Якушев В. А. қайд менамояд, ки ба кормандони милитсия бо Қарори КМИ ва ШКХ ИҶШС аз 21 феврали соли 1931 се намуди нафақа муқаррар карда шуда буд.

1) кормандони милитсия аз 01 январи соли 1932 ҳуқуқи гирифтани нафақа дар самти мақомоти корҳои дохилӣ бо зиёдшавии фоизи он мутобиқи собиқаи хизматӣ доро гардиданд;

2) нафақа аз рӯйи маъюбӣ муқаррар карда шуд, ки ба кормандони милитсия ҳангоми гирифтани маъюбӣ дар вақти иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ва ё бемории касбӣ таъйин карда мешуд;

3) нафақа барои гум кардани сарубон, ки ба оилаҳои кормандони ҳалокгардидаи милитсия таъйин карда мешуд.

Инчунин, бо қарори мазкур пардохти ду намуди ёрдампулии яквақта ба кормандони милитсия ҳангоми ба нафақа баромаданашон, ки ҳаҷми он аз рӯйи собиқаи хизматӣ муайян карда мешуд, муқаррар гардида буд. Аз ҷумла:

1) ёрдампулие, ки ҳангоми ба нафақа баромадан бевосита ба корманди милитсия пардохт карда мешуд;

---

органов внутренних дел Таджикистана по соблюдению законности и правопорядка (1968-1991 г.г.) // Вестник Педуниверситета. № 6. Душанбе. 2004.

[1] Азими У.А. Асари зикргардида. - С. 59 - 61.

2) ёрдампулие, ки ҳангоми ҳалок гардидани корманди милитсия ба аъзои оилаи ӯ пардохт карда мешуд[1].

Баъдан, Қарори ШКХ ИҶШС аз 25 майи соли 1931 қабул карда шуд, ки он ҳамчун асоси ҳуқуқии институти мукофот баҳисоб меравад ва он номгӯи зерини ҳавасмандгардониро дарбар мегирифт:

а) раҳматнома;

б) рухсатии иловагӣ;

в) мукофоти пулӣ;

г) туҳфаи номӣ (*дар замони ҳозира он ҳамчун туҳфаи арзишнок эътироф гардидааст* – А.С.);

д) ифтихорномаи фахрӣ;

е) орденҳои ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ[2].

Дар ҷаласаи Президиуми Шӯрои шаҳрии Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) аз 26 майи соли 1933 (протоколи № 28) масъалаҳои беҳтар намудани ҳолати интизомнокии ҳайати шахсии милитсия баррасӣ гардид ва яке аз қарори қабулнамудаи ин ҷаласа аз он иборат буд, ки мебояд пеш аз ҳама барои беҳтар намудани интизомнокӣ шароити моддӣ-маишӣ ва манзилии ҳайати шахсии милитсия беҳтар карда шавад[3].

В.А. Якушев қайд менамояд, ки баъд аз байн рафтани низоми додани хӯрока бо корт, бо Қарори ШКХ ИҶШС аз 07 декабри соли 1934 меъёри пардохти изофапулӣ барои хӯрока ба кормандони милитсия муқаррар карда шуд.[4]. Инчунин, ӯ қайд менамояд, ки навбатнокии таъминоти кормандони ҳайати оперативӣ-сафӣ ва маъмурӣ-хоҷагидории милитсия бо либоси махсуси низомӣ, ки соли 1932 бо Қарори ШКХ ИҶШС муқаррар гардида буд, иҷозат дода мешуд. Ба баъзан шахсоне, ки бо ҳуқуқи пӯшидани либоси низомии милитсия ба нафақа баромада буданд, шаҳодатномаи махсуси КХКД ИҶШС барои тасдиқи қонунан пӯшидани либоси низомии милитсия, дода мешуд[5]. Яъне, дар баробари таъмин намудани кормандони милитсия бо либоси махсус, ҳамзамон муқаррароти муайяни танзимкунандаи пӯшидани ин либоси махсуси низомӣ қабул ва ҷорӣ карда шуда буд.

Бобокалонов Ғ. М. қайд менамояд, ки шахсони дорои хизматҳои махус дар назди ҶШС Тоҷикистон иштирокчиёни фаъоли Инқилоби Октябр ва мубориизони барқароркунандагони Ҳокимияти Шӯравӣ, нисбати онҳо нафақаҳои барои хизматҳои махсус муқаррар гардида буд. Ҳамин тавр, мувофиқи Фармони Президиуми КИМ Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 2 августи соли 1936 дар баъзан шаҳру ноҳияҳои ҶШС Тоҷикистон нафақаҳои барои хизматҳои махсус, ба иштирокчиёни фаъоли шӯриши соли 1916 низ инчунин ба оилаҳои фавтидаи онҳо амалӣ шуда буд[6].

Таҳлили марҳилаи дигар, ин таҳлили марҳилаи дуюм маҳсуб ёфта, солҳои 1941-1945, аниқтараш солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дарбар мегирад.

Кормандони милитсияи тоҷик ба фронт сафарбар шуда, дар сафҳои пеши он қотеъона бо фашизм баҳри наҷоти ватани худ мубориза мебурданд. Дар ин давраи ҷангӣ ба шуъбаҳои шиносномавӣ, нуқтаҳои ҳарбӣ-баҳисобгирӣ, хадамоти муҳофизати берун аз идоравӣ ва ба ҳайси танзимгарони ҳаракати нақлиёт дар кӯчаҳо, кормандони оперативӣ занон қабул карда мешуданд. Гурӯҳҳои мактаби милитсия низ аз ҳисоби қабули занон пурра карда мешуд, ки онҳо тарзи дуруст

---

[1] Якушев В. А. Правовые основы материально-технического обеспечения и социальной защиты сотрудников полиции и милиции в Российском государстве, 1718-2009 гг. (историко-правовое исследование): Дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / В.А. Якушев. –М., 2010. - С. 181-194.
[2] Якушев В.А. Асари зикргардида. - С. 115.
[3] Азими У.А. Асари зикргардида. - С. 65-66.
[4] Якушев В.А. Асари зикргардида. - С. 98.
[5] Ҳамон ҷо. - С. 26-27.
[6] Бобокалонов Г. М. Избранные труды по трудовому праву и праву социального обеспечения. Второе дополненное, исправленное издания. - Душанбе: ТТНУ, 2015. - С. 324.

истифода бурдани силоҳ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ ва дигар нозукиҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро меомӯхтанд. Дар умум, ҳаракати ватандӯстонаи занон паҳн гардида буд, ки онҳо ба ҷои шавҳарони ба фронт рафтаашон хоҳиши дар сафи мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият карданро доштанд[1].

Новобаста ба мушкилиҳои замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, давлат кӯшиш мекард, ки раванди фаъолияти мақомотҳои давлатиро ба таври имкон нигоҳ дорад, санадҳои меъёриву ҳуқуқии заруриро барои фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ қабул намояд.

Чунончӣ, барои баланд бардоштани мақоми кормандони милитсия ва ҷиҳати баробар намудани ҳуқуқҳои онҳо бо хизматчиёни ҳарбӣ, бо Амри Президиуми Шӯрои олии (минбаъд ПШО) ИҶШС аз 09 феврали соли 1943 ба кормандони милитсия доштани нишонаи нави фарққунанда – «рутба» (*тасмаҳои махсусе, ки дар китфи либоси низомӣ барои фарқи он аз либоси шаҳрвандӣ ва муайян намудани намуди рутбаи дошта насб шудааст* – А.С.) иҷозат дода шуд[2]. Бо фармони КХКД ИҶШС аз 18 феврали соли 1943 бошад, либоси махсуси низомии идона ворид карда шуда буд, ки танҳо бо фармони КХКД ва Комиссариати халқии амнияти давлатӣ (минбаъд КХАД) ИҶШС аз 11 июни соли 1945 ба тамоми ҳайати шахсии КХКД ва КХАД ИҶШС ба бар намудани ин либоси нави махсуси низомии идона иҷозат дода шуд. Баъдан, бо фармони КХКД ИҶШС аз 13 июли соли 1944 пардохтҳо дар вақти беморӣ, ҳабс, таваллуди фарзандон, барои дафн кардани корманди милитсия, сафари хизматӣ, иҷорапулӣ ва кӯмакпулӣ муқаррар карда шуда буд[3]. Бо Қарори ШКХ ИҶШС аз 22 августи соли 1944 ба тамоми ҳайати шахсии милитсияи ИҶШС музди маоши моҳона баланд карда шуд. Соли 1944 бо Амри Президиуми Шӯрои олии ИҶШС барои хизмати содиқона ва иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ ба кормандони милитсия, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ 10 сол хизмат намудаанд, медали «Барои дастовардҳои ҷангӣ», ба онҳое, ки 15 сол хизмат намудаанд, ордени «Ситораи Сурх», 20 сол – ордени «Байрақи Сурх», 25 сол – ордени «Ленин», 30 сол – ордени дуюми «Байрақи Сурх» ду маротиба дар як сол: якуми май ва ҳафтуми ноябр дода мешуд[4].

Солҳои баъдиҷангӣ аҳолии тамоми Иттиҳоди шӯравӣ ба бартараф намудани оқибатҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ пардохта, тамоми иқтидори давлат барои барқарор намудани иқтисодиёт, хоҷагии қишлоқ ва сохтмони иншоотҳои зист ва дигари зарурӣ ҷиҳати пешрафти зиндагии халқ равона шуда буд. Дар ин раванд сарбории кормандони милитсия ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ беш аз пеш шуда буд. Дар мақомоти корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон дар баробари ҳалли масъалаҳои дигари корӣ ҳамзамон ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқии кормандони милитсия низ аҳамият медоданд.

Аз ҷумла, бо Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 22 августи соли 1950 намунаи нави либоси махсуси низомӣ барои ҳамаи дараҷаи кормандони милитсия ворид карда шуд[5]. Баъдан, бо фармони ВКД ИҶШС аз 02 сентябри соли 1953 номгӯйи

---

[1] Назаров Н. Д. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.): Дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Н.Дж. Назаров. – М., 2007. - С. 104; Назаров Н. Д. Героический подвиг таджикских милиционеров в годы Великой Отечественной войны // Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 60-летию Победы советского народа над фашистской Германией. 29 апреля 2005 г. Душанбе: Высшая школа МБ РТ. 2005; Назаров Н. Д. Начало Великой Отечественной войны и перестройка работы органов внутренних дел Таджикской ССР // Великая Отечественная война: уроки истории и современность (Материалы международной конференции, посвященной 60-летию Победы). Душанбе: РТСУ. 2005; Назаров Н. Д. Вклад органов внутренних дел Таджикской ССР в борьбу с преступностью и охрану общественного порядка в условиях войны в тылу // Вестник РТСУ. Душанбе, 2005.

[2] Якушев В. А. Асари зикргардида. - С. 27.

[3] Якушев В. А. Асари зикргардида. - С. 99.

[4] Ҳамон ҷо. - С. 117.

[5] Ҳамон ҷо. - С. 27.

муваққатии тарифӣ барои муайян намудани миқдори маоши моҳонаи ҳайати роҳбарикунандаи милитсияи шӯравӣ тасдиқ карда шуд, ки мутобиқи ин номгӯй се гурӯҳи тарифӣ муқаррар карда шуда буд.[1]

Соли 1953 бошад, нишони сарисинагии «Аълочии милитсия» ва баъдан соли 1955 «Ифтихорномаи фахрӣ» таъсис дода шуд[2].

Қарорҳо натанҳо дар самти ҳавасмандгардониву батартибдарории намуд ва тарзи пӯшидани либоси махсуси милитсия қабул карда мешуд, инчунин, қарорҳо оид ба танзими равандҳои таъйин ва пардохти нафақа низ қабул карда мешуданд. Аз ҷумла, Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 23 сентябри соли 1955 қабул карда шуда буд, ки мутобиқи он аз 01 октябри соли 1955 ба комиссарони милитсия, ки ба нафақа аз рӯйи синну сол ва (ва ё) бемори ба захира (истеъфо) озод мешуданд, ҳаҷми нафақаашон мутобиқи собиқаи хизматиашон муқаррар карда мешуд.[3]

Дигар паҳлӯҳои ҳифз ва таъминоти иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик низ дар қонунгузории ҳамон давра инъикос меёфтанд. Алалхусус, ба ҳолати маънавии кормандони милитсия аҳамияти хоса дода мешуд ва ҷиҳати қайди ҳаргуна рӯзҳои ҷашнӣ чорабиниҳо баргузор карда мешуд.

Масъалан, соли 1962 баҳри фароҳам овардани шароити инкишофи маънавии кормандони милитсия «Рӯзи милитсияи Шӯравӣ» муқаррар карда шуд, ки он ҳамчун иди касбӣ ҳамасола қайд мегардид[4].

Яке аз санади муҳими танзимкунандаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ «Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ» ба ҳисоб меравад, ки дар он дар баробари тартиби пешбурди хизмат дар сафи мақомоти корҳои дохилӣ, равандҳои кадрӣ ва меъёрҳои фаъолияти хизматӣ, ҳамзамон самти ҳимояи иҷтимоии кормандони милитсия низ инъикос ёфтааст.

Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, ки бо Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 23 октябри соли 1973 тасдиқ шуда буд, яке аз самтҳои ҳимояи иҷтимоии кормандони милитсияро, ба монанди: тартиби додани рӯзҳои истироҳатӣ бо хоҳиши корманд ва ҳама намуди рухсатиҳо, инчунин, тартиби додани имтиёз ва кафолати сафари бепул дар тамоми намуди воситаҳои нақлиёт (аз қабили, қатора, ҳавопаймо, мошини сабукрав, автобусҳои роҳдурӣ) як маротиба дар як сол ҳангоми рухсатии меҳнатӣ, ба танзим медаровард[5].

Бо гузашти начандон муҳлати зиёд боз як қарори дигари танзимкунандаи ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ба тасвиб расид. Ин Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 22 июни соли 1976 буд, ки мутобиқи он барои пардохти нафақаи кормандони милитсия баҳисобгирии ҳаҷми маоши онҳо, ки аз рӯйи рутбаи махсусашон дода мешуд, ба роҳ монда шуд[6].

Каме баъдтар, бо Қарори якҷояи Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (минбаъд КМ ҲКИШ) ва Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 04 ноябри соли 1977 сол тавонистанд, ки бо каме фарқият маоши миёнаи кормандони милитсияро ба маоши моҳонаи коргарон (*коргарони корхонаву муассисаҳои шаҳрвандӣ* – А.С.) баробар намоянд (корманди милитсия – 170 рубл; коргар – 175 рубл)[7]. Ин қарор дар

[1] Ҳамон ҷо. - С. 27.
[2] Мулукаев Р. С. Избранные труды: К 80-летию со дня рождения. М.: Академия управления МВД России, 2009. - С. 454-455; История государства и права СССР. Ч. 2: учебник / Под ред. О. И. Чистякова, Ю. С. Кукушкина. М.: Изд-во Моск. ун-та, 1986. - С. 258.
[3] Якушев В. А. Асари зикргардида. - С. 181-194.
[4] Мулукаев Р. С. Избранные труды: К 80-летию со дня рождения. М.: Академия управления МВД России, 2009. - С. 449; История государства и права СССР. Ч. 2: учебник / Под ред. О. И. Чистякова, Ю. С. Кукушкина. М.: Изд-во Моск. ун-та, 1986. - С. 258.
[5] Якушев В. А. Асари зикргардида. - С. 138.
[6] Ҳамон ҷо. - С. 181-194.
[7] Ҳамон ҷо. - С. 79-80.

ҶШС Тоҷикистон, ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ, аз 01 январи соли 1979 мавриди амал қарор дода шуд. Инчунин, бо Қарори Кумитаи Марказии ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 17 июли соли 1980 ба шахсоне, ки дар милитсия зиёда аз 25 сол хизмат намудаанд, пардохти ҳармоҳаи изофапулии фоизнок дар ҳаҷми 30 % аз маоши моҳона муқаррар карда шуда буд[1]. Соли 1980 бо Қарори Кумитаи Марказии ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС маоши моҳона аз рӯйи рутбаи махсус зиёд карда шуда буд, ки ин қарор дар ҶШС Тоҷикистон, ба монанди дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз 01 январи соли 1984 маври амал қарор дода шуда буд[2].

Ҳамин гуна, дар се марҳилаи давраи тадқиқшуда, яъне, солҳои 1929-1991 як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи самти ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик қабул гардиданд ва амал мекарданд.

Ба андешаи мо, барои фароҳам овардани шароити хуби зиндагии мусоид мебояд механизми амалишавии меъёрҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳо, кафолатҳои иҷтимоӣ ба монанди: пардохти музди меҳнат, таъмини манзил ва шароити хуби манзилӣ, расонидани кӯмаки тиббӣ, ҳуқуқ ба нафақа ва ғайра, ки дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд, коркард шуда, таҳти танзим, хулосабарорӣ, баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шавад. Амали чунин механизм метавонад кафолати амалишавии базаи ҳуқуқии соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия бошад.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои асосии ташакку ва рушди асосҳои ташкилӣ - ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои 1917-1991 ба давраҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои аввали барқароршавии сохти Шӯравӣ: 1917-1924;
2. Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1924-1929;
3. Асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон солҳои 1929-1991.

Асосҳои ҳуқуқии дар давраи солҳои 1917-1991 дар самти ҳимояи иҷтимоии кормандони милитсия қабулшуда, асосан меъёрҳои зеринро дарбар мегирафтанд:

– баланд бардоштани маоши моҳонаи кормандони милитсия тавассути ҳаҷми худи маоши моҳона, фоизҳо барои собиқаи хизматӣ, рутбаи махсус ва хӯрокпулӣ;
– мукаммалгардонии таъминоти кормандони милитсия бо либоси махсуси низомии ҷавобгӯ ба талаботҳо (аз ҷумла, мавсим, ҷинси корманд, нишонаҳои фарққкунанда, андоза, бароҳатӣ ва ғайра);
– васеъгардонии ҳавасмандгардонии кормандони милитсия (бо роҳи таъсис додани ифтихорномаҳо, медалу нишонҳои сарисинагӣ ва ғайра барои мукофотонидани онҳо);
– инкишофи институти нафақа дар мақомоти корҳои дохилӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати баланд бардоштани ҳаҷми нафақа;
– фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи маънавии кормандон (бо роҳи таъсиси рӯзҳои ҷашнӣ ва ба роҳ мондани маросимҳои ҷашнгирии онҳо) ва ғайра.

---

[1] Ҳамон ҷо. - С. 84.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 98.

**Ҳоҷаева Наргиз Балаҷоновна**
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
E-mail: somon_010@mail.ru

# БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲОИ ҶАМЪ ОВАРДАНИ ДАЛЕЛҲОИ ШАЙЪӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Дар сарчашмаҳои боэътимод ва адабиёти зиёди илмӣ аз ҷониби доираи муайяни олимони ватаниву хориҷӣ оид ба мазмуну моҳияти ҷамъоварии далелҳо дар умум ва инчунин тартиби мурофиавии ҷамъовари далелҳои шайъӣ андешаҳо гуногун баён шудаанд.

Чун қоида, ҷамъ намудани далелҳо давраи аввали рафти исботкунӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти шахси барандаи таҳқиқи ибтидоӣ, муфаттиш, прокурорро оид ба роҳҳои қонунӣ ҷустуҷӯ кардан, ёфта гирифтан, ва ҷамъ намудани маълумоти ба парванда зарурбударо дар бар мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афкори умумэътирофшудаи олимону донишмандони маъруфи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ аслан ҷараёни исботнамоӣ ба се зина тақсим мешавад: ҷамъоварии далелҳо, тафтиши далелҳо, баҳо додан ба далелҳо. Ин гуна мазмуни сохтори исбот дар м. 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) ифодаи худро ёфтааст. Дар як маврид қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми унсурҳои фаъолияти исботкунӣ (ҷамъ овардан, тафтиш кардан ва баҳо додани далелҳо) ба ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ дошта, робитаи онҳо дар давраҳои мухталифи мурофиаи ҷиноятӣ, зимни ҳалли вазифаҳои мушаххас ва бо риояи шаклҳои муайяни мурофиавӣ баръало ба назар мерасанд.

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ омадааст, ки ҷараёни исботкунӣ – фаъолияти бо қонун муқарраршудаи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд бо дастгирии дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҷамъ намудан, тафтиш кардан ва баҳо додани далел, инчунин муносибатҳои дар рафти ин фаъолият ба мақсади муқаррар намудани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ пайдошаванда фаҳмида мешавад. Ҷараёни исботкунӣ аз се унсур иборат мебошад: а) зуҳур ва ҷамъ намудани далел; б) санҷиши далел; в) баҳодиҳии далел[1].

Ба андешаи Л.Т. Ульянова ҷамъоварииии далелҳо – ин аз ҷониби мақомот ва шахсони ваколатдор ба амал баровардани фаъолият оид ба окшорнамоӣ, талаб кардан, ба даст овардан ва инъикос намудани далелҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мебошад.

Ба андешаи П.С. Абдуллоев ҷамъоварии далелҳо аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) ошкор намудани далелҳо (маълумотҳо);

2) пешниҳод намудани маълумоти далелнок;

3) ба даст овардани маълумоти далелнок;

4) ташаккулёби далелҳо (истифодаи маълумотҳо, ки бо роҳи ғаримурофиавӣ ба даст оварда шудаанд, масалан натиҷаҳои ФОҶ);

5) сабт намудани далелҳо бо роҳи мурофиавӣ (инъикос ва ё фиксатсия)[2].

Мувофиқи нуқтаи назари А.Э. Раҳматуллоев дигар унсурҳои иловагие, ки

---

[1] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Точикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. - Душанбе: Эр-граф, 2009. 620 саҳ. (нашри дуюм). - С. 555.

[2] Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Эр-граф».2019. - С. 140-141.

олимон қайд кардаанд, аз ҷумла санҷиши фарзияҳо, даркнамоӣ, тасдиқнамоӣ, асоснокнамоӣ, тасвир, андозагирӣ, мушоҳида, муқоиса, муқаррар кардан, таҳлил, аксбардорӣ, сабти овоз, ба навори видео гирифтан, нақшакашӣ ва тарҳрезӣ – унсурҳои сохтори ҳамин зинаҳоро ташкил медиҳанд, баъзе аз онҳо ба сифати тарзу услубҳои тактикӣ ва таъминкунандаи (ёрирасон) исботнамоӣ дониста мешаванд. Ин ақидаро ҳангоми таҳлили ҳар як зинаҳои алоҳидаи исботнамоӣ мушоҳида кардан кардан мумкин аст[1].

Мувофиқи нуқтаи назари олим маъруфи рус С.А. Шейфер ҷамъоварии далелҳо ҳамчун унсури нахустини ҷараёни исботкунӣ – ин фаъолияти мақсадноки мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд бо роҳи аз пайҳои ҷиноят дарёфти маълумотҳои воқеии ба парванда иртиботдошта, мустаҳкам намудан ва аз нигоҳи шакли мурофиавӣ ба расмият даровардани онҳо мебошад[2].

Ҷамъоварии далелҳо – яъне бо риояи қоидаҳо ва тартиби муқарраркардаи конунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷустуҷӯ, ошкор, пайдо кардан ва сабту мустаҳкам кардани маълумотҳои воқеиро дар бар мегирад – қайд менамояд олим тоҷик А.Э. Раҳматуллоев[3].

Мувофиқи қонуниятҳои даркшаванда будани олам ҳар як ҷинояти содиршуда зуҳуроти воқеияти объективӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи таъсири мутақобила бо олами моро иҳотакунанда ва муҳити атроф ногузир дар шуури инсон ва ё ашёҳои олами моддӣ аз худ нақш мегузорад. Дар асос ва бо ёрии пай ва осори ҳодисаи ҷиноят дар объектҳои зикршуда барқарор намудани воқеияти ҳодисаи ҷинояти содиршуда имконпазир мегардад. Ба ии хотир барои маҳфуз доштан ва истифодаи натиҷаҳои инъикос дар парвандаи ҷиноятӣ, ки дар худ маълумоти заруриро оид ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ фаро мегиранд, зарур аст, ки онҳо бо роҳу воситаҳои бо қонунгузории мурофиави ҷиноятӣ пешбинишуда ба даст оварда шаванд[4].

Ба андешаи профессор З.Ҳ. Искандаров назарияи далелҳо ба таълимоти материалистиии донисташаванда будани олам, дар бораи қобилияти аз ҷониби шуури одам дуруст инъикос, дарк намудани воқеият такя намуда, аз имконпазир будани барқарор намудани ҳақиқати воқеӣ сарчашма мегирад. Агар чунин пиндошт, ки ақли инсон метавонад ба умқи ҳодисаи замони гузашта ворид шуда, ҳақиқати реалиро муайян карда метаванд, пас розӣ шудан мумкин аст, ки дар мурофаи ҷиноятӣ дастрас намудани чунин дониш имкон дорад. Вале маълум аст, ки таҳқиқкунанда, муфаттиш, прокурор ва суд воқеияти ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро дар замони гузашта, худ надидаву эҳсос накарда, аз рӯйи маъумотҳо чун хулосаҳои субъективӣ дарк менамояд ва ҳеҷ вақт боварии комил дошта наметавоанд, ки ин хулосаҳову таассуротҳо ба воқеият тавъаманд[5].

Манзури таъкидҳои муаллифони болозикр ба он хотир аст, ки дар умум тамоми пай, нишона ва осоре, ки аз ҳодисаи ҷиноят дар шуури инсон ва ё олами моро иҳотакунанда инъикос меёбад, танҳо дар асоси қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ бо тартиби мурофиавӣ ҷамъоварӣ карда шуда, минбаъд ба сифати далел дар правандаи ҷиноятӣ истифода карда мешаванд.

---

[1] Раҳматуллоев А.Э.Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дармурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С.95.

[2] Шейфер С.А. Доказательств аи доказывание по уголовным делам: проблемы теории и правового регулирования / С.А. Шейфер. – М.: Норма, 2009. (240 с). - С. 96.

[3] Раҳматуллоев А.Э.Асари зикршуда. – С.95.

[4] Костенко Р.В., Кравченко М.Е. Допустимость вещественных доказательств в уголовном процессе: монография. – М.: Юрлитинформ, 2018. – С. 78.

[5] Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятир дигар намуд // Масъалаҳои рузмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ) зери таҳрири мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ. дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. - С.25.

Дар адабиётҳои илмӣ бамаврид ишора мешавад, ки воситаҳои асосии ҷамъоварии далелҳо, амалҳои тафтишӣ ва судӣ мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд анҷом дода мешаванд[1].

Роҳҳои ҷамъ намудани далел – ҳаракатҳои тафтишотӣ, талаб карда гирифтани предметҳо ва ҳуҷатҳои лозима, талабот оид ба гузаронидани ревизияҳо ва санҷиши ҳуҷҷатҳо мебошанд. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин шаҳрвандон,корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор низ метавонанд маълумотеро, ки ба кор аҳамият доранд, пешниҳод намоянд. Ин маълумот пас аз ба шакли мурофиавӣ даровардани онҳо ба сифати далел эътироф мешаванд. Предметҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки нишонаи далелҳои шайъиро доранд, бо қарори махсуси шахси барандаи таҳқиқи ибдидоӣ, муфаттиш, прокурор ва ё таъиноти суд ба парванда ҳамроҳ карда мешаванд[2].

Яке аз қисматҳои мустақили раванди ҷамъоварии далелҳоро ин ҷамъоварии далелҳои шайъӣ ва аз нигоҳи мурофиавӣ ба расмият даровардани онҳо ташкил медиҳад.

Ба таҳқиқи масъалаи тартиби мурофиавии ҷамъ овардани далелҳои шайъӣ дар назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шудааст[3].

Аз ҷумла, масъалаи мазкур аз мавзуҳои меҳварии таҳқиқоти олими рус Н.Н. Егоров ба ҳисоб рафта, масъалаи такмили танзими ҳуқуқии тартиб ва тарзу воситаҳои ҷамъ овардани далелҳои шайъӣ аз ҷониби ӯ бевосита мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор дода шудааст.[4]

Ҳамзамон, ба таҳқиқи масъалаи ҷамъ овардани далелҳои шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ Д.А. Лопаткин,[5] Н.А. Попова,[6] Е.А. Худякова[7] ва дигарон дар диссертатсияҳои худ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Мувофиқи нуктаи назари Н.Н. Егоров риоя накардани шаклҳои мурофиавӣ дар рафти ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳои шайъӣ ва пеш аз ҳама оқибатҳои ногувори он яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, ҳалли он дарёфти усул, коркард ва ҳалли масъалаҳои илмиро тақозо менамояд[8].

Е.В. Худякова бар он назар аст, ки ҳолатҳои истифодаи бемавриди ибораи «ҷамъоварии далелҳо» чӣ дар адабиётҳои илмӣ ва чӣ дар қонунгузории мурофиавиии ҷиноятӣ бештар ба мушоҳида мерасад[9]. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба далелҳои шайъӣ мубрам боқӣ мемонад.

Бо назардошти он, ки исботкунӣ як шакли махсуси фаъолияти дарккунӣ ба ҳисоб рафта дар умум ба далелҳо такя мекунад, зарурати анҷом додани тадқиқотҳои муфид оид ба коркарди минбаъдаи татбиқи далелҳои шайъӣ дар рафти тафтиши

[1] Ҷамолов С.С. Роҳу воситаҳои асосии ҷамъовари далелҳо // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). 2014.№ 5. Нашри махсус. - С.53.

[2] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Маҳмудов М.А. - Душанбе: Эр-граф, 2009. 620 саҳ. (нашри дуюм). - С. 550-551.

[3] Масалан: Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. М.,1968; Кокорев Я.Д., Кузнецов Н.П. Уголовный процесс: Доказывание и доказательства. - Воронеж, 1995 ва дигарон.

[4] Егоров Н.Н. Теоретические и прикладные проблемы учения о вещественных доказательствах: Дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Н.Н. Егоров. - Иркутск, 2005. - С. 89-208

[5] Лопаткин Д.А. Вещественные доказательства (процессуальные и криминалистические аспекты): Дис. ... канд юрид. наук: 12.00.09 / Д.А. Лопатин. - Краснодар, 2003. - С. 83-106.

[6] Попова Н.А. Вещественные доказательства: собирание, представление и использование их в доказывании: Дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Н.А. Попова. - Саратов, 2007. - С. 53-74.

[7] Худякова Е.В. Вещественные доказательства в уголовном процессе: Дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Е.В. Худякова. - Челябинск, 2006. - С. 88-115.

[8] Егоров Н.Н. Асари зикршуда. - С. 5.

[9] Худякова Е.В. Асари зикршуда - С. 90.

ҷиноят имконнопазир аст[1].

Дар илми мурофиаи ҷиноятӣ муаллифон воситаҳои имконпазири ҷамъоварии далелҳоро гуногун маънидод менамоянд.

Аз ҷумла, як гуруҳ олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ду тарзи ҷамъоварии далелҳоро пешниҳод менамоянд: амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ[2].

Дигарон бошанд, бар он назаранд, ки «воситаҳои ҷамъ кардан, мустаҳкам кардан ва тафтиши маълумотҳои воқеӣ ва сарчашмаҳои онҳо бегуфтгугӯ амалҳои мурофиавӣ буда онҳо ба амалҳои тафтишӣ, дигар амалҳои мурофиавӣ ва амалҳои судӣ тасниф мешаванд»[3].

Ба андешаи гуруҳи сеюми олимон бошад, воситаҳои ҷамъоварии далелҳо ба амалҳои тафишӣ, судӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ҷудо мешааванд[4].

Масъалаи муайян намудани воситаҳои имконпазири ҷамъоварии даелҳои шайъӣ дар адабиетҳои илмӣ то ҳануз ҳалли ниҳоии худро наёфтааст.

Тавре, ки Д.А. Лопаткин иброз медорад, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия аслан ду тарзи ҷамъовари далелҳои шайъиро пешбинӣ менамояд:

1) гузаронидани амалҳои тафтишӣ (азназаргузаронӣ, кофтуков, кофтукови шахсӣ, дарёфт кардан, гуш ва сабт кардани гуфтугу, санҷидани нишондод дар ҷои ҳодиса);

2) гузаронидани дигар амалҳои амалҳои мурофиавӣ[5].

Дар робита ба ҳамин масъала Н.Н. Егоров бошад роҳҳои зерини ба даст овардани далеҳои шайъиро ҷудо менамояд:

1. Ҷамъ овардани далелҳои шайъӣ ҳангом гузаронидани амалҳои тафтишӣ;
2. Ҷамъ овардан ва пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;
3. Ҷамъ овардан ва пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби мақомоте, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии маъмуриро анҷом медиҳанд;
4. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашё аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо;
5. Ҷамъ овардан ва пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби ҳимоятгар;
6. Ҷамъ овардан ва пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби шахсе, ки фаъолияти хусусӣ ва дедектвиро анҷом медиҳад;
7. Ҷамъ овардан ва пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби коршинос;

---

[1] Егоров Н.Н. Асари зикршуда. - С. 5.

[2] Кузнецов А.Н. Следственные и иные процессуальные действия как способы собирания доказательств в уголовном процессе: дис. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / А.Н. Кузнецов. - Воронеж, 2005. - С. 53; Скребец Г.Т. Участие адвоката – защитника в формировании доказательства на стадии предварительного расследования: автореф. дис. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Г.Т. Скребец. - Екатеринбург, 2008. - С.11; Сазонова Т.П. Иные процессуальные действия как способы собирания доказательств в досудебном производстве: астореф. Дис. … канд.юрид. наук: 12.00.09 / Т.П. Сазонова. - Челябинсок, 2009. - С. 13.

[3] Балакшин В.С. Допустимость доказательств: понятие, правовая природа, значение, алгоритм оценки: науч.-практ. пособие. - Екатеринбург: Изд-во УМЦ УПИ, 2013. - С. 95-96.

[4] Костенко Р.В. Собирание доказательств по уголовным делам путём производства следственных и иных процессуальных действий // Труды Кубанского государственного аграрного университета. Серия «Право». - 2009. - № 2 (5). - С. 54; Демурчев Л.Г. Собирание доказательства в ходе досудебного производства путём проведения иных процессуальных действий: дис. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Л.Г. Демурчев. - Краснодар, 2012. - С. 24-25.

[5] Лопаткин Д.А. Вещественные доказательства (процессуальные и криминалистические аспекты): дис. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Д.А. Лопаткин. - Краснодар, 2003. - С. 53.

8. Ба даст овардани далеҳои шайъӣ аз мақомот ва шахсони маснабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ бо тартиби расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ[1].

Бино ба навиштаи А.А. Рясов «ҷамъоварии далелҳои шайъӣ ин маҷмуи амалҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ оид ба дарёфт, ба даст овардан, мустаҳкам намудан, ва нигоҳдории далелҳои шайъӣ бо мақсади истифодаи онҳо ҷиҳати ошкор ва тафтиши ҷиноят мебошад»[2].

Аз нуқтаи назари А.В. Кудрявцева ва Ю.В. Худякова бошад, «далелҳои шайъӣ дар парванда бо чанд роҳ, аз ҷумла ҳам дар давраи тафтишоти пешакӣ ва ҳам дар давраи муҳокимиа судӣ пайдо мешаванд Роҳи аввал чун қоида хело маъмул мебошад. Зеро аксарияти далелҳои шайъӣ чун қоида дар парванда маҳз ба ҳамин роҳ – тавассути гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Яке аз тартиби дигари ҷамъоварии далелҳо дар қ.ч. 4 мод. 21 КМҶ ФР танзим шудааст. Ин пешниҳод ва гирифтани ашё ва ҳуҷҷат аз ҷониби дигар иштирокчиёни мурофиа, аз ҷумла ҳимоятгар, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари граждании, ҷавобгари граждании ва намояндагони онҳо, ва дигар иштирокчиёни мурофиа ба ҳисоб меравaнд. Ашё ва ҳуҷат метавонад ҳатто аз ҷониби шахси комилан беғараз, ки иштрокчии мурофиаи набуда ягон мақоми мурофиавиро надорад, низ пешниҳод шавад»[3].

Ба назари мо, восита ва тартиби имконпазири ба даст овардани далелҳои шайъӣ бояд ба талаботҳои умумии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба ҷамъ овардани далелҳо бахшида шудаанд, ҷавобгӯ бошанд.

Тартиби гузаронидани ҳар як амали тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ ба таври аниқ дар қонунгузорӣ бо мақсади таъмини имконпазири маълумотҳои ба даст омада ва кафолати ҳуқукҳои иштирокчиёни мурофиа танзим шудаанд. Аз ин рӯ, ба даст овардани маълумотҳо бо роҳҳои ғаримурофиавӣ ва бо амалҳое, ки дар кодекс пешбинӣ нашудаанд, боэътимодии онҳоро зери шубҳа қарор дода, ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаро вайрон мекунад.Ба сифати асоси баррасии масъалаи эътирофи воситаи имконпазири ба даст овардани далелҳои шайъӣ аслан он қоидае баромад менамояд, ки далелҳое,ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои ғаридахлдори тафтишӣ ё ин ки амалҳое ки бо КМҶ ЧТ пешбинӣ нашудаанд, ҷамъоварӣ шудаанд, ҳамчун далелҳои ғайр қобили қабул аз парванда хориҷ карда мешаванд.

Натиҷаи таҳлили моддаи 86 КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки воситаҳои мақбули ба даст овардани далелҳои шайъӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб меравaнд: гузаронидани амалҳои тафтишӣ; гузаронидани дигар амалҳои мурофиавӣ: талаб карда ва гирифтани ҳуҷҷат ва ашёҳо; пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; ҷамъ овардан ва пешниҳоди далел аз ҷониби ҳимоятгар; пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар ашёҳо аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин айбдоркунандаи давлатӣ, ҷабрдида, даъвогари граждании, ҷавобгари граждании ва намояндагон онҳо; пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар ашёҳо аз ҷониби шаҳрванд, шахсони мансабдор, муассиса ва ташкилотҳо бо мақсади ҳамроҳ кардани онҳо ба парвандаи ҷиноятӣ ба сифтати далел.

Истифодаи амалҳои тафишӣ ба сифати воситаи қобили қабули ба даст овардани далелҳои шайъӣ аз вазъияти мушаххас, ки зарурият гузаронидани ин ва ё дигар амали тафтиширо тақозо менамояд, вобаста аст. Масалан, дар мавриди ба

[1] Егоров Н.Н. Собирание вещественных доказательств: понятие, содержание, направления совершенствования: монография. - Хабаровск: Дальневосточный гос. ун-т путей сообщения, 2005. - С. 104-110.
[2] Рясов А.А. Проблемы собирания вещественных доказательств в досудебных стадиях российского уголовного процесса: монография. - Ставрополь: Изд-во СФ КрУ МВД России, 2010. - С.17.
[3] Кудрявцева А.В., Худякова Ю.В. Вещественные доказательства в уголовном процессе России: монография. - Челябинск: Полиграф- Мастер, 2006. - С. 65-66.

вуқуъ напайвастани ягон дигаргунӣ ва тағйирот дар ҷойи ҳодиса, аз ҷониби ҷинояткорон ягон амал бо мақсади пинҳон кардан ва несту нобуд кардани далелҳои шайъӣ анҷом дода нашудааст, мумкин аст ба азнагзаргузаронии ҷойи ҳодиса маҳдуд шуда дар дигар маврид барои ба даст овардани далелҳои шайъӣ шояд гузаронидани кофтуков ба мақсад мувофиқ бошад[1].

Тарзу воситаҳои ҷамъ овардани далелҳои шайъӣ ин маҷмуйи усулу воситаҳои махсуси бо қонун танзимшудаи хусусияти дарккунӣ- тасдиқнамоидоштаеро меноманд, ки метавонанд дар худ унсурҳои маҷбурсозиро дар бар гиранд ва тавассути амалҳои бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишудаи муфаттиш, прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), суд ва дигар шахсону мақомоти ваколатдор бо ҷалби дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади ба даст овардан (бо роҳи ошкор кардан, пешниҳод кардан, талаб кардан) ва ба таври мурофиавӣ ба расмият даровардани дилхоҳ маълумот, ки дар ашёҳо, ҳуҷҷат ва объектҳои олами моддӣ инъикос ёфтаанд, ҳамчун олот ва воситаи содир кардани ҷиноят баромад карда, дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ медоранд, дар натиҷаи амалҳои ҷинояткорона ва ба роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд, ва барои ошкор намудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳои ба парвандаи баррасишаванда иртибот доранд[2].

Доираи амалҳои тафтишие, ки тавассути онҳо далелҳои шайъӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд, мувофиқи КМҶ ҶТ инҳоянд: азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии маҳал, манзил, бино ва ашёву ҳуҷҷатҳо; кофтуков, дарёфт кардан, кофтукови шахсӣ, шаҳодаткунонӣ, озмоиши тафтишӣ, нишон додан барои шинохтан, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ ва экспертиза, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо. Аслан зимни гузаронидани амалҳои тафтишии зикршуда дар аксарияти ҳолат далелҳои шайъӣ дарёфт ва гирифта мешаванд.

Масалан, ҳангоми омухтани як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон нишон доданд, ки дар дар 75% ҳолатҳо далелҳои шайъӣ зимни гузаронидани амалҳои тафтишӣ, аз қабили азназаргузаронӣ, дарёфт кардан, кофтуков ва шаҳодаткунонӣ ошкор карда мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ ишора шудааст, ки аз ҳама воситаи маъмули санҷиши ҳуҷҷат ва далелҳои шайъӣ ин экспертиза баромад мекунад.[3]

Вобаста ба ҳамин масъала муаллифони монографияи муштарак чунин менависанд: «Масъалаи гузаронидани экспертизаҳо, кофтукови шахсӣ, гирифтани далелҳои шайъӣ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ низ яке аз мушкилоти ҳамарузаи мақомоти тафтишоти пешакӣ мебошад. Ба нафароне, ки дар масъалаи баррасии аризаву иттилоот дар бораи ҷиноят ва оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ тасаввуроте надоранд, муссалам аст, ки дар сурати мавҷуд буани асоси кофӣ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Ҷой доштани ашё ва предметҳое, ки метавонанд дар оянда ба сифати далелҳои шайъӣ истифода шаванд, барои тафтиши парванда ва исбот кардани ҳолатҳо ба он мусоидат меунанд. Ин гуна ашё ва предметҳо аксар вакт бо гузаронидани кофтукови шахсӣ ва амали тафтишии ёфта гирифтан ба даст оварда мешаванд ва хулосаи (маълумотнома)-и экспертиза дар ин ё

[1] Костенко Р.В., Кравченко М.Е. Допустимость вещественных доказательств в уголовном процессе: монография. – М.: Юрлитинформ, 2018. – С. 81.
[2] Мамедов Р.Я. Способы собирания вещественных доказательств в российском уголовном процессе: Дисс. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Р.Я. Мамедов. - Краснодар, 2016, - С. 10.
[3] Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография. - М.: Юрлитинформ, 2016. – С. 120.

он соҳа мебошанд. Аммо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидани чунин амалҳои тафтиширо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҷоиз медонад. Ғайр аз амали атфтишии заназарузаронии ҷойи ҳодиса (м.182 КМҶ ҶТ), дигар амалҳои тафтишӣ танҳо пас аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд. Дар амалия бошад фоизи хеле зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ маҳз дар асоси гузаронидани ин амалҳои тафтишӣ ҳамчун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтан оғоз карда мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид намуда, бояд дар мавридҳои истсисноӣ имконпазирии гузаронидани амалҳои тафтишӣ чун экспертиза, кофтукови шахсӣ ва ёфта гирифтанро пеш аз оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ (чун протоколҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтукови шахсӣ) таъмин намуд. Дар қонунгузориҳои мурофиавии ҷиноятии Федератсияи россия (б.4 м. 146 КМҶ ФР), Ҷумҳурии Узбекистон (банди 2 м. 180 КМҶ ҶТ), Белоруссия (банди 2. М. 226 КМҶ ҶБ) пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани экспертиза иҷозат дода шудааст».[1]

Зимни назарпурсӣ аксарияти муфаттишону судяҳо бо дарназардошти КМҶ Федератсияи Россия зарурати дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари амали тафтишии азаназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ҳамзамон гузаронидани амали тафтишии шаҳодаткунонӣ ва экспертизаро дар ҳолатҳои истисноӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷонибдорӣ намуданд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта такмили КМҶ ҶТ-ро дар мавриди то лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат додан ба гузаронидани дигар амалҳои тафтишии таъхирнопазир, аз қабили шаҳодаткунонӣ, экспертиза ва кофтукови шахсиро мувофиқи мақсад меҳисобем.

Қоидаҳои умумие, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ҷиҳати дарёфт, ошкор кардан, гирифт, сабт кардан ва ба расмиятдарории мурофиавии далелҳои шайъӣ истифода мешаванд, инҳоянд:

1) риояи қоидаҳои бо КМҶ ҶТ пешбинишудае, ки ба ҷой, вақт, тартиб, шартҳо ва субъектони гузаронидани амалҳои тафтишӣ мансубанд.

2) Пеш аз ҳама зарур аст, ки ҳангоми гузаронидаи амалҳои тфтишӣ оид ба ҷамъоварии далелҳо ба мавқеи холисон низ диққат диҳем. Ҳангоми дарёфти ашё ва пайҳо бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки онҳо дар кадом вазъият, маҳали ҷойгиршавӣ ва бино қарор доштанд. Вобаста ба ин ҳолатҳо дуруст интихоб намудани холисон низ шарти зарурӣ аст. Масалан, дар сурати ошкор кардани ашё ва пайҳои ҷиноят дар рафти гузаронидани амали тафтишӣ бояд иловатан вазъияти дарёфт ва ошкор шудани онҳо бо роҳи суратгирӣ, навори видео ва дигар амалҳо мустаҳкам карда шаванд. Бинобар ҳамин анҷом додани ин амалҳо танҳо бо иштироки холисон имконпазир аст.

3) Дар протоколи амали тафтиши бояд ба таври муфассал нишонаҳои далели шайъӣ, вазъияти дарёфт ва гирифт, инчунин хусусиятҳои инфиродии он сабт градад. Зарур аст, ки дар протоколи амали тафтишӣ то қадри имкон андоза, ченак, вазн, арзиш ва дигар нишонаҳои инфиродии далели шайъӣ қайд карда шаванд;

4) Бастубанд ва мухр задани ашё ва пайҳо, ки барои нигоҳ доштан ва бартараф намудани имконияти сохтакорӣ кардани далели шайъӣ ва иваз намудани мусоидат менамояд, аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин ру ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ бояд то қадри имкон дар протокол тамоми нишонаҳои инфиродии бастубанд муфассал зикр карда шавад. Бояд ичунин қайд намуд, ки мувофиқи қ. 4 м. 183 КМҶ ҶТ азназаргузаронии изҳо ва дигар объектҳои моддии ошкоршуда дар маҳалли пешбурди амали тафтишӣ анҷом дода мешавад. Агар барои азназаргузаронӣ мӯҳла-

[1] Раҳмадҷонзода Р.Р., Маҳмадализода А.М., Арипов А.Л., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод в апарвандаҳои ҷиноятӣ: монография. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 85-87.

ти зиёд лозим бошад ё азназаргузаронӣ дар ҷойи муайяншуда ниҳоят душвор бошад, объектҳо бояд гирифта, печонда ва мӯҳр зада, бидуни расонидани осеб ба ҷойи дигари барои азназаргузаронӣ мусоид оварда мешаванд.

Яке аз роҳҳои дигари ҷамъоварии далелҳои шайъӣ ин пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо бо мақсади ҳамроҳ кардани онҳо ба сифати далел ба парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба амсъалаи мазкур дар илми мурофиаи ҷиноятӣ андешаҳои қобили мулоҳиза ҷой доранд.

Пешниҳоди далелҳо, тавре ки В.Д. Арсеньев иброз менамояд, шакли ғарифаъоли ба даст овардани далелҳо ба ҳисоб меравад[1].

Вобаста ба масъалаи мазкур олим рус С.А. Шейфер таъкид менамоянд, ки пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа, ки ба андешаи онҳо ба парвандаи ҷиноятӣ иртибот дорад, ҳанӯз маънои дар парванда пайдо овардани далелро надорад: муфатиш, судя метавонанд объектҳои мазкурро танҳо дар мавриди боварӣ ҳосил кардан ба мансубияти онҳо ба ҳолатҳои кор ҳамчун далел эътироф намоянд. Маводи қобили истифода дар ҷараёни исботкунӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд на бо ташаббуси онҳо, балки бо майлу хоҳиш ва иродаи дигар иштирокчиёни мурофиа рӯйи кор меояд. Ҳамзамон чунин имкон дорад, ки муфаттиш баъди шиносоӣ бо объектҳои пешниҳодшуда дарҳол муайян намояд, ки онҳо ба парванда ягон муносибат надоранд, ва онҳоро бозпас ба соҳибонашон баргардонад.[2].

Дар идомаи андешаронии худ мавсуф иброз менамояд, ки аз ин рӯ, эътирофи объектҳои пешниҳодшуда ҳамчун далел, ба низоми далелҳои ҷамъовардашуда шомил намудани онҳо – ин салоҳияти истисноии мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд мебошад. Қабули қарор дар хусуси ба парванда ҳамроҳ кардани ашё ва ҳуҷҷат, моҳиятан маънои расман дар парванда пайдо шудани далелро ифода менамояд. То замоне, ки чунин қарор қабул нашудааст, далел ҳанӯз вуҷуд надорад ва он ба даст оварда нашудааст[3].

Махсусияти ин роҳи ба даст овардани далелҳои шайъӣ дар он ифода меёбад, ки он дар асоси майлу иродаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Чи тавре, ки Т.Х. Кондратова таъкид менамояд «чун қоида дар рафти пешниҳоди далел ҳолатҳои ихтиёрона пешниҳод намудани ашё ва ҳуҷат, ки ба ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта алоқаманданд, ба мушоҳида мерасад. Субъетоне, ки далел пешниҳод менамоянд ба иҷрои ягон амал маҷбур карда намешаванд, зеро онҳо бошуурона ва аз рӯйи зарурат ин амалро анҷом медиҳанд. Онҳо озода амал менамоянд. Аз ин рӯ, махсусияти пешниҳоди далел дар аксарият маврид хусусияти лаҳзавӣ дошта, беихтиёр зарурати пешниҳоди маълумот пайдо мешавад. Вале барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ бошад, қаблан онҳо ба нақша гирифта шуда вазъияти мушаххас гузаронидан онҳоро тақозо менамояд»[4].

Хамзамон баъзе олимони мурофиачӣ бар он назаранд, ки «пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон ва шахсони мансабдор барои ҷамъовраии далел шароит фароҳам меорад, вале берун аз сарҳади бевоистиа ин унсури исботкунӣ қарор дорад. Зарур аст, ки онҳо аз ҷониби муфаттиш ва судя бевосита дарк ва қобили қабул дониста шаванд»[5].

---

[1] Арсеньев В.Д. Вопросы общей теории судебных доказательств. - М., 1964. - С. 15.
[2] Шейфер С.А. Доказательств аи доказывание по уголовным делам: проблемы теории и правового регулирования / С.А. Шейфер. – М.: Норма, 2009. (240 с). - С. 96.
[3] Шейфер С.А. Асари зикршуда. - С. 96.
[4] Кондратова Т.Х. Представление доказательств участниками уголовного судопроизводства: дис. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Т.Х. Кондратова. - Краснодар, 2008. - С. 60.
[5] Шейфер С.А. асари зикршуда. - С. 43.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки андешаҳои мазкур на дар ҳама ҳолат дар назарияи далелҳо ҷонибдорӣ меёбад.

Масалан, андешаҳое ҷой доранд, ки пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашёҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа дар заминаи қонуниятҳои умумии фаъолияти даркнамоӣ дар доираи расмиёти бо қоннугузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда, амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар рафти пешниҳоди далелҳои шайъӣ аз ҷониби дигар иштирокчиёни мурофиа шахсан объетҳои зарурӣ бе ягон талаби маҷбурӣ ба назди шахси мансабдоре, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти ӯ қарор доранд, ҳозир карда мешаванд. Дар робита ба ин ҳолат В.А Пономаренков ба маврид ишора менамояд, ки «ҳуқуқи субъектони муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба уҳдадории мақомоти амалисозандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар мавриди қабул ва ё рад кардани ашё ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудава муайян кардани аҳамияти он дар исбот мувофиқат менамояд»[1].

Дар тақвияти ҳамин масъала андешаи дигар низ роиҷ аст, ки воситаи мазкури ба даст овардани далелҳои шайъӣ дар худ на танҳо пешниҳоди бевоситаи объектҳоро аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа, инчунин изҳори дархостро дар хусуси ҳамроҳ кардани он ба парванда фаро мегирад.  Дар рафти баррасии дархости мазкур масъалаи эътироф намудан ва рад кардани ашё ва ҳуҷатҳои пешниҳодшуда ба сифати далели шайъӣ бо парвандаи ҷиноятӣ ҳал карда мешавад. Қабули қарор дахлдор дар хусусии ҳамроҳ кардани ашё ва ҳуҷҷат ба парвандаи ҷиноятӣ маънои анҷом ёфтани амалишавии ин роҳи ба даст овардани далелҳои шайъӣро ифода менамояд[2].

Ба андешаи баъзе аз олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ашё ва дигар ҳуҷҷатҳои хаттиро барои ҳамроҳ кардан ба парвандаи ҷинояӣ ҳамчун далел метавонанд дилхоҳ шаҳрвандон, шахсони мансабдор, корхона, муассиса ва ташкилот пешниҳод намоянд.

Дар пайванди ба ҳамин масъала С.А. Шейфер иброз менамояд, ки  «пешниҳоди ҳуҷатҳои хаттӣ ва ашёҳо аз ҷониби шаҳрвандон, шахсони мансабдор, корхона, муассиса ва ташкилот, ки иштирокчиёни мурофиа нестанд, бештар дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба мушоҳида мерасад»[3].

Дар идома ӯ қайд менамояд, ки шахсони мансабдор ва роҳбарони корхона, муассиса   ва ташкилот он ҳуҷҷат ва ашёҳоеро пешниҳод менамоянд, ки дар умум ба фаъолияти сохторҳои роҳбарикунанда ва тобеъи онҳо иртибот доранд. Дар чунин маврид шахсони мансабдор ва роҳбарон ҳангоми пешниҳоди далел на ҳамчун субъектон исботкунӣ, балки ҳамчун субъектоне баромад менамоянд, ки ҳамчун қарз уҳдадории хизматии худро дар хусуси хабардор кардани мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд дар бораи ҷинояти содиршуда ва таёршудаистода, иҷро менамоянд.  Онҳо чораҳо меандешанд, ки то шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Пешниҳод далел аз ҷониби шаҳрвандон маънои ифодаи уҳдадории ахлоқӣ ва қарзи шаҳвандии ӯро дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ дорад[4].

Аз ин нигоҳ, ба андешаи ӯ ҳарчанд пешниҳоди далел воситаи боэътимоди ба даст овардани маълумотҳои воқеӣ ба ҳисоб равад ҳам, вале бо ҷамъоварии далелҳо баробар шуда наметавонад. Пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа, мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар мақомоти маъмурӣ барои ҷамъоварии далел шароит фароҳам меорад, вале берун аз

---

[1] Пономаренков В.А. Проблемы представления и использования доказательств в уголовном процессе: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / В.А. Пономаренков. - Саратов, 1998. - С. 12-13.

[2] Костенко Р.В., Кравченко М.Е. Допустимость вещественных доказательств в уголовном процессе: монография. – М.: Юрлитинформ, 2018. – С. 86.

[3] Шейфер С.А. Асари зикршуда. - С. 43.

[4] Шейфер С.А. Асари зикршуда. - С. 44.

сарҳади бевоситаи ин унсури исботкунӣ қарор дорад. Зарур аст, ки онҳо аз ҷониби муфаттиш ва судя бевосита дарк ва қобили қабул дониста шаванд[1].

Пешниҳоди далелҳо, аз ҷумла далелҳои шайъӣ воситаи асосӣ ва муҳими ба даст овардани маълумот дар бораи исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Чун қоида, аз рӯйи таълимоти маъмули назарияи далелҳо ва муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ далелҳо дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ бо тартиби пешбининамудаи КМҶ ҶТ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, судя ҷамъоварӣ шуда, субъектони дигар ҳуқуқи пешниҳоди на далел, балки ҳуҷҷат, ашё ва маълумоти зарурирo доранд.

Аз ин рӯ, ба назари мо пешниҳоди далелҳо аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаву ваколати ҳокимиятиро надоранд, ниёз ба такмилро дорад.

Мувофиқи қисми 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷаҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилот, муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод намоянд. Вале дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби субъектони мазкур танзими қонунии худро наёфтааст. Чунин ҳолат хоҳ - нохоҳ дар амалия мушкилиро ба миён оварда ба субъектони исботкунӣ, ки ваколатҳои ҳокимиятии мурофиавиро доранд, намегузорад, саривақт далелҳои дахлдорро ҷамъоварӣ ва мустаҳкам намоянд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 86 КМҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар он тартиби аниқи мурофиавии пешниҳоди далелҳо аз ҷониби шахсони зикршуда пешбинӣ карда шавад. Ҳамзамон зарур аст, ки сархати якуми қисми 3 моддаи мазкур, ки ҳуқуқи ҳимоятгарро бобати пешниҳоди далелҳо пешбинӣ менамояд, бояд таҷдиди назар карда шавад.

Дар робита ба ҳамин масъала дар таҳқиқоти диссертатсиони худ Арипов А.Л. пешниҳод менамояд, ки ба қисми 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ, ки тартиби пешниҳоди маълумотҳоро аз ҷониби дигар иштирокчиёни мурофиа танзим менамояд, тағйирот дароварда шавад.[2] Таклифҳои муаллиф қобили дастгирианд.

Бинобар ҳамин пешниҳод менамоем, ки қисмҳои 3 ва 4 - и моддаи 86 КМҶ ҶТ ба мазмуни зайл ифода карда шуда, ба он қисми 5 илова карда шавад:

“Моддаи 86 Ҷамъ овардани далелҳо

3. Ҳимоятгаре, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои иштирок дар баррасии парванда роҳ дода шудааст, ҳуқуқ дорад:

- ашё, ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар маълумотҳоро, ки мумкин аст ба сифати далел эътироф карда шаванд, пешниҳод намояд:

- маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад;

- маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз мақомоти худидоракуни маҳаллӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассиса, ташкилот, корхона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо ӯҳдадоранд, талаб кунад;

- бо ризои ҳимояшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад.

3. Маълумот дар шакли шифоҳи ва хаттӣ дар намуди сабти аудио ва видео,

[1] Шейфер С.А. Асари зикршуда. - С. 96-97.

[2] Арипов А.Л. Деятельность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии (по законодательству Республики Таджикистан). Дисс. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / А.Л. Арипов. - М., 2011. - С.14.

инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки метавонанд ҳамчун далел баромад намоянд, меатавонанд аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани, ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона ташкилот ва муассиса пешниҳод шаванд.

Дар хусуси пешниҳоди ашё ва ҳуҷҷатҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар ҳузури холисон протокол тартиб медиҳанд, суд бошад дар протоколи маҷлиси суд дар ин хусус бо тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ қайди дахлдорро анҷом медиҳад. Дар протокол бояд маълумот дар хусуси шахсе, ки ашё ва ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намудааст, инчунин тафсилоти бештар оид ба ашё ва ҳуҷҷати пешниҳодшуда нишон дода шаванд.

4. Ашё ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст оварда шудаанд, аз мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо тартиб ва ҳолатҳои бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» муқарраршуда талаб карда мешаванд”.

Яке аз роҳҳои дигари имконпазири ҷамъоварии далелҳои шайъӣ ин дар натиҷаи гузаронидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст овардани далелҳои шайъӣ маҳсуб мёёбад. Дар адабиетҳои илмӣ асосҳои ба даст овардани ашё ва предметҳо зимни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст[1].

Тавре, ки амалияи судӣ нишон медиҳад, парвандаҳои ҷиноятии зиёде ба мушоҳида мерсанад, ки дар онҳо далелҳои шайъӣ маҳз дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст омадаанд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ба он чун дигар амалҳои мурофиавӣ муносибат карда шуда ба моддаи 84 КМҶ ҶТ қисми 2 бо мазмуни зайл ворид карда шавад:

«2. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустучуӣ метавонанд ба мақомоти таҳқик, муфаттиш, прокурор ва суд барои ҳамроҳ кардани онҳо ба сифати ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва далелҳои шайъӣ пешниҳод шаванд».

Ҳамин тариқ дар асоси таҳқиқи масъала чунин хулоса пешниҳод менамоем.

1.Ҷамъ кардани далелҳои шайъӣ фаъолияти бо қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ танзимшудаи шахсони мансабдори мақомот таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, прокурор ва суд бо иштироки дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва шахсони дигар мебошад, ки мақсади дарёфт, гирифтан, расмӣ кунонидан ва нигоҳдошти далелҳои шайъӣ бо тартиби бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда равон шудааст.

2. Ба сифати роҳҳои имконпазири ба даст овардани далелҳои шайъӣ инҳо баромад менамоянд:

– аввалан, гузаронидани чунин амалҳои тафтишӣ, аз қабили азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, кофтуков, дарёфт кардан, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо; гуш ва сабт кардани гуфтугӯ; озмоиши тафтишӣ; нишон додан барои шинохтан; гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ; гузаронидани экспертиза;

– дуюм, гузаронидани дигар амалҳои мурофиавӣ, аз қабили: 1) талаб кардан ва гирифтани ҳуҷҷат ва ашё; 2) талаб карда гирифтани натиҷаҳои тафтиш ва санҷиш (ревизия); 3) талаб карда гирифтани ҳуҷҷат ва маводе, ки дар ихтиёри воситаҳои

[1] Лопаткин Д.А. Вещественные доказательства: процессуальные и криминалистические аспекты: Дисс. … канд.юрид.наук: 12.00.09 / Д.А. Лопаткин. - Краснодар, 2003, - С. 51.; Семенцов В. А. Видео- и звукозапись в доказательственной деятельности следователя: Учебно-практическое пособие. - Екатеринбург: Изд-во Екатеринбургской высшей школы МВД России, 1995. - С. 116.

ахбори омма қарор доранд; 4) бо иштироки мутахассисон мавриди таҳқиқ қарор додани ҳуҷҷат, ашё ва ҷасад; 5) талаб кардани ҳуҷҷатҳо бо ташаббуси суд;

– сеюм, пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– чорум, фаъолияти гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, инчунин айбдоркунандаи давлатӣ, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва нмояндагони онҳо оид ба ҷамъ овардан ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашё барои бо парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардан ба сифати далел[1].

**ҶАЛОЛЗОДА СОРБОН ИСЛОМ**
Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-хуқуқии факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия
e-mail: sorbon.j@mail.ru

## ҲУҚУҚ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ ШАХСОНИ СИРОЯТШУДАИ ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ВА УҲДАДОРИҲОИ ХИЗМАТИИ КОРМАНДОНИ МКД ДАР САМТИ ПЕШГИРИИ ОН

Вируси норасоии масунияти бадан (ВНМ) ин барангезандаи бемории БПНМ мебошад. БПНМ ё аломати норасоии масунияти бадан бемории сирояткунанда буда, марҳилаи охирини беморӣ ба ҳисоб меравад. ВНМ барангезандаи бемории БПНМ буда, сироятёбӣ аз вақти ба организми инсон ворид шудани вирус сар мешавад, ки он нишонаҳои зоҳирӣ надорад. БПНМ марҳилаи охирини беморӣ буда нишонаҳои зоҳирии гуногун дорад. Дар ин муддат ҳуҷайраҳои иммунии инсон кам гашта қобилияти табии худмуҳофизатии худро гум мекунанд. Вирус бе восита ба ҳуҷайраҳои системаи худмуҳофизатии инсон таъсири манфӣ расонида онҳоро харобу нобуд месозад.

Аввалин сироятёфтагон ва беморони вируси норасоии масунияти одам дар солҳои 70-ум ва аввалҳои солҳои 80-ум дар байни шахсоне, ки алоқаҳои ҷинсии мард бо мард доштаанд ба қайд гирифта шудааст. Баъдтар ин беморӣ дар байни шахсоне, ки моддаҳои нашъаоварро ба таври тазриқӣ истифода мебурданд ва шахсоне, ки ба бемории вазнини хун «гемофилия» гирифтор буданд, маълум карда шуданд. Дар соли 1983 аввалин шуда ду олим, яке олими Амрикои Роберт Галло ва дигаре олими фаронсавӣ Люк Монтане барангезандаи бемории БПНМ-ро пайдо карда, ба он вируси норасоии масунияти бадан (ВНМО) ном гузоштанд. Аз ҳамон сол сар карда сироятёфтагон ва беморони БПНМ дар бисёр қитъаҳои ҷаҳон ба қайд гирифта мешуданд ва ҳоло ин беморӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн гашта шумораи сироятшудагон рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст[2].

Қайд намудан ба маврид аст, ки шахсони мубталои ВНМ/БПНМ қисми ҷомеаи мо мебошанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд ҳаёт ва кори худро мисли пештара идома диҳанд ва худро муддати дароз нағз ҳис намуда, симои зоҳириашон низ бетағйир боқӣ монад. Новобаста аз он ин категорияи шахсон ҷузъи осебпазири ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ гардидаанд.

Бо ин мақсад дар тамоми санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ҳуқуқу озодиҳои шахсони гирифтори вируси норасоии масунияти одам мустаҳкам

[1] Костенко Р.В., Кравченко М.Е. Допустимость вещественных доказательств в уголовном процессе: монография. – М.: Юрлитинформ, 2018. – 144 с. С. 88-89.

[2] Мирзоев А.С., Нурляминова З. Инро бояд ҳар кас донад. ВИЧ /СПИД/БСҶ: Дастур барои хонандагон / А.С. Мирзоев, З. Нурляминова. – Душанбе, 2005. - С.14-15.

гардидааст. Ҳамзамон мақомоту ташкилотҳои дохилидавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҳифзи иҷтимоӣ ва муқовимат ба ҳамагуна поймолкуниҳову табъизи ин категорияи беморон кушишу ташол ба харҷ медиҳанд.

Ҳуқуқ ба ҳимоя унсури бунёдии ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меъёрҳои худ аниқтараш дар моддаи 17 ҳамаи инсонҳоро дар назди қонун баробар шуморида сарфи назар аз тамоми нишонаҳо ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Моддаи 38 ва 39 қонуни асосии кишвар ба ҳар шахс имконияти ҳифзи саломатӣ ва истифода аз ёрии тибии ройгонро фароҳам оварда, дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигар таъминоти иҷтимоиро кафолат медиҳад[1]. Илова ба ин масоили ВНМ/БПНМ ва шахсони мубталои он ба категорияи осебпазири на танҳо сатҳи давлатӣ балки сатҳи байналмилалӣ мубаддал гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мубориза ва коҳиш додани ин беморӣ дар иртибот бо санадҳои дигари байналмилалӣ ба Эъломия оид ба эътиқодмандӣ дар мубориза бо БПНМ соли 2001 ҳамроҳ шуд. Санади дигари эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Эъломияи сиёсӣ оид ба ВНМО ва БПНМ: бо сурати тезонидашуда ҷоннок кардани мубориза бо ВНМО ва аз байн бурдани эпидемияи БПНМ то соли 2030 мебошад, ки соли 2016 қабул гардидааст. Санади мазкур самтҳои асосии амалишавии чораҳои давлатиро дар мубориза бо ВНМО/БПНМ муайян намуд, ки ба он сарварии сиёсӣ, нигоҳи бисёрсоҳавӣ бо ҷалби ташкилоти ғайриҳукуматӣ, ҳамоҳангсозӣ ва пешгирисозӣ, дастраси ба табобат, шафқат ва дастгирии эҳтироми ҳуқуқи инсон, пастгардонии осебпазирӣ ва сабукгардонии оқибати иҷтимоии эпидемия шомил шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ аз соли 2007 дар соҳаи муқовимат бо ВНМО барномаҳои ҳадафноки давлатӣ таҳия ва тасдиқ мегардонад. Барномаи навбатии миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО барои солҳои 2021-2025, 27 феврали соли 2021 тасдиқ гардид. Дар барнома қайд гардидааст, ки муваффақият дар муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам, инчунин аз ҳифз ва пешбарии ҳуқуқҳои намояндагони гуруҳҳои калидии аҳолӣ вобастагӣ дорад[2].

Дар банди 88-и барномаи мазкур дарҷ гардидааст, ки давлат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда табобати зиддиретровирусии ройгонро кафолат додааст. Таъмини доруҳои зиддиретровирусӣ бапуррагӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, асосан аз ҷониби Хазинаи глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемории пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа амалӣ карда мешавад. Дар сатҳи давлатӣ ба оилаҳое, ки дар онҳо кӯдакони гирифтори вируси норасоии масунияти одам зиндагӣ мекунанд (то 16- сола), пешниҳоди кумакпулиҳои моҳонаи иҷтимоӣ ба андозаи 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо оғоз гардида, 799 нафар кӯдакони то 16 сола мунтазам аз ин кумакпулиҳо бархурдоранд. Илова ба ин бандҳои 92 ва 93 барномаи болозикр пешбинӣ менамояд, ки ба хатари вуҷуддоштаи эпидемияи вируси норасоии масунияти одам диққати махсус дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Муқовимат бар зидди эпидемияи вируси норасоии масунияти одам яке аз равандҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ мебошад. Масъалаҳои асосӣ оид ба хизматрасонӣ, пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин дар самти вируси норасоии масунияти одам ва амалигардонии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатӣ тариқи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои соли 1999, 2003, 2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. - С. 20.

[2] Ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони барандаи ВНМО ва гуруҳҳои калидии аҳолӣ: дастурамал барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва гузаронидани адвокатсия. – Душанбе, 2020. - С. 20-21.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда давлат риояи ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳоро нисбат ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва аъзои оилаҳои онҳо кафолат медиҳад. Ҳамзамон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон табъизро дар асоси доштани сирояти вируси норасоии масунияти одам ва содир намудани ҳар кадом амали оммавиро бо мақсади барангехтани кинаву адоват нисбати шахс ё гурӯҳи аҳолӣ дар асоси ҳолати мусбат воқеӣ ва ё эҳтимолии шахси бо вируси норасоии масъунияти одам сироятёфта маҳкум менамояд. Муҳити ҳуқуқӣ дар заминаи вируси норасоии масунияти одам арзёбӣ карда шуд, ки монеаҳои дахлдорро дар қонунгузорӣ ва амалияи истифодаи қонун, ки дастрасии шахсони бо вируси норасоии масунияти одам зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидии аҳолиро ба пешгирӣ ва табобати сирояти вируси норасоии масунияти одам маҳдуд мекунад, муайян намуд, ки ин ба поймолкунии ҳуқуқи онҳо ҳам дар самти иҷтимоӣ ва ҳам дар ҳаёти шахсӣ оварда мерасонад[1].

Яке аз санади дигари меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳифз ва ҳимояи шахсони гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам бахшида шудааст ин Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Моддаи 160-и кодекси мазкур ба сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният бахшида шудааст. Мувофиқи банди 2-и он давлат кафолат медиҳад, ки тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои одамони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфтаю мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният ва аъзои оилаи онҳо, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шаванд; назорати эпидемиологии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти риоя ва афзалияти ҳуқуқи инсон, пинҳонӣ будани ташхис, риояи усулҳои махфӣ ва анҷом додани он амалӣ гардад; ба шахсони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфтаю мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният ва аъзои оилаи онҳо кумаки ройгони босифат ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки тахассусии тиббӣ ва иҷтимоию равоншиносӣ расонида шавад; азназаргузаронии тиббӣ барои ошкор намудани сирояти вируси норасоии масунияти одам дастрас ва бехатар бошад; воситаҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти вируси норасоии масунияти одам, инчунин назорат ба бехатарии маводи тиббӣ, моеъҳои биологӣ ва бофтаҳое, ки бо мақсадҳои ташхисӣ, табобатӣ ва илмӣ истифода бурда мешаванд,таъмин карда шавад; мунтазам ба аҳолӣ вобаста ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният иттилоот дода шавад; кумаки тиббӣ ва иҷтимоию равоншиносӣдастрас ва саривақтӣ бошад; барномаи даврии давлатии мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният қабул карда шавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки моддаи 163-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният як қатор ҳуқуқҳоро пешбинӣ намудааст. Пеш аз ҳама муносибати инсондӯстонаи ҷамъият, ки паст задани шаъну эътибори инсонро истисно менамояд; талаби махфӣ нигоҳ доштани иттилоот дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусияти ҳаёту меҳнати онҳо хатари сирояти ин вируси норасоии масунияти одамро ба дигарон ба вуҷуд наорад; ҷуброни зарари моддию маънавие, ки бинобар ифшо кардани иттилоот дар бораи ба он шахсон сироят кардани вируси норасоии масунияти одам расонида шудааст; фаъолияти касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда, ба истиснои кор аз рӯи ихтисосҳо ва дар вазифаҳое, ки бо рӯйхати махсус муқаррар шудаанд; ройгон гирифтани ҳамаи намудҳои кумаки тахас-

[1] Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020 таҳти № 50 тасдиқ шуд.

сусӣ ва махсуси тиббӣ, аз ҷумла кумаки доруворӣ дар ташкилотҳои давлатии тандурустӣ; ҳимоя аз табъиз, аз ҷумла ҳангоми дастрасӣ ба табобат; иштироки фаъолона дар муайян кардани мақсадҳои табобат, аз ҷумла вақт ва тарзи табобат ва хотима ёфтани он; гирифтани маводи ивазкунандаи шири модар аз тарафи падару модар ё намояндагони қонунии кӯдаконе, ки аз модарони вируси норасоии масунияти одам сироятёфта таваллуд шудаанд, аз лаҳзаи таваллуд то пурра муқаррар шудани ташхиси кӯдак оид ба мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам, бо мақсади минбаъд паст намудани хатари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам. Дар ташкилотҳои табобатӣ ба рад кардани қабул ва расонидани кумаки таъҷилӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният роҳ дода намешавад[1].

Ҳамзамон бо мақсади ҳифзи иҷтимоии шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам моддаи 163 Кодекси тандурустии ҶТ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:

- муносибати инсондӯстонаи ҷамъият, ки паст задани шаъну эътибори инсонро истисно менамояд;
- талаби махфӣ нигоҳ доштани иттилоот дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусияти ҳаёту меҳнати онҳо хатари сирояти ин вируси норасоии масунияти одамро ба дигарон ба вуҷуд наорад;
- ҷуброни зарари моддию маънавие, ки бинобар ифшо кардани иттилоот дар бораи ба он шахсон сироят кардани вируси норасоии масунияти одам расонида шудааст;
- фаъолияти касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда, ба истиснои кор аз рӯи ихтисосҳо ва дар вазифаҳое, ки бо рӯйхати махсус муқаррар шудаанд;
- ройгон гирифтани ҳамаи намудҳои кумаки тахассусӣ ва махсуси тиббӣ, аз ҷумла кумаки доруворӣ дар ташкилотҳои давлатии тандурустӣ;
- ҳимоя аз табъиз, аз ҷумла ҳангоми дастрасӣ ба табобат;
- иштироки фаъолона дар муайян кардани мақсадҳои табобат, аз ҷумла вақт ва тарзи табобат ва хотима ёфтани он;
- гирифтани маводи ивазкунандаи шири модар аз тарафи падару модар ё намояндагони қонунии кӯдаконе, ки аз модарони вируси норасоии масунияти одам сироятёфта таваллуд шудаанд, аз лаҳзаи таваллуд то пурра муқаррар шудани ташхиси кӯдак оид ба мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам, бо мақсади минбаъд паст намудани хатари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам.

Оид ба гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки сатҳи мутахассисони соҳаи мазкур зиёд карда шуда, ба аҳолӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тандурустӣ доир ба муроҷиат намудан ба мақомоти дахлдор гуфтушунидҳо гузаронида шаванд.

Ҳамчунин, ба рӯйхат гирифтан ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудани номгӯи шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва гирифтори ВНМО ҳастанд, ҳатмӣ гардонида шавад. Махсусан, нисбати шахси дар муносибати оилавӣ карордошта, ки ба бемории ВНМО сироят ёфтааст, маълумоти лозима нисбати зану шавхар дар якҷоягӣ аз ҷониби маркази дахлдор дода шуда, огоҳонида шаванд.

[1] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 № 1413 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, № 5, қ.1. мод. 270; соли 2021. №1-2, мод.12.

**II-юмин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели с. 2023)**

**II Международная научно-практическая конференция на тему «Юридическая наука и практика», посвященная Дню таджикской науки (г. Душанбе, 29 апреля 2023 г.)**


**Масъули чоп:** Мансурзода А.М.
**Муҳаррир:** Заробидинзода С.З.
**Муҳаррири техникӣ:** Каримова Л.М.



*734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

Тел.: + (992 37) 226 28 57
Факс: + (992 37) 226 28 92



Ба чоп 20.06.2023 с. таҳвил шуд. 60х84, 1/16, 15 п/л
Гарнитура «Times New Roman», «Times New Roman Tj»
Теъдод 100 д., Супориш №

Дар Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 5